УСМОНҶОН ҒАФФОРОВ

# МИЛЛАТ АЗ АФРОД МЕЁБАД МАҚОМ

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2004

ББК 83.3 Тоҷик + 83.3 (2 Тоҷик)
У-73

***Ин китоб бо дастгирии
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов
ба табъ расидааст.***

Муҳаррири масъул ***Маъруф Исоматов***
Муҳаррир ***Фарҳоди Карим***

У-73 *Усмонҷон Ғаффоров*. **Миллат аз афрод меёбад мақом**.
Маҷмӯаи мақолаҳо. — Душанбе, «Адиб», 2004. 184 саҳ.

Миллату маданияти тоҷик бисёр қадим ва барӯманд аст. Симоҳои дурахшони он ангуштнамои тамаддуни ҷаҳонианд. Дар ин китоб бархе аз симо ва корнамоиҳои афроди миллати мо, аз қабили устодон Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ва дигарон бо лаҳни хушу сода, эҳтиром ва эътиқоди азим гулчин шудаанд. Китоб барои хонандагони миллатдӯст як тӯҳфаи арзандае хоҳад шуд.

**У $\frac{4702540202 — 46}{М 503}$ — 2004**

**© Усмонҷон Ғаффоров, 2004.**

# НАВИСАНДАИ ЗАБАРДАСТИ МИЛЛАТ

*Ҳангоми видои ту зи бас гиря, ки кардам,*
*Дур аз рухи ту чашми маро нур намондаст.*
***Ҳофиз***

Соли 1978 дар рӯзҳои ҷашни садсолагии зодрӯзи нависандаи забардастамон Садриддин Айнӣ маҷаллаи «Садои Шарқ» (рақами чор) «Хотираи нек» ном ёддошти яке аз шогирдони боистеъдоди устод Ҳабиб Аҳрориро баровард. Шогирд дар ҳаққи устодаш хотираи хешро бо чунин ҷумлаҳо сар мекунад:

«Ҳар бор, ки ман симои заковатнишони он омӯзгори соҳибдил, падари бузургвори адабиёти советии тоҷик, саровони ғамхори забони адабии моро пеши назар меоварам, суханони яке аз адибони иззатманди мо ба хотирам мерасад, ки дар рӯзҳои мотами устод гуфта буд: вафоти Айнӣ талафоти бузургест, барои маданияти халқҳои Шарқ баъд аз Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ!»

Дар ҳақиқат, баҳои он адиби иззатманд ниҳоят воло, арзанда ва ҳақ аст. Мутаассифона, Ҳабиб Аҳрорӣ соҳиби он суханони баландмазмуни адиби иззатмандро ном нагирифтааст. Ман ҳамон вақг баҳри муайян кардани гӯяндаи он адиби иззатманд шуда, тамоми ҳуҷҷату санад ва маводи рӯзҳои мотами устодро дида баромадам. Дар як вақт бо чанде аз ҳуҷҷатҳои бойгонии давлатӣ шинос шудам. Дар натиҷа маводи зиёде дастраси банда шуд ва ба сарам фикри навиштани асаре дар бораи лаҳзаҳои аҷиби рӯзгорнома ва фаъолияти эҷодии устод омад. Имрӯз шукр мекунам, ки дар гӯшаи «Айнинома»-и китобхонаи ман тамоми асару мақолаҳои устод, нусхаҳои нашри якуми «Тазҳиб-ус-сибён» (1909), «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926), «Одина» (1927), «Дохунда» (1930), рисолаҳои оид ба адиби забардаст бахшидашуда маҳфуз аст. Имрӯз дар ин гӯша тамоми хотироту ёддоштҳо ва мактубҳои дӯстон, шогирдон ва ҳамкорони устодро ҷамъ намудам. Шиносоӣ ва тадқиқи садҳо мактубу хотироти онҳо ба ман имконият дод, ки зимни он баъзе паҳлӯҳои зиндагиномаи нависандаи забардасти миллатро нишон диҳам. Алҳол дастнависи асари нави ман дар ҳаҷми 25 ҷузъи чопӣ тайёр аст. Ҳоло ба диққати хонандагон порчае аз боби «Видои миллат»-ро пешкаш карданиам.

Аз шумораи мотамии ба ёди Садриддин Айнӣ бахшидашудаи «Тоҷикистони Сурх» аз 18 июли соли 1954 ба ман маълум шуд, ки гӯяндаи он сухани мавзун, пухта, гуворову зебо шогирди бовафои устод Сотим Улуғзода будааст. Дар сӯгномаи ӯ «Санъаткори бемаргу безавол» мехонем:

«Устоди азизи мо Айнӣ, нависандаи маҳбуби халқ, роҳи дурахшони зиндагонии худро тай кард. Дар давоми панҷ аср пас аз Абдураҳмони Ҷомӣ таърихи адабиёти мо санъаткореро, ки дар мақоми Айнӣ бошад, нишон намедиҳад. Ҳеҷ яке аз нависандагони пештараи тоҷик дар эҷодиёти худ ба чунин халқияти комиле, ки Айнӣ дар замони советӣ расид, нарасидааст ва дар он шароити зулми истибдоди феодалӣ расида ҳам наметавонист».

Чаро Ҳабиб Аҳрорӣ дар «Хотираи нек»-и худ номи Улуғзодаро нагирифта эшонро чун «адиби иззатманд» зикр кардааст. Шояд он кас нишон дода бошанду идораи маҷалла аз рӯи ишораи боло номи Улуғзодаро хат зада бошад. Зеро ки дар он солҳои 70-уми асри бист бо таъбири санъатшиноси номӣ, профессор Меҳрубон Назаров «Шахсият ва эҷодиёти устод Улуғзода ба табъи роҳбарони онвақтаи ҷумҳурӣ намефорид. Дар он вақт дари оҳанин на танҳо ба рӯи хақиқат баста, балки чизи муқаддастарин — инсоф, адолату ахлоқи инсонӣ ҳам доғдор шуда буд».

Ҳақ ба ҷониби Сотим Улуғзода, ки вафоти устод С. Айнӣ барои адабиёти мо талафоти гароне баъди Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ буд. Дар хулосаи тиббӣ дар бораи сабаби вафоти С.Айнӣ аз 15 июли соли 1954, ки бо имзои Сарпаталогэнатоми Вазорати нигаҳдории тандурустӣ, профессор Ю.В. Гулкевич ва духтури муолиҷакунанда дотсент Ҳ.Х. Мансуров (дар айни ҳол академик) дар матбуот чоп шуда, чунин навишта шудааст:

— Садриддин Айнӣ солҳои бисёр ба дарди кӯҳнаи шуш (пневмослероз), инчунин ба касалии атеросклерози умумии на он қадар сахт дучор буд. Дар аввали соли ҷорӣ дарди раги меъдаи ӯ авҷ гирифта, ба тамоми узвҳои меъдаю рӯдааш паҳн шуда рафт, ки ин тамоми аъзои бадани беморро беҳолу бемадор карда, боиси марг гардид. (Тоҷикистони Сурх, 1954, 17 июл).

Чи хеле ки аз хулосаи тиббии табибон маълум аст, устод Айнӣ солҳои охир ба дарди шуш гирифтор шудааст. Моҳи маи соли 1954 устод дар ҳолати хеле вазнин дар бӯстонсарои Шӯрои Вазирони Тоҷикистон хобида орзуи Самарқандро мекард ва мегуфт, ки тезтар ба хона баргашта ба сари қисми панҷуми «Еддоштҳо» нишинад. Аммо ба Самарқанд рафтан ба устод муяссар нашуд. Қисми панҷуми «Ёддоштҳо» ҳам нонавишта монд. Ашъори пеш аз инқилоб навиштаи худро ҳам ӯ ба чоп тайёр карда натавонист.

Холида Айнӣ, ки лаҳзаҳои охирини ҳаёти падар ҳамеша дар назди ӯ буд, ҳикоят мекунад, ки устод пеш аз вафот 14 июли соли 1954, соатҳои 12-и рӯз овони ҷавонӣ ва дӯстони дерини худро ёд кард. Ҳатто дар ҳолате, ки чашмашро об гирифта буд, шеъре хонд, ки он мухаммас бар ғазали Ҳофиз дар моҳи июни соли 1917 навишта шуда буд, ки мисраъҳои охирини он ин аст:

*Мурд Айнӣ, дарди ӯ бинҳуфта монд,*
*Толеи носозгораш хуфта монд.*
*Ғунчаи уммедҳо нашкуфта монд,*
*«Рози Ҳофиз баъд аз ин ногуфта монд,*
*Эй дарег, аз роздорон ёд бод!»*

Он рӯз нависандагон, коркунони масъули АИ Тоҷикистон, хешу таборон дар он хонае, ки Айнӣ хобида буд, бори дигар ба хотираи мустаҳками устод қоил шуданд. Академик М. Шукуров дар «Оинаи дилҳо» (Садои Шарқ, 1971, №9) ин лаҳзаҳои нотакрори вопасини устод Айниро чунин овардааст: «... Ин шеър шояд охирин шеъре бошад, ки Айнӣ хондааст. Ҳамин ҳам ба мо маълум аст, ки Айнӣ аз овони кӯдакӣ, аз мактаби ибтидоӣ ва ҳатто пеш аз он

бо шеъри Ҳофиз шинос буд. Пас метавон гуфт, ки шеъри Ҳофиз ҳам сайри тамоми умри Айнӣ, ба истилоҳ, аз гаҳвора то ба тобут будааст».

15 июли соли 1954, нисфи рӯз устод Айнӣ аз олам чашм пӯшид. Худи ҳамон рӯз Комиссияи ташкили маросими дафни С.Айнӣ ташкил карда шуд. Комиссия қарори аввалини худро оид ба маросими дафн баровард, ки дар он гуфта мешуд: Тобут бо ҷасади марҳум — асосгузори адабиёти советии тоҷик, депутати Совети Олии СССР, Лауреати мукофоти Сталинӣ, Президенти Академияи Фанҳои РСС Тоҷикистон дар бинои Театри опера ва балет гузошта шавад.

Барои видоъ кардан бо марҳум 17 июл аз соати 8-и пагоҳ то соати 15.30 дақиқаи рӯз даромадан мумкин аст. Тобут бо ҷасади марҳум дар соати 16 бароварда мешавад. Маросими дафн 17 июл, дар соати 17.30 дақиқа дар қабристони бародарӣ, дар кӯчаи Ленин барпо мегардад.

Ҷасади устодро ҳамоно аз Боғи ҳукуматӣ ба ҳавлии эшон, ки дар Ботаническая 1 воқеъ буд, оварданд. Аллакай ҳавлии устод ба мотамкада табдил ёфта буд. Ба ибораи Ҳотифӣ:

*Ҷаҳон сар ба сар гашт мотамкада,*
*Шуд аҳли замон низ мотамзада.*

Дар ҳавлии устод Комиссияи хукуматӣ дар ҳайати Турсун Ӯлҷабоев — котиби КМ ПК Тоҷикистон оид ба идеология, Мирзо Турсунзода — раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва дигарон ба кор шурӯъ кард. Шогирди шӯҳратманди устод Мирзо Турсунзода ба аҳли адибон, ки дар мотамхона ҷамъ омада буданд, рӯ оварда таклиф намуд, ки таъзияномаи ҳукуматӣ бо сарлавҳаи «Одами соҳиби қалби бузург» чоп шавад. Ҳақ ба ҷониби М. Турсунзода, ки устод соҳиби қалби бузурги инсонӣ буданд.

Рӯзи 16 июл аз субҳи содиқ сар карда меҳмонон аз дуру наздик барои видоъ омаданд. Шоири машҳури ӯзбек, дӯсти наздики Айнӣ Ғафур Ғулом дар поёни пои марҳум рост истода, дар ҳолате ки ашк аз чашмонаш ҷорӣ мешуд, «Во устод, во устоди бузургворам» гӯён ба забони тоҷикӣ дарду алами худро паст мекард.

Дар гирди тобути устод ҳама ашк мерезонданд. Аммо нури чашми устод Камол Айнӣ ҳозир набуд. Ӯ ба Анҷумани нависандагони Гурҷистон ба шаҳри Тифлис рафта буд. Ба он ҷо барқияи хоҳараш Холида расид, ки дар он гуфта мешуд:

«Фавран биё, падарам ба ёрии ту мӯҳтоҷ аст».

Худи ҳамон рӯз Камол Айнӣ дар Сталинобод шуд. Дар фурудгоҳи ҳавоии он ӯро ронандаи устод Василий пешвоз гирифт. Вақте ки Камол Айнӣ ба мошин савор шуд, ронанда ба ӯ гуфт:

— Кори дунё ҳамин...

Дар ин ибора худи Камол Айнӣ дар «Дидори вопасин» ном хотироташ ёд меоварад:

— Гулӯям гирифта буд, овозамро бароварда наметавонистам, ба зӯр нафас мегирифтам, чашмам ашкрезон буд. Кӯчаи мо пуропур аз одам буд. Дар

пеш Мирсаид Миршакар рост истода буд, вай маро оғӯш кард. Дигар чизе дар ёдам нест. Фақат дидам, ки падарам хобидааст, ноҷунбон, рангпарида, ҳайрон, нигарон. Дигар ҳама гирён буданд. Дар тасвир кардани маросими дафн оҷиз ҳастам. Он рӯз мисли растохез ва балвои мардум менамуд. (Садои Шарқ, 1980, №4, с.85).

Бегоҳии 16 июл дар азохона ба ғайри хешу табор ва наздикони марҳум, шоир Боқӣ Раҳимзода, олим ва мунаққид Соҳиб Табаров ва Мидҳат Беҳбудӣ монданд. Б. Раҳимзода ба хешу таборон рӯ оварда гуфтааст: «Дар урфият маросими мотами пиронро тӯи онҳо мегӯянд, ки рост будааст. Арзи эҳтиром ва садоқати мардумро, ки нисбат ба устод имрӯз дидам, воқеан ҳаргиз азо набуд. Ин тӯйи устод буд. Фардо ин тӯй боз ҳам бошукӯҳтар хоҳад шуд».

17 июли соли 1954 халқи тоҷик бо адиби бузург С.Айнӣ видоъ кард. Тобут дар бинои Театри давлатии опера ва балет гузошта шуд. Соати 8-и пагоҳ видоъ бо марҳум сар шуд. Одамон пай дар пай ба театр медаромаданд. Котибони КМ ПК Тоҷикистон Б.Ғафуров, Т.Ӯлҷабоев, А.Имомов, ҷонишини раиси Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон С.Холиқова, ноиб-президенти АИ Тоҷикистон Ғ.Алиев, Мирзо Турсунзода аз аввалин қаровули фахрӣ буданд. Дар назди тобут дар нишастҳои болои зина ҳамсар, фарзандони марҳум Холида, Лутфия, Камол ва Абдусалом Деҳотӣ, Ҳабиб Ахрорӣ, дӯст ва шарикдарси устод Олимхон Махсуми Хуҷандӣ, шоири номии ӯзбек Ғафур Ғулом ва дигарон менишастанд.

Соҳиб Табаров дар «Ёди устод» (Садои Шарқ, 1979 № 4) менависад, ки «Ба фикрам, дар Душанбе ягон одами сиҳат ва хабардор намонда буд, ки ба хайрухуши устод Айнӣ наомада бошад. Видоъкунандагон аз 200-250 ҳазор нафар зиёд буданд, на кам».

Оркестрҳо оҳанги мотамии Чайковский, Бетховен, Шопенро пай дар пай менавохтанд. Бо таклифи М. Миршакар ба театр назди тобути марҳум дастаи ҳофизон ва мусиқачиёни миллӣ даъват шуданд. Бояд қайд кард, ки дар маросимҳои мотамӣ хондани суруд ва навохтани мусиқии миллии ҳазин аз ҳамон вакт расм шуд. Устодони «Шашмақом» Б.Файзуллоев, Ш.Соҳибов, Ф.Шаҳобов ба наво омада, дилҳои афгорро боз ҳам афгортар карданд. Суруде, ки бо шеъри Аҳмади Ҷомӣ Барно Исҳоқоваи хушовоз хонд, ба ҳадде таъсирбахш ва шӯрангез буд, ки аз дидаҳои ҳама сели ашки сӯзон ҷорӣ гардид. Тӯҳфа Фозилова, Ҳанифа Мавлонова хам шеърҳои устодро ба ҳавоҳои дилфиребу хушрабо бо сад сӯзу гудоз сароида, хонаи сабру тоқатро ба бод медоданд. Суруди «Шоми ғарибон»-ро, ки Шоиста Муллоҷонова ва Аҳмад Бобоқулов месуруданд, оҳу аламро афзунтар гардонид.

Соати 16 рафиқон Б.Ғафуров, Ҷ.Расулов, Т.Ӯлҷабоев, С.Холиқова, Ғ.Алиев, М.Турсунзода тобути Айниро бардошта аз бинои театр ба майдони ба номи «Москва» мебароранд ва ба автомашинаи бо гулдастаҳои бисёр зинатдодашуда мегузоранд. Садоҳои оҳанги мотамӣ боз аз нав баланд мешавад.

Ҳазорон нафар меҳнаткашон ба сӯи майдони назди Хонаи Ҳукумат мешитобиданд. Тобути Айнӣ дар ин ҷо дар назди минбари муваққатӣ гузошта мешавад.

Митинги мотамӣ бахшида ба хотираи дурахшони С. Айниро котиби КМ ПК Тоҷикистон Т. Ӯлҷабоев мекушояд. Аз номи КМ ПК Тоҷикистон ва Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон ба котиби КМ ПК Тоҷикистон А. Имомов сухан дода мешавад. Ӯ аз ҷумла мегӯяд:

— Мо бо таъзияи бузург бо нависандаи машҳури советӣ, асосгузори адабиёти советии тоҷик Садриддин Айнӣ видоъ мекунем. Айнӣ на фақат нависанда ва шоири бузург, балки олими намоён ҳам буд, ки дар роҳи инкишофи илм ва адабиёт ҳиссаи пурқимат гузошта, як қатор олимон ва нависандагони ҷавони тоҷикро тарбия карда ба воя расонд.

Аз номи халқи ӯзбек, шогирди устод Айнӣ, раиси Президиуми Совети Олии РСС Ӯзбекистон, нависанда Шароф Рашидов баромад кард:

— Садриддин Айнӣ, одами дорои ақли солим, дили соф ва рӯҳи бузург буд. Халқи ӯзбек Садриддин Айниро ҳамчун нависандаи худ аз самими қалб дӯст медошт ва ҳурмат мекард. Зеро Айнӣ на фақат асосгузори адабиёти советии тоҷик, балки монанди Ҳамза Ҳакимзода ба таври ҳаққонӣ яке аз асосгузорони адабиёти советии ӯзбек ҳам ба шумор мерафт.

Сухан ба намояндаи раёсати Иттифоқи нависандагони СССР Семён Липкин дода мешавад:

— Марди дорои истеъдод ва рӯҳи бузург аз мо рафт. Ифодакунандаи шоён ва пурилҳоми орзую умедҳои халқи худ аз байн рафт.

Дар митинг Вазири маорифи РСС Тоҷикистон Т. Пӯлотов, Артисти Халқии СССР М. Қосимов, ноиб-президенти АИ РСС Тоҷикистон Ғ. Алиев, раиси правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон М. Турсунзода нутқи видоӣ эрод карданд.

Митинг ба охир расид, намоиши мотамӣ ба сӯи боғи шаҳрӣ раҳсипор шуд. Тобутро аввалин шуда Б.Ғафуров, М.Турсунзода, Т.Ӯлҷабоев, Ғ.Алиев, М.Миршакар, А.Деҳотӣ, С.Улуғзода, С.Липкин, А.Имомов, Ш.Рашидов, Ғ.Ғулом ва дигарон бардоштанд. Дар сари қабри марҳум оҳангҳои гимни СССР ва Тоҷикистон баланд мешавад. Баробари садои салюти тӯпҳо ҷасади С.Айнӣ ба қабр гузошта мешавад. Бобоҷон Ғафуров дар ҳолате, ки як мушт хокро ба гӯр мерехт, чунин хитоб кард: «Ба муаллимамон, содиқтарин фарзанди халқи тоҷик! Айнӣ бузург буданд, ҳастанд ва мемонанд!»

Дили Айнӣ пур аз ният ва ғайрати эҷодӣ буд. Ӯ тамоми умр кӯшиш мекард, ки дар роҳи саодатмандии Ватан, дар роҳи саодатмандии халқи худ то тавонад бештар хизмат кунад. Асарҳои устод, ки дар хазинаи адабиёти навини тоҷик ганҷинаи пурбаҳост, барои насли оянда чун манбаи дониш ва чун китоби омӯзиши ҳаёт ба кор меравад. Аз осори устод даҳҳо, садҳо наслҳои ҷавон тарбия ёфта ба воя мерасанд.

Он рӯзи 17 июли соли 1954 бегоҳӣ, баъди дафн, дар ҳавлии мутаваффо, ба ёди устод шабнишинии калон барпо гашт ва то бевақтии шаб давом кард. Шогирди устод — Деҳотӣ байти Шоҳинро мехонд:

*В-ин як дами вопасин, ки дорем,*
*Чи айшу чи ғам ба ҳам барорем.*

Муҳаррири рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» (имрӯза «Ҷумҳурият») С. Ғуломов ба назди М.Турсунзода, Ҷ.Икромӣ, С.Улуғзода, А.Деҳотӣ, Р.Ҷалил, М.Миршакар ва дигарон омада гуфт, ки барои саҳифаи махсуси оянда фикру эҳсоси пурандӯҳи худро баён намоянд. Онҳо лутфан ин хоҳишро ба ҷо оварданд.

Рӯзи 18 июли соли 1954 рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» саҳифаи махсуси худро бо номи «Садриддин Саидмуродович Айнӣ» ба хотираи устод бахшид. Дар ин саҳифа сӯзу гудоз ва суханони аламовару пур аз меҳру муҳаббати шогирдон ва дӯстони устод чоп шуда буд. Ман аҳамияти таърихӣ ва манбаи муҳим будани онҳоро ба назар гирифта хостам порае аз онҳоро ин ҷо оварам.

**М.ТУРСУНЗОДА:** — Устод Айнӣ дар солҳои охирини зиндагиаш зарурати меҳнати худро барои халқ махсусан равшантар ҳис мекард ва қувваашро ҳеҷ дареғ надошта, бо ғайрат ва фаъолияти барҷастаи меҳнатдӯстӣ кӯшиш менамуд, ки таҷриба ва донишҳои ҳосилкардаи худро то тавонад зудтар ба Ватани маҳбуб бидиҳад. Алвидоъ, дӯсти азизи мо, сарояндаи азизи халқи озоди хушбахти мо.

**С.УЛУҒЗОДА:** — С.Айнӣ дар аслитарин маънои сухан одами меҳнатӣ буд. Вай барои наздик овардани фардои дурахшони халқҳо муттасилона, фидокорона, рӯзонаю шабона меҳнат карда, аз ин меҳнат шодӣ ва хушбахтӣ меёфт.

Айнӣ дар боғи хуррамy дилкушои адабиёти мо монанди чинори азиме истода буд. Акнун чинор нест, аммо чашмае, ки аз таги решаҳои тавонои он сар задааст, ҳамеша саршор хоҳад буд.

**А.ДЕҲОТӢ:** — Пандҳо, хотиррасониҳо ва танқидҳои ӯ дар ҳаққи ҳар кадоми мо нависандагон гоҳо меҳрубонона буданд, чунон ки ба падарони меҳрубон хос аст, гоҳо ба хоҳишу сарзаниши аламкунандае монанд буданд, чӣ тавре ки хусусияти муаллимони сахтгир аст дар ҳаққи шогирдони худ. Ҳамаи онҳо хоҳ меҳрубонона бошанду хоҳ сахтгирона, дар табиати мо, дар гӯшҳои мо чунон маҳкам ҷой гирифтаанд, ки симои устоди бузургро ҳамеша дар пеши назари мо зинда медоранд.

**Ҷ. ИКРОМӢ:** — Устоди бузург, муаллими пурдони мо вафот кард. Дили меҳрубон ва пурҳарорати инсони мӯҳтарам аз тапиш монд. Одаме, ки тамоми умри худро ба хизмати халқ сарф намуда ва то дақиқаи охирини ҳаёташ ғами кори халқ ва ҷамъиятро хӯрда, одаме, ки асоси насри советии тоҷикро гузоштааст, аз байни мо рафт. Устод Айнӣ то охири умри худ, ба тозагӣ ва софии забони тоҷик мубориза бурд. Боварӣ медиҳем, ки мо таълими устодро ба амал меорем ва муборизаи ӯро давом медиҳем.

**Ш.РАШИДОВ:** — С. Айнӣ ба маорифпарварони Осиёи Миёна — Аҳмади Дониш ва Фурқат пайравӣ карда, маданияти русро бо тамоми ҷидду ҷаҳд пропаганда намуд ва ба дӯстии байни халқи тоҷик ва халқи рус ҳамеша тарафдорӣ мекард. Халқи ӯзбек Садриддин Айниро, ки бо ҳамроҳии Ҳамза Ҳакимзода яке аз асосгузорони адабиёти советии ӯзбек буд, хеле ҳурмат мекунад ва дӯст медорад.

**А.А.УПИТ:** — Фарзанди бузурги халки тоҷик бо хизмати қаҳрамононаи худ яке аз маҳбубтарин нависандагони тамоми Иттифоқи Советӣ гардид. Романи «Бухоро»-и ӯро халқи мо бо забони латишӣ бо шавқи бузург мехонад.

**Ғ.ҒУЛОМ:** — Мо падари мӯҳтарам, ифтихори адабиётамон Айниро гум кардем, ғаму андӯҳамонро бо сухан ифода карда наметавонам.

**УЙҒУН:** — Мо нависандагони ӯзбек Садриддин Айниро яке аз муаллимони худ медонем, зеро ӯ бисёртар нависандагон ва олимони ӯзбекро тарбия карда ба камол расонид.

Яке аз хешовандони наздики устод Айнӣ Вадуд Маҳмудӣ барои марҳум Айнӣ чунин таърих сохта буд:

*Айнӣ, ки нависандаи пурдоне буд,*
*Қадди умраш кашид пои ҳаштод.*
*Дар панҷоҳу чорум санаи бистум аср,*
*Бардошт қадам зи ҷону бар хок ниҳод.*
*Буд понздаҳи июл, панҷшанбе рӯз,*
*Дар соати чор ин ҷудоӣ рӯ дод.*
*Нокарда тамом «Хотирот»-ашро рафт,*
*Барвақт қалам, ҳайф, зи дасташ афтод.*
*Сад чӯб агарчи хӯрда буд, зинда бимонд,*
*Бар захми «ҳазор чашма» охир тан дод.*

**ЭЗОҲ:** Ба ҳисоби абҷад ибораи «Ҳазорчашма» дар навиштани арабӣ таърихи фавт аст, ки ба соли 1954 баробар меояд. (Иқтибос аз К. Айнӣ. Дидори вопасин. Садои Шарқ, 1980, №4-с. 85).

## ҲАРФИ БЕҶО НАДИҲАД ҒАЙРИ ХИҶОЛАТ САМАРЕ...

20 январи соли 2004 аз тариқи телевизиони Россия филми мустанади Алёна Жаровская «Проклятие Тамерлана» («Нахсгарии Темурланг» ё худ бо ибораи Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ «дуъои бади Темурланг») намоиш дода шуд. Пас аз намоиш ҳафтаномаи «Тоҷикистон» ҳамоно баъди се рӯз мақолаи А.Аҳмадзодаро таҳти унвони «Темурланг: аз ӯ пайғамбар насозед!» ба табъ расонд. Муаллиф бо як нафрат таҳрири филмбардори он Малик Қаюмовро нисбати саромади адабиёти имрӯзаи тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ сахт маҳкум намуда, таъкид менамояд, ки чаро олимони мо хомӯшанд. Мутаассифона тамошои филми мазкур он рӯз ба ман муяссар нагашта буд ва вақте ки телевизиони Россия онро такроран рӯзи 6 феврали соли 2004 намоиш дод, натавонистам хомӯш бошам ва дарҳол хома ба даст гирифтам. Мақоларо омода намуда, ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» лутфан худам ба сармуҳаррири он Шариф Ҳамдамов бурда супоридам. Ӯ маро самимона истиқбол кард ва дар наздам мақоларо, ки «Ҳарфи беҷо надиҳад ғайри хиҷолат самаре...» номгузорӣ намуда будам, варақ зада гуфт: «Устод, мақоларо дар шумораи навбатӣ ва ё дигараш чоп хоҳем кард. Агар шумо

лозим донед матнҳои русии овардаатонро ба тоҷикӣ бармегардонем». Ман фавран ҷавоб додам, ки «Не, бигзор матни русиаш истад», то ин ки мазмуну моҳияташ гум нашавад».

Мақола дар ҳафтанома рӯзи 19 феврали соли 2004 чоп шуд. Аммо ҳайати таҳририя сарлавҳаи мақоларо тағйир дода, бо номи «Дуди косахонаи сари Темурланг» нашр намуданд. Баъди чопи мақола ба арзи сипос ва миннатдории аҳли хонандагони сершумор мушарраф гардидам. Телевизиони ҷумҳурӣ мухбири махсуси худ Зиннатуллоҳ Исмоиловро ба Хуҷанд фиристод, то ин ки дар атрофи ин мавзӯъ зимни ҳуҷҷату мавод ва санадҳои таърихӣ, ки дар мақола оварда шуда буд, як мусоҳибае омода кунем. Сӯҳбати мо бевосита дар китобхонаи банда, дар назди гӯшаи «Айнинома»-и вай, ки он ҷо беш аз 600 мавод (аз маркаю конвертҳои ба С.Айнӣ бахшида шуда сар карда, то асару мақолаҳои давраи зинда будани устод нашршуда ва қартаи овози зиндаи эшон) гирд оварда шудааст, баргузор гардид. Сӯҳбати телевизионии мо рӯзи 15 март намоиш дода шуд. Баъди намоиш нафарони зиёде оид ба мусоҳибаи мо фикру ақидаҳои хешро иброз намуданд. Аз ҷумла, муҳаррири масъули маҷмӯаи мазкур Фарҳод Каримов аз ман хоҳиш намуданд, ки агар ман розӣ бошам, мақолаи дар ҳафтанома чопшуда низ дар он дохил карда шавад. Ман дарҳол ризоияти хешро дода, гуфтам, ки дар охири он баъзе фикру ақидаҳои нав баён хоҳам кард. Инак, матни пурраи мақолаи дар ҳафтаномаи «Тоҷикистон» бо номи «Дуди косахонаи сари Темурланг» чоп шуда:

— Дар филмномаи «Наҳсигарии Темурланг» санъаткори номӣ, Артисти халқии СССР, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, дорандаи ҷоизаҳои ватанию хориҷӣ Малик Қаюмов нисбати адиби забардасти олам, устод С.Айнӣ як муносибати дағалонаро раво дидааст. Мо хуб медонем, ки саҳми М.Қаюмов ҳамчун яке аз поягузорони филмҳои ҳуҷҷатӣ дар Ӯзбекистон ва берун аз қаламрави он, аз ҷумла дар ҷумҳурии мо калон аст. Ёдрас мешавем, ки филми мустанади «Тоҷикистони Советӣ» дар таҳияи М.Қаюмов соли 1951 ба эшон шӯҳрати калон оварда буд. Дар филмномаи дигари М.Қаюмов «Тӯфони азим», ки ба сохтмони азими канали калони Фарғона бахшида шудааст, дӯстии ду халқи ба ҳам бародар — тоҷику ӯзбек бо як муҳаббат инъикос ёфтааст. Аммо ғайричашмдошт, чунин арбоби санъати кино М.Қаюмов бо ин суханронии беандешона, на ин ки ба халқи тоҷик, балки ба халқи худ низ беҳурматӣ зоҳир намуд.

Таърих гувоҳ аст, ки устод Айнӣ ҳамчун яке аз асосгузорони адабиёти навин ё худ шӯравии ӯзбек низ шинохта шудааст. Дар ин хусус рӯ меоварем ба чанде аз гуфтаҳои аҳли адаби Ӯзбекистон, ки бо як самимият ҳарф задаанд. Ходими намоёни давлатии Ӯзбекистон нависанда Шароф Рашидов дар рӯзи дафни устод Айнӣ 17 июли соли 1954 дар шаҳри Сталинобод гуфта буд:

«Садриддин Айнӣ, одами дорои ақли солим, дили соф ва рӯҳи бузург буд. Халқи ӯзбек С.Айниро ҳамчун нависандаи худ аз самими қалб дӯст медошт ва ҳурмат мекард, зеро Айнӣ на фақат асосгузори адабиёти советии тоҷик буд, балки монанди Ҳамза Ҳакимзода ба таври ҳаққонӣ яке аз асосгузорони адабиёти советии ӯзбек ҳам ба шумор меравад.

Нависандагони ӯзбек бо ҳамроҳии Айнӣ, ки асарҳои барҷастаи вай китобҳои дӯстдоштаи одамони советӣ буданд ва мебошанд, зиндагӣ ва кор карда, бо ин хеле фахр мекунанд. Шахсе, ки дар роҳи саодатмандӣ ва хушбахтии халқ зиндагӣ ва меҳнат кардааст, ҳаргиз мурданӣ надорад».

Дар рӯзҳои мотами С.Айнӣ шоири номии халқи ӯзбек Ғафур Ғулом гуфта буд: «Мо падари мӯҳтарам, ифтихори адабиётамон Айниро гум кардем, ғаму андӯҳамро бо сухан ифода карда наметавонам».

Ё худ адиби машҳури ӯзбек Уйғун дар яке аз номаҳои хеш гуфтааст: «Мо нависандагони ӯзбек Айниро яке аз муаллимони худ медонем, зеро ӯ бисёр нависандагон ва олимони ӯзбекро тарбия карда, ба воя расонд».

Ин суханони адибони номии ӯзбек, ки аз рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» («Ҷумҳурият») аз 16 июли соли 1954 иқтибос овардем, гувоҳи он аст, ки номи неки С.Айнӣ дар хориҷи кишвар бахусус дар Ӯзбекистон ба эҳтироми хос сазовор буд ва бо гуфтаҳои ғаразноки М.Қаюмов ҳеҷ вақт номи баланди С.Айнӣ паст намешавад. Зеро номи устод ҳамчун яке аз машъалони илму фарҳанг ва нависандаи маъруфи дунё эътироф шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки номи устод Айнӣ дар Конференсияи адибони мамлакатҳои Осиё ва Африқо, ки соли 1962 дар Қоҳира баргузор гардида буд, дар радифи Робиндранат Такури ҳиндӣ, Лу Сини чинӣ ва Таҳо Ҳусайни араб гузошта шуда буд. Иҷлосияи XVIII конференсияи генералии ЮНЕСКО соли 1978 дар қарори махсуси худ қайд кард, ки «Садриддин Айнӣ аз одамони бузург ба ҳисоб меравад, ки бо эҷодиёташ ба тараққиёти ҷамъияти инсонӣ таъсири амиқ расонидаанд».

Баъди чунин баҳодиҳии баланди аҳли фарҳанг, ки устодро аз бузургони тамаддуни асри бист меҳисобанд, ҳарзагӯиҳои Малик Қаюмовро як навъ хусумати шахсӣ ва нотавонбинӣ нисбати шахсияти нотакрори замон будани Садриддин Айнӣ донист.

Дар суханронии М.Қаюмов чанд лаҳзаҳои таърихи кушода шудани қабри Темурланг таҳриф карда шудааст. Пеш аз ҳама гуфтаи ӯ, ки гӯё кушода шудани қабри Темур чун фоли бад сабабгори саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945 гардида бошад, аз ҳақиқат дур аст. Кушодани қабри Гӯри Мир ҳанӯз соли 1939 ба нақша гирифта шуда буд. Роҳбари экспедитсия ва иштирокчии бевоситаи кушодани қабри Темурланг олими номии тоҷик, академик Тошмуҳаммад Қорӣ-Ниёзов дар саҳифаи 236-и китоби пурмӯҳтавои хеш «Очерки истории культуры Советского Узбекистана» (Москва, 1955) навишта буд:

«В связи с приближением юбилея Алишера Навои — 500-летия со дня его рождения — ещё в 1939 г., по заданию Комитета по проведению этого юбилея, были начаты работы по изучению памятников архитектуры XV в. в Самарканде, продолжавшиеся до начала Великой Отечественной Войны. В частности, изучались мавзолеи Ишратхана и Бибиханым, руины «Чил-сутун» (сорок колонн) и обсерватории Улугбека, а также погребения в Мавзолее Гури Мир. Одним из важных объектов последней работы явилось антропологическое изучение скелетов: в частности, было подтверждено сообщение источников об убийстве Улугбека ударом сабли. Археолого-скуль-

птор М.М.Герасимов восстановил портрет великого астронома по костям его черепа».

Аз ин навиштаи академик Қорӣ Ниёзии Хуҷандӣ маълум мешавад, ки мақсад аз кушодани мақбараи Гӯри Мир аз ҷиҳати антропологӣ омӯхтани скелету устухонбандии ҷасади Мирзо Улуғбек будааст. Т.Н. Қорӣ-Ниёзов дар китоби дигари хеш «Размышления о пройденном пути» (Москва, 1970) дар боби махсус таҳти унвони «Экспедиция в мавзолей Гури-Мир» роҷеъ ба мақсаду маром ва натиҷаи кушодани мақбараи Темур ва хонадони ӯ дар ҳаҷми 15 саҳифа муфассал нақл намудааст. Аз ҷумла дар оғози ин қисмат муаллиф менависад:

«По решению Правительства Узбекской ССР была организована экспедиция в Самарканд по вскрытию погребения Тимура и тимуридов в мавзолее Гур-Эмир (могила эмира. Мавзолей также называют Гури-Мир).

Экспедиция в составе автора этих строк (руководитель), научного сотрудника Института материальной культуры Академии наук СССР антрополога-скульптора М.М.Герасимова, антрополога профессора Л.В.Ошанина, востоковеда профессора А.А.Семёнова, химика-реставратора Ленинградского Государственного Эрмитажа профессора В.Н.Кононова, архитектора Б.Н.Засыпкина, археолога профессора В.А.Шишкина (впоследствии члена-корреспондента АН УзССР) и научного секретаря Комитета Навои Х.Т.Зарипова приступили к работе 16 июня 1941 года.

Основная задача экспедиции заключалась в том, чтобы проверить достоверность некоторых исторических данных о Тимуре и Тимуридах (главным образом, Тимуре и Улугбеке), а также по черепам восстановить их облик. Советская общественность проявляла исключительный интерес к экспедиции, работа которой широко освещалась на страницах печати. Пользуясь случаем, позволю себе поделится своими воспоминаниями об этой экспедиции» (6. 191).

Аз ин сарчашма воқиф гардидем, ки устод Айнӣ дар ҳайати экспедитсия набудаанд. Вале устод он рӯзҳо ҳар замон ба Гӯри-Мир омада, ба натиҷаҳои кори экспедитсия мароқ зоҳир мекарданд. Дар ин хусус муаллифи китоби мазкур чунин ёдовар мешавад:

«Писатель Садриддин Айни, живший в Самарканде недалеко от мавзолея Гури-Мир, где происходило вскрытие погребений, иногда посещал мавзолей во время работы экспедиции, интересовался результатами её работы.

Однажды он застал меня и профессора Л.В.Ошанина во дворе мавзолея при рассмотрении двух черепов — Тимура и Улугбека, которые лежали на столе перед нами. Бросив на них беглый взгляд, Садриддин Айни спросил:

— Чьи эти черепа?

— Один — Тимура, другой — Улугбека, — ответил я.

— Который Тимура, который Улугбека? — поинтересовался С.Айни.

— Интересно, а как вы думаете? — спросил я его вместо ответа.

— Э-э, как знать! Как известно, даже в том случае, когда один из двух черепов принадлежит шаху, а другой — нищему, и то невозможно определить их! А ведь в данном случае оба шаха!

— Совершенно верно, домулла, — сказал я, улыбаясь, — но в данном случае один из них неграмотный, а другой — ученый.

— К сожалению, даже и в этом случае невозможно определить, который из них неграмотный и который ученый! — заметил Садриддин Айни.

— Таков жизненный закон природы: она никому не делает исключения; жаль, что таков конец человека! — воскликнул я.

— В этом вопросе природа оказалась несправедливой, — сказал Садриддин Айни.

— Возможно! Однако законы природы весьма сложны, а ещё неизвестных нам её законов — бесконечное множество. Несмотря на то, что человечество добилось огромных успехов в области изучения законов природы, тем не менее все это капля в море!

— Совершенно верно! — согласился Садриддин Айни.

— Но наряду с физической смертью человека, — заметил я, — у него может быть ещё другая, вечная жизнь: его творение, оставленное народу. Это является для нас утешением.

— Верно! — сказал Садриддин Айни» (С. 206-207).

Аз ин хотироти гурӯҳи экспедитсияи кушодани Гӯри Мир академик Қорӣ Ниёзӣ аён мегардад, ки устод Айнӣ он рӯзҳо ягон суханони қабеҳе нагуфтаанд ва аз аниқ шудани ҷасади Темур кӯдаквор ҷасту хез накардаанд, тавре ки наворбардори лаҳзаҳои кушодашавии қабри Темур М.Қаюмов ноҳақ қисса мекунад.

Ин ҷо лозим ба ёдоварист, ки байни устод С.Айнӣ ва тоҷикшиноси асил, профессор Александр Александрович Семёнов дар атрофи масъалаи қабри Темур баҳси муфиди илмӣ меравад. А.А.Семёнов мегӯяд, ки Темур мувофиқи баъзе маъхазҳои адабӣ дар наздикии Утрор, дар Туркистон дафн шудааст. Устод Айнӣ боисрор мегӯянд, ки «не, Темур дар ҳамин ҷо, яъне Гӯри Мир дафн карда шудааст». Вақте ки 21 июни соли 1941 дахмаи Темурро кушоданд ва аниқ мешавад, ки он маҳз қабри Темур аст, устод аз ин пешгӯии хеш хурсандӣ баён мекунанд. Аммо Малик Қаюмов ин хушҳолии устод Айниро дигар хел «чун ҷасту хези кӯдакона» маънидод кардааст.

Дар филми мустанад мо чанд лаҳзаҳоеро дидем, ки устод Айнӣ ҳамроҳи котиби якуми КМ ПК(б) Ӯзбекистон Усмон Юсуфов (гузаштагони ӯ аз тоҷикони Қаротегин буданд), роҳбари гурӯҳи экспедитсия Қорӣ-Ниёзӣ, профессор А.А.Семёнов, мудири шӯъбаи таърихи Институти забону адабиёт ва таърихи филиали ӯзбекистонии Академияи илмҳои СССР Зариф Шарифович Раҷабов (минбаъд ректори нахустини Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон) ва дигарон рафти кушодани қабрро назора менамуданд. З.Ш.Раҷабов баъдтар он лаҳзаҳои нотакрорро дар китоби хеш «Страницы прошлого» Душанбе, 1986) ёдовар мешавад ва аз ин хотираҳо бармеояд, ки он рӯзҳо аз роҳбари аввали Ӯзбекистон У.Юсуфов сар карда, то Қорӣ-Ниёзиву профессорон М.М.Герасимов, А.А.Семёнов ва дигарон пеш аз ҳама устод Айниро ҳурмату эъзоз мекарданд, гиреҳи чанд масъалаҳои баҳсталабро оид ба таърих ва хонадони Темур аз эшон мепурсиданд.

Аз рӯи нақли академик З.Ш.Раҷабов ва ҳамчунин сӯҳбати камина бо фарзанди С.Айнӣ — олими номвар Камол Айнӣ, ки 10 апрели соли 1998 дар шаҳри Хуҷанд сурат гирифта буд, маълум мешавад, ки Усмон Юсуфов масъалаи рӯзҳои кушода шудани Гӯри Мирро дар назди олимони Академияи илмҳои СССР мегузорад. У.Юсуфов дар сӯҳбати хоса бо устод Айнӣ мегӯяд, ки агар ин масъала аз тарафи Сталин ҳалли худро ёбад, он вақт ягона номзад ба вазифаи Президенти Академияи илмҳои РСС Ӯзбекистон шумоед. Мутаассифона бо оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ масъалаи мазкур мавқуф гузошта мешавад. Баъди ғалабаи бузурги халқи советӣ дар назди Сталинграду Курск бо имзои котиби якуми КМ ПК(б) Ӯзбекистон У.Юсуфов ва раиси Совети Комиссарони халқии Ӯзбекистон «Дар бораи ташкили Академияи илмҳои РСС Ӯзбекистон» қарор қабул мешавад. Мувофиқи маслиҳати пешакӣ Усмон Юсуфов ба ин вазифа устод Айниро тавсия медиҳад. Устод ба сабаби ба таври ҷиддӣ машғули навиштани асарҳои илмӣ-адабии хеш перомуни Мирзо Абдулқодири Бедил, Алишери Навоӣ ва ғайра будан, таклифро рад мекунанд. Пас У.Юсуфов аз устод мепурсанд, ки киро ба ин маснади олӣ дидан мехоҳад? Устод ҳамоно олими ҳамадон, риёзидону таърихнигор, ҳофизхону бедилшинос, нахустин профессор аз байни тоҷикон Қорӣ Ниёзии Хуҷандиро тавсия медиҳанд. Ҳамин тавр, моҳи ноябри соли 1943 номбурда бо як овоз Президенти АИ РСС Ӯзбекистон интихоб мешавад. Устод Айнӣ низ ба ҳайси академики Академияи навтаъсис интихоб мешаванд.

Нақли Малик Қаюмов оид ба он, ки гӯё маҳз бо ташаббуси ӯ сарлашкари шӯҳратманди даврони ҷанг Г.К.Жуков ба И.В.Сталин занг зада, ҳарчӣ тезтар ба Гӯри Мир гузоштани ҷасади Темурро хостгор шудааст ва ба гирифтани пеши роҳи фашистон дар назди Сталинград муваффақ гардидаанд, низ хеле тааҷҷубовар ва баҳснок аст. Аз таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ маълум аст, ки баъди қарори машҳури И.В.Сталин зери №227 аз 28 июли соли 1942 бо номи «Ни шагу назад!» ҳаракати немисҳо дар Сталинград боздошта шуд. Маҳз қарори мазкур аз бисёр ҷиҳат омили ғалабаи бузурги халқи шӯравӣ дар назди Сталинград гардид. Сараввал, 19 ноябри соли 1942 Артиши Сурх ба ҳуҷуми қатъӣ гузашт ва минбаъд 2 феврали соли 1943 фашистон дар назди Сталинград шикаст хӯрданд. Яъне гузошта шудани ҷасади Темур ҳам дар ин рӯзҳои ғалабаи Сталинград амри тасодуф буд. Бояд зикр намуд, ки дар хусуси гузошта шудани ҷасади Темур адиби рус В.Виткович, файласуфи қирғиз Т.С.Саидбоев, худи Т.Н.Қорӣ-Ниёзӣ маълумотҳои тоза дода буданд. Аммо дар онҳо оид ба дахолати Г.К.Жуков ба ин масъала ягон далелу маводе нест.

Нақли В.Виткович роҷеъ ба мавзӯи баррасишаванда дар мақолаи «Дороги, встречи, рассказы», ки дар маҷаллаи «Новый Мир» соли 1966 ба табъ расидааст, ҷолиб аст: «19 июня 1941 года по решению научных учреждений Узбекистана была вскрыта для изучения гробница Тимура. А 22 июня Гитлер напал на Советсикй Союз. Мусульманское суеверие тотчас же объяснило: В старинных книгах было предсказано — когда откроют гробницу Тимура, выпустят на полю Духа войны. И вот выпустили!

Война, как и всякое бедствие, приносит вспышку религиозности. Слух, что ученые выпустили Духа войны, нашёл благодатную почву в отсталых слоях населения, взбудоражил их, настроил против советской интеллигенции (не было бы Академи наук — не было бы и войны!).

Что противопоставить этому? Решились торжественно возвратить останки Тимура в Гур-Эмир, широко оповестив об этом и превратив событие в грандиозное зрелище. Приехали специальные делегации. Говорились речи, разъяснилась научная причина вскрытия, научные результаты... И останки Тимура 20 декабря 1942 года при большом стечении народа вновь предали земле. Именно в эти дни развернулась Сталинградская битва. И когда Паульс был пленён, опять-таки возникло «объяснение» — сами-де видите: похоронили Духа войны — и Гитлеру солоно пришлось» (№10, с.95-96). Гузориши ҷасади Темур 20 декабри соли 1942 буд, аммо ғалаба дар назди Сталинград 19 ноябри соли 1942 ба вуқӯъ омадааст. Дар ин ҷо мо тафовутро мебинем.

Ҳамин тариқ, дар чанде аз лаҳзаҳои Филмномаи «Наҳсигарии Темурланг» шарҳу тавзеҳи наворбардори машҳури ӯзбек Малик Қаюмов аз ҳақиқати таърих дур аст. Бахусус беэътиноии ӯ нисбати устод С.Айнӣ ҳамагонро ба изтироб овард. Вагарна он наворҳое, ки дар вақташ М.Қаюмов ҳини кушодани Гӯри Мир сабт намудааст, имрӯз боигарии таърихист.

Бузургони мо ҳамеша таъкид мекарданд, ки як ҳарфи беҷо ва бетаҳаммул оқибати хуб надорад. Ва бо гуфти шоир:

*Ҳарфи беҷо надиҳад ғайри хиҷолат самаре,*
*Тири каҷ боиси нокомии тирандоз аст.*

(Мақолаи ман дар ҳафтанома бо ҳамин байт ба охир расид).

Дар хусуси ин масъала мақолаҳои ҷавобии олимону адибон Ӯлмас Мирсаидов дар «Садои мардум», Раҳим Масов дар «Народная газета», писари устод Камол Айнӣ дар «Азия плюс», Атахон Сайфуллоев дар «Адабиёт ва санъат», Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ дар «Фарҳанг» ва дигарон ба он филми мустанадӣ чоп шуд. Ҳамаи онҳо ва аз ҷумла банда ҳам ба нафсонияти халқи ба мо дӯст, ҳамсоя ва бародар нарасидаем. Ба мо танҳо он суханрониҳои ниҳоят беадабона, беандешона ва бедалели барандаи филм Малик Қаюмов нисбати адиби барҷастаи олам Садриддин Айнӣ кард, аламовар гардид. Хусусан, гуфтаҳою таҳқирҳои ноҷои Малик Қаюмов ба монанди: «Айни начал кричать, говорить: Ура, что я был прав, моё предложение оправдалось», «А Айни, домулло Айни, который погнал этих людей, сидел как мышь, молчал, даже ни слова не сказал».

Оё, ба чунин фарзанди арзандаи миллати тоҷик, шахсе, ки бо ибораи аллома Бобоҷон Ғафуров Айниро «Падари миллат» номидааст, чунин суханони ноҷоро раво дидан дуруст аст? Ҳаргиз! Ин дараҷаи олии беҳурматӣ ба номи баланди устод буд. Устод Айнӣ бо гуфти шогирди бовафояш Мирзо Турсунзода «оинаи дили халқу миллати тоҷик буд». Бо таъбири Лоҳутӣ «Асарҳои Айнӣ беҳтарин намунаи сайри тараққии адабии тоҷикон аст». Бо сухани Муҳаммад Осимӣ «Айнӣ бо навиштани асари «Намунаи адабиёти

тоҷик» давлатдории «миллии тоҷикро ҳифз кард». Бо санои нависандаи забардасти ӯзбек Комил Яшин «Айнӣ оқсақоли фарҳанги навини миллати тоҷик аст». Бо қалами нависандаи машҳури туркман Бердӣ Карбобоев «Шукри ифтихор бод ба халқи тоҷик, ки Садриддин Айнӣ барин истеъдоди комилро ба мо додааст». Бо зикри нависандаи машҳури олам Чингиз Айтматов «Айнӣ халкро дар арсаи таърих дар шахси одами нек таҷассум мекунад». Аз назари нависандаи маъруфи рус Павел Лукинский «Мо Айниро натанҳо ҳамчун олим, устоди барҷастаи сухан, балки ҳамчун қаҳрамони халқи тоҷик ҳурмат мекунем». Дар ҳаққи устод Айнӣ шахсони маъруфи олам мисли публисисти шӯълавари чех Юлиус Фучик, адиб ва муборизи матини Покистон Файз Аҳмади Файз дар як мазмун гуфтаанд, ки: «Айнӣ на танҳо нависандаи шумост, ӯ нависандаи мо низ мебошад». Ман боз метавонам ин ҷо даҳҳо баҳоҳои дар васфи устоди каломи бадеъ гуфтаи аҳли ҷомеаи ҷаҳонро оварам. Аммо аҳсан бояд гуфт ба Президенти кишварамон, мӯҳтарам Э.Ш.Раҳмонов, ки бо як фармони оқилона ва саривақтии хеш ин баҳоҳои арзандаи бузургонро ба ҳукми қонун даровaрда, Айниро бо унвони волои ифтихории «Қаҳрамони Тоҷикистон» мушарраф гардониданд.

Пас, ин ҷо такрор шавад ҳам ёдрас мешавем, ки нисбати устод Айнӣ барандаи филм Малик Қаюмов ҳарзагӯӣ кард, ки бо ин кирдори хеш на ин ки ба халқи тоҷик, балки ба аҳли зиёиёни ӯзбек ҳам иснод овард. Дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек, ки решаҳои қадима дорад, ба ҳамагон маълум аст. Мо аз як сарзамини биҳиштмакон нафас мекашем, аз як дарё об менӯшем. Рӯзҳои хурсандию мусибатро бо ҳам як хел дидаем. Дӯстии Ҷомию Навоӣ ва Айнию Ғафур Ғулом ҳамчун устоду шогирд оғоз ёфта, минбаъд ба як дарахти азими дӯстӣ табдил ёфта буд, ки ин рамзи дӯстии абадии ду халқи бузург — тоҷикону ӯзбекон мебошад. Падари шодравонам, яке аз аввалин маорифчиёни давраи шӯравӣ, Муаллими шоистаи Тоҷикистон Абдуғаффор Ҳасанов бо аксари аҳли илму адаб, мисли Абдулло Қодирӣ, Ғафур Ғулом, Чустӣ, Чархӣ, Ҳамид Ғулом муносибатҳои дӯстона доштанд.

Дар китобхонаи ман алҳол нашрҳои якуми ду асари нависандаи барҷастаи ӯзбек Абдулло Қодирӣ, яке «Ӯткан кунлар» (Тошканд: 1925, қ.1-2, 1926, қ.3) ва «Меҳробдан чаён» (Тошканд, 1929) маҳфуз аст. Аз хотироти падар бармеояд, ки аз рӯзи аввали шиносоӣ бо китоби «Ӯткан кунлар» он кас дилбохтаи он шуда, ҳатто чанд лаҳзаҳои хотирмони онро азёд медонистанд. Дар бораи таърихи китоби мазкур ва шиносоӣ бо Абдулло Қодирӣ падарам дар маҷмӯаи «Абдулло Қодирий замондошлари хотирасида» («Абдулло Қодирӣ дар хотироти ҳамзамонон») Тошканд, 1986, чунин менависанд:

«Моҳи январи соли 1926 дар шаҳри Самарқанд анҷумани якуми коркунони фарҳангии Ӯзбекистон баргузор гардид, ки имрӯза қаламрави вилояти Ленинобод он вақт тобеи Ӯзбекистон буд. Дар ин анҷуман чанд лаҳзаҳои аҷиб рӯй дод, ки яке аз онҳо вобаста ба китоби А.Қодирӣ «Ӯткан кунлар» аст. Пеш аз оғози анҷуман раиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ӯзбекистон Юлдош Охунбобоев бо вакилон вохӯрданд ва китобҳое, ки дар ду мошин оварда шуда буд, ба мо тақсим карда доданд. Дар байни китобҳо «Ӯткан кунлар» буд, ки муаллиф ҳамчун шоҳид касифтарин ва

тиратарин рӯзҳои гузаштаро моҳирона ва ҳақбинона ба қалам додааст. Ба ман муяссар шуд, ки баъдтар китоби дигари Абдулло Қодирӣ — «Меҳробдан чаён» («Каждуми аз меҳроб»)-ро дастрас кунам. Маҳз китобҳои адиб меҳру муҳаббати маро ба ӯ наздик кард».

Минбаъд падарам муносибати дӯстонаро бо фарзанди Абдулло Қодирӣ — Ҳабибулло Қодирӣ идома додаанд. Он кас борҳо меҳмони падарам шуда, китоби дар ҳаққи падараш бо номи «Дар васфи падар» навиштаашро бо соядаст тақдим кардааст. Падарам хоҳони он буданд, ки китоби «Ӯткан кунлар» бо забони тоҷикӣ чоп шавад. Адиби номӣ Абдусалом Деҳотӣ онро ҳанӯз соли 1937 ба тоҷикӣ баргардонида буд. Устод Айнӣ онро аз назар гузаронида, дар ҷойҳои заруриаш қалам расонида, ба чопаш розигӣ доданд. Аммо, мутаассифона, ҳамон шабу рӯзҳо Абдулло Қодириро душмани халқ хонда, ҳабс карданд ва охирон ба қатл расонданд. Дастхати тоҷикии аз тарафи А.Деҳотӣ ба анҷом расонида шуда дар оташдон соли 1938 сӯзонда шуд. Шукри бепоён, ки ин китоби Абдулло Қодирӣ соли 2002 аз тарафи нашриёти «Адиб» дар тарҷумаи адиб ва рӯзноманигор Истад Қосимзода ба номи «Рӯзгори мозӣ» аз чоп баромад.

Падарам махсусан бо шоири номии ӯзбек Ғафур Ғулом риштаи дӯстиро хеле самимона ва бародарона то охири умр идома додаанд. Ғафур Ғулом муаллифи қатор-қатор ҳикояву очеркҳо, драмаҳо, мақолаҳои публисистӣ ва дар байни халқ ҳамчун шоир шӯҳрати калон дошт. Он кас ба адабиёти тоҷик эҳтироми хосе дошта, устод Айниро ҳамчун муаллими худ меҳисобиданд. Ғ.Ғулом забони тоҷикиро хуб медонист ва тамоми адабиёти классикии моро аз нусхаи асл мехонд. Ман борҳо шоҳиди сӯҳбатҳои эшон бо падарам будам. Ҳар боре Ғ.Ғулом ба хонаи мо оянд, тамоми вақти хешро бо хондани китобҳои ниёгони мо сарф мекарданд. Файзу таровати шеъри тоҷику форс дар ашъори шоир ҳис карда мешуд.

Дар байни мактубҳои ба унвони падарам ирсолкардаи Ғ.Ғулом матни ба тоҷикӣ навиштаи эшон низ баромад. Дар мактуби аз санаи 30 марти соли 1957 навиштаи Ғ.Ғулом бармеояд, ки муҳаббати ӯ нисбати падарам, нисбати халқи тоҷик, бо фарзандони фарзонаи он баланд будааст. Ҳоло чанд ҷумлаи мактуби навиштаи шоирро айнан меоварам:

— «Бародари мӯҳтарами мо Мулло Абдуғаффор ибни Ҳасани Хистеварзӣ.

Баъд аз саломи беҳад ва беадад маълум ва рӯшан бод, ки аз меҳмонии ҷаноби Шумо баромада ба шаҳри Хӯқанди Фарғона рафта, вазифаҳои ба худамон супурдашударо мукаммал адо намудем. Саҳарии 28 март тахминан дар соатҳои 6 бозгашт ба Хистеварз (Қистакӯзро дар назар дорад — У.Ғ.) омадем, азбаски дар он вақт ҳама ғарқи хоб буданд, ба рафиқон ташвиш доданро муносиб надида, ба роҳ равона шудем. Аммо дар қалби мо ба бародарони дар он ҷо будагӣ ташаккури беҳад ҷӯш мезад...»

Бо эҳтиром Ғ.Ғулом, 30 марти соли 1957».

Ин суханони самимӣ далели он аст, ки Ғафур Ғулом тараннумгари дӯстӣ бо халқи тоҷик буд. Шоир дар яке аз шеърҳои худ гуфтааст:

*Ӯзбеку тоҷик ҳоло ду бародар, ҳамҳуқуқ,*
*Асрҳо тақдири мо як буду як ҷону танем.*
*Андар ин арса бапо кардем сарбанди бузург,*
*Орзуҳои падарҳоро муҳайё мекунем.*

Дар ин шеър шоир «Андар ин арса барпо кардем сарбанди бузург» гуфта, сохтмони сарбанди истгоҳи нерӯи барқии Қайроқумро дар назар дорад.

Ман ин ҷо метавонам боз чандин мисолҳоро оварам, ки аз дӯстии ду халқи бо ҳам бародар шаҳодат медиҳад. Мутаассифона чунин ҳарзагӯиҳои дар ҳаққи адиби забардасти олам Садриддин Айнӣ гуфтаи Малик Қаюмов ин дӯстиро халалдор мекунад. Ба он кирдораш Бедил хуб ҷавоб мегӯяд:

*Интиқоми ҳарзагӯёнро ба хомӯшӣ гузор,*
*Тег мегӯяд ҷавоби мурги ноҳангомро.*

***с.2004***

## ПУШТИБОНИ БУЗУРГМАРДОНИ МИЛЛАТ
### *Илҳом аз мақолаи Р.Масов ва Ш.Султонов «Ҷонбохтаи адолат ва армони халқ»*

Олими номии тоҷик Акбар Турсунов дар сӯҳбати дар идораи «Тоҷикистони советӣ» ба амал омада, ки матни он 19 январи соли 1988 дар рӯзномаи мазкур чоп шуда буд, масъалаи омӯзиши ҳаёту фаъолияти яке аз фарзандони арзандаи халқ, шахсе, ки барои ташкили давлатдории тоҷик ҷонбозиҳо кардааст, — Абдулқодир Муҳиддиновро бардошта буд. Ӯ аз ҷумла гуфта буд:

— Аз сарнавишти Абдулқодир Муҳиддинов имрӯзиён чӣ медонанд? Магар медонанд, ки ӯ аз меҳанпарастоне буд, ки барои халқи тоҷик ва пирӯзии инқилоб хизмати бузург кардааст? Вай аз револютсионерҳои ҳақталоше буд, ки бар алайҳи пантуркизм размида, худ қурбони тӯҳмати онон гардид.

Хурсандиовар аст, ки рӯзи 12 сентябри соли 1989 рӯзномаи дӯстдоштаамон «Омӯзгор» хонандагони худро василаи мақолаи олимони мӯҳтарам Раҳим Масов ва Шукур Султонов бо фаъолияти Абдулқодир Муҳиддинов шиносонид.

Баъди хондани мақола хостам як паҳлӯи рӯзгори ин марди бузург, яъне дӯстии ӯро бо дигар фарзанди бузурги халқи тоҷик — Садриддин Айнӣ нишон диҳам. Устод Айнӣ аз ибтидо бо хонадони А. Муҳиддинов муносибати хуб дошт ва баъдтар баъзе лаҳзаҳои онро дар асарҳои худ нишон додааст. Чунон ки устод дар «Таърихи инқилоби Бухоро» қайд мекунад, падари А. Муҳиддинов Мирзо Муҳиддин Мансур дар қатори дигар одамони давлатманд ва пешқадами Бухоро дар паҳн кардани ақидаҳои прогрессивӣ ва махсусан маърифатноккунии мардуми Бухоро роли калон бозидааст.

Мирзо Муҳиддин Мансур бо писараш Абдулқодир ва Мирзо Сироҷи Ҳаким дар хусуси баровардани газета аз ваколатхонаи дар Когон будаи русҳо иҷозат гирифтанд ва тавассути чунин одамони маърифатпарвар аз

11 марти соли 1912 газетаи нахустини тоҷикии «Бухорои шариф» баромад. Аз моҳи сентябри ҳамон сол нашри он тамоман ба дасти Мирзо Муҳиддин Мансур гузашт. Дар чунин оилаи давлатманди маърифатпарвар писари ӯ Абдулқодир низ чун шахси пешқадами замон тарбият ёфт. Дар ин хусус як далели аҷибро аз устод С. Айнӣ овардаинем. Моҳи октябри соли 1908 дар гузари Саллоҳхонаи Бухоро, дар ҳавлии Мирзо Абдулвоҳид аввалин мактаби усули нав кушода мешавад. Толибилмон ба воситаи муаллим Абдураҳмон Саидӣ ба мутолиаи маҷмӯа (журнали туркии «Сироти мустақим») муваффақ шуданд, ки он дар Туркия нашр мешуд. Дар ин маҷмӯа масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии инқилобӣ ба оят ва ҳадисҳо татбиқ шуда, баён меёфтанд, ки ин дар тафаккури онҳо тағйироти ҷиддӣ ба амал меовард. «Тааҷҷуб дар ин ҷост, ки, — менависад С. Айнӣ, — Абдураҳмон ин маҷмӯаро аз писари дуюми Мирзо Муҳиддин — аз Мирзо Абдулқодир амонат гирифта оварда буд, ки ӯ ҷавони 15-16-солаи мадрасанодидае буд. Аз Истанбул барин як ҷои дур чунин як маҷмӯаи бо нақли оят ва ҳадисҳо таълифёфтаро оварда мутолиа кардани як ҷавони мадраса нахонда барои мо барин талабаҳои мадраса боиси басо ҳайрат ва тааҷҷуб буд. Акнун мо ба ҳамватанони худ бо чашми дигар ва бо дили пурумед нигоҳ мекардагӣ шудем ва умеди худро бештар ба муллоёни мадрасахон не, балки ба ҷавонон, ки мағзашон бо сафсата ва хурофот пур ва вайрон нашудааст ва аз хонадонҳои авом баромаданд, бастем». (С. Айнӣ «Таърихи инқилоби Бухоро», Душанбе, 1987, с. 34).

Баъд аз ин С.Айнӣ нисбат ба Абдулқодир Муҳиддинов як эҳтироми хос пайдо мекунад ва дӯстии онҳо то охир давом мекунад. Дар лаҳзаҳои душвори давраи ҷанги якуми ҷаҳонӣ, ки таъсири манфии он дар сарзамини Бухорои амирӣ ҳам ҳис шуда буд, Абдулқодир Муҳиддинов ёрии моддии худро нисбат ба С. Айнӣ дареғ надошт. Аз моҳи сентябри соли 1915 то моҳи апрели соли 1916 С.Айнӣ дар заводи падари Абдулқодир Муҳиддинов ҳамчун тарозубон кор кард. Соҳиби завод Муҳиддин Мансур чун шахси бомаърифат барои кори С.Айнӣ ҳамаи шароитро муҳайё намуд, то ки ӯ аз эҷоди адабиаш дур нашавад. Дар ҳамин вақт С.Айнӣ урфу одати коргарони заводро омӯхт, ки баъдтар он дар повести «Одина» тасвир шуда буд.

Дар муддати моҳҳои феврал-июли соли 1910 дар рӯзномаи мусулмонони Россия «Вақт» таҳти унвони «Мактубҳо аз Бухоро» якчанд силсилаи мақола бо номи умумии «Аз аҳволи Бухоро» чоп шуд. Ин мақолаҳо афкори умумро ба ҷунбиш овард. Ҳақиқатҳои зиёде ба саҳифаи матбуот баромада, ба ҷавонон раҳнамо шуд. Муаллифи мақолаҳо, ки бо имзои «Бухороӣ» баромад мекард, сохти амириро рӯирост танқид ва мардумро ба маърифатпарастӣ даъват мекард. Касе намедонист, ки он «Бухороӣ» кист. Аз шахсони пешқадами Бухоро фақат устод С. Айнӣ медонист, ки он «Бухороӣ» Абдулқодир Муҳиддинов аст. Баъдтар устод С. Айнӣ дар бораи он дар «Таърихи инқилоби Бухоро» чунин навишта буд: «Мо аз мақолаҳои «Бухороӣ», ки ҷавонони онрӯзаро фикран бо ҳам пайваста, афкори умумиро то ҳадде ба ғалаён меоварданд, барои аҳамияти таърихиашон порчаҳои болоиро нақл кардем. Таърихчаи мо ғунҷоиши зиёда аз инро надорад. Касоне, ки дар ин бора

тафсилоти бештаре мехоҳанд, ба шумораҳои аз моҳи феврал то июли соли 1910 нашршудаи газетаи «Вақт» муроҷиат карда метавонанд».

Бо ташаббуси Мирзо Муҳиддин Мансуру писараш Мирзо Абдулқодир ва дигар одамони пешқадами Бухоро соли 1916 дар ин ҷо ҷамъияти «Тарбияи атфол» ташкил карда шуд, ки мақсад гузаронидани ислоҳот дар мактабу мадрасаҳо ва паҳн намудани маърифат дар байни халқ, таҳсили бепули кӯдакону калонсолон буд. Ба ин ҷамъият махсусан Мирзо Муҳиддин Мансур ва писараш Абдулқодир, Шарифҷон Махдуми Садри Зиё ва Қозӣ Саидҷон маблағи калон мегузарониданд. Бо кӯмаки ҳамин ҷамъият соли 1917 асари С. Айнӣ «Таҳзиб-ус-сибён» дубора чоп карда шуд.

Соли 1917 Мирзо Муҳиддин Мансур раиси Комитети ҷавонбухориён интихоб мегардад ва ҳамроҳи Файзулло Хоҷаев, Абдулқодир Муҳиддинов, Садриддин Айнӣ ва дигар инқилобчиён баҳри сарнагуни сохти аморат мубориза мебарад. Пас аз воқеаи Колесов (ибтидои соли 1918) дар натиҷаи авҷ гирифтани иртиҷоъ дар аморат барои ҷавонбухориён, ки аз тартиботи ҳамонвақтаи амир норизо буданд, ба Бухоро баргаштан ғайриимкон шуда монд. Аз байни ин гурӯҳ Абдулқодир Муҳиддинов ва Файзулло Хоҷаев тарафдори программаи РКП(б) буданд ва бо ин мақсад соли 1918 ҷамъомади умумии коммунистони Бухоро дар Тошкент барпо гардид. 25 сентябри соли 1918 дар он ҷо Партияи Коммунистии Бухоро ташкил ёфт ва дар съезди якуми он А. Муҳиддинов ба ҳайати КМ интихоб шуд. Партияи Коммунистии Бухоро органҳои чопии худ «Тонг» ва «Кутулиш»-ро ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ паҳн мекард. Аз рӯи қайди Ф. Хоҷаев «кори газетаи «Кутулиш» асосан ба ихтиёри С.Айнӣ ва А. Муҳиддинов супорида шудааст».

Мувофиқи маълумоти С.Айнӣ рӯзномаи мазкур дар тамоми кишвари Бухоро паҳн шуда, тамоми фуқароро ба ҷунбиш даровард.

Рӯзи дуюми сентябри соли 1920 дар таърихи халқҳои Бухоро рӯзи ғалабаи инқилоби халқӣ буд. Яке аз иштирокчиёни фаъоли инқилоб А. Муҳиддинов 14 сентябри соли 1920 дар маҷлиси якҷояи Партияи Коммунистии Бухоро, Комитети инқилобӣ ва Шӯрои Нозирони Халқ раиси Комитети инқилобии Ҷумҳурияти халқии Шӯроии Бухоро таъин гардид.

6 октябри соли 1920 дар анҷумани якуми Умумибухороии намояндагони халқ А. Муҳиддинов «Дар бораи сохти давлати Бухорои инқилобӣ» маърӯза карда гуфта буд:

«Одамоне, ки дар атрофи амир ҷамъ омада буданд, тамоман бесаводу бехираданд. Барои ба мансаби вазирӣ соҳиб шудани онҳо доштани маълумот шарт набуд. Аз ин гуна амалдорони бесавод чӣ умед бастан мумкин буд? Оё онҳо баҳри ободонии мамлакат, таъмири кӯчаю сардобаҳо мекӯшиданд? Ҳаргиз. Онҳо фақат аз халқи бечора ситондани андозро медонистанду халос. Ба онҳо на танҳо андоз, балки духтарону ҷавонони зеборо пешкаш мекарданд. Мана симои ин разилон, фисқу фуҷури амалдорони ҳукумати амирӣ, ки аз тарафи халқ сарнагун карда шуд. Аз ҳамин рӯз вазифаи муқаддаси мо маърифатноккунии халқ ва кӯшидан баҳри беҳбудии он бошад. Мо фарзандони шоистаи худро дорем ва онҳоро ба ин кори хайр ҷалб намоем» («Бухоро ахбори», 1920, 11 октябрь, № 5).

Абдулқодир Муҳиддинов дар кори маърифатноккунии халқ дӯсти хирадманди худ Садриддин Айниро ҷалб карданӣ шуд. Аммо устод он солҳо асосан дар Самарқанд истиқомат дошт. Бо сабаби нодорӣ ва тангии рӯзгор хонадоршавии С. Айнӣ тӯл кашида буд. Охирҳои соли 1920 яке аз занони босаводу пешқадами Самарқанд Амбарбегим, ки баъди вафоти шавҳар фарзандонашро танҳо ба воя расонида буд, духтари хурдии худ Салоҳатбегимро ба С. Айнӣ ба никоҳ медарорад. Аммо С. Айнӣ барои харидани либоси арӯсӣ ва гузаронидани маъракаи тӯй пули лозим надошт. Дар ҳамон рӯзҳо А. Муҳиддинов, ки барои устодро ба корҳои маорифи халқи Бухорои Шӯроӣ ҷалб намудан омада ва аз ин танқисии пул бохабар шуда буд, ӯро мадад кард.

Дар масъалаи ҳавлӣ ҳам С. Айнӣ ташвишҳои зиёдро аз сар гузаронд. Дар аввал дар як хонаи танги модарарӯс зиндагӣ кард, ки он барояш дар як вақт утоқи кор ба ҳисоб мерафт. Дар ҷустуҷӯ ва харидани ҳавлии алоҳида ба сари С. Айнӣ бисёр мушкилиҳо омад, зеро ба харидани он пули зарурӣ надошт. Дар ин маврид ҳам ба ёрии ӯ Абдулқодир Муҳиддинов ҳозир шуд ва аз маҳаллаи Кӯрғончаи Самарқанд ҳавлии нисбатан хуби Хушкомилбой ном шахсро хариданд. Ба ин кори хайр А. Муҳиддинов 150 сӯм пули тиллои худро дареғ надошт. Моҳи сентябри соли 1923 ба ин ҳавлӣ С. Айни кӯчида омад ва то охири рӯзи ҳаёташ асосан дар ин ҷо зиндагӣ кард ва ҳамаи асарҳои ҷовидонаи худро аз «Одина» сар карда, то «Ёддоштҳо» дар ҳамин ҷо навишт.

Дар ин ҷо саховатмандии А. Муҳиддиновро пеши назар оварда, қадршиносию ғамхории Ф.Энгельс, ки дар лаҳзаҳои душвору мӯҳтоҷии К. Маркс кардааст, ба ёд меояд. Аз ин некиҳои Ф.Энгельс баъдтар К. Маркс ба ваҷд омада навишта буд: «Энгельс бароям дуюмин аст». Барои С. Айнӣ ҳам А. Муҳиддинов ҳамин хел шахси ғамхор буд.

Баъди соли 1924 ташкил шудани Ҷумҳурияти мухтори Тоҷикистон Абдулқодир Муҳиддинов муовини раиси Кумитаи инқилобии ин ҷумҳурият таъин мегардад ва бахри инкишофи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ мубориза мебарад. Мутаассифона, пантуркистон ҳамлаҳои нави худро сар карданд. Онҳо рӯирост чунин як даъвои ҳайратангезро пеш гирифтанд, ки гӯё дар замони советӣ, замони болшевизм бо забони тоҷикӣ, забоне, ки пеш аз инқилоб дар аморати Бухоро забони давлатӣ буд, гуфтугӯ намудан ба сиёсати партия мувофиқ намебошад. Дар хусуси ин даъвоҳо соли 1925 намояндаи мухтори доимии ҳукумати Ҷумҳурияти мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Шириншо Шотемур бо ҳидояти А. Муҳиддинов, С. Айнӣ ва дигар равшанфикрони тоҷик ба унвони Котиби Генералии КМ РКП(б) И.В.Сталин мактуб навишта, аз ҷумла қайд карда буд: «Охир чунин даъвои пантуркистон дар хусуси забони тоҷикӣ бемаънӣ ва ҳайратангез буда. монанди он аст, кӣ баъди инқилоб дар Россия забони русиро забони давлатии Ҳукумати подшоҳӣ, Ҳукумати Николаи II буд, гӯянду таъқиб кунанд. Чунин ҳолат ба ақидаҳои доираҳои панисломӣ, пантуркӣ мувофиқ буд.

Ҳалли масъалаи тоҷикон барои тамоми СССР аҳамияти бузург дорад, зеро тоҷикон ғайр аз Осиёи Миёна дар давлатҳои ҳамсоя (Эрон, Афғонистон

ва Ҳиндустон) низ бисёранд» (М. Р. Шукуров, «Очерки таърихи ташаккули маданияти социалистии тоҷик», Душанбе, 1969, саҳ.129).

Дар ҳамин марҳилаи нави муборизаи пантуркистон А.Муҳиддинов ҳамчун яке аз роҳбарони Ҷумҳурияти Мухтори Тоҷикистон рӯзи 6 марти соли 1925 шахсан аз устод С.Айнӣ хоҳиш мекунад, ки таърихи адабиёти тоҷикро аз давраи қадим то имрӯз нависанд ва бо ҳамин маданияти бои халқи худро исбот намоянд. Устод С. Айнӣ ин ҳидояти А. Муҳиддиновро бо тезӣ иҷро кард ва асари барҷастаи худ «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро офарид, ки он соли 1926 дар Москва нашр гардид. Ба гуфти устод С.Айнӣ, «Намунаи адабиёти тоҷик» бо фактҳои таърих пардаи он иғвогаронро дарронид ва ба даҳони онҳо, (яъне пантуркистон — У.Ғ.) мӯҳри хомӯшӣ зад».

Устод С. Айнӣ бароямон имрӯз бузургтарин фарзанди халқамон ба ҳисоб меравад. Ба таъбири шогирди бофавои ӯ Сотим Улуғзода, ки дар рӯзҳои вопасини С.Айнӣ гуфта буд, гӯем: «Дар адабиёти форсу тоҷик вафоти устод Айнӣ дуюмин талафоти гарон аст баъди Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ». Пас бояд он некиҳоеро, ки Абдулқодир Муҳиддинов дар он солҳои вазнин ба чунин фарзанди бузурги мо кардааст, фаромӯш накунем. Худи факти ба устод ҳидоят кардани таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик», ки он дар исботи мавҷудияти таърихии халқи тоҷик, омӯзиши мероси адабии он роли калон бозидааст, беҳамтост. Аз ин ҷост месазад, ки имрӯз зиндагиномаи А. Муҳиддиновро офарем, номи некашро ба кӯчаю хиёбонҳо гузорем ва ҷовидонӣ кунем.

## АДИБИ ИНҚИЛОБӢ ДАР ХУҶАНД

Дар гузашта шаҳри бостонии Хуҷанд ва қишлоқҳои он ҳамеша диққати аҳли илму адабро ба худ ҷалб мекард. Ин шаҳрро устод Айнӣ бо як муҳаббат «Тирози ҷаҳон» номидааст. Устод Турсунзода, ки баъди анҷоми дорулмуаллимини Тошкент фаъолияти меҳнатии худро дар ин ҷо сар кардааст, то охири умр дилбохтаи ин шаҳр буд.

Шоири инқилоби Абулқосим Лоҳутӣ аҳамияти ин шаҳрро дар гузаштаю имрӯза қайд карда, шеъри «Ёри хуҷандӣ»-и худро ба ин шаҳр бахшидааст. А.Лоҳутӣ ҳанӯз ибтидои солҳои сиюм борҳо ба ин сарзамин омада, васфи колхозчиёни сарбаланди ӯ, абрешимчиёни серғайрати вай, одамони меҳнатдӯсти ин ҷоро кардааст. Алалхусус муваффақияти колхозҳои овозадори онвақтаи райони Хуҷанд, ба монанди «Коминтерн», «Сотсиализм» ба номи А.Лоҳутӣ ва ба номи Молотов шоирро хушнуд мекарданд ва ӯро водор карда буданд, ки меҳнати қаҳрамононаи деҳқононро васф намояд. Бо ин нияти нек шоири инқилобӣ солҳои 1932-1933 меҳмони баҳодурони саҳро шуда буд. Таассуроти ин сафари худро шоир баъдтар дар достони машҳураш «Тоҷ ва байрақ» ва шеъри машҳури худ «Хабар» ба қалам додааст.

Дар достони «Тоҷ ва байрақ», ки бо вазни анъанавии мутақориби мусаммани мақсур — вазни «Шоҳнома»-и машҳури Фирдавсӣ навишта шудааст, шуури баланду вазифашиносии колхозчӣ, мусобиқаи сотсиалистӣ ва сабабҳои ба даст овардани ҳосили баланд ва кушодани олами рӯҳии деҳқонони

советӣ дар муқоиса бо тоҷпарастии давраи шоҳӣ ва афзалияти мусобиқа барои байрақ тасвир ёфтааст. Дар бораи таърихи навишта шудани ин достони машҳури А.Лоҳутӣ «Дар бораи таҷрибаи эҷодии худ» (соли 1935) хеле хуб маълумот дода, аз ҷумла ӯ чунин гуфтааст: «Ҳоло ман дар болои достони нави «Тоҷ ва байрақ» кор мекунам. Ман ин достонро бо хотиррасон кардани воқеаи зерин аз «Шоҳнома» шурӯъ мекунам: Дар байни Эрон ва Тӯрон ҷанги хунине меравад. Дар ҷанги тӯлонӣ ва серталафоте шоҳзода ва валиаҳди тоҷу тахти Эрон дар канори Сайҳун (Сирдарё) кушта мешавад. Эрониён фурсате ёфта ҷасади шоҳзодаро аз майдони ҷанг мебароранд, зеро ки тоҷи шоҳзода дар майдони ҷанг мондааст. Номуси миллии Эрониён иҷозат намедиҳад, ки тоҷи шоҳаншоҳашон дар дасти душман бимонад. Дубора оташи ҷанг дармегирад, аммо ин дафъа тоҷ даҳҳо бор дар байни ду лашкар даст ба даст мегузарад. То охир он дар дасти Эрониён мемонад. Фирдавсӣ, чунон ки шумо медонед, бузургтарин ихтироъкори назм аст. Васфи ин ҷангро ӯ бо қуввати ҳайратангезе анҷом додааст. Фирдавсӣ дар ин қисса хостааст номуси миллӣ ва ғурури миллиро аз ҳар чизе баландтар нишон диҳад, ғояи ӯ ҳамин будааст.

Ман дар замони худамон дар соҳили ҳамон Сайҳун — дарёи Сир шоҳиди кашмакашии дигаре гардидам. Ду тарафи мухолиф дар даст яроқи ҷангӣ не, балки асбоби истеҳсолӣ доштанд. Дар байни ду бригадаи истеҳсолӣ барои ба даст даровардани байрақи сурх мусобиқа мерафт. Байрақ даҳҳо бор аз як бригада ба бригадаи дигар гузашт. То охир яке аз онҳо тамоман ба байрақ соҳиб шуд. Ман номуси меҳнатӣ, қаҳрамонии меҳнатиро ғояи асари худ қарор медиҳам».

Дар колхози «Коминтерн»-и Хуҷанд соли 1932 баъди мулоқоти самимии А.Лоҳутӣ бо колхозчиён як ҳодисаи аҷибе рӯй медиҳад. Ӯрунзода ном зане кӯдаки гандумгуну фатиламӯйро оварда аз шоир дархост намуд, ки набераи ӯро як бор ба даст гирифта бӯса кунад. То вай ҳам ӯ барин ба иззату ҳурмат ва асосаш ба ҷамъият нафъ орад.

Устод А.Лоҳутӣ кӯдакро ба даст гирифта бӯсид. «Акнун аз вай пурсед, ки бобояш — роҳбари мо дар куҷо?» — боз хоҳиш кард зан. Ҳангоме А.Лоҳутӣ инро аз кӯдак пурсид, ӯ бо чашмони сиёҳи шӯх ба атроф нигарист ва расми калони В.И.Ленинро аз девор нишон дод. Лоҳутӣ аз ин бениҳоят хушнуд шуда, як китоби худро бо соядаст ба модаркалони кӯдак тақдим кард ва ягон панҷ дақиқа нагузашта гуфт:

*Ҳар куҷо бипурсӣ*
*Ку роҳбари мо?*
*Бача, ки ҳанӯз пистон мемакад,*
*Гап намедонад, бо ангушт, аммо*
*Акси Ленинро нишон медиҳад.*

Адиби маъруф Раҳим Ҷалил, ки дар ин вохӯрӣ ҳамроҳи устод иштирок дошт, гуфтанд, ки баъдтар Лоҳутӣ лаҳзаҳои он сафари худро дар шеъри калонаш «Хабар» тараннум намудааст. Сатрҳои болоӣ чун банде ба он дохил

шуда ва тамоми мазмуни ин шеър иборат аз дидаю шунидаҳои шоир дар колхозҳои Хуҷанд сурат гирифта буд. Чунончи, А.Лоҳутӣ дар ин шеъраш менависад:

*Наздики Хуҷанд ду рӯз муқаддам*
*Ман дар колхози «Молотов» будам.*
*Бо колхозчиҳои «Коминтерн» ҳам*
*Як ҷо нишаста сӯҳбат намудам.*
*Баъзе колхозҳо плани худро*
*Саду сӣ фоиз иҷро кардаанд.*
*Барои кино, курсу дигарҳо*
*Биноҳои нагз барпо карданд.*

Солҳои сиюм халқи тоҷик ба комёбиҳои калони соҳаи пахтакорӣ соҳиб шуд. Онҳо дар саҳми шиори муҳимтарини онвақтаи партия ва ҳукумат «Барои истиқлолияти пахта» саҳми калон гузошта, баҳри зиёд гирифтани ҳосили баланди он кӯшиш мекарданд. Муваффақияти пахтакорони колхозҳои овозадори онвақтаи Хуҷанд ба монанди «Коминтерн», «Сотсиализм», ба номи Лоҳутӣ, шоирро шод мегардонанд. Мутаассифона, соли 1934 барои пахтакорони тоҷик соли ниҳоят душвор омад. Абулқосим Лоҳутӣ бошад, ба таври мураттаб аз шаҳри Москва дар бораи рафти вазъияти пахтасупории деҳқонони Хуҷанд бо воситаи матбуот бохабар шуда меистод. Инак, 26 ноябри соли 1934 пахтакорони Хуҷанд дар республика аввалин шуда плани пахтасупориро иҷро карданд. Ҳамоно муҳаррири газетаи «Бо роҳи ленинӣ» Тоҷӣ Усмон, котиби масъули газета Раҳим Ҷалил ва сардори шӯъбаи сиёсии МТС-и Хуҷанд Баскаков ба шаҳри Москва, ба номи Лоҳутӣ телеграмма фиристоданд, ки матни он дар газетаи «Коммунист Таджикистана» аз 14 декабри соли 1934 чоп шуда буд: «Лоҳутии азиз! 20 ноябри соли 1934 райони Хуҷанд плани супориши пахтаро иҷро кард. Ва аз ҳама муҳиммаш дар он ки иҷрои плани пахтаи мисрӣ 116 фоиз таъмин карда шуд. Дар ин комёбии колхозчиён ва колхозчизанон шеърҳои баландмазмуну пуртаъсири ту ба мо илҳом бахшид. Дар муваффақияти пахтакорони район ҳиссаи «Лоҳутии мо» хеле калон аст. (Дар ин ҷо «Лоҳутӣ»-и мо гуфта колхози пешқадами онвақтаи район, ки ҳоло як қисми колхозҳои ба номи Д.Азизов ва «Тоҷикистон»-и районро ташкил мекунад, дар назар дошта шудааст).

Абулқосим Лоҳутӣ аз ин муждаи тоза ва фараҳбахш ба ваҷд омада, ба унвони редаксияи «Бо роҳи ленинӣ» бо шеър табрик фиристода буд:

*Эй Хуҷанд,*
*Эй болшевики номдор!*
*Фатҳи нав кардӣ,*
*Браво! Офарин!*
*Аз таҳти дил, аз даруни ҷон, ба ту*
*Ҳурмати комил, саломи оташин!*

Инчунин ба унвони колхози ба номи Лоҳутии деҳаи Қистакӯз низ телеграмма фиристода буд, ки матнаш дар газетаи «Бо роҳи ленинӣ» ва «Про-

летари Хуҷанд» чоп шуда, он дар ҷилди 6-уми «Куллиёт»-и А.Лоҳутӣ дохил шудааст.

«Колхози ба номи Лоҳутии Қистакӯз, Тоҷикистон, Хуҷанд. Бо шунидани хабари ғалабаҳои нави шумо дил ғарқи шодӣ мегардад. Ваъдаатон дар бораи сохтани биноҳои мактаб, клуб, китобхона ва барҳам додани бесаводӣ ба кучо анҷомид. Дар ҷабҳаи маданият ҳам ғалаба кунед, рафиқон! Лоҳутии шумо».

Абулқосим Лоҳутӣ пеш аз ҳама дар баробари пешравии кори пахтакорӣ вай хоҳони он буд, ки халқ дар ҷабҳаҳои ҳаёти маданӣ ҳам натиҷаҳои калон ба даст оварад. Мардуми деҳаи Қистакӯз дар асл дархостҳои устодро дар аввал иҷро карданд ва дар соҳаи маърифатнокӣ ба комёбиҳои назаррас соҳиб шуданд. Абулқосим Лоҳутӣ аз ҳар як комёбӣ, муваффақият ва ҳаёти осудаҳолонаи колхозчиён шоду мамнун мешуд ва аз ин илҳом гирифта, шеъру таронаҳои худро аз тахти дил месуруд.

Дар охир, мо дар соли ҷашни устод арз доштем, ки дар он колхозҳое, ки шоир баромад карда буд, лавҳаи ёдгорӣ гузошта шавад. Махсусан дар участкаи Дмитрови колхози ба номи Д.Азизов, ки пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ номи Лоҳутиро дошту устод ду маротиба дар ин ҷо сухан гуфта буд, гузоштани лавҳаи ёдгорӣ айни матлаб мешуд.

***с. 1987***

## ДУ СИМОИ БАРҶАСТАИ ТАЪРИХ

Ҳини кушодани Академияи илмҳои Тоҷикистон 14 апрели соли 1951 сарвари ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ, олим Б.Ғ.Ғафуров гуфта буд: «Мо метавонем истеҳсоли пахтаро ба 1 милён тонна расонем, аммо бо ин касеро ба ҳайрат намегузорем. Аммо эҳёи таъриху маданияти мо ва махсусан замони тиллоии вай — Сомониён метавонад шӯҳрати аз даст рафтаи халқи тоҷикро барқарор кунад».

Ин гуфтаҳои аллома Бобоҷон Ғафуров оид ба эҳёи таърихи фарҳанги ниёгон ва пеш аз ҳама давраи Сомониён ба мо рӯҳи наву тоза мебахшад. Гузаштаро ба хотир овардан, моро мафтун ва ҳастиамонро ғанӣ мегардонад ва аз ҳама муҳимаш вай пандомӯз аст ва моро водор месозад, ки ба имрӯзи худ бо диди нав назар андозем. Мехоҳем халқи тоҷик қиблагоҳи худ — симои ифтихори миллии худро дошта бошад, балки парастандаи шахсоне гардад, ки кори онҳо чун Исмоили Сомонӣ намуна бошад. Эътироф бояд кард, ки шоҳ Исмоили Сомонӣ ана ҳамин гуна шахсият буд. Парчами абадзиндаи Давлати Сомониён ва ҷаҳду талошҳои Исмоили Сомонӣ барои эҳёи суннатҳои миллӣ, оинҳои деринаи давлатдорӣ, муттаҳидсозии қавму халқиятҳои парокандаи тоҷик ва поягузорӣ намудани давлати соҳибистиқлоли тоҷикон дар аҳди абарқудрати хилофати араб барои имрӯзиён пандест ибратомӯз ва ҳидоятгар. Пас арзанда аст, ки бо гуфти Президенти Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ному мартабаи ин шоҳи шоҳон Исмоили Сомонӣ чун офтоби эътиқод дилҳоямонро рӯшан кунад, чун қасаму сухани рост вирди забонамон бошад, чун доҳии ҳар як тоҷики имрӯзу оянда монад.

Бобоҷон Ғафуров баъди он, ки директори Институти шарқшиносии АИ ИҶШС таъин гардид, дар Кунгураи XXIV байналхалқии ховаршиносон дар Мюнхен соли 1957 таҳти унвони «Сабабҳои болоравӣ ва инқирози Сомониён» аввалин маърӯзаи илмӣ мекунад.

Дар ин баромад Б.Ғафуров мақоми бузурги Исмоили Сомониро махсус қайд карда мегӯяд, ки вай бо маънои томаш бо гуфти муаррихи номӣ Наршахӣ «девори Бухоро» буд. Маҳз дар замони Исмоили Сомонӣ илму фарҳанг, сохти идоракунии мамлакат ва ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ пеш рафт.

Мо дар асоси омӯзиши ҳаёти сиёсию фарҳангӣ ва давлатдории ин ду симои барҷастаи таърихи халқамон дарк кардем, ки тақдири Исмоили Сомонию Бобоҷон Ғафуров аз бисёр ҷиҳат як аст ва онҳо баҳри халқи хеш як хел корҳои наҷиброро ба сомон расонидаанд.

Якум, таърих гувоҳ аст, ки барои сарвари ҳақиқии давлат ва мардум шудан вай бояд донишманд, бофарҳанг, хештаншинос, соҳибмаълумот бошад. Ин вобаста аз он аст, ки ӯ чи гуна сарвар аст, хоҳ подшоҳи як мамлакат бошаду хоҳ ҳоким ё мансабдори як вилоят. Аз ин лиҳоз аз ҷиҳати хислату ҷасорат ва зеби сарварӣ будан, ҳарду бузургворони миллат Исмоили Сомонию Бобоҷон Ғафуров яканд.

Дуюм, дар замони Исмоили Сомонӣ ва ворисони вай идоракунии мамлакат аз тарафи вазирони бомаърифат ва оқилони давр, ба монанди Балъамию Ҷайҳонӣ ва Утбӣ сурат мегирифт. Бобоҷон Ғафуров ҳам дар давраи сарвари ҷумҳурӣ будан дар атрофи хеш Турсун Ӯлҷабоев, Назаршо Додхудоев, Абдулаҳад Қаҳҳоров барин шахсони кордону раиятпарвар ва хирадмандро ҷамъ карда буд, ки ҳар яки онҳо дар таърихи халқамон номи нек гузоштаанд.

Сеюм, дар аҳди Исмоили Сомонӣ ва ҳам ворисонаш беҳтарин намояндагони аҳли илму адаб дар пойтахти мамлакат шаҳри Бухоро гирд оварда мешуд. Маликушшуарои тоҷик Рӯдакӣ, Дақиқӣ ва дигарон аз зумраи онҳо буданд.

Дар давраи Сомониён мувофиқи маълумоти тазкиранависи асри X Абӯмансур Абдумалик ибн Муҳаммад ас-Саолабӣ, ки дар «Ятимат-ут-даҳр» меоварад, дар Бухоро 119 нафар шоир ҳаёт ба сар мебурданд. Гурӯҳи калони аҳли илм машғули кори хеш буданд.

Дар давраи сарварии Б.Ғафуров низ аксари адибон, аз нависандаи ҷавони умедбахш Пӯлод Толиси 17-сола сар карда, то адиби тавонои мо Айнии 70-сола дар пойтахти ҷумҳуриамон — шаҳри Сталинобод ҷамъ шуданд. Олимони боистеъдод мисли Зариф ва Солеҳ Раҷабовҳо, тоҷикшиносони асили рус мисли М.С.Андреев ва А.А.Семёнов, зану шавҳар Б.А.Литвинский ва Е.А.Давидова ба Тоҷикистон даъват шуданд.

Чаҳорум, китобхонаи асил тавлидгоҳи фарзандони ҳар миллату давлат аст. Биноан, дар Давлати Сомониён пеш аз ҳама китобхона бунёд ёфт. Маҳз дар замони Исмоили Сомонӣ китобхонаи боҳашамати Бухоро «Савон-ул-ҳикмат» арзи вуҷуд кард. Рамзист, ки бо саъй ва кӯшиши Б.Ғафуров соли 1954 бинои боҳашамати китобхонаи Фирдавсӣ барои истифода дода шуд. Ва

бо ҳидояти устод барои ин боргоҳи маърифат нодиртарин дастхату китобҳои ниёгонро ҷамъ овարданд.

Панҷум, дар замони Исмоили Сомонӣ дар Мовароуннаҳр, дар маркази Давлати Сомониён — шаҳри Бухоро нахустин мадраса чун махзани илму дониш кушода шуд. Рамзист, ки дар давраи сарварии Б.Ғафуров, бо ташаббуси шахсии ӯ соли 1948 нахустин Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон кушода шуд. Инчунин, бо кӯшиши Б.Ғафуров соли 1956 Институти политехникӣ ба фаъолият сар кард.

Шашум, дар аҳди Сомониён ва бахусус давраи ҳукмронии Исмоили Сомонӣ санъати мусиқавии дувоздаҳмақом эҷод шуд. Дар асрҳои XV-XVI аз он дурдона шашмақом боқӣ монд, ки мутаассифона дар қарни XX қариб аз байн рафта буд. Шукри бепоён, ки дар замони шӯравӣ ба шарофати ғамхорӣ ва кӯшишҳои Б.Ғафуров ин мероси бебаҳои мусиқии мо аз нав эҳё шуд. Бо даъвати Б.Ғафуров мақомхонони машҳури тоҷик ба монанди Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов ба Сталинобод омаданд ва ҳамаи 252 оҳанги шашмақом ба нота гирифта шуд.

Ҳафтум, агар дар замони Исмоили Сомонӣ илми тоҷик дар маркази давлат — шаҳри Бухоро ташаккул ёфта бошад, пас дар давраи сарварии Б.Ғафуров илми навини Тоҷикистони Шӯравӣ ташаккул меёбад, ки бо таъсиси Академияи илмҳои ҷумҳурӣ соли 1951 ба вуқӯъ меояд. Нахустин академики Академияи навташкили илмҳо аллома Б.Ғафуров буд.

Ҳаштум, дар давраи Исмоили Сомонӣ ва ворисони вай дини мубини ислом чун дини давлатӣ қабул шуд. Дар ҳамин замон китоби муқаддаси мусулмонон «Қуръон» чоп шуда, аввалин маротиба Табарӣ тафсири онро бо номи «Ҷомеъ-ул-баён-таъвилил-Қуръон» навишт. Ин китоб дар хоки поки Бухорои шариф ба тақозои хотири марди фозил амир Абӯсолеҳ, Мансур ибни Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ (961-976) аз тарафи Абдулфазли Балъамӣ аз арабӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст. Хело рамзист, ки дар давраи Шӯравӣ, дар замоне, ки кас калимаҳои Қуръон, Библия, Инҷилро ба забон гирифта наметавонист, Б.Ғафуров ҷасурона ба нашри русии Қуръон камари ҳиммат баст ва тарҷумаи русии Қуръон, ки ҳанӯз соли 1930 аз тарафи академик, шарқшиноси барҷастаи рус И.Ю.Крачковский ба итмом расонида шуда буд, баъди 33 сол рӯи чопро дид. Ба шарофати Б.Ғафуров «Қуръон» ба забони русӣ соли 1963 дар нашриёти «Восточная литература»-и Маскав чоп шуд.

Нӯҳум, дар давраи ҳукмронии Исмоили Сомонӣ ва хонадони вай аввалин маротиба тавофи каъбатуллоҳ сар шуд. Уламою фузалои аҳди Сомониён ба Маккаи Мукаррамаю Мадинаи Мунаввара сафари мубораки ҳаҷро оғоз намуданд. Дар замони Шӯравӣ бошад, Б.Ғафуров аввалин маротиба ба таври расмӣ аз байни аҳли илм соли 1974 тавофи Каъба кард. То академик Б.Ғафуров ҳеҷ як донишманд ва замоне котиби ҳизби коммунисти ҷумҳурӣ ба сафари ҳаҷ нарафта буд.

Ёздаҳум, ҳамон навъе, ки Б.Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» меоварад: «Исмоили Сомонӣ чун садди Бухоро, яъне девори мустаҳками он буд. Баъди вафоташ ин девор рахна мешавад ва охирон футур меравад».

Б.Ғафуров ҳам дар замони навини Шӯравӣ барои халқи тоҷик чун як девори мустаҳкам буд, чун сутуни тавонои миллат буд. Мутаассифона, баъди даргузашти чунин бузургмарди миллат дар сарзамини мо низ рахна сар шуд ва он охирон ба ҷанги бародаркуш оварда расонд. Шукр ба Худо, ки ба шарофати давлати кунунӣ бо сардории Президенти Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов анъанаҳои хуби Исмоили Сомонӣ ва Бобоҷон Ғафуров аз нав эҳё мешаванд. Мо, тоҷикон, 9 сентябри соли 1991 истиқлоли худро ба даст овардем. Ҳоло Конститутсияи худро дорем, Президентамонро бо салоҳдиди худ интихоб кардем. Тоҷикистони азиз чун давлати мустақил мавриди эътирофи ҷаҳониён гардид. Бале, мо тоҷикон, баъди ҳазор сол боз давлат дорем. Б.Ғафуров анъанаҳои хуби Исмоили Сомонӣ ва ворисонашро дар давраи сарвари ҷумҳурӣ будан аз нав эҳё кард. Онро алҳол сарвари имрӯзаи мо Э.Ш.Раҳмонов идома медиҳад.

***с.1998***

## УМРИ АБАД

Ҳар фарде, ки бо кору номи худ дар саҳифаи таърих сабт ёфта, дар дили мардум маскан гирифтааст, умри абад мебинад. Фарзанди барӯманди халқи тоҷик Бобоҷон Ғафуров аз зумраи шахсони бузургест, ки дар таърихи кишвари азизаш, ба қалби халқи маҳбубаш бо хизмати арзандааш абадӣ ҷой гирифтааст. Имрӯзҳо, махсусан ба шарафи 80-солагии зодрӯзи ин марди шариф дар ҳар хонадон, дар ҳар сӯҳбати олимон, омӯзгорон, коргарону деҳқонон бо як муҳаббат номи устод Бобоҷон Ғафуровро ба забон мегиранд ва ёди некаш мекунанд.

### Таърихномаи халқ

Бобоҷон Ғафуров аз зумраи он олимони таърихшинос мебошад, ки анъанаҳои ҳақиқатнигории устоди бузурги худ Садриддин Айнӣ ва тоҷикшиносони асил Б.В.Бартольд, М.С.Андреев, А.А.Семёновро давом дода, дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик саҳми бузург гузошт. Меҳру муҳаббати омӯхтани таърихи халқаш ҳанӯз солҳои 30-юм дар дили ӯ пайдо шуд. Аз ибтидои омӯзиши таърихи халқаш суханони Фридрих Энгельс — «эҳтироми мероси гузаштагон нишони маърифати ҳақиқист» қутбнамои минбаъдаи кори тадқиқотии Б.Ғафуров гардид. 24 апрели соли 1944 вай дар маҷлиси сессияи якуми илмии филиали тоҷикистонии АИ СССР дар мавзӯи «Гузаштаи бои таърихи халқи тоҷик мукаммал омӯхта шавад» маърӯза кард, ки он минбаъд заминаи асарҳои «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ва «Тоҷикон» қарор ёфт.

Соли 1947 асари Б.Ғафуров «Таьрихи мухтасари халқи тоҷик ба забони тоҷикӣ нашр гардид, бо гуфти С.Айнӣ, чоп шудани он дар пешрафти маданияти советии мо ҳодисаи бузург аст. Асари номбурда оид ба тақдири яке аз халқҳои қадимаи Осиёи Миёна китоби аввалин буд. Асари «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» дере нагузашта ба забони русӣ тарҷума гардида, дар Москва се маротиба: солҳои 1949, 1952, 1955 дар нашриёти бонуфузи мамлакат

чоп шуд. Ба шарофати он хонандагони сершумори мамлакат ва берун аз ҳудуди он бо таърихи бой ва рангини халқи тоҷик шинос шуданд. Археолог ва этнографи маъруфи советӣ, профессор С.Толстов дар бораи ин китоби Б. Ғафуров навишта буд: «Мо шоҳиди нахустин кори ҷамъбасткунандае дар бораи таърихи халқи тоҷик мебошем. Муаллиф таьрихи халқи тоҷикро аз таҳрифҳои шарқшиносони буржуазӣ тоза карда, як силсила масъалаҳоро дуруст шарҳ медиҳад. Асар барои дар асоси методологияи марксистӣ-ленинӣ кор кардани таърихи халқҳои Осиёи Миёна такони ҷиддие хоҳад шуд». («Культура и жизнь». 1950, 22 апрель).

Охири солҳои 50 бо тавсияи Б. Ғафуров кормандони Институти таърихи ба номи Аҳмади Дониши АИ РСС Тоҷкистон ба таълифи асари бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» шурӯъ карданд, ки он солҳои 1963-1965 аз чоп баромад. Ин асари мукаммали панҷкитобаи нашри академӣ дар байни олимони мамлакату хориҷа шӯҳрат ёфт.

Дар солҳои 60 ба Б. Ғафуров имконият даст дод, ки дар китобхона, музей ва архивҳои машҳури ҷаҳон, ба монанди Деҳлӣ, Теҳрон, Рим, Париж, Қарочӣ ва ғайра нишаста, сарчашмаҳои нави хаттиро доир ба таърихи тоҷикон, алалхусус қисмати маданияти он дастрас намояд. Маводи фаровони бадастомада онро водор кард, ки тадқиқоти пешинаи худро нисбати таърихи халқаш пурратар ва китоби пурарзиши «Тоҷикон», «Таърихи қадимтарин, қадим ва асримиёнагӣ»-ро (нашриёти «Наука», М; 1972, 10000 нусха) ба ҳадди олӣ ҷамъбаст кунад. Китоби мазкур дар ҳаёти илмӣ, хусусан таърихшиносии советӣ, ҳодисаи намоён буд.

## Фарзанди барӯманди халқи тоҷик

Дар ҳақиқат, ин шоҳасари Б. Ғафуров дар байни аҳли илму фарҳанги мамлакатҳои хориҷӣ низ мароқи калон ба вуҷуд овард ва аз тарафи онҳо баҳои баланд гирифт.

Вай мехост, ки «Тоҷикон» ҳарчи тезтар ба забони модариаш ҳам чоп ва дастраси хонандагони сершумор гардад. Вале кор ва махсусан тарҷумаи он аз забони русӣ заҳмати ниҳоят зиёдеро талаб мекард. Ин масъулияти калон ва дар айни замон шарафмандро А. Маниёзов ва Н. Холмуҳаммадов ба ӯҳда гирифтанд. Б. Ғафуров аз олими номии тоҷик, узви вабастаи АИ РСС Тоҷикистон Аҳрор Мухторов хоҳиш карда буд, ки таҳрири нашри тоҷикии «Тоҷикон»-ро ба зимма гирад. Аз сабаби он ки нашри русии китоб воқеаҳои таърихиро то миёнаи асри XVIII дарбар мегирифт, Б. Ғафуров ҳудуди воқеъоти онро аз нимаи дуюми асри XVIII то соли 1917 идома дод. Инак, баъди интизориҳои зиёд соли 1983 китоби якум ва соли 1985 китоби дуюми «Тоҷикон» дастраси хонандагони тоҷик гардид.

Ба майдон омадани «Тоҷикон»-и Б.Ғафуров дар илми таърихшиносии ҷаҳон воқеаи намоён гардид. «Роҳи тайкардаи ин асар, — менависад профессор Аҳрор Мухторов, — барои муаллифи он роҳи осон набуд. Ӯ дар ин роҳ сӣ сол заҳмат кашида, маҳбуби халқи худ гаштааст. Мардум ҳам академик Б.Ғафуровро дӯст медорад ва навозишкорона ӯро «падари халқ»

меномад. Оре, китоби «Тоҷикон» маҳсули меҳнати чандинсолаи муаллиф буд. Ҷиҳати фарққунандаи тадқиқоти Б. Ғафуров аз дигар донишмандони ин соҳа дар он аст, ки ӯ аз масъалаҳои баҳсталаб рӯ намегардонад ва баръакс, онҳоро як-як таҳлил менамояд.

Осори илмии Б. Ғафуров ва пеш аз ҳама «Тоҷикон»-и вай ҳам барои хонандагони советӣ ва ҳам барои мардуми кишвари хориҷӣ азиз аст. Нашрёти «Панствов»-и Институти «Видавлиска»-и Полша асари «Тоҷикон»-ро ба забони полякӣ таҳти унвони «Таърих ва тамаддуни Осиёи Марказӣ» (бо теъдоди 50000 нусха) соли 1979 нашр карда буд. Номи Б.Ғафуров дар Полша ҳамчун шарқшиноси шаҳири ҷаҳонӣ маълуму машҳур аст ва аз ин рӯ, ховаршиносони ин мамлакат ӯро аъзои фахрии ҷамъият баргузида буданд. Китоби «Тоҷикон» бо эҳтимоми муаррихи донишгоҳи Кобул, профессор Ҷалолиддин Сиддиқӣ дар Афғонистон низ ба забони дарӣ чоп шуд.

Имрӯзҳо асари «Тоҷикон» барои насли ояндаи мо баҳри донистани таърихи халқаш чун обу ҳаво зарур аст. Бо қавли мутафаккири бузурги рус А.И.Герцен китоб васиятномаи рӯҳии як насл ба насли дигар мебошад. Халқи тоҷик нисбат ба васиятномаи рӯҳии аҷдодон эҳтироми бепоён дошт ва ин меҳру муҳаббат ҳоло даҳчанд шудааст. Дар ҳар хонадони тоҷик мо ин китоби устодро мебинем. Ғафуровшиноси беҳамтои мо Акбар Турсунов ҳаққонӣ таъкид мекунад, ки «Тоҷикон» таърихи сеҳазорсолаи халқест, ки роҳи дурударозеро тай намуда, қариб дар ҳар як марҳилаи таърихӣ барои ҷисман зинда мондан, барои осори маданиашро ҳифз намудан, барои ҳаққу ҳуқуқи маънавиашро барқарор кардан пайваста мубориза бурда истодааст. Он асарест, ки худи ҳозир ба китоби рӯимизии ҳар фарди тоҷик табдил ёфтааст, онро аллакай мардум дар мағозаҳо кофта мегарданд, якбора чанднусхагӣ харида барои фарзандонашон тақсим мекунанд.

## Посдори маданияти Ховар

Аз соли 1956 дар ҳаёти Бобоҷон Ғафуров давраи фаъолияти соф илмӣ сар мешавад, ки то дами вопасини умраш давом кард. Ӯ дар зарфи зиёда аз бист сол дар вазифаи масъули директори Институти шарқшиносии АИ СССР кор карда, ба пешравии минбаъдаи илми ховаршиносии ватанӣ, таҳкими робитаҳои илмию мадании ватанамон бо дигар мамлакатҳо саҳми арзанда гузошт. Олим дар як вақт дар се самти илми таърих: сиёсати миллии ленинии КПСС, таърихи халқҳои Шарқ ва аз ҷумла тадқиқоти пешинаи худ — тоҷикон ва ҳаракати миллии озодихоҳонаи халқҳои Шарқ тадқиқотҳо мебурд. Шарқшиносии советӣ тавассути ташкилотчигии Б. Ғафуров пурвусъат ва гуногунсоҳа гардид. Бо роҳбарии вай соли 1957 нашриёти махсуси «Адабиёти Шарқ» ташкил шуд, нашри маҷаллаҳои «Народы Азии и Африки» ва «Азия и Африка сегодня» ба роҳ монда шуд. Б. Ғафуров ба нашри маъхазҳои таърихӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода, ба ҳайати таҳририяи силсилаи нодири «Ёдгориҳои хаттии Шарқ», ки сазовори эътирофи комили олимон гардидааст, роҳбарӣ мекард.

Бо кӯмак ва мадади Б.Ғафуров дар Москва нашри интиқодии «Гулстон»-и Саъдӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва дигар мероси ниёгони мо чоп мешаванд. Б.Ғафуров ҳанӯз аз овони ҷавонӣ бо эҷодиёти шоири маорифпарвари тоҷик Тошхӯҷа Асирӣ шинос буд. Ӯ мехост нашри интиқодии осори Асириро низ чоп кунонад. Бо ин мақсад соли 1971 ба нависанда Раҳим Ҷалил бо мактуб мурочиат мекунад, ки дар ин кор ширкат варзад. Раҳим Ҷалил мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишкадаи педагогии Ленинобод, дотсент Саъдулло Асадуллоев (ҳоло профессор)-ро тавсия мекунад. Устод ҳамоно С. Асадуллоевро ба Москва даъват мекунанд ва тартиби ба нашр омода кардани асарҳои Тошхӯҷа Асириро мефаҳмонанд. Нашри интиқодии куллиёти Асирӣ бо номи «Ашъори мунтахаби Тошхӯҷа Асирии Хуҷандӣ» соли 1982 аз тарафи нашриёти «Наука» (Москва) бо ҳуруфоти арабиасоси тоҷикӣ чоп шуд.

Дар ин давра Б. Ғафуров чун шарқшиноси нуктасанҷ дар арсаи байналхалқӣ машҳур шуд. Ӯ ба сифати намояндаи шарқшиносони мамлакат борҳо ба хориҷа сафар карда, муваффақияту комёбии илми ховаршиносиро манзури олимони ҷаҳон гардонда аст. Соли 1957 Б. Ғафуров дар Конгресси XXIV байналхалқии шарқшиносон, ки дар шаҳри Мюнхен (РФГ) баргузор гардида буд, иштирок намуд ва «Дар бораи сабабҳои ирфоъ ва инқирози давлати Сомониён» маърӯзаи илмӣ кард. Дар Конгресси XXVI шарқшиносон дар Деҳлӣ, ки соли 1964 баргузор гардид, ӯ бо ду маърӯза — «Равобити таърихии Осиёи Миёна бо мамлакатҳои Шарқи Араб» ва «Хусусиятҳои револютсияи маданӣ дар Осиёи Миёнаи советӣ» баромад карда, сазовори баҳои баланди ҳозирон гардид.

Баробари ин дар ин солҳо чандин асару мақолаҳои олим ба забонҳои гуногуни дунё дар мамлакатҳои хориҷа нашр шуданд. Чунончи, соли 1966 дар Италия асари ӯ «Дар бораи робитаҳои Осиёи Миёна бо Эрон дар замони Ҳахоманишҳо» (асрҳои VI-IV то милод) аз чоп баромад.

Бобоҷон Ғафуров аҳамияти калон доштани сарзамини Машриқзамин — Осиёи Миёна, Ҳиндустон, Афғонистон, Эрон ва дгар давлатҳои ҳамсояро, ки аз қадимтарин марказҳои тамаддуни ҷаҳон буданд, ба назар гирифта, соли 1966 дар назди ЮНЕСКО лоиҳаи «Шарқ-Ғарб»-ро гузошт. Лоиҳаи мазкур робитаҳои байни мамлакатҳою халқҳои Европа, Осиё ва Африқоро пешбинӣ менамуд. Охири соли 1966 дар Париж Б. Ғафуров боз пешниҳод кард, ки баробари анҷом ёфтани «Шарқ-Ғарб» ЮНЕСКО плани дигари муҳимтар — «Омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказиро қабул намояд. Инак, дар натиҷаи кӯшиши чандинкаратаи Б.Ғафуров маҷлиси машваратии экспертҳо дар Париж мавзӯи «Омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказиро ба кори Комитети Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва маданият, яъне ЮНЕСКО дохил намуд. Бобоҷон Ғафуров раиси омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ дар назди ЮНЕСКО интихоб шуд. Дар ин асос Б.Ғафуров соли 1967 дар Париж ба штаби ЮНЕСКО таклиф кард, ки тирамоҳи соли 1968 дар сарзамини қадимаи тамаддуни Осиёи Марказӣ — шаҳри Душанбе Конференсияи байналхалқӣ оид ба таърих, археология ва маданияти аҳли салтанати Кӯшониён гузаронида шавад. Гап дар сари он ки дар илми таърих-

шиносии ҷаҳон бештар аз 100 сол инҷониб байни олимон доир ба таърихи давлати Кӯшониён баҳсу мунозираҳо давом дорад. Барои равшан намудани давраҳои ҳукмронии Кӯшониён солҳои 1913 ва 1960 дар Лондон конфронсҳои умумиҷаҳонӣ баргузор шуда буданд. Вале ин ҷамъомадҳо масъалаҳоро пурра ҳал накарданд.

Конференсияи байналхалқӣ оид ба замони Кӯшониён, ки аз 27 сентябр то 5 октябри соли 1968 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, натиҷаҳои судбахш дод. Дар он меҳмонони хориҷӣ баромад карда, нисбати ташкилотчиёни вай ва шахсан ба Б.Ғафуров арзи миннатдорӣ намуданд. Махсусан суханронии олими забардасти Фаронса, профессори Донишгоҳи Париж Р.Гиршман фаромӯшнашаванда буд: «Конференсияи мазкур аз он ҷиҳат аз конференсияи пешина дар Лондон фарқи куллӣ дорад, ки мо ба ғайр аз баҳсу мунозираҳои дар аудиторияҳо гузаронидаи худ боз бевосита ба ҳафриётҳо рафта, бо ёдгориҳои замони Кӯшон шинос шудем. Дар ҳамин ҷо мо фаҳмидем, ки бостоншиносони советӣ то чӣ андоза корҳои бузурги археологиро дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ба ҷо меоварданд. Ҳамаи ин шиносоӣ дар ин сарзамини қадимаи тоҷикон натиҷаи кӯшиши Бобоҷон Ғафуров аст, ки соли гузашта дар Париж, дар маҷлиси байналхалқии экспертҳо оид ба Осиёи Марказӣ дар назди ЮНЕСКО бо исрор талаб кард, ки конференсияи оянда оид ба давраи Кӯшон дар Душанбе гузаронида шавад. Ман ниҳоят шодам аз табиату зебоии ин кӯҳсори мафтункунандаи шумо. Ман ана акнун фаҳмидам, ки ақли пурзаковат доштани дӯстам Бобоҷон Ғафуров дар он аст, ки дар чунин сарзамини хушҳаво ба камол расидааст».

Сипас, соли 1970 дар шаҳри бостонии тоҷикон Самарқанд бо иқдоми Б.Ғафуров симпозиуми байналхалқии ЮНЕСКО доир ба санъати халқҳои Шарқ дар аҳди Темуриён гузаронида шуд. Соли 1972 дар шаҳри Ашқобод боз бо ташаббуси устод конференсияи байналхалқӣ оид ба инкишофи иҷтимоӣ ва мадании мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар асрҳои XIX-ҶҶ доир гардид. Дар програмаи ин конференсия, ки аз 26 сентябр то 5 октябр барпо шуд, мубоҳисаҳои илмӣ аз рӯи чунин проблемаҳои мухталифи тараққиёти иҷтимоӣ-мадании Осиёи Марказӣ дар асрҳои XIX-ҶҶ, ба монанди таърихи афкори иҷтимоӣ ва сиёсӣ, инкишофи илм, адабиёт ва санъат, муносибатҳои байналхалқӣ, алоқаҳои маданӣ мавқеи муҳим доштанд.

Комёбиҳои оламшумули олим дар таҳқиқи проблемаҳои сершумори ховаршиносӣ бо фаъолияти ӯ дар вазифаи роҳбариаш узван пайваста буд. Дар зарфи бештар аз бист сол (1956-1977) ба туфайли ҷидду ҷаҳди Б.Ғафуров, ки ба коллективи ботаҷрибаю пурлаёқат такя мекард, Институти шарқшиносӣ хеле шӯҳрат ёфт. Ҳамаи ин хизматҳояшро дар инкишофи илми шарқшиносӣ ва таърихшиносӣ ба назар гирифта ӯро соли 1958 узви вобастаи АИ СССР, соли 1968 узви ҳақиқии АИ СССР интихоб намуданд.

Саҳми бузурги ин донишманди боистеъдод ва ташкилотчии беназири илмро, ки ҳамеша дар фикри ҳалли масъалаҳои мушкилтарини он буд, ба назар гирифта таҳсину офаринҳо бояд гуфт.

***с.1999***

# БОБОҶОН ҒАФУРОВ — ФАРЗАНДИ ФАРЗОНАИ МИЛЛАТ

Пос доштани хотираи ниёгон қарзи фарзандон аст ва барои наслҳои оянда вогузоштани нишоне аз бузургмардон, ки шаъну шарафи миллатанд, дар рушду нумӯи диёри худ, илму фарҳанги ватанию ҷаҳонӣ ҳиссаи сазовор гузоштаанд, кори хайр ва қарзи ватанпарварист. Ҳикмати бузурги ниёгон аст, ки хушбахт касест, ки аз саргузашти дигарон панд гирад. Ба мо дар арафаи ҷашни фархундаи 90-солагии алломаи илму маърифат, фарзанди бузургу фарзонаи миллат Бобоҷон Ғафуров аз саргузашти аҷибу корҳои хайр ва неки ин марди наҷиб нақл кардан корест шоён.

Халқи тоҷик номи Бобоҷон Ғафуровро бо як муҳаббати хос ба забон мегирад. Зеро фаъолияти рангину гуногунсоҳаи ӯ бо ташаккули худшиносии миллӣ ва сиёсии халқи азизаш зич вобаста аст. Президенти мамлакат Э.Ш.Раҳмонов дар маҷлиси фаъолони шаҳри Душанбе 14 феврали соли 1998 қайд намуданд, ки ҷашни 1100-солагии салтанати Сомониён ва 90-солагии Б.Ғафуров дар худшиносии миллӣ саҳми калон хоҳад гузошт.

Имрӯз месазад, ки дар мисоли ҳаёт, рӯзгор ва фаъолияти пурбаракати Б.Ғафуров барин фарзандони асили халқ, мо насли имрӯзавуояндаро тарбия кунем. Дар ин мазмун ҳини суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов дар вохӯрӣ бо ҷавонони лаёқатманд аз 16 маи соли 1998 гуфта буданд:

«Нарасидани хотираи таърихӣ, ҳифз накардани таърихи миллат ва суннатҳои волои он, маҳдудияти шуури таърихӣ ҳисси масъулияту ҷавобгариро аз дӯши ҷавонон дар назди имрӯзу оянда дур месозад. Миллате, ки хотираи таърихиашро пос намедорад, хоҳу нохоҳ гирифтори тафаккури ғуломона гашта, истиқлолияти миллиашро аз даст медиҳад. Ҳифз накардани таърихи миллат ба инкори гузашта бурда мерасонад. Ман орзу дорам, ки ҳар як ҷавони бонангу номус ва солимфикри мо китоби «Тоҷикон»-и академик Б.Ғафуровро гаштаву баргашта бихонад».

Оре, омӯхтану донистани роҳи тайкардаи аллома Б.Ғафуров ва махсусан шоҳасари безаволаш «Тоҷикон» фарзу суннат аст. Дар мисоли асарҳои ӯ наслҳои ҷавонон тарбия гирифта, кори оғоз кардаи ӯро идома медиҳанд.

Б. Ғафуров 31 декабри соли 1908 дар қишлоқи Исфисори музофоти Хуҷанд (ҳоло шаҳри Ғафуров — маркази ноҳияи Хуҷанд) дар оилаи ҳунарманд — карбосбоф таваллуд ёфтаанд. Волидони он кас аслан хуҷандианд. Хоҳари хурдии устод Зебиниссо Ғафурова дар хотироти хеш «Ёде аз бародар» («Омӯзгор», 1989, 19 декабр) менависанд: «Мо аслан аз гузари Хоҷа Камоли Хуҷандӣ ҳастем. Тарафи модарам аз гузари Чоршанбеи он мебошанд.

Падарам бародаре доштанд бо номи Абдулло. Ду додар ба ду хоҳар — Робия ва Розия хонадор мешаванд. Он вақт Исфисор як гӯшаи аз ёдҳо рафта буд. Амакам дар он ҷо дӯкон мекушоянд ва кор чунин сурат мегирад, ки боғу ҳавлӣ карда, падару модарамро наздашон мекӯчонанд. Амакам қассобӣ, падарам карбосбофӣ мекарданд. Ва минбаъд дар Исфисор мондем».

Модари Б.Ғафуров — Розия Озод аз занҳои босаводу бохирад буданд. Модар тоҷи офариниш, модар як олами томест ва муқаддастарин мавҷуди

зиндаи ҷаҳон, фариштаи осмонист. Барои Бобоҷон модарашон ҳам падар, ҳам омӯзгор, ҳам устоду раҳнамуни ҳаёташон буданд. Соли 1989 китоби Розия Озод «Хотира» аз чоп баромад. Дар маҷмӯа Тоҷинисо Ғафурова таҳнияти «Модари мушфиқ» пешгуфтор навишта, хидмати модарашон Розия Озодро дар тарбияи Бобоҷон нишон доданд: «Модарам ҳамаи фикру зикр ва рафтори фарзанди калониашро маъқул медонист ва тамоми умр бо ин фарзанди худ ифтихор мекард. Одатан вай шеърҳои худро аввал ба ӯ мехонд ва фикру мулоҳизаҳои ӯро мепурсид. Бародарам нисбат ба модар эҳтироми бузург дошт, ба эҷодиёти вай аҳамияти калон медод, ғамхорӣ зоҳир мекард, ба серкории худ нигоҳ накарда, соатҳои дароз бо модар сӯҳбат мекард».

Имрӯз мо саҳифаҳои зиндагиномаи ғанию дурахшони Б.Ғафуровро варақ зада, равшан мебинем, ки он кас ҳанӯз аз овони ҷавонӣ муборизи фаъоли роҳи ҳаёти нав гардида, бо ҳамин сарнавишташонро ҳамчун фарзанди ватандӯсту фидоӣ ба халқ пайвастанд. Ҳамзамонон ва ҳамсафони Б.Ғафуров барҷо ёдоварӣ намудаанд, ки «Дар тамоми давраҳои фаъолияти ҳизбӣ, давлатӣ, рӯзноманигорӣ ва илмӣ усулӣ олӣ — кордонӣ, серталабӣ нисбат ба худ ва атрофиён, робитаи доимӣ бо халқ, бо ходимони илм, маданият ва санъат аз сифатҳои ҳамидаи ӯ буданд».

Симо, кордонӣ, маҳорат ва самаранокии меҳнати Б.Ғафуров солҳои 1946-1956 ба ҳайси котиби аввали КМ ҲК Тоҷикистон аён гардид. Он кас барои равнақу инкишофи иқтисодиёт, илм ва фарҳанги ҷумҳурӣ хидматҳои калон карданд. Пайваста кӯшиданд, ки Тоҷикистон ҳарчӣ зудтар ба ҷумҳурии дорои кишоварзии муосир ва тамаддуни олӣ табдил ёбад. Ва ин кӯшишҳо бенатиҷа намонданд. Тоҷикистон ҳанӯз ҳамон солҳо ба яке аз манбаъҳои асосии истеҳсоли нахи пахта, консерви мева ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, ба яке аз марказҳои муҳими истихроҷ ва коркарди фулузоти рангаю нодир табдил ёфт.

Зимни кӯшишҳои эшон, махсусан илму фарҳанг ба комёбиҳои назаррас ноил шуд. Ташкил шудани Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (соли 1948), Академияи илмҳои Тоҷикистон (соли 1951), Институти политехникии Тоҷикистон ба номи Б.Ғафуров сахт пайваст аст.

Соли 1956 дар сарнавишти Б.Ғафуров гардиши куллие ба амал омад. Вале заминаи ин гардиши куллиро тамоми фаъолияти қаблии устод таҳия ва муайян намуда буд. Ҳамон сол Б.Ғафуров сарварии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои ИҶШС-ро ба ӯҳда гирифтанд. Тавре ки ховаршиносони маъруф, аз қабили И.Бечка, Манфред Лорентс, И.С.Брагинский, Ричард Фрай шаҳодат медиҳанд, баъди сарварии институтро ба зимма гирифтани Б.Ғафуров дар кори он тағйироти куллӣ ба амал омад».

Бо кӯшиш ва эҳтимоми Б.Ғафуров ҳамон солҳо Нашриёти адабиёти шарқ (баъдтар Сарредаксияи адабиёти шарқи нашриёти «Наука»-и Маскав) таъсис дода шуд, ки дар он ёдгориҳои тамаддуни қадима ва шарқи асрҳои миёна, аз ҷумла ба забони форсӣ-тоҷикӣ ба таври васеъ ва ба сифати олӣ табъу нашр гардиданд. Матнҳои миқдори зиёди осори аҷиби хаттии Шарқ аз қабили «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар 9 ҷилд, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Номаи Оламоро»-и Нодирӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ дар ду ҷилд, «Ҷамоъ-ут-

таворих»-и Рашидаддин, «Таърихи халқи тоҷик» дар 3 ҷилду 5 китоб, асари худи Б.Ғафуров «Тоҷикон», эпоси «Гуруғлӣ», луғати забонҳои Помир ва бисёр дигар асарҳои олимони тоҷик ба табъ расидаанд. Бо ташаббуси Б.Ғафуров нахустин бор куллиёти шарқшиноси рус, академик В.В.Бартолд дар 9 ҷилд зери таҳрири худи устод баромад. Дар 4 ҷилд асарҳои узви вобастаи АУ СССР Е.Э.Бертелс барои пурратар дарк кардани таърих ва фарҳанги халқи тоҷик ва дигар халқи Осиёи Миёна аҳамияти бузург дошт.

Б.Ғафуров дар байни олимон ва ходимони ҷамъиятии бисёр мамлакатҳои Шарқ, хусусан Ҳиндустон, Покистон, Эрон, Афғонистон, мамолики араб обрӯю эътибори калон доштанд. Ходимони машҳури илм ва адабиёт бо олим муносибати дӯстона ва доимӣ зоҳир мекарданд. Месазад, ки ин ҷо номҳои шоири машҳури Покистон Файз Аҳмади Файз, олими номӣ ва ходими ҷамъиятии Ҳиндустон Нурул Ҳасан, файласуфи машҳури ҳинд Шаши Бушан, муаррихи фарангӣ Гиршман, муаррих ва шарқшиноси америкоӣ Ричард Фрайро ба забон орем. Зеро ҳар яки онҳо нисбати академик Б.Ғафуров эҳтироми бузург доштанд ва устодро ҳамчун олими барҷаста мешинохтанд. Профессори машҳури Донишгоҳи Хорварди Амрико ҷаноби Ричард Фрай дар симои устод Б.Ғафуров шахсияти бузургро кашф кардааст. Ба саволи мухбири рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» (имрӯза «Ҷумҳурият») Мақсуди Ҳусейн: «Ба Шумо кадом хислатҳои Б.Ғафуров писанд буданд?» чунин посух дод:

— Забони модариашро ба таври аъло дониста, миллаташро дӯст медошт. Бо «Тоҷикон» тоҷиконро шӯҳратмандтар гардонид. Марде буд, ки зариф, шӯх, инсони хоксор. Борҳо мегуфт, ки ҳар миллати кӯчак бо забону фарҳангаш бузург шуда метавонад ва халқе, ки лафзи модариашро фаромӯш мекунад, ба мисли мурда аст. Б.Ғафуров ҳамеша хоҳони пешрафти миллати хеш буд».

Б.Ғафуров бо ақлу заковати худ ҷаҳоншумул шуд. Узви фахрии донишгоҳи Олигарх (Ҳиндустон) ва донишгоҳи Теҳрон (Эрон), узви фахрии ҷамъияти Кёрёши Чала назди Академияи илмҳои Маҷористон (Венгрия), узви хориҷии Академияи илмҳо ва санъати Босния ва Герсоговина (Югославия) интихоб гардида буданд. Соли 1968 сазовори мукофоти байналхалқии ба номи Ҷавоҳирлал Неҳрӯ гардиданд.

Б.Ғафуров аз тариқи АУ ИҶШС ва ЮНЕСКО ба Бирма, Гвинея, Австрия, Австралия, Чехословакия, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Лубнон, Сурия, Ироқ, Арабистони Саудӣ, Қувайт, Туркия, Мексика, Фаронса, Олмони Ғарбӣ, Эрон, Яман, Алҷазоир, Япония ва дигар мамолики олам сафар карда, бо таърихи тамаддун, ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, урфу одат ва расму оини мардуми ин кишварҳо аз наздик шинос шуданд. Аз байни арбобони пешқадаму равшанфикр, мисли Ҷавоҳирлал Неҳру, Зокир Ҳусайн, Ҷамол Абдул Носир, Аҳмад Сукарно, Мао-Тзе Дун, Индира Гандӣ дӯстони зиёде доштанд.

Китоби «Омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ» бо ҳаммуаллифии Л.И.Марошников (М.,1973) навишташуда, натиҷа ва самараи хайри ҳамин сафарҳост.

Бобоҷон Ғафуров, ки фарзанди мусулмонанду аз модари худогоҳи худ бисёр ояту ҳадисҳои пайғамбарро шунида буданд, ки адо кардани ҳамаи панҷ рукни асосии мусулмониро тақозо мекарданд. Ва яке аз онҳо тавофи Каъбаро сидқан ва самимона мехостанд. Соли 1974 ба он кас имкон шуд, ки ба зиёрати хонаи Худо ба Маккаи Мукаррамаю Мадинаи Мунаввара раванд. То академик Б.Ғафуров ҳеҷ як намояндаи мусулмонони Шӯравӣ аз байни донишмандон ва замоне котиби ҳизби ҷумҳурӣ ба сафари ҳаҷ нарафта буд.

Соли 1960 бо ташаббуси Б.Ғафуров дар Маскав Конгресси XXV байналхалқии шарқшиносон баргузор гардид. Устод аз ҳамон вақт сар карда, ҳамчун раиси комитети шӯравии оид ба лоиҳаи асосии ЮНЕСКО «Шарқу Ғарб» дар бисёр ҷамъомадҳои байналхалқии шарқшиносон фаъолона иштирок мекарданд. Рӯзномаи «Правда» 10 августи соли 1960 навишта буд: «То ба қарибӣ шарқшиносӣ аз замони муосир дур ва илми сирф академӣ буд. Акнун вай дар маркази воқеоти кунунӣ мебошад. Ва дар ин хидмати Б.Ғафуров калон аст».

Устод Б.Ғафуров ба ЮНЕСКО лоиҳаи оид ба омӯхтани маданияти Осиёи Марказиро пешниҳод намуданд, ки он пурра тарафдорӣ карда шуд. Дере нагузашта Ассосиатсияи байналхалқӣ оид ба омӯхтани Осиёи Марказӣ таъсис дода шуд, ки Б.Ғафуров раиси он интихоб гардиданд. Ассосиатсия олимони ИҶШС, Хитой, Афғонистон, Ҳиндустон, Эрон, Покистон, Муғулистонро дарбар мегирифт. Дар доираи фаъолияти он дар шаҳрҳои Душанбе, Ашқобод, Самарқанд ва кишварҳои шарқи хориҷӣ як силсила маҳфилҳои байналхалқии илмӣ баргузор мегарданд. Таъсири амиқи байналхалқии конфронсе, ки соли 1968 таҳти роҳбарии Б.Ғафуров дар шаҳри Душанбе оид ба тамаддуни Кӯшониён баргузор шуд, ҳанӯз ҳам аз ёди мо — иштирокчиёни он нарафтааст. Бобоҷон Ғафуров дар тӯли зиндагии пурбаракати хеш осори фарҳангиву таърихии зиёдеро ба ёдгор гузоштаанд, ки теъдоди онҳоро метавон наздик ба 700 адад қалам дод. Дар миёни ин осори гаронмоя чунин шоҳасарҳои безаволро, аз қабили «Таърихи мухтасари халқи тоҷик», «Тоҷикон», «Давраи кӯшониён ва тамаддуни ҷаҳонӣ», «Ал-Форобӣ дар таърихи тамаддун», «Искандари Македонӣ ва Шарқ» ва монанди инҳоро бо камоли ифтихор ном мебарем.

Олими бузург дар паи таснифи асари «Тоҷикон» зиёда аз 30 соли умри худро ба харҷ дода, таърихи пайдоиш, рушду такомул ва талошу пайкориҳои алайҳи тӯдаи истисмор ва таҷовузкор бурдаи халқи тоҷикро дар рафоқату муттафиқӣ ва равобити қавии он ба халқҳои соири Осиёи Марказӣ: ӯзбекҳо, туркманҳо, қирғизҳо ва қазоқҳо равшану амиқ нишон додааст. Дар китоб тараққиёти таърихи халқи тоҷик, қувваҳои маънавию моддие, ки асрҳои аср дар байни халқ ташаккул ёфтаанд, аз ҷиҳати илмӣ ҳарҷониба таҳлил карда шудаанд. Таҳқиқи таърихи халқи тоҷик барои фаҳмидани таърихи ҳамсояҳои машриқзамин, низ аҳамият дорад. Шарқшиноси барҷастаи чех, дӯсти бузурги Б.Ғафуров Иржи Бечка оид ба ин асар чунин баҳо додааст: «Тоҷикон»-и Б.Ғафуров на танҳо ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон, балки тамоми тоҷикони Осиёи Миёна, ҳамчунин қисмати бузурги Афғонистони имрӯзаро фаро гирифтааст. Аз ин лиҳоз асар на танҳо барои халқи тоҷик, инчунин

барои донистани таърихи инкишофи тамоми халқҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти калон дорад».

Баъд аз вафоти Б.Ғафуров якчанд асару мақолаҳои нотамоми эшон аз чоп баромад. Дар байни он китоби бо якҷоягии муаррихи юнонӣ Д.Н. Сибикидис навиштаи Б.Ғафуров «Искандари Македонӣ ва Шарқ» ҷои намоёнро мегирад, ки онро соли 1980 нашриёти «Наука»-и Маскав ба чоп ҳозир кард. (Он дар як вақт бо забони юнонӣ дар Афина чоп гардид).

Соли 1985 ҳайати сарредаксияи адабиёти Шарқи нашриёти «Наука»-и Маскав асарҳои мунтахаби академик Б.Ғафуровро дар як ҷилд нашр кард. Ба он асарҳои илмию публисистии устод ба монанди «Дар бораи сабабҳои болоравӣ ва инқирози Сомониён», «Алоқаҳои таърихии Осиёи Миёна бо мамолики шарқи араб», «Дар бораи муносибатҳои Осиёи Миёна ва Эрон дар аҳди Хаҳоманишиҳо», «Давраи Кӯшон ва тамаддуни ҷаҳонӣ», «Фирдавсӣ — шараф ва ифтихори маданияти ҷаҳонӣ», «Шоири бузурги шарқ Муҳаммад Иқбол», «Абӯ Райҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ», «Абӯнасри Форобӣ ва замони вай» шинос мекунад. Ин китоб, ки ҳаҷман калон асту 450 саҳифа дорад, бори дигар истеъдоди серҷиҳат ва дурахшони илмии шарқшиноси бузург ва яке аз асосгузорони илми таърихшиносони навини тоҷикро инъикос менамояд. Хидматҳои Б.Ғафуровро дар соҳаи инкишофи илми ховаршиносӣ ва таърихшиносӣ ба назар гирифта, устод соли 1951 академики АУ РСС Тоҷикистон, соли 1958 узви вобастаи АИ СССР (академики иттифоқ) интихоб шуда буданд.

Бузургию маҳорат, хирадмандию кордонии хоси Б.Ғафуров дар он зоҳир мегардад, ки ӯ одамони дорои истеъдоди худододро ҷустуҷӯ мекард, зери назорати хеш мегирифт ва қадр мекард. Дар ин хусус овардани ёддошти набототшиноси номии шӯравӣ, доктори илми биология, узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон Вера Запрягаева бамаврид аст:

— Бобоҷон Ғафуров нисбат ба илм эҳтироми бузург дошт, шахсан худаш ҷавонони болаёқатро ҷустуҷӯ ва дарёфт намуда, аз мо хоҳиш мекард, ки онҳоро тахти васоят гирифта, тарбия намоем ва ба онҳо кӯмак расонем.

Б.Ғафуров истеъдодро ҳамеша пос медошт ва онро атои Худо медонист. Аз рӯи нақли собиқ раиси Совети Вазирони РСС Тоҷикистон Назаршо Додхудоев маълум мешавад, ки Б.Ғафуров соли 1956 пеш аз ба Маскав рафтан сарварони нави ҷумҳуриро ҷамъ намуда гуфтааст:

— Ба корҳои роҳбарӣ чӣ дар соҳаи ҳизбию шӯравӣ ва чӣ дар муассисаҳои саноатию фарҳангӣ ва хоҷагии халқ аҳли хирадро тавсия кунед. Одамони боистеъдоду болаёқатро ҷустуҷӯ кунед, зери чашм гиред ва ба тарбияи онҳо диққат диҳед. Меъёри шахсро пеш аз ҳама ақлу хиради ӯ муайян мекунад.

Ворисӣ ин бузургмард Турсунбой Ӯлҷабоев буд, ки бо истеъдоди баланди кордонии худ ҷумҳуриро хеле пеш бурд. Вай ҳам мисли устодаш ба одамони болаёқат такя мекарду меҷуст. Ин анъанаи хуби Б.Ғафурову Ӯлҷабоевро шукр, ки сарвари имрӯзаи мо, мӯҳтарам Э.Ш.Раҳмонов идома дода истодаанд. Имрӯз ӯ маҳз ба қувваи ҷавонон ва махсусан ҷавонони болаёқату боистеъдод такя мекунад. Дар суханронии худ дар вохӯрӣ бо ҷавонони лаёқатманд аз ҷумла гуфт:

«Агар ҷавонон ояндаи миллат бошанд, ҷавонони боистеъдоду лаёқатмандро метавон мояи ифтихор ва сарбаландии он номид. Маҳз ҷавонони соҳибмаърифату боистеъдод қудрат доранд, ки бори гарони илму фарҳанги миллати хешро бар дӯш кашида, ҳамчун ҳалқаи зарурӣ дар занҷири маърифати аз насл ба насломада хидмат намоянд.

Истеъдод ба назари ман мисли чашмаест, ки агар пеши роҳи онро накушоем, чашма дер ё зуд хушк мегардад. Айнан ҳамин тавр ҳар як истеъдодро монанди чашмае, ки мардуми ташналабро шодоб мегардонад, бояд тарбия, нигоҳубин ва эҳтиёт кард ва барои инкишофи вай шароити муносиб фароҳам овард».

Хизматҳои академик Б.Ғафуровро ҳамчун олим, ходими намоёни ҷамъиятӣ тақдир карда, бо шаш ордени Ленин, ордени Револютсияи Октябр сарфароз гардонидааст. Устод ҳамчунин бо ордени Ситораи Қутби Муғулистон ва медали юбилеии Шӯрои Умумиҷаҳонии Сулҳ мукофотонида шудаанд. Аммо мукофоти аз ҳама арзандатарини меҳнати ин алломаи бузург муҳаббати халқ нисбат ба ишон аст, ки бо гузашти солҳо кам не, баръакс афзун мешавад. Ва ин подоши садоқат, дурустаҳдӣ, вафодорӣ ва ҳамеша хайрхоҳи мардум будан аст. Ин мукофотро Президенти мӯҳтарами мо Э.Ш. Раҳмонов зимни фармони худ барои хидматҳои бузург ва фидокориҳо дар поягузории истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти хирадмандонаи давлатдорӣ, инкишофи тамаддун ва худшиносии миллӣ мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардаанд:

«Ба фарзанди бошарафи халқи тоҷик Бобоҷон Ғафуров унвони Қаҳрамони Тоҷикистон дода шавад».

Номи академик Б.Ғафуров таҷассуми ваҳдати миллии Тоҷикистон аст, ки дар ин роҳ Э.Ш.Раҳмонов меҳнати зиёд ба харҷ медиҳанд. Меҳнаткашони ҷумҳурӣ, бахусус, имрӯзҳо, дар арафаи ҷашни 90-солагии зодрӯзи Б.Ғафуров ҳаёти наҷибу ибратбахш ва мероси илмии устодро ҳар қадар амиқ омӯзанд, ҳамон андоза ба пояҳои баланди худшиносии миллӣ мерасанд.

***с. 1999***

## НИКИТА ХРУШЁВ, БОБОҶОН ҒАФУРОВ ВА ҚИССАИ «ЧИЛУ ПАНҶУ ЧИЛУ ПАНҶ»

Дар солҳои баъдиҷангӣ дар ҷумҳурӣ вазифа гузошта шуда буд, ки истеҳсоли пахта зиёд карда шавад. Яке аз роҳҳои зиёд кардани он ҷорӣ намудани усули чоркунҷаю тоқа-тоқа коштани зироати пахта буд. Бо ин усул масъалаи кам сарф кардани меҳнати дастӣ, коркарди саривақтии байни қаторҳо ва афзун гардондани ҳосил ҳалли худро меёфт. Асоси усули навро гузаштан ба кишти қаторҳои камбар, яъне 45 сантиметрӣ ташкил мекард. Дар кишти пахтаи байни қаторҳояш 45 сантиметрӣ ҳосили пахтаи ҳар гектар нисбат ба 60 сантиметрӣ 3-4 сентнерӣ зиёд ва нисбат ба 70 сантиметрӣ 6-8 сентнерӣ афзун мешуд.

Бобоҷон Ғафуров, ки солҳои баъдиҷангӣ дар вазифаи котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон буд, ташаббускори ҷорӣ намудани кишти чоркунҷаю

тоқа-тоқаи пахтаи байни қаторҳояш 45х45 сантиметрӣ буд. Аммо ба ин усули нав Вазири пахтакории СССР Усмон Юсуфов қатъиян зид буд. Дар ин хусус Бобоҷон Ғафуров дар Анҷумани XIX ВКП(б) баромад карда, камбудиҳо ва беэътиноии Вазири пахтакории мамлакат У. Юсуфовро нисбат ба усули нав хунукназарона рафтор карданаш иброз намуд. Баъд масъалаи чоркунҷаю тоқа-тоқа коштани пахта ва кишти байни қаторҳояш камбар дар Пленуми сетябрии соли 1953 КМ КПСС бардошта шуд. Дар вақти танаффуси кори пленум котиби якуми КМ КПСС Н. С. Хрущёв бо Б.Ғафуров сӯҳбат мекунад ва мегӯяд, ки ин масъала барои ман нав аст ва бояд онро пеш аз ҳал кардан санҷидан ва фаҳмидан даркор. Ман ҳатман ба Тоҷикистон рафта бо ин усул шинос мешавам ва шояд ягон маҷлиси умумииттифоқии пахтакорон даъват карда муҳокима кунем.

Баъди як соли ин сӯҳбат моҳи ноябри соли 1954 дар Тошканд маҷлиси машваратии пахтакорони ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, Закавказия ва РСС Қазоқистон даъват карда шуд, ки дар он 1200 нафар коркунони ин соҳа иштирок доштанд. Н.С.Хрушёв мувофиқи ваъдаи худ аввал ба Тоҷикистон омада, аз наздик бо усули нав шинос шуд. Дар ин хусус дар баромади худ Н.С.Хрушёв дар маҷлиси машваратии 20 ноябри соли 1954 ба пахтакорон дар Тошканд аз ҷумла гуфта буд:

— Вақте ки ман ба ҳамин маҷлиси машваратӣ омаданӣ шудам, фикр кардам, ки чӣ тавр Сталинободро надида ба Тошканд меравам. Ман донистам, бо масъалаҳое вомехӯрам, ки диққати ҷиддии пахтакоронро ба худ кашидааст. Бинобар ин аввал ба Тоҷикистон рафта гапҳои одамонро шунида, пас саҳроҳои пахтакорони тоҷикро дидан даркор буд. Ман масъаларо бо диккат омӯхта ба зиммаи худ масъулият гирифтам, ки бо ҳамроҳии шумо ин масъаларо то охир санҷам ва мавқеи муайяне ишғол намоям».

Дар ҳақиқат, Н.С.Хрушёв пеш аз ба Тошканд омадан рӯзҳои 15-16 ноябри соли 1954 саҳроҳои пахтаи ноҳияҳои Куйбишев, Қӯрғонтеппа ва Сталинободро ҳамроҳи роҳбарони онвактаи ҷумҳурӣ Б.Ғафуров ва раиси Совети Вазирони РСС Тоҷикистон Ҷ. Расулов дида, бо усули кишти байни қаторҳои камбар шинос шуд. Дар колхози ба номи В.И.Ленини ноҳияи Қӯрғонтеппа Н.С.Хрушёв аз Б.Ғафуров мепурсад: «Тарси Усмон Юсуфов аз ин иқдоми нав дар чист ва чаро дар байни шумоён доимо баҳс аст?» Б.Ғафуров посух медиҳад: «Тарси ӯ ин аст, ки усули кишти чоркунҷаю тоқа-тоқаи 45х45 сантметрӣ механиконидани кори байни қаторҳоро шояд мушкил гардонад, аммо мо агротехникаи навро кор карда баромада исбот намудем, ки ин тарси Усмон Юсуфов асосе надорад. Аз ин ҷост ӯ бо исрор мегӯяд, ки ба кишти байни қаторҳояш 45х45 нею ба кишти байни қаторҳояш 60х60 ва 60х45 сантиметрӣ гузаштан шарт».

Н.С.Хрушёв дар вақти дар Тоҷикистон буданаш бо таҷрибаи кишти пахтаи байни каторҳояш камбар ва кишти чоркунҷаи тоқа-тоқаи 45ч45 сантиметрӣ муфассал шинос шуд. Никита Сергеевич ин таҷрибаҳоро маъқул дониста ба Б.Ғафуров таклиф кард, ки омӯхтан ва такмил додани усули кишти байни қаторҳояш камбарро давом диҳанд. Ва илова намуд: «Дар ин хусус дар Тошканд ман алоҳида истода мегузарам».

Дар ҳақиқат, дар баромади худ дар шаҳри Тошканд Н.С.Хрушёв муфассал оид ба таҷрибаи пахтакорони тоҷик ҳарф зад ва аз ҷумла гуфт: «Тоҷикон кайҳо тарафдори он мебошанд, ки пахта бо усули байни каторҳояш 45 сантиметрӣ кошта шавад. Росташро гӯям, ман аввалҳо ба ин каме бо назари шубҳа нигоҳ мекардам, тарс доштам, ки кам будани масофаи байни қаторҳо ба татбиқ намудани техника халал мерасонад. Аммо Бобоҷон Ғафуров маро ба совхози Куйбишеви Вахш бурд ва дидам, ки онҳо аз ӯҳдаи ин кор нағз баромадаанд, майдони киштро аз ду тараф — аз қаду бар кор кардаанд. Аз ин рӯ хулоса баровардан мумкин аст, ки таҷрибаи колхозу совхозҳои Тоҷикистон, ки пахтаро бо усули байни қаторҳояш камбар мерӯёнанд, сазовори диққати бузург аст. Мо ҳамроҳи мутахассисон ҳисоб карда баромадем. Дар сурати гузаштан ба қаторҳои камбар, ки тоҷикон онро татбиқ карда истоданд, майдон танҳо дар Ӯзбекистон боз 765 ҳазор гектар меафзояд. Ана, рафиқ Юсуфов, баҳсеро, ки кайҳо боз рафиқони тоҷик ва Бобоҷон Ғафуров бо шумо доранд, ҳамин рақамҳо ҳал мекунанд, ҳамсояи шумо тоҷикон ана, дар ҳамин асос ҳосили фаровони пахта ба даст меоваранд. Пас дар ин ҷо гап дар офтоби баланди Тоҷикистон нест, ҳамон навъе, ки Юсуфов гуфт, балки дар ақлу фаҳм дар тадбирҳои ташкилотчигии роҳбарони тоҷик аст. Ман рафиқ Юсуфовро ҳурмат мекунам ва ҳурмат хоҳам кард, аммо ба шарте, ки ӯ худро аз нав созад. Аммо ҳозир рафиқ Юсуфов ботинан худро аз нав насохтааст ва ҳанӯз ҳам якравӣ мекунад, ба гапи пештараи худ сахт истодааст». (Аз китоби «Маҷлиси машваратии коркунони соҳаи пахтакории республикаҳои Осиёи Миёна, Закавказия ва РСС Қазоқистон дар Тошканд, 17-20 ноябри соли 1954». Сталинобод, 1954, саҳ. 238-239).

Оре, Усмон Юсуфов аз гапи худ нагаштааст. Он рӯзҳо гурӯҳи вакилони маҷлиси машваратӣ дар ҳайъати Н.С.Хрущёв, Б. Ғафуров, Ш.Рашидов, У.Юсуфов, Ҷ.Расулов, Н.Додхудоев, Котиби якуми КМ ПК Қирғизистон И.Раззоқов, котибони КМ ПК Қазоқистон П.К.Пономаренко, Л.И.Брежнев ва дигарон ба майдонҳои колхози ба номи Л.М.Кагановичи вилояти Тошканд рафта, бо усули тоқа-тоқаю чоркунҷа шинос мешаванд. Раиси хоҷагӣ, ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Ҳамроқул Турсунқулов ба шарафи меҳмонон зиёфати калон медиҳад. Дар вақти зиёфат Н.С.Хрушёв аз Турсунқулов пурсид: «Фикри шумо чӣ тавр аст, ба усули чоркунҷаю тоқа-тоқа коштани пахта гузаштан мумкин аст ё не?».

Ҳамроқулов дилпурона ҷавоб дода гуфт: «Мумкин аст ва ҳатто схемаи пешниҳодкардаи чилу панҷ бар чилу панҷи Б. Ғафуровро пеш мегирем».

Дар ин вақт У. Юсуфов ба ӯ луқма дода гуфт: «Раис-ака, бо усули байни қаторҳояш 70х70 коштан лозим аст». Турсунқулов такроран гуфт: «чилу панҷу чилу панҷ».

Баъд Хрушёв ба Бобоҷон Ғафуров рӯ оварда мегӯяд:

«Модоме академики соҳаи пахтакорӣ Ҳамроқул Турсунқулов ин усулро тавсия медиҳад, пас роҳи мо ҳамин аст. Аз ту, Бобоҷон Ғафуров хоҳиш мекунам, ки ҳамин таҷрибаи усули навро тезтар навишта паҳн кун».

Бо ин мақсад соли 1955 нашриёти бонуфузи мамлакат «Госполитиздат»-и Маскав китоби Б. Ғафуровро бо номи «Ташкилотҳои партиявии Тоҷикистон

дар мубориза барои баланд бардоштани пахтакорӣ» аз чоп мебарорад. Дар китоб Б. Ғафуров менависад, ки муваффақиятҳои мо натиҷаи аз таҷрибаи навоварони соҳаҳои дигари хоҷагии қишлоқ, хусусан аз таҷрибаи навовари номӣ Терентий Малтсев истифода бурдан аст. Минбаъд пахтакорони ҷумҳурӣ пахтаро бо техникаи агрономии навтарин парвариш мекунанд. Соли 1956 Тоҷикистон дар натиҷаи бо усули нави пешқадам парвариш кардани пахта ҳосили баланд рӯёнид.

Ҳосилнокӣ аз ҳар гектар ба 28 сентнерӣ расид. Барои ин комёбии калон бо Указе Президиуми Совети Олии СССР аз 22 декабри соли 1956 ҷумҳурии мо ба ордени Ленин сарфароз гардид. Ои рӯзҳо Н.С.Хрушёв Котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Т.Ӯлҷабоевро, ки ҳамагӣ шаш моҳ пеш ба ҷои Б.Ғафуров интихоб шуда буд, табрик карда мегӯяд: «Мана, Тоҷикистони шумо ҳам соҳиби ордени Ленин шуд. Якумашро худат хоҳӣ гирифт». Ӯлҷабоев ҳамоно гуфт, ки «не, якумашро ба Бобоҷон Ғафуров медиҳем, зеро ки саҳми ӯ калон аст». Н.С.Хрушёв гуфтааст, ки «ҳақ аст, ки муборизаи ӯ баҳри чилу панҷу чилу панҷ барабас нарафт».

Рӯзи 28 декабри соли 1956 2966 нафар колхозчиён, коркунони МТС ва совхозҳо, коркунони ҳизбӣ, хоҷагӣ ва комсомолӣ бо орден ва медалҳои СССР мукофотонида шуданд. Дар байни онҳо аз ҷумла директори Институти шарқшиносии АИ СССР Бобоҷон Ғафуров барои саҳмаш дар тараққиёти пахтакорӣ дар солҳои баъдиҷангӣ бо нишони олии Ватан — ордени Ленин сарфароз карда шуд. Дар бадали даҳ соли роҳбарин ӯ истеҳсоли пахта аз 136 хазор тоннаи соли 1946 то 418 ҳазор тоннаи соли 1956 расид. Ин натиҷаи кордонии ӯ дар соҳаи пахтакорӣ буд.

Умуман, гап дар сари он аст, ки Бобоҷон Ғафуров ҳамчун роҳбари чашмикордон дар ҳар бобат ба маслиҳату таҷрибаи мутахассисон ва ашхоси ҳаётдидаву соҳибтаҷриба такя мекард. Бурди ӯ ҳам маҳз дар ҳамин чиз асос меёбад.

## РОҲБАРИ ТОССАР ВА ГӮСФАНДОНИ КАММӮИ ҲИСОРӢ

***Ё чӣ тавр Бобоҷон Ғафуров зоти гӯсфанди ҳисориро аз дами теғи Никита Хрушёв наҷот дод.***

Охирҳои моҳи октябри соли 1954 котиби якуми Комитети Марказии Ҳизби КоммунистиТоҷикистон Б. Ғафуров раиси комиҷроияи ноҳияи Куйбишев Ҳасан Ҷарқинзодаро барои сӯҳбат даъват карда, аз вазъи ноҳия пурсон шуд. Аз сӯҳбат бо Ҳ.Ҷарқинзода қаноатманд гашта, сипас ба сари мақсад омад:

— Рамаи гӯсфандҳои ҳисориро аз чарогоҳҳои Ғарм овардаанд ё не?

— Се рӯз шуд, ҳоло дар даштҳои Даҳанакийики Қизилқалъа.

— Агар илоҷаш бошад, онҳоро ба сари роҳ фаровардан даркор, — маслиҳат дод Б.Ғафуров. — Аз Маскав меҳмон меояд. Ба Шумо Ӯлҷабоеву Ёқубов — мудири хоҷагии қишлоқи КМ ҲК Тоҷикистон низ ёрӣ медиҳанд.

Аввалҳои моҳи ноябр тайёрӣ ба қабули меҳмон сар шуд. Тахминан 20 ҳазор сар гӯсфандҳои думбакалони ҳисориро ба сари роҳи мошингузар

фароварда, онҳоро ранг ба ранг ба рамаҳо ҷудо карданд, хаймаҳои чӯпониро бо қолину радиову палос оро доданд. Ҳеҷ кас намедонист, ки меҳмон кист?

Баъди тақрибан 20 рӯз як пагоҳӣ қатори мошинҳо омада, дар назди хаймаҳои чӯпонӣ қарор гирифт. Аз мошинҳо котиби якуми КМ ҲК Иттиҳоди Шӯравӣ Никита Сергеевич Хрушёв, котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров, Раиси Шӯрои Вазирони Тоҷикистон Ҷаббор Расулов, Раиси Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон Назаршоҳ Додхудоев ва дигарон берун омаданд.

Б.Ғафуров Ҳасан Ҷарқинзода ва котиби якуми комитети ҳизбии ноҳияи Куйбишев Исмоил Султоновро ба Н.С.Хрушёв шинос намуд.

— Ноҳия кадом маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқро истеҳсол мекунад? — пурсид Хрушёв.

— Гушт, мева, пахта, — ҷавоб дод Ҷарқинзода.

Вай дигар ҳарфе назада, рост ба хаймаи чӯпонӣ даромад. Радиоро монда, сипас берун омада, бо чӯпони калон ҳамсӯҳбат шуд.

— Гӯсфандҳо чаро дар ин ҷоянд? — савол дод Никита Сергеевич ба чӯпон.

— Аз чарогоҳи тобистона бармегардем...

Хрушёв рафта, гӯсфандҳоро аз назар гузаронид.

— Барои чӣ ин гӯсфандҳо мӯй надоранд? — рӯй турш кард Никита Сергеевич.

— Зоташон ҳамин хел аст, кампашм мешаванд, — ҷавоб дод Б. Ғафуров.

— Ин хел зот ба мо лозим нест, — гуфт Хрушёв. — Ба мамлакат гӯсфандҳои маҳинпашм даркор... — Баъд ба Б. Ғафуров рӯ овард. — Оё Шумо медонед, ки мамлакат ҳар сол аз Австралия 25 ҳазор тонна пашм мехарад? Бар ивазаш пахта ва дигар маҳсулот медиҳем... Худи ҳамин рӯз ин гӯсфандҳоро бурда, ба гӯшт супоред, ба парвариши гӯсфандҳои маҳинпашм машғул шавед. Россия Шуморо бо гӯшт таъмин мекунад.

Нисфирӯзӣ ба шарафи меҳмон зиёфат оростанд. Дар рӯи дастурхон намунаҳои тамоми нозу неъмати ҷумҳурӣ муҳайё буд. Ҳозирон ҳар қадаҳеро, ки Н.С.Хрушёв мебардошт, бо кафкӯбиҳо қадр мекарданд, ҳар суханеро, ки аз забонаш мебаромад бо шавқи том гӯш медоданд. Дере нагузашта меҳмон ширакайф шуд.

— Баъди ду соат тамоми роҳбаронро дар ҳамин ҷо ҷамъ кун, — ба Б. Ғафуров амр дод Хрушёв. — Маҷлис мешавад...

Б. Ғафуров Турсунбой Ӯлҷабоевро ба наздаш хонда, супориш дод, ки роҳбарони шаҳру ноҳияҳои водии Вахшро даъват кунад.

— Маҷлис дар клуби хоҷагии ба номи Ленин, ноҳияи Қӯрғонтеппа барпо гардид. Н.С.Хрушёв ба минбар баромада дар бораи муваффақияту камбудиҳои дидааш ҳарф зад. Боз масъалаи гӯсфандҳои ҳисориро ба миён гузошт.

— Агар дар рӯзҳои наздик ин гӯсфандҳоро ба гӯшт насупоред, — ба Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов ва Назаршо Додхудоев рӯ гардонда гуфт

ӯ, — ба тани ҳар сеятон пӯсти онҳоро пӯшонда, дар тамоми кӯчаҳои Маскав давр мезанонам.

Чунин буд ҳукми ҳукмрони давр.

Н.С.Хрушёв аз сафари водии Вахш ҳамроҳи Б.Ғафуров, Ҷ.Расулов, Н.Додхудоев, Т.Ӯлҷабоев рост ба шаҳри Тошканд, ба маҷлиси машварати коркунони соҳаи пахтакории ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, Закавказия ва РСС Қазоқистон, ки 17-20 ноябри соли 1954 баргузор мегардид, омаданд. Дар маҷлис Н.С.Хрушёв бо нутқи калон баромад намуда, аз ҷумла масъалаи гӯсфандони ҳисориро низ бардошт:

— Мехоҳам, инчунин дар бораи тараққӣ додани гӯсфандпарварии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва РСС Қазоқистон гап занам. Ба ин соҳаи чорводорӣ ба таври ҷиддӣ камар баста, тараққӣ додани парвариши гӯсфандони маҳинпашм машғул шудан лозим аст. Ман ба рафиқони тоҷик дар шахси Ғафуров дар масъалаи гӯсфандпарварӣ мусоҳиба кардам. Онҳо мегӯянд, ки гӯшти гӯсфанди ҳисорӣ хеле бомазза аст. Ин рост аст. Дар колхозҳои Тоҷикистон маро ба чунин сихкабобе зиёфат карданд, ки ман ӯро аз ин пеш ҳеҷ вақт нахӯрда будам. Аз рафти кор, ин сихкабоб ҳам аз гӯсфанди ҳисорӣ буд (дар толор ханда).

Он гоҳ ман аз рафиқ Ғафуров пурсидам: — Ба ҳар ҳол, мо дар бобати гӯсфанди маҳинпашм, ки аз вай пашми аъло мегирем, чӣ кор бояд кунем. Охир, гӯсфанди ҳисорӣ кам пашм медиҳад ва пашмаш бад аст. Ман ба рафиқоне, ки ҳамроҳашон сӯҳбат мекардам, ҳазл карда гуфтам, ки мо барои онҳо аз пашми гӯсфандҳои ҳисорӣ либос тайёр мекунем, роҳбарони ин ҷо, агар онҳо ба тараққиёти парвариши гӯсфандони маҳинпашм машғул шуданро нахоҳанд, бигузор шалворҳои пашми ҳисорӣ пӯшидан гиранд. Ана вақте ки онҳо ин гуна шалвор мепӯшанд, он гоҳ ҷиддитар баҳо хоҳанд дод, ки гӯсфандони маҳинпашм парвариш кардан чист.

... Мо бояд ба парвариши гӯсфандони маҳинпашм ҷиддӣ машғул шавем ва дар ин масъала мо ҳам ба роҳи ҳосил кунондани боварӣ амал мекунем ва ҳам бо роҳи маҷбуркунӣ. Хуб мешавад, ки бисёртар бо роҳи ҳосил кунонидани боварӣ амал кунем. Аммо агар дар ин кор ҳам мисли кори ҷиддӣ кардани усули кишти пахтаи байни қаторҳояш камбар монеае вохӯрад, он гоҳ ҳосил кунондани бовариро ба маҷбурӣ пайваста кардан лозим меояд.

Иқтибос аз китоби «Маҷлиси машваратии коркунонии соҳаи пахтакории республикаҳои Осиёи Миёна, Закавказия ва РСС Қазоқистон дар Тошканд 17-20 ноябри соли 1954». — Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1955. — 258 с.

Вақте ки Н.С.Хрушёв ба таҳлилу хулоса ин суханҳоро мегуфт, Б. Ғафуров дар аввал хомӯширо пеша кард. Ба гуфти Саъдии ширинсухан: «Хомӯшӣ беҳ, ки замири дили реш, Бо касе гуфтану гуфтан, ки магӯй». Ӯ хуб медонист Н.С.Хрушёв кӯр-кӯрона ба шиори пешгирифтаи худ, ки аз Америка аз ҷиҳати гӯшт, шир ва пашм мегузарам, мӯътақид буд. Ӯ аз куҷо медонист, ки гӯсфанди ҳисорӣ зоти дуруштпашму думбакалони маҳаллист, ки аз қадим дар олам шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда буд. Сайёҳи машҳури итолиёӣ Марко Поло дар китоби худ, ки соли 1898 иншо карда буд, шояд гӯсфандони ҳисориро дар назар дошта, навиштааст: «Гӯсфандон худи хар

барин, думбаҳояш ғафсу калон, гӯсфандони хушнамуду серравған; гӯшташон хуштамъ». Ҳамаи онро Б. Ғафуров хуб медонист, вале чун мизбон ба Н.С. Хрушёв чизе нагуфт, ки меҳмонро изо надиҳад.

Ҳинни сафараш ба Москва Б. Ғафуров китоби академик Ф. Ивановро, ки оид ба гӯсфандони ҳисорӣ баҳои баланд додааст, ёдрас мекунад. Ӯ навишта буд: «Гӯсфандони ҳисорӣ нисбат ба дигар гӯсфандони думбадор калонҷусса буда, сару баданаш пурра ва қаду басташ зебост, зуд калон ва фарбеҳ мешавад, ба шароити кӯҳистон мутобиқ шудааст. Гушти гусфанди ҳисорӣ дар лаззат ва тароват аз гӯшти тазарв камӣ надорад».

Баъди инро фаҳмидан сарвари онвақтаи мамлакатамон Н.С.Хрушёв аз амри худ оид ба ҷои гӯсфандони ҳисорӣ парвариши гӯсфандони маҳинпашмро ба роҳ мондан даст кашид. Собиқ Раиси Президиуми Совети Олии Тоҷикистон Назаршо Додхудоев дар хотироти хеш менависад: «... Ҳамин сабаб шуд, ки ҷонишини Вазири хоҷагии қишлоқи СССР Воронов ба ман телефон кард: «Коре кунед, ки гӯсфанди ҳисорӣ нест нашавад, агар тавонед, саршуморашро зиёд намоед».

Баъди се моҳ ба ман телефон шуд, ки ду гӯсфанди ҳисориро ба Маскав фиристонам, ки Н. С. Хрушёв онҳоро ба Эйзенхауэр президенти ИМА тӯҳфа мекунад. Мо ду гӯсфанди 170 ва 180 килоиро ба Маскав фиристодем. Намедонам, ки тӯҳфа ба соҳибаш расид ё не». (Н.Додхудоев. Ободонӣ кардем, ҷаллодӣ накардем. — Адабиёт ва санъат, 1990, 1 ноябр).

Шукр, ки имрӯз Тоҷикистон бо гӯсфандони ҳисории худ дар ҷаҳон шӯҳрат дорад. Олимон баҳри зиёд кардани зоти он кӯшида истодаанд. Саршумори беҳтарини гӯсфандони ҳисорӣ дар заводи зотпарварии «Ҳисор»-и ноҳияи Фархор мавҷуд аст.

Алҳол зиёда аз 40 фоизи саршумори умумии гӯсфандони ҳисорӣ дар хоҷагиҳои зотпарварӣ нигоҳ дошта мешаванд. Гӯсфандони ҷойдорӣ аз қабили гӯсфандони думбадори гӯшту равғандеҳ буда, хусусан ба шароити вилояти Суғд нағз мутобиқ шудааст. Олимони тоҷик дар натиҷаи бо гӯсфандони ҳисорӣ ҷуфт кардани қучқорҳои гӯсфандони сароҷинӣ ва истифодаи мешҳои дурагаи лингис (дурагаи мешҳои ҳисорӣ бо қӯчқори зоти гӯсфандони англисии линколн) гӯсфанди тоҷикии гӯшту равғану пашмдеҳро рӯёнданд.

## ХОКИ ВАТАН АЗ ТАХТИ СУЛАЙМОН ХУШТАР...

Хоҳари хурдии аллома Бобоҷон Ғафуров — Зебуниссо Ғафурова як лаҳзаро аз рӯзгори шодравон бародараш нақл карда буданд.

— Соли 1975 пас аз ҷарроҳии гурда табиб акоямро зери таъсири наркоз беҳуш гумон карда, ба ҳамкори худ бо таассуф изҳор мекунад, ки «дардаш бедавост ва аз умри ӯ се моҳи дигар боқӣ мондаасту халос...»

Бародарам ин суханонро мешунаванд, вале аз рӯи хислати мардӣ ба касе сир бой намедиҳанд. Ҳамон солҳо аҳли оилаи мо зуд-зуд ба Маскав, ба назди бародарам, ки директори Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Академияи илмҳои СССР буданд, мерафт. Мо, ки аз «пешгӯиҳо»-и духтурон бехабар

будем, дар авзои бародарам ягон тағйироте ҳис намекардем. Худи он кас ҳам ба фикрҳои мубҳам роҳ надода, пурмаҳсул кор мекарданд.

Боре, рӯзи якшанбе ману Бобоҷон-акоям дар хона танҳо мондем. Зимни сӯҳбати гарму ҷӯшон он кас баногоҳ сӯи ман нигоҳи меҳромез афканда, бо табассум гуфтанд: «Зебӣ, оё ту медонӣ, ки мардуми бофарҳанги мо чӣ қадар ҳикматҳои соддаю пурмазмуне доранд. Масалан, «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар...» Ман ба таги гап сарфаҳм нарафтам. Аз ин сӯҳбати соли 1975 ду соли дигар сипарӣ шуд. Ва ин ду сол барои Бобоҷон-акоям бо мағлубияти марг ва тантанаи ҳаёт анҷом ёфт. Он сири пинҳонӣ оқибат ошкор шуд. Ишораи бародарам дар хусуси «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар» ба мо аён гардид. Он кас ба ин ҷаҳони фонӣ бо чашми хирад ва дурандешӣ нигариста дар бораи манзили охират фикр мерондаанд.

15-уми моҳи апрели соли 1977 Б. Ғафуров ба Душанбе меоянд. Дар маҷлиси ҳисоботии Академияи илмҳои Тоҷикистон ва маҷлиси сайёри шӯъбаи илмҳои ҷамъиятии АИ СССР иштирок мекунанд. Пас аз тамом шудани маҷлиси сайёр Б. Ғафуров ба Маскав барнагаштанд. Аз ноиб-президенти АИ СССР П.Н. Федосеев иҷозат гирифтанд, ки рӯзҳои рухсатиашонро дар Душанбе гузаронанд.

Аз байн чанд рӯз гузашту Б. Ғафуров ба наздашон сарвари АИ Тоҷикистон М. Осимиро даъват карданд. Баъди ҳолпурсӣ устод ба Осимӣ муроҷиат намуданд:

— Муҳаммадҷон, ман аз назди Ҷаббор Расулов омадам. Ба ӯ гуфтам, ки маро дар ҳамин ҷо дар ягон гӯшаи Тоҷикистон ба хок супоред.

Осимӣ бо тааҷҷуб пурсиданд:

— Шумо чиҳо мегӯед?

— Гапамро набуреду нағз гӯш кунед. Ман бемориамро хуб медонам, илоҷи муолиҷа нест. Як ё ду моҳ умр боқӣ мондааст. Дар кадом ҳолат, ки бошам, нагузоред, ки маро аз Тоҷикистон берун баранд. Дигар ба сари ин масъала намеоем. Шумо ҳикмати «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар»-ро медонед-ку?! Фақат Шумо ба ман ваъда диҳед, ки хоҳиши маро иҷро мекунед, намегузоред, ки маро боз ба Маскав фиристанд.

Баъди чанд рӯзи ин сӯҳбат вазъи саломатии Б.Ғафуров вазнин мешавад. Як рӯз вазири тандурустии ҷумҳурӣ И.А.Саженин Осимиро дида изҳори хурсандӣ кард:

— Хайрият, ки шуморо дидам. Медонед, саломатии Бобоҷон Ғафуров хеле вазнин аст. Мо бо роҳбарияти Шӯрои вазирон ба қароре омадем, ки он касро ба Маскав фиристем. Шумо чун шахси наздик он касро розӣ кунонед.

Муҳаммад Осимӣ, ки сухани Ғафуровро дар гӯш доштанд, қатъӣ розӣ нашуда гуфтанд:

— Бобоҷон Ғафуров аз Тоҷикистон ба ҳеҷ куҷо намераванд. Агар лозим шавад, табибонро даъват кунед. Аз шумо эҳтиромона хоҳиш мекунам, ки минбаъд ин масъаларо ба миён нагузоред. Фаромӯш накунед, ки Б.Ғафуров маҳбуби халқ аст.

Табибон беш аз ду моҳ барои ҳаёти алломаи замон мубориза бурданд, вале оқибат марг корашро кард. 12 июли соли 1977 қалби бузурги пурҳарорати

фарзанди барӯманди миллат аз тапидан монд. Ба ибораи Муҳаммад Осимӣ «Як шамъи фурӯзони хиради тоҷик хомӯш шуд». Шодравон падарам Абдуғаффор Ҳасанов, ки ҳамагӣ ҳафт рӯз пеш аз Хуҷанд ба аёдати шахси барояшон азиз ва шогирд омада буданд, баробари шунидани марги Б. Ғафуров ҳамин байти Бедилро хонданд:

*Марги соҳибдил ҷаҳонеро далели кулфат аст,*
*Шамъ агар хомӯш гардад, доги маҳфил мешавад.*

14 июли соли 1977 аҳли ҷумҳурӣ бо фарзанди бузурги худ, академики АИ СССР ва АИ РСС Тоҷикистон, директори Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии АИ СССР Б. Ғафуров видои вопасин карданд. Ман он рӯз дар ҳамаи маъракаи мотамӣ иштирок намудам ва доир ба он рӯзи вопасин чанд маводу ҳуҷҷатҳо, хотироту ёддоштҳои иштирокчиёнро ҷамъ кардаам.

Он рӯз на танҳо халқ, балки дару девор ва толори Институти кишоварзии Тоҷикистон низ мотам дошт. Тобути марҳум ин ҷо гузошта шуда буд. Ҳазорон-ҳазор одамон барои видоъ кардан бо Б. Ғафуров ба ин ҷо омадаанд. Ҳайатҳои вакилони олимони АИ СССР, АИ Ӯзбекистон, Туркманистон, Гурҷистон, Озарбойҷон, Қирғизистон, коркунони маҷаллаҳои «Народы Азии и Африки», «Азия и Африка сегодня» ба ин ҷо омада буданд, ки бо марҳум видоъ кунанд.

Садои оҳанги мотамӣ зери гунбази бино баланд гардид. Ҳофизони машҳури халқ, санъаткороне, ки Б.Ғафуров онҳоро дӯст медоштанду ҳурмат мекарданд, аз қабили Артистони халқии СССР Ҳанифа Мавлонова, Тӯҳфа Фозилова, Аҳмад Бобоқулов, Барно Исҳоқова дар сари тобут истода, зери оҳангҳои ҳузнангез сурудҳои мотамӣ мехонданд. Ансамбли асбобҳои халқӣ навоҳои «Чӯли ироқ», «Муноҷот», «Муҳайяр», «Гиря»-и Ҳоҷӣ Абдулазизи Самарқандӣ барин оҳангҳои дилрешро менавохтанд. Найнавози машхур Нисон Шовулов бо як маҳорати хоси хеш «Чӯли ироқ»-ро навохта, дили ҳамаро реш кард. Ҷалолиддини Румӣ басо хуб гуфтааст:

*Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,*
*В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.*

Ҳофизони номбаршуда бо санъати ҷозибанок ғазали машҳури Камоли Хуҷандӣ «Натавон кард»-ро дар оҳанги Ҳоҷӣ Абдулазизи Самарқандӣ хонданд. Ин оҳангро 17 апрели соли 1954, вақте ки устод С. Айниро ба роҳи охирин мегуселониданд, Ғафуров, ки он вақт сарвари Тоҷикистон буданду чун шогирди устод ба тарафи ҳофизону созандагон Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов рӯ оварда гуфта буданд, ки «Оҳанги Ҳоҷӣ Абдулазиз бар ғазали Камолро навозеду хонед, ки Айнӣ маҳз онро дӯст медоштанд». Ҳофизони номӣ ҳамоно он хоҳиши Б.Ғафуровро иҷро карда буданд. Он рӯзи 14 июли соли 1977 Ходими шоистаи санъати Тоҷикистон, наттоқи номии радиои тоҷик Файзулло Арабов, ки почои Б.Ғафуров буданд, ба дастаи ҳофизон рӯ оварда гуфтанд: «Хоҳиши домулло Ғафуров ҳамин буд,

ки рӯзи видоъ ҳатман ҳамин ғазали Камол «Натавон кард» бар оҳанги Ҳоҷӣ Абдулазизро хонанд». Матни он ғазал ин аст:

*Рӯят ба чунин дида тамошо натавон кард,*
*Ҷуз васли ту дар сина таманно натавон кард.*
*Гар тег кашад душману в-ар таъна занад дӯст,*
*Қатъ аз туву савдои ту қатъо натавон кард.*
*Дар давлати хубӣ ба гадоёни дари хеш*
*Лутфе бикун имрӯз, ки фардо натавон кард.*
*Дарде зи ту бар ҷони Камол аст, ки онро*
*Илло ба висоли ту мудово натавон кард.*

Дар ҳамон лаҳзае, ки ҳама бо сӯзу гудоз бо марҳум видоъ мекард, толорро як оҳанги маҳзункунандае фаро гирифт ва аз дур ба ин оҳанг Артисти халқии Тоҷикистон Шоиста Муллоҷонова, ки аз шаҳри Бухоро расида омада буд, ашкрезону додгӯён суруди «Ғарибонро кӣ мепурсад»-ро ба оҳанги халқӣ хонда ба назди тобут наздик мешавад. Ба ӯ аз боло Аҳмад Бобоқулов ҳамовоз шуд ва ба бадани ҳама он лаҳза мурғак дамиду як ҳолати дилрезкунандаи оҳангу суруд фаро гирифт:

*Ғарибонро кӣ мепурсад дар ин шоми ғарибона,*
*Тамоми халқ бепарво, тамоми мулк бегона.*
*Сарам чун чарх мегардад, танам чун бед меларзад,*
*Дилам чун кӯра месӯзад, дар ин шоми ғарибона.*
*На мулкам ҳасту не молам, на кас пурсад зи аҳволам,*
*Зи шаб то рӯз менолам, дар ин кӯҳсори бегона.*

Мо борҳо ин оҳанги безаволи мардумии ғарибонаро, ки устод С. Айнӣ дар Бухоро аз забони форсҳои марвигӣ шунида дар асари машҳурашон «Дохунда» истифода бурдаанд, аз забони ин ҳофизони мумтоз шунида будем. Вале ба ин дараҷае, ки он рӯзи видои вопасин бо Б. Ғафуров суруди «Ғарибонро кӣ мепурсад»-ро Шоиста Муллоҷонова ва Аҳмад Бобоқулов хондаанд, касе ин тарз пуртаъсир нахонда буд. Ҳамагон баробари шунидани ин суруд, гӯё ба ҷигари пора-пора гаштаашон нохун зада бошанд ба доду фиғон омаданд.

Артисткаи халқии СССР Ҳанифа Мавлонова шеъри Лоҳутӣ «Фақат сӯзи диламро дар ҷаҳон парвона медонад»-ро ба оҳанги «Чапандози наво» месуруд. Сарояндаи беҳамто, санъаткори барҷастаи тоҷик Тӯҳфа Фозилова он рӯз дар тан либоси сиях, навҳаи дили худро бо сурудҳои ҷонгудозаш ифшо менамуд, аммо ашки талх, дили хунгаштааш нагузошт, ки то охир ҳамрохи дигар ҳофизон бар марги Б. Ғафуров суруд хонад. Аммо Т. Фозилова дақиқаҳои вопасин, ҳангоми бардоштани тобут ҳамин байтро хонданд, ки онро дар рӯзҳои мотам Содирхон Ҳофиз мехонданд:

*Фарёд зи дасти фалаки ҷомакабуд,*
*Ёрони маро ягон-ягон омаду бурд.*

*Гар қоидаи фалак чунин аст, чӣ шак!*
*Як рӯзи дигар навбати мо хоҳад буд.*

Он рӯзи видоъ таъсири суруду мусиқии мотамии тоҷик боз ҳам рӯшантар аён гардид. Аксари иштирокдорони маросими мотам ба оҳу нолаи навозандагону ҳофизон тоқат карда натавониста худро аз толор берун мегирифтанд. Ҳамин гуна мусиқиҳои мотамии миллиро ман дар рӯзҳои дафни академик Султон Умарӣ ва академик Сороҷон Юсуфова шунида будам.

Қатори одамоне, ки барои видои вопасин ба ин ҷо меомаданд, охир надошт. Аксари онҳо ду-се маротибагӣ дар сари тобут ҳамчун қаровули фахрӣ истоданд. Аммо ин ҷо як лаҳзаро нагуфта наметавонам. Видоъ бо шахси фавтида ин кори ҳар як шахс, қарзи ҳар як фард аст. Он рӯзи видоъ бо Б.Ғафуров шогирди устод собиқ котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон Турсун Ӯлҷабоев, ки он вақт директори совхози Анҷумани XXIV-и ноҳияи Куйбишев (имрӯза Хоҷамастон) буданд, ду маротиба омада, аз аъзоёни комиссияи дафн хоҳиш намуданд, ки барои истодан дар сари тобут чун қаровули фахрӣ иҷозат диҳанд, аммо рад карданд. Таърих гувоҳ аст, ки он коре дар зарфи панҷ соли роҳбариашон Т.Ӯлҷабоев ба субут расонидаанд, бо гуфти Б.Ғафуров «касе накардааст, аммо тӯҳмат корро кард, ки ман ҳам дар назди он оҷиз мондаму ӯро раҳо дода натавонистам». Президенти Тоҷикистон, мӯҳтарам Э.Ш.Раҳмонов ҳини суханронӣ дар маросими кушодашавии нимпайкараи Т.Ӯлҷабоев дар ноҳияи Нов рӯзи 13 сентябри соли 1998 гуфтанд: «Агар Ӯлҷабоев як панҷсолаи дигар ба ҷумҳурии мо сарварӣ мекард, мову шумо имрӯз дар симои Тоҷикистон пешрафту дигаргуниҳои азимро медидем. Аммо сад афсӯс, ки бадхоҳони худиву бегона ба гирдоби сиёсатбозиҳо ғӯтида ин марди шарифро гирифтори тӯҳмат намуданд».

Лаҳзаҳои охирини видоъ фаро мерасид. Вақте ки ҷасади марҳумро аз бино берун бароварданд, ҳазорон нафар дӯстонаш ба тобути Ғафуров часпиданд, то ин ки охирин бор қарзи хешро назди чунин фарзанди миллат адо намоянд. Ман ҳам як илоҷе карда ду-се қадам тобутро бардоштам, ки бароям мояи ифтихор буд. Ба ибораи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ:

*Мояи шодиям он буд, надонам ба чи чиз*
*Шод созам ғами ин хотири андӯҳгинро?!*

Иштирокдорони маросими мотам ба сӯи боғи ба номи Айнӣ мерафтанд. Ин манзили абадиро худи шодравон Б. Ғафуров интихоб кардаанд. Аз рӯи нақли Файзулло Арабов маълум мегардид, ки устод Б. Ғафуров ба ҷиянашон, рассоми чиредаст Ғафурҷон Арабов фармудаанд, ки атрофи мақбараи Айниро кашида ояд. Ӯ ин хоҳиши тағои бузургворашро ба тезӣ анҷом дода расмро овард. Б. Ғафуров расмро аз назар гузаронида Файзулло Арабовро назди хеш хонда мегӯянд: «Почои азиз, бинед қабри устод дар ҷои хушманзараи боғ воқеъ аст. Каме поёнтар аз қабри устод Айнӣ ду дарахти калоне қомат афрохтааст. Аз ҳама муҳимаш дарахтони сояафкан. Ин ишораи он буд, ки агар марг ба ман шабохун занад, ҷасади маро дар ҳамон ҷой, яъне назди устод Айнӣ гузоранд.

Ман он рӯзи видоъ чунин шумораи зиёди одамонро бори якум дидам.

Хуб дар ёд дорам, ки он рӯз пеши тобут мӯйсафеди нуронӣ Азимбобои қаротоғӣ марсияи машҳури зеринро хонда мерафтанд.

*Ғофил манишин, бин, ки азизон ҳама рафтанд,*
*Аз дори фано силсиладорон ҳама рафтанд.*
*Ковусу Кайу Қайсару шоҳон ҳама рафтанд,*
*Искандару Ҷамшеду Сулаймон ҳама рафтанд,*
*Аз гулшани ин даҳр ҳазорон ҳама рафтанд.*

Ҳамин тавр, бо васияти Б. Ғафуров ҷасади марҳум дар назди қабри устод Айнӣ гузошта шуд. Дар боғ расо соати 16 митинги мотамӣ кушода шуд.

Онро раиси комиссияи ҳукуматии ташкили маросими дафн — раиси Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон Маҳмадулло Холов кушод. Ӯ дар бораи ҳаёт ва фаъолияти аллома ҳарф зад. Баъд ноиби президенти АИ СССР академик А.В.Сидоренко, президенти АИ Тоҷикистон М. Осимӣ, академики АИ СССР А.Л. Нарочниский, узви вобастаи АИ СССР Г.Ф.Ким, академики АИ Қазоқистон С.Б.Баишев, академики АИ Озарбойҷон З.М.Букиятов нутқҳои видоӣ карданд. Махсусан суханронии М. Осимӣ бо хондани чанд байти олими Покистон Сафӣ Ҳайдари Дониш ҳамаро ба риққат оварданд:

*Надими бебаҳо Бобо, муҳаббатро зиё Бобо,*
*Ҷамоли дилкушо Бобо, камоли ҷонфизо Бобо,*
*Назарро равшанӣ Бобо, хирадро зиндагӣ Бобо,*
*Суруди тозагӣ Бобо, насими дӯстӣ Бобо...*

Маросими дафни устод Б. Ғафуров аз он ҷиҳат боз дар хотири кулли иштирокчиёни он маросими дафн абадан нақш бастааст, ки он рӯз бори охир чеҳраи аз бемории бардавом заъфаронгаштаи шоири бузург Мирзо Турсунзодаро бубинем. Устод бояд дар маросим суханони видоӣ мегуфтанд, аммо натавонистанд. Вақте ки ҷасади Б. Ғафуровро ба хок мемонданд М. Турсунзода бо камоли ғаму андӯҳ «Доғнома»-и Мавлавии Румиро зери лаб мехонданд:

*Ба рӯзи марг чу тобути ман равон бошад,*
*Гумон мабар, ки маро дарди ин ҷаҳон бошад.*
*Ҷанозаам чу бидидӣ, магӯ фироқ-фироқ,*
*Маро висолу мулоқоти он замон бошад.*
*Маро ба гӯр супорӣ, магӯ видоъ-видоъ,*
*Ки гӯр пардаи ҷамъияти ҷинон бошад.*
*Фурӯ шудан чу бидидӣ, даромадан бинигар,*
*Ғуруби шамсу қамарро чаро забон бошад.*
*Туро ғуруб намояд, вале шуруқ бувад,*
*Лаҳад чу ҳабс намояд, халоси ҷон бошад.*

*Кадом дона фурӯ рафт дар замин, ки наруст,*
*Чаро ба дони одамӣ туро гумон бошад.*

14 июли соли 1977, рӯзи панҷшанбе шаби барои мусулмонон муқаддаси ҷумъа, соати 16.30 ҷасади Бобоҷон Ғафуров ба хок супурда шуд. Ҷасадро ба лаҳад мувофиқи васияти марҳум шахси барояшон наздиктарин, собиқ раиси колхози «Россия»-и ноҳияи Ленин, Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ Ҳомидҷон Назаров гузоштанд. Он вақтҳои шӯравӣ ин тарз гӯрондани коркунони масъул кори осон набуд. Аммо аз рӯи гуфти Ф.Арабов як моҳ пеш Ҳ.Назаровро Б.Ғафуров назди хеш хонда васият кардаанд, ки «Новобаста ба фишоровариҳои Секаю Совмин маро ба қоидаи мусулмонӣ ба қабр монед».

Дар хусуси чӣ тавр ба қабр мондани ҷасади Б. Ғафуров рӯ меоварем ба хотироти Ҳомидҷон Назаров:

— Вақте ки гирдиҳамоии мотам ба охир мерасид, Расулов айнакашро аз чашм гирифту бо рӯймолча пок карда истода, номаълум аз ман пурсид:

— Чӣ хел мешавад?

Гуфтам:

— Мувофиқи васияти домулло Ғафуров.

Тобути маҳкамро ба гӯр фуроварданд. Ҷавоне дар зер буд.

Гуфт:

— Ман ба гӯр мемонам. Аммо хоҳари Б. Ғафуров — Тоҷинисо ғирев бардошт, ки ин ҷавон қоидаро ба ҷо намеорад.

Ҷавонро берун кардам. Тобутро кушодам. Ҷасад вазнин буд, тани танҳо наметавонистам аз тобут, яъне гроб берун орам. Ба мурда муроҷиат кардам:

— Домулло, қувватам намерасад. Мадад кунед!

Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, нерӯе дар ман пайдо шуд, ҷасадро берун гирифтам ва ба лаҳад гузоштам.

Банди хоку чӯб муллое, ки бо ман омада, дар гӯшае интизори ишоратам буд, ба тиловати Қуръон сар кард.

Ҳамин тавр, ман васияти домулло Ғафуровро ба ҷо овардам ва худро хушбахт медонам, ки дар лаҳзаҳои охирин ба хидматашон расида тавонистам. (Ҳ. Назаров. Дафни Бобоҷон Ғафуров «Адабиёт ва санъат», 1998, 13 феврал).

Баъди ба хок супурдани турбати Б. Ғафуров ҳама аз рӯи одати аҷдодамон бо як садои умумӣ гуфтанд: «Одами хуб буданд!»

Ҳар боре ба Душанбе оям, сари қабри устод меоям. Гӯё аз зери хок ба мо нидо мекарда бошанд:

*Гарчӣ имрӯз ба хокам маъвост,*
*Чашми ман боз ба дунболи шумост,*
*Бинишинед дар ин хок даме,*
*Бигузоред ба хокам қадаме,*
*Гоҳе аз ман ба сухан ёд кунед!*
*Дар дили хок дилам шод кунед!*

## ЗИЁРАТИ КАЪБА
### *(Бахшида ба 90-солагии академик Б.Ғафуров)*

Б.Ғафуров аз соли 1956 то охири умраш директори Институти шарқшиносии АУ СССР буд. Тадқиқоти олим асосан дар се самт: омӯзиши таърих ва вазъияти ҳозираи ҳаракати миллии озодихоҳии халқҳои Шарқ, сиёсати миллии ленинии КПСС, таърихи халқҳои Шарқ ва пеш аз ҳама давраҳои қадим ва асримиёнагии он ҷараён ёфтааст. Ӯ дар ин солҳо чандин мақола, маҷмӯаҳо, ҳуҷҷату дастурҳо интишор намуд, ки ба масъалаҳои инқирози системаҳои мустамликадории империализм ва ташаккули давлатҳои ҷавони мустақили Осиё ва Африка бахшида шудаанд.

Падару модари Бобоҷони хурдсол нисбати тарбияи хуби ӯ диққати калон медоданд ва онҳо ҳамчун шахсони босаводу бофарҳанг аз рӯи таълимоти китобӣ рафтор менамуданд. Аз ҷумла, ба фарзанди калонӣ таълимоти хуби диниро низ дода буданд. Ман 7-уми апрели соли 1990 бо хоҳари калонии Б.Ғафуров — Тоҷинисо Ғафурова сӯҳбати тӯлоние доштам. Дар аснои сӯҳбат, аз ҷумла, гуфтанд, ки модарам Бобоҷонакаамро бо ояти Қуръон таълим медод. Ва то охири умр бародарам ҳамчун мусулмон ба китоби муқаддастарини мо — Қуръони маҷид муҳаббати бепоён доштанд».

Ҳамин эътиқоду муҳаббати Б.Ғафуров ба китоби мусулмонон Қуръон буд, ки баъди сарвари пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои СССР шудан (соли 1956), аввалин кӯшиши эшон ҳарчӣ тезтар ба чоп омода кардани Қуръон буд. Сониян, Б.Ғафуров чун фарзанди мусулмон, аз хурдӣ адо кардани ҳамаи панҷ рукнҳои мусулмониро медонисту риоя мекард. Ва яке аз онҳо тавофи Каъбаро сидқан ва самимона мехост. Инак, соли 1974 ба ӯ имконият мешавад, ки барои зиёрати хонаи худо Макка ва Мадина ба ҳаҷ равад. То академик Б.Ғафуров ҳеҷ намояндаи мусулмонони шӯравӣ ва ҳеҷ як донишманд ва замоне котиби аввали ҳизби коммунисти ҷумҳурӣ ба ин сафари ҳаҷ нарафта буд. Он шахсони монанди профессорон З.П.Хоҷаев, Ю.Б.Исҳоқӣ ва дигарон рафтаанд, аммо на тариқи расмӣ рафта буданд. Пеш аз сафари ҳаҷ Б.Ғафуров моҳи маи соли 1974 ба сари қабри модар, ба шаҳри Душанбе омада, сурае аз Қуръон қироат намуд. Ин гӯё як фотиҳаи модар ба писар ба ин сафари муборак буд.

Бобоҷон Ғафуров соли 1974 сафари муборакро дар Арабистони Саудӣ аз шаҳри Ҷадда оғоз мекунад. Подшоҳи онвақтаи мамлакат Файсал Абдулазиз ас-Суудшоҳ эшонро қабул мекунад. Яке аз аввалин суоли шоҳ ин буд, ки «Оё Шумо Каъбаро тавоф карданиед?» «Оё коммунистон ба ин эътиқодманданд?» ва дигар чизҳоро пурсид.

Б.Ғафуров, ки аз Қуръон бохабар буд, бадоҳатан ҷавоб дод:

— Каъбаро тавоф кардан, пеш аз ҳама шарт аст, ҳазрат. Ҳар фарде, ки худро мусулмон мешуморад, бояд аз ҳақиқати ислом бохабар бошад. Мо, ки алҳамдулиллоҳ мусулмон ҳастем, бояд вазифаи мусулмониро аз худ кунем ва аз рӯи нишондоди он амал намоем.

Дар ин сӯҳбат бо шоҳ Файсал Б.Ғафуров ояте аз сураҳои Қуръон оварда, илова мекунад, ки ҳеҷ пирӯзӣ бе дӯстиву рафоқат даст надодааст. Дар ин ҷо

ҳадиси ҳазрати пайғамбар алайҳиссаломро оварда гуфтааст: «Мӯъминон дар дӯстӣ ва раҳму шафқат монанди як ҷисманд, узве агар ба дард ояд, ҳамаи узвҳои дигар низ дард мекашанд. Мо бояд мамлакатҳои бо ҳам тифоқ бошем, сулҳу салоҳро сиёсати хирадмандонаи худ донем. Каъба, хонаи худо, муқаддастарин ҷои мусулмонони олам аст. Ман, ки фарзанди мусулмон ҳастам, тавофи Каъбаро аз овони ҷавонӣ сидқан ва самимона мехостам. Вале нуқси поям имконият намедод, ки рукни муқаддасотро иҷро намоям. Ҳоло ҳам дар андешаам, ки бо ин пои ланг дар ин синну сол чӣ тавр ҳаҷ мекунам. Оё бо ин пой ба кӯҳи Арафот мебаромада бошам?»

Аз ин сӯҳбат, аз ин ҷавобҳои пурмаъно ва хирадмандонаи Б.Ғафуров шоҳ Файсал ба ваҷд омада, як луқмае мепартояд:

— Воаҷабо, агар коммунистон ин хел мӯътақиди дини ислом бошанд, сад офарин!

Баъд шоҳ ба Б.Ғафуров рӯ оварда мегӯяд: — Барои Шумо аробаи дучарха пайдо мекунем ва ба аробача мешинед ва ҳаҷро адо мекунед. Рӯзи дигар зиёрати Каъбаро карданд, баъд ба Миною Муздалифа ва кӯҳи Арафот рафтанд.

Баъди зиёрати Каъба шоҳ Файсал аз сари нав Ҳоҷӣ-академик Б. Ғафуровро қабул кард. Дар ин сӯҳбат Ҳоҷӣ Бобоҷон тавассути китобҳои хондаи худ аз рӯи «Таърихи Табарӣ», «Таърихи масъудӣ»-и Байҳақӣ, «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд оид ба таърихи дини ислом, ҳаёти Муҳаммад — Расули худо нақл мекунад. Яъне аз маълумотҳои аз китоби ниёгон ва махсусан модари босаводи худогоҳаш гирифтааш дар ин сафар кор дод. Б.Ғафуров ҳанӯз ҳангоми навиштани рисолаи номзадӣ оид ба таърихи исмоилия дар Тоҷикистон дар бораи Носири Хусрав маълумоти муфассал гирифта буд. Қасидаеро, ки шоир дар мавзӯи ҳаҷ навиштааст, хонда бо он шинос шуда буд:

*Гуфтам, эй дӯст, кас накардӣ ҳаҷ,*
*Нашудӣ дар мақоми маҳв муқим.*
*Рафтаву Макка дида омада боз,*
*Меҳнати бодия харида ба сим.*
*Гар ту хоҳӣ, ки ҳаҷ кунӣ пас аз ин,*
*Инчунин кун, ки кардамат таълим.*

Барои Б.Ғафуров ҳаҷ на фақат ибодат, балки як анҷуманест, ки тамоми мусулмонони олам дар он ҷо мусоҳиб мешаванд. Устод чун донандаи хуби Қуръон аз сураи «Бақара» ояти 196 огоҳ буд, ки мегӯяд: «Аъмоли ҳаҷ ва умраро барои худои мутаол ба поён расонед». Аз ин ҷост Ҳоҷӣ-академик Б.Ғафуров зимни ин сафари муборак ҳамаи шартҳои асосию муҳими ҳаҷро ба ҷо овард. Аввалан, Каъбаро зиёрат карда ба хондани дуои «Лабайка Оллоҳума лабайк», яъне дуои талбия ҳафт маротиба онро тавоф намуд. Баъди он, санги сиёҳ, ки онро Ҳаҷаруласвад меноманд, мебӯсад, аз чашмаи Зам-зам оби муқаддас менӯшад ва ҳафт маротиба байни теппакӯҳи Сафо ва Марвро ба хотири он, ки Ҳоҷар — завҷаи Иброҳим алайҳиссалом дар атрофи

он ҷойҳо дар ҷустуҷӯи об давутоз намуда буд ва аз рӯи ривоятҳо кӯдак пайдо шуда буд, метозад.

Б.Ғафуров дар хонаи худо чун марди поку некхоҳ қадам мегузорад. Устод аз зумраи ононе буд, ки феълу атвори нек, ростию хислатҳои волои инсонӣ дошт. Ягон нафареро чӣ дар овони ҷавонӣ, чӣ дар мансаби баланди сарвари ҷумҳурӣ будан ва ё ҳини хизмат дар Маскав наранҷонидааст. Ҳол он ки дилозорӣ савоби ҳаҷро барбод медиҳад. Чунончӣ шоир гуфтааст:

*Ҳазор рӯза, намозу ҳазор ҳаҷҷу ниёз*
*Қабул нест, агар як диле биёзорӣ.*

Аксари мо расми дар Каъбатуллоҳ гирифтаи устод Ҳоҷӣ-академикро дар либоси эҳром дидаем. Он рӯзҳои дар либоси эҳром будан Б.Ғафуров худро чун хушбахттарин фард меҳисобид. Ӯ дид, ки ҳамаи эҳромбастагон бародарони моанд ва ваколату намояндагии маънавии моро ба дӯш доранд. Б.Ғафуров дар хонаи Худо аз парвардигор талаб намуд, ки ба мусулмонон чунин рӯзи саид ва муборакро насиб гардонад. Шукр, ки дуои Ҳоҷӣ-академик мустаҷоб гардид, ки ба шарофати демократияю озодии виҷдон ва истиқлол, рафтани ҳоҷиён аз ҷумҳурии мо ба хонаи Худо зиёд гардид. Соли 1990 аввалин гурӯҳи калони ҳоҷиён рафтанро оғоз намуданд. Соли 1996 аз Тоҷикистон зиёда аз се ҳазор ва соли 1997 бошад бештар аз шаш ҳазор кас тавофи Байтуллоҳ карданд. Аз ҷумла гурӯҳи ходимони давлатию ҷамъиятӣ бо сардории Президенти ҷумҳурӣ мӯҳтарам Э.Ш.Раҳмонов соли 1997 тавофи Каъба карданд.

Соли 1996 дар шаҳри Ғафуров ба муносибати кушодашавии осорхонаи муваққатии академик Бобоҷон Ғафуров рисолае бо номи «Бобоҷон Ғафуров — фарзанди фарзонаи миллат»-ро омода кардам. Ҳамон ранҷи хоксоронаамро ба назар гирифта, Раиси Ҳукумати вилояти Ленинобод Ҳоҷӣ Қосимҷон Қосимов маро бо як роҳхати ҳаҷ тақдир намуд. Инак, ба шарофати номи неки устод Б.Ғафуров банда низ соли 1997 тавофи Каъба намудам. Он рӯзҳои ҳаҷ дар Маккаю Мадина, Миною Муздалифа ва кӯҳи Арафот борҳо номи неки аллома Ҳоҷӣ-академик Б.Ғафуровро ба забон гирифта, аз худованди карим талаб намудам, ки ҷояш ҷаннат бошад. Ва ҳамин мисраъҳои шоири дӯстдоштаи Б.Ғафуров — Муҳаммад Иқболро мехондам:

*То ғуломам, дар ғуломӣ зодаам,*
*З-остони Каъба дур афтодаам.*
*Чун ба номи Мустафо хонам дуруд,*
*Аз хиҷолат об мегардад вуҷуд.*
*Ишқ мегӯяд, ки эй маҳкуми ғайр,*
*Синаи ту аз бутон монанди дайр.*
*То надорӣ аз Муҳаммад рангу бӯ,*
*Аз дуруди худ маёло номи ӯ.*

Нависандаи боистеъдод, рӯзноманигори машҳур Мутеъулло Наҷмиддинов хотироти хешро дар бораи Б.Ғафуров бо номи «Суди ҷаҳон дар

сӯҳбати доно шинос» (Садои мардум, 1996, 4 май) бо чунин суханон ба итмом расонидааст:

— Ва ман фикр мекунам, ки Б.Ғафуров волии замони худ, ин Ҳоҷӣ-академик бо илму ҳикматаш на танҳо ба халқи хеш ва дигар халқҳои шӯравӣ, балки бо замимаи ақлу заковат ва саъю кӯшиши устуворонааш дар беруни марзамон низ хидмат карда, мардуми заҳматкашро аз балоҳо ва алангаҳои хонумонсӯз наҷот дода буд. Аз зинда кардани ин лаҳзаҳои хотирот илоҳо рӯҳаш шод ва сулҳу салоҳи миллаташ низ мададгор шавад.

Ба қавле, халқе, ки монанди «Шоҳнома» достонҳо ва мисли «Тоҷикон» таърихи пора-пора сангҳои сари марқадҳо аз ҳафриёти суратҳои зери хоки деворҳои ҳазорсолаҳо ҷамъоварда дорад, ақлу хирадаш ба ҷаҳолаташ комилан зафар ёфта, ба қадри фарҳанги андӯхтаи аҷдодаш мерасад ва чеҳраи Замин-модари хешро аз доғҳои чангу ғуборҳои ҷангу талоши солҳои охир танзеҳу пок месозад. Илоҳо!

Баъди ду-се рӯзи баргаштани Б.Ғафуров аз Маккаю Мадина рӯзе занги утоқи кориаш баланд мешавад. Аён аст, ки занги ҳукуматӣ. Аз он тараф садо меояд, ки ҳозир раиси кумитаи бехатарии давлатӣ (КГБ)-и СССР Ю.В.Андропов дар тамос мешавад. Академик Б.Ғафуров ҳайрон мешавад, ки чӣ гапу чӣ коре бошад, ки худи Раиси амният гап мезадааст? Баъди салому алейк ва ҳолпурсӣ Ю.В.Андропов гуфтааст:

— Офарин Бобоҷон Ғафурович, шумо бо сафари Макка зиёрати худро ҳамчун мусулмон адо карда, бо ин ба мустаҳкамию дӯстии ду давлат мақоми калон гузоштед.

Оре, Б.Ғафуров ҳам сиёсатмадору дипломат, ҳам сарвари хирадманд, ҳам олими нуктадон ва ҳам мусулмони ба имон буд.

***с.1999***

## ДЕВАНДРА КАУШИК — ДӮСТ ВА ШОГИРДИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Ҳар фарди ҷомеа мувофиқи кору номи худ дар саҳифаи таърих сабт ёфта, дар дили мардум маскан пегирад. Академик Бобоҷон Ғафуров аз зумраи шахсони бузургест, ки дар таърихи кишвари азизаш ба қалби халқи маҳбубаш бо хизматҳои арзанда абадӣ ҷой гирифтааст. Хориҷиён низ Бобоҷон Ғафуровро ҳамчун фарзанди асил, шахси нексиришт мавриди ҳурмату эҳтироми зиёд қарор доранд. Махсусан, дар Ҳиндустон номи устодро бо муҳаббат, самимият ба забон мегиранд ва қадр менамоянд. Мо инро дар мисоли таҷлили 90-солагии Бобоҷон Ғафуров дар ин сарзамин дидем ва шоҳиди он шудем.

Рӯзҳои 28-29-и июли соли 1999 дар шаҳри Деҳлӣ конфронси байналхалқӣ бахшида ба 90-солагии академик Б.Ғ.Ғафуров баргузор гардид. Ба ин ҷаласа намояндагони беш аз 70 мамолики гуногун, монанди Русия, Чин, Афғонисгон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Олмон ширкат доштанд. Вакилони Тоҷикистон дар ҳайати Президенти АУ Тоҷикистон Ӯ. Мирсаидов, академик А. Мухторов, намояндаи тиҷоратии Тоҷикистон дар

Ҳиндустон И. Холмуродов ва нигорандаи ин сатрҳо буданд. Мо вакилони Тоҷикистон аз он шод будем, ки номи Ғафуров дар Ҳиндустон ниҳоят шӯҳрати калон дорад ва ба дилу дидаҳои мардумаш ҷой шудааст. Дар бинои парламенти ин кишвар қайди 90-солагии фарзанди халқи тоҷик ва дар он иштирок ва баромад намудани сарвазири ин мамлакат ҷаноби Ваҷпай бузургию шаҳомат ва одамияту сиёсатмадори барҷаста будани Бобоҷон Ғафуровро нишон медиҳад. Ҷаноби сарвазир пеш аз оғози конфронс дастони мо вакилони тоҷик, ҳамдиёрони Бобоҷон Ғафуровро самимона фишурда хайрамақдам гуфт. Аз симои ин фарди бузург нури баланди хирадмандиву заковатмандӣ ҳувайдо мешавад.

Конфронси ёдбуди аллома Б. Ғафуровро яке аз шогирдони бовафои эшон муаррихи шинохтаи Ҳинд ҷаноби Девандра Каушик кушода чунин гуфт: «Ман хушбахттарин инсонам, ки аз Бобоҷон Ғафуров барин инсони бузург, сиёсатмадори дурандеш, марди наҷибу аҷиб, муаррихи шоистаи олам, дӯсти асили Ҳиндустон таълим гирифтаам. Бобоҷон Ғафуров аз зумраи он бузургоне буд, ки ҳамеша дӯстиро тарғиб мекард. Ӯ хоҳони он буд, ки олам тинҷ бошаду маърифат дар ҳама ҷой тантана кунад. Ба куҷое наравад, ӯро ҳамчун мунодии дӯстӣ, намояндаи барҷастаи илми таърихшиносӣ пешвоз мегирифтанд. Вай инсоне буд, ки ҳамаро ба ҳам мепайваст».

Аз ин суханронӣ ман пай бурдам, ки Девандра Каушик дар ҳақиқат аз шогирдони бовафои Бобоҷон Ғафуров будааст. Инро ман дар тӯли як ҳафтаи дар Ҳиндустон буданам эҳсос намудам. Дар рӯзҳои ёдбуд моро як ҷавони зебо ва серғайрат роҳбаладӣ кард ва худро чун Каушик муаррифӣ намуд. Фаҳмидем, ки писари Девандра Каушик будааст. Вақте ки номашро пурсон шудам, ӯ гуфт, ки Володя, яъне Владимир аст ва илова кард, ки ин номро ба волидайнам академики Шӯравӣ Бобоҷон Ғафуров тавсия кардаанд ва аз ин ман ифтихор дорам.

Воқеан, номгузории Володя ин тавр сурат гирифтааст ва онро худи ҷаноби Каушик чунин шарҳ дод: «Ба ман муяссар гаштааст, ки аз соли 1972 то 1974 зери роҳбарии академик Б. Ғафуров кор кунам. Мо на танҳо чун олим якдигарро ҳурмат мекардем, балки чун бародарон эҳтироми хосае доштем. Ҳатто бинед, хабари писардор шуданамро шунида маро наздашон хонда табрик карданд ва гуфтанд: — Кӯдакро аз таваллудхона кай меоред? Ҳар вақте ки ҷавоб диҳанд, таксӣ накобед, мошини институт ба хизмати Шумо омода аст. Ман ба ронандаам гуфта мемонам».

Рӯзи ҷавоб шудани кӯдак бо иҷозати Бобоҷон Ғафуров мошини сабукрави хизматии устодро гирифта, сӯи таваллудхона равон шудем. Ронанда дар роҳ як гулдастаи зебое гирифт ва гуфт: «Ин тӯҳфа аз Бобоҷон Ғафуров ба ҳамсаратон ва меҳмони нав».

Дар таваллудхона гулро ба завҷаам супорида гуфтам, ки ин аз Бобоҷон Ғафуров аст. Вай баробари шунидани номи устод гулро бӯида гуфт: наход ҳамин хел одами бузург маро, кӯдаки навзоди маро табрик мекарда бошанд. Ташаккур!»

Хурсандии мо аз таваллуди меҳмони нав ҳадду канор надошт. Барои табрик падарам аз Ҳиндустон парвоз карда омаданд. Аз омадани падарам

Бобоҷон Ғафуров воқиф шуда, ба хонаи мо омаданд ва шахсан завҷаамро ба таваллуди кӯдак табрик гуфта, бо падарам сӯҳбати дуру дароз карданд. Ва дар охир бо ҳидояти Бобоҷон Ғафуров аз сабаби дар сарзамини рус таваллуд шуданаш номи Владимирро тавсия доданд. Зеро ки Владимир яке аз князҳои машҳури давлати руси қадим буду имрӯз номи шахси дар шӯравӣ машҳур Владимир Илич Ленин аст».

Нақли Девандра Каушикро шунида, мо ба хулосае омадем, ки Бобоҷон Ғафуров ба ҳама некӣ мекарданд. Самараҳои он некии устодро мо рӯзҳои таҷлили 90-солагии Ғафуров дар Ҳиндустон дидем. Як худи оилаи Каушик он рӯзҳо ҳам ҳамсараш ва ҳам фарзандаш Володя бо як самимият хизмат мекарданд. Дар ду-се вохӯрие, ки бо хонум Каушик гузаронидем, танҳо аз некиҳои устод Бобоҷон Ғафуров ҳарф мезанаду бас. Ӯ бо як ҷумла гуфт: «Ғафуров ба олам танҳо барои некӣ кардан омадааст».

Бобоҷон Ғафуров дар вақти сарварии Институти шарқшиносии АУ ИҶШС-ро ба ӯҳда доштан ба асарҳои доир ба Иттифоқи Шӯравӣ ва махсусан ба Осиёи Миёна бахшида шуда таваҷҷӯҳи хоса доштанд. Соли 1970 нашриёти «Прогресс»-и Маскав китоби Девандра Каушик «Осиёи Миёна дар марҳилаи замони нав»-ро аз чоп мебарорад. Пас, аз он ду китоби дигари ба Осиёи Миёна бахшидаи вай аст, яке ба номи «Осиёи Миёна дар давраи сотсиализм» ва дигаре «Алоқаҳои таърихӣ, маданӣ ва иқтисодии байни Ҳиндустон ва Осиёи Шӯравӣ» буд. Устод Б. Ғафуров бо китобҳои Девандра Каушик шинос шуда, ба онҳо баҳои баланд медиҳанд. Таърихи шиносоии Девандра Каушик бо академик Бобоҷон Ғафуров бори аввал соли 1968 дар шаҳри Деҳлӣ сурат гирифт. Дар ин ҷо конфронси байналхалқии ЮНЕСКО оиди пайдоиш ва ташаккули Осиёи Миёна баргузор гардида буд. Дар он олимони сершуморе аз тамоми олам иштирок менамоянд. Аз ҷумла, олимони шӯравӣ бо роҳбарии академик Бобоҷон Ғафуров ширкат меварзанд. Дар ин конфронс Девандра Каушик дар мавзӯи «Ҷараёни тараққипарварӣ дар адабиёти Осиёи Миёна то даврони шӯравӣ» маърӯзаи илмӣ мекунад. Маърӯзачӣ собит намуд, ки ҷараёни тараққипарварӣ дар адабиёт новобаста ба таъсири дин, хеле пеш рафтааст. Аммо як гурӯҳ адабиётшиносони ғарб, ки дар конфронс ҳузур доштанд, зидди маърӯзаи Девандра Каушик баромад карда, ӯро зери тозиёнаи танқид мегиранд. Баъд аз анҷоми маърӯза ва ба ҷои худ нишастани Девандра Каушик Бобоҷон Ғафуров ба назди вай омада менишинанд ва оҳиста ба гӯшаш мегӯянд: «Маърӯза олиҷаноб, бигзор танқид кардан гиранд. Ман бошам ба ҳимояи маърӯзаи илмии шумо баромад мекунам».

Дарвоқеъ, баъд аз чанд дақиқа Б. Ғафуров ҳамчун раиси анҷумани илмӣ ба сухан баромада, бо чанд далелҳои мушаххас ба олимони Ғарб зарба зада, Девандра Каушикро дастгирӣ мекунанд. Аз ин дастгирӣ вай мамнун гардида, ба эшон изҳори сипос менамояд.

«Он рӯз, — мегуяд, Девандра Каушик, — маро Бобоҷон Ғафуров ба меҳмонхона даъват намуда, сахт ба оғӯш гирифта гуфтанд: — Дар толор ба оғӯш гирифта натавонистам. Бо маърӯзаи илмӣ ҳаққонӣ Шуморо табрик мекунам. Шумо баромади ҳаққонӣ кардед».

Дар рӯзҳое, ки дар Деҳлӣ таҷлили 90-солагии Бобоҷон Ғафуров ҷараён дошт, ман аз хазинаи гӯшаи Ғафуровии китобхонаи шахсиам як намоише роҷеъ ба рӯзгор ва фаъолияти устод ташкил намудам. Дар байни намоиш аз ҷумла расми Б. Ғафуров бо собиқ сарвазири Ҳиндустон Индира Гандӣ гузошта шуда буд. Профессор Девандра Каушик он расмро дида, ҳамоно таърихи онро нақл кард:

— Соли 1974, устод Ғафуров ба Ҳиндустон омаданӣ шуда, ба ман, ки он вақт дар университети Раҷистон кор мекардам, барқия фиристоданд. Дар вақти муайян устодро дар фурудгоҳи Деҳлӣ пешвоз гирифтам. Аз ман хоҳиш карданд, ки дар муддати дар Ҳиндустон буданашон вазифаи тарҷумониро адо намоям. Устодро ба меҳмонхона ҷойгир кунонидем ва сафири ИҶШС дар Ҳиндустон Малсев аз Ғафуров пурсид:

— Марҳамат истироҳат кунед. Боз чӣ хизмат аст?

Устод Ғафуров хоҳиш намуданд, ки агар имкон бошад, бо Индира Гандӣ вохӯранд. Сафир бидуни андеша бо як тезӣ гуфт: «Сарвазир алҳол хеле банд. Ин вохӯриро ҳатто хаёл накунед. Ии кори ношуданӣ аст».

Б. Ғафуров аз ҷаноби сафир асабонӣ шуда, баъди рафтанаш аз ман хоҳиш намуданд, ки рақами қабулгоҳи сарвазири Ҳиндустон хонума Индира Гандиро гӯям: «Бобоҷон Ғафуров омаданд ва дар меҳмонхона, дар ҳуҷраи фалон ҷой доранд». Дар бораи қабул мекунанд ё не суол доранд. Ҳамин тавр, ман хоҳиши устодро ба ҷо овардам. Дере нагузашта, занги телефони ҳуҷраи меҳмонхона баланд шуд. Бардорам, аз қабулгоҳи сарвазир Индира Гандӣ. Онҳо аз ман пурсиданд: Бобоҷон Ғафуров кай вақт доранд, ки бо сарвазир хӯроки нисфирӯзӣ хӯранд.

Устод каме хаёл карда гуфтанд: «Пагоҳ, нисфирӯзӣ». Рӯзи дигар Б. Ғафуров дар сар тоқии тоҷикӣ меҳмони сарвазири Ҳиндустон Индира Гандӣ шуданд. Сӯҳбат хеле самимона ва тулонӣ гузашт. Устод аз хотираҳои хеш оид ба шахсиятҳои бузурги Ҳиндустон, аз ҷумла падараш Ҷавоҳирлаъл Неҳру баён намуданд. Баъд Индира Гандӣ аз фурсати муносиб истифода бурда, гуфт, ки алҳол яке аз нашриётҳои бонуфузи Маскав, маърӯза, нутқ ва мусоҳибаҳои ӯро ба забони русӣ баровараданӣ аст. Чӣ мешуд, ки аввалин асари ман дар ИҶШС бо сарсухан ва зери таҳрири Шумо барояд. Устод бо хушнудӣ розигии худро доданд.

Дар ҳақиқат соли 1975 китоби Индира Гандӣ ба унвони «Мақолаҳо, нутқҳо, мусоҳибаҳо» дар нашриёти «Наука»-и Маскав бо забони русӣ ба табъ расид. Дар пешгуфтори китоб Индира Гандӣ навиштааст: «Ман боварӣ дорам, ки маҷмуаи аввалини ман ба забони русӣ, ки нашри он таҳти роҳбарии олими бағоят барҷастаи Шӯравӣ, академик Бобоҷон Ғафуров сурат гирифтааст, ба халқи Шӯравӣ дар донистани вазифаҳои асосии мо дар соҳаи пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ кӯмак хоҳад расонд».

Дар рӯзи охирини дар Ҳиндустон буданамон, пеш аз хайрухуш Ҷаноби Девандра Каушик ба мо вакилони Тоҷикистон рӯ оварда гуфт:

— Бобоҷон Ғафуров на ин ки олими барҷаста, балки ӯ сиёсатмадоре буд, ки танҳо сулҳу ваҳдатро талқин мекард. Афсус, ки вай ду сол пеш аз дохил шудани артиши Шӯравӣ ба Афғонистон вафот кард. Вагарна ӯ чун мушовири

Кремл оид ба масъалаҳои Шарқ намегузошт, ки роҳбарони Шӯравӣ ба ин хатогӣ роҳ диҳанд ва маҳз ҳамин хатогӣ сарчашмаи минбаъд пош хӯрдани ИҶШС гардид. Ман ба шумоён ҳамдиёрони устоди бузургвори ман Бобоҷон Ғафуров роҳи сафед талабида мегӯям: «Бигзор моро дар ҷашни 100 солагии аллома дар ин ҷо вохӯрдан насиб гардад ва он аз ин ҳам бошукӯҳтар гузарад. Ман ҳеҷ гоҳ номи устоди бузургворамро фаромӯш намекунам. Ман инро ба аҳли оилаам ва махсусан писарам Володя — Владимир борҳо гуфтаам, ки Ғафуров бароят устод, падар, мураббӣ мебошанд. Пас, чунин шахсро оё фаромӯш кардан мумкин аст? Не, Ҳаргиз!».

Дӯсти бузурги тоҷикон Девандра Каушик 70-сола мешаванд. Ба он кас умри дароз ва хушиҳои рӯзгор таманно дорем.

## ҶАВОҲИРЛАЪЛ НЕҲРУ ВА МАДАНИЯТИ АҶАМ

Ходими барҷастаи сиёсии ҳинд, нахустин сарвазири Ҳиндустони озод, дӯсти бузурги халқи советӣ Ҷавоҳирлаъл Неҳру (1889-1964) бо асари машҳури худ «Назаре ба таърихи ҷаҳонӣ» дар байни муаррихон мақоми баланд пайдо кард. Ин асар соли 1975 аз тарафи нашриёти «Прогресс»-и Москва дар 3 ҷилд ба забони русӣ чоп гардид.

Дар ин асар, ки аз 196 мактуб мураттаб гардидааст, ба мероси маданиимо ва мавқеи ҷаҳонии он баҳои баланд дода шудааст. Ва мо маҳз ҳамин ҷиҳатро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ҷавоҳирлаъл Неҳру аз хусуси анъанаҳои мардуми эроннажод дар соҳаи илму фарҳанг дар тӯли асрҳои IX-XVI сухан ронда, ба чунин хулоса меояд, ки «Ин сарзамин дар ин муддат гарчанде, ки зери асорати муғулҳо бошад ҳам, вале онҳо анъанаҳои қадимаи худ, маданияти хоси худро идома дода онро нигоҳ доштанд ва инкишоф доданд».

Махсусан дар бораи бузургони илму адаб Фирдавсӣ, Умари Хайём, Берунӣ, Саъдӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Беҳзод, Ибни Сино, Ҷалолиддини Румӣ, Ҳофиз сухан ронда, таъкид мекунад, ки ҳиссаи онҳо дар инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ ниҳоят калон аст. Чунончи Фирдавсиро чун шоири бузургтарин тавсиф карда, номи вайро дар чор мактуби худ зикр мекунад ва асари безаволи ӯ «Шоҳнома»-ро яке аз шоҳасарҳои назми дунё ҳисоб мекунад. «Баъди Фирдавсӣ, — менависад Неҳру, — ба оламитамаддун як шоири дигаре ба майдон баромад, ки ӯ ҳам шоиру ҳам мунаҷҷим Умари Хайём мебошад ба монанди Фирдавсӣ дар адабиёти англис ниҳоят машҳур аст. Баъди Хайём шайх Саъдӣ аз Шероз, яке аз шоирони шӯҳратманди форс баромад, ки «Гулистон» ва «Бӯстон»-и вай чандин наслҳои гузаштаи моро дар мактабҳои ҳиндӣ тарбия кард... Дар миёнаи асри XIV ин сарзамин боз як шоири бузург Ҳофизро дод, ки ному шеъри ӯ то имрӯз дар Ҳиндустон маълуму машҳур аст».

Ҷавоҳирлаъл Неҳру алалхусус ба Амир Хусрави Деҳлавӣ ҳисси таваҷҷӯҳи хос дошт. Дар бораи мақоми ӯ дар ин асар ва дар асари барҷастаи худ «Кашфи Ҳиндустон» муфассалтар сухан ронда ӯро яке аз суханварони бузург ҳисоб мекунад.

Адабиёти асрҳои IX-XV-и форсизабонро аз лавҳаҳои болоравӣ дониста аҳамияти тарбиявӣ-эстетикии онро қайд мекунад. Адабиёти ин давраи форсизабононро дорои шӯҳрати ҷаҳонӣ ҳисобида, яке аз сабабҳои ин шӯҳратро дар тараннуми инсондӯстӣ, адолатталабӣ, мадҳи ҳунар, илму дониш мешуморад. Ҳамин шеърҳои баландмазмуни Ҳофиз буд, ки бо гуфти Неҳру то имрӯз дар Ҳиндустон шӯҳрат дорад ва худи шоир пайғамбарона пешгӯӣ карда гуфта буд:

*Ба шеъри Ҳофизи Шероз мехонанду мерақсанд,*
*Сияҳчашмони кашмирию туркони самарқандӣ.*

Аз хусуси Абӯалӣ ибни Сино дар боби «Юришҳои салибӣ» қайд менамояд, ки маҳз дар арафаи ин давраи тираву тор «дар Бухоро, дар шаҳри илму маърифати он замон яке аз барҷастатарин олимони дунё Ибни Сино, ки дар Аврупо бо номи Авитсена шӯҳрат дошту ӯро шоҳаншоҳи табибон меномиданд, зиндагӣ мекард».

Неҳру дар боби ренесанси (эҳёи) Италия сухан ронда қайд мекунад, ки вай дар асри XV дар ин ҷо ба дараҷаи баланди инкишофи худ расида ва ба дигар мамлакатҳо низ гузашт. «Мо, — менависад ӯ, — дар ин давра болоравии санъатро дар Осиёи Миёна ва Эрон мебинем, ки яке аз симоҳои барҷастатарини он эҷодиёти Беҳзод мебошад». Неҳру номи Камолиддин Беҳзодро дар ин асараш якчанд маротиба зикр карда, ӯро чун рассоми бузург номбар мекунад. Дар ҳақиқат тасвирҳои Беҳзод ҳаётӣ, табиӣ ва боварибахшанд. Услуби мактаби рассомии Беҳзод дар Ҳироту Самарқанд, Бухорову Табрез, Ҳиндустону Арабистон дер давом кард. Асарҳои вай номи ӯро на танҳо чун рассоми номии тоҷик, балки бо гуфти Ҷавоҳирлаъл Неҳру чун «бузургтарин рассоми дунё» шӯҳратманд кард.

Дар масъалаи маданияти сулолаи темуриён Ҷ.Неҳру ба чунин хулоса меояд, ки «... давраи садсолаи ҳукмронии онҳо ҳамчун «эҳёи темуриён» маълум аст. Дар ин вақт махсусан адабиёт гул-гул шукуфт, асарҳои беҳтарини санъати тасвирӣ офарида шуд... Дар давраи темуриён баробари адабиёти форс инчунин адабиёти туркӣ инкишоф ёфт. Темуриён гарчанде, ки турknажод бошанд, пурра дар зери таъсири маданияти форс афтида буданд». Неҳру аҳамияти калони забони дарӣ-форсиро дар инкишофи маданияти Аҷам қайд карда навиштааст.

«Забони форсӣ дар салтанати муғулҳо дар Ҳиндустон ва умуман дар тамоми Осиёи қисмати ғарбӣ ҳамчун забони маърифат ҳисобида мешуд, мисли он ки забони фаронсавӣ дар Аврупо маъмул буд».

Ин забон дар ҳақиқат бо гуфти Ҷ.Неҳру дар тӯли чандин аср ва то имрӯз яке аз забонҳои паҳншуда дар Ҳиндустон ба ҳисоб меравад.

Неҳру ба хулосае меояд, ки «забони форсӣ ба гурӯҳи аҳли орӣ тааллуқ дорад». Яъне забонҳои форсию тоҷикӣ ва ҳиндӣ аз ҷумлаи забонҳои қадимии хаттианд. Онҳо ду шохаи бузурги оилаи забонҳои ба ҳам хешу наздики ориёнию ҳиндии гурӯҳи забонҳои ҳинду аврупоиро ташкил медиҳанд ва дорои анъанаҳои умумии қадиманд. Аз ин ҷост дар аксари забонҳои ҳиндию

форсӣ-тоҷикӣ, калимаҳои зиёди муштаракро вомехӯрем. Ҷ.Неҳру ҳам дар асари худ «Назаре ба таърихи ҷаҳонӣ» калимаҳои зиёди дар забони мо маъмул бударо, чунончи: «парда», «зинда бод», «заминдор», «мактаб», «қимат» ва ғайра истифода кардааст. Ҳатто охирин ҷумлаи асари зикршудаи худро бо калимаи дарӣ ба охир расонда навштааст: «Ман дар оянда ҳам бо ту (яъне ба духтараш Индира (У.Ғ.) боз мактубҳои зиёдеро хоҳам навишт ва ҳоло ин силсила ба итмом мерасад ва чӣ хеле ки мегӯянд: «тамом шуд».

Муаллиф дар бораи ташкил ёфтани СССР, панҷсолаи якуми тараққиёти хоҷагии мамлакати мо ва муваффақиятҳои халқи советӣ дар якчанд мактубҳои худ сухан ронда, аз ҷумла аз хусуси республикаҳои Осиёи Миёна ва махсусан республикаи ҷавонтари он Тоҷикистон дар се саҳифа маълумот медиҳад. «Таваҷҷӯҳи моро, — менависад Неҳру, — алалхусус республикаҳои Осиёи Миёна бедор мекунад, зеро байни мо ва ин кишвар алоқаҳои чандинасраи дуҷониби мавҷуд буд. Диққати моро махсусан он ҷиҳат ба худ ҷалб менамояд, ки онҳо дар муддати чанд соли охир ба комёбиҳои калони назаррас мушарраф гардиданд. Имрӯз ин республикаҳо аз бисёр ҷиҳат аз Ҳиндустон пеш рафтанд».

Барои тасдиқи сухани худ Ҷ.Неҳру аз муваффақиятҳои Тоҷикистон якчанд факту далел меоварад: «Дар бораи комёбиҳои маориф ҳамин маълумотҳоро овардан бамаврид аст. Агар соли 1925 ҳамагӣ 6 мактаб мавҷуд бошад, пас дар охири соли 1926 113 бо 2300 хонанда, соли 1929 — 500 мактаб; соли 1931 зиёда аз 2 ҳазор муассисаҳои таълимӣ, ки 120 ҳазор хонандаро дар бар мегирифт. Ба ғайр аз мактабҳо инчунин боғчаҳои бачагона, китобхонаҳо ва омӯзишгоҳҳои махсус кушода шудааст. Халқ ниҳоят ташнаи дониш аст».

Фарзанди бузурги халқи ҳинд Ҷавоҳирлаъл Неҳру чун таърихшинос бо ин асноди худ дар омӯзиши таърихи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Осиёи Миёна, ки қисми таркибии он аст, ҳиссаи муносибе гузошт. Ин асар дар донистани таърихи тарафайн, дар бобати мустаҳкам кардани дӯстию ҳамкории ин халқҳо аҳамияти калон дорад. Дар хотима қайдҳои академик Б.Ғафуровро доир ба мақому мавқеи Ҷавоҳирлаъл Неҳру дар байни халқи мо овардан бамаврид аст:

«Ин ходими барҷастаи давлатӣ ва сиёсӣ, муаррихи боистеъдод ва публитсисти шӯълаварро, — менависад ӯ, — дар мамлакати мо хуб медонанд ва қадр мекунанд. Одамони советӣ ҳамеша аз мақсадҳои наҷибу ватандӯстии Неҳру, ки бахри хушбахтию беҳбудии халқҳо мубориза мебурд, ба ваҷд меомаданд».

## БОНӢ ВА БОНУИ МИЛЛАТ

### Бахти духтари косиб

Рӯзи 23-декабри соли 2002 ба ман муяссар шуд, ки дар шаҳри Душанбе бо духтари калонии Розия Озод — Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон, собиқадори матбуоти тоҷик Тоҷинисо Ғафуроваи 86-сола сӯҳбат намоям. Вай дар бораи модари мушфиқаш чанд лаҳзаро ёдоварӣ карда, аз ҷумла гуфт:

— Модарам дар оилаи косиби камбағал таваллуд шудааст. Азбаски зеҳни тез, ақли расо ва нисбат ба китоб меҳру муҳаббати калон дошт, падару модар ба камбағалии худ нигоҳ накарда, ӯро ба мактаби духтарона доданд. Модарам аввалин шуда дар байни ҳамсолонаш саводнок шуда, ба мутолиаи асарҳои классикони адабиёти тоҷик, хусусан, шеърҳои Ҳофизу Бедил оғоз кардааст.

Аз шеъри модар «Аҳволи иҷтимоии ман» пай бурдан мумкин аст, ки солҳои ҷавонӣ ва миёнасолиашон хеле камбағалона ва пурмашаққат гузаштааст:

*Ба даври пеш ман чизе зи илму фан надонистам,*
*Ба ғафлат рафт ин умри азизи ман, надонистам.*
*Ба ҷуз ғам дар дилу коҳиш ба ҷону тан надонистам,*
*Ба тан як умр ҷуз як кӯҳнапироҳан надонистам.*

*Намудам меҳнати бисёру дидам ранҷу заҳматҳо,*
*Ба ними нон зи боён бас кашидам бори миннатҳо.*
*Тамоми умр будам ноумед аз нозу неъматҳо,*
*Ба музди ростӣ меомадам аз пеш тӯҳматҳо.*

## Дар Исфисор

Розияи понздаҳсоларо ба Ғафур Сангин ном ҷавони карбосбоф аз гузари Хоҷа Камол ба шавҳар доданд. Мушкилиҳои рӯзгор водор сохт, ки онҳо ба Исфисор, ки аз шаҳри Хуҷанд ҳашт километр дуртар буд, кӯчида раванд. Дар он ҷо Розия Озод, ки саводи хуб дошт, майли духтарони доништалабро ба назар гирифта, мактаб мекушояд, то ба онҳо савод омӯзонад. Махсусан, ӯ ба таълими одобу ахлоқ диққати калон медод. Дар як вақт ба тарбияи фарзандони худ дар хона бештар машғул мешуд. Зеро ки мардуми Исфисор асосан узбекон буданд ва фарзандонаш дар кӯча бо забони ӯзбекӣ ва дар хона бо забони тоҷикӣ ҳарф мезаданд. Бинобар он бо мақсади забони модариро фаромӯш накардан ҳар шаб барои фарзандонаш шеър мехонд ва шеър ёд медод. Яъне, Розия Озод наҷоти забонро дар шеър хондану шеър аз бар кардан медид.

Фарзанди калонии шоира Бобоҷон Ғафуров дар мақолаи «Дурӯягии ҷаноби Вексон Монтей», ки соли 1962 дар маҷаллаи «Огонёк» чоп шуда буд, давраи кӯдакии худро ба ёд оварда, навишта буд: «Ман хушбахт будам, ки дар хона аз модари босаводи худ аввалин одоб ва аввалин ҳикматҳои классикони худро омӯхтам».

Розия Озод дар тарбияи фарзандонаш ва алалхусус писари калониаш Бобоҷон диққати калон медод. Тоҷинисо Ғафурова низ дар хотироти хеш ёдовар мешавад, ки «модарам ҳамаи фикру зикр ва рафтори фарзанди калонашро маъқул медонист. Одатан вай шеърҳои худро аввал ба ӯ мехонд ва фикру мулоҳизаҳои Бобоҷонакаамро мепурсид. Бародарам нисбат ба модар эҳтироми бузург дошт ва ба эҷодиёти вай низ аҳамияти калон медод,

ғамхорӣ зоҳир мекард, ба серкории худ нигоҳ накарда, соатҳои дароз бо модар сӯҳбат мекард. Маҳз ҳамин сӯҳбатҳои пандомезонаи модар моро ба роҳи маърифат ҳидоят намуд».

## Насиҳат ва дархостҳои модарона

Дар дафтарҳои бо мурури замон зардгаштаи академик Бобоҷон Ғафуров бо насиҳат ва дархостҳои модари бофарҳанги хирадмандаш Розия Озод навишта шинос шудем. Ин далел бар он аст, ки фарзандон шабу рӯз аз рӯи гуфтаи модар амал мекарданд:

— Аввал он, ки эй ҷони модар хакро бишнос ва ҳар чӣ аз панд ва насиҳатгӯӣ нахуст бишнавӣ, бар он кор кун, сухан ба андозаи хеш гуй, қадри мардум бидон.

Ҳаққи ҳама касро бишнос, рози худро нигоҳ дор.

Ёрро вақти сахтӣ биозмой. Дӯстро ба суду зиён имтиҳон кун.

Аз мардуми аблаҳ ва нодон гурез, дӯсти зирак ва доно гузин, дар кори хайр ҷидду ҷаҳд намой. Тадбир бо мардуми ботаҷриба ва доно кун. Суханатро бо ҳуҷҷат гӯй.

Ҷавониро ғанимат дон ва ҳангоми ҷавонӣ кори ду ҷаҳон рост кун.

Ёрон ва дӯстонро азиз дор, бо дӯсту душман абрӯ кушода дор.

Устодро беҳтарин падар шумор.Харҷ ба андозаи дахл кун.

Дар ҳама кор миёнрав бош, ҷавонмардӣ пеша кун.

Ҳизмати меҳмон ба воҷиб адо кун, дар хонае, ки дароӣ, чашму забонро нигоҳ дор. Бо ҳар кас ба андозаи ӯ кор кун.

Ҷомаю тан пок дор. Ба ҷамоат ёр бош.

Фарзандро илму адаб биёмӯз ва аз кафш ва мӯза, ки пӯшӣ ибтидо аз пои рост кун ва бадар овардан аз пои чап гир.

Ба шаб чу сухан гӯӣ, ба атроф нигоҳ кун, кам хӯрдан, кам хуфтан ва кам гуфтан одат кун. Бо занон ва кӯдакон роз магӯй.

Ҳар чӣ ба худ написандӣ, ба дигарон написанд, корҳоро бо дониш ва тадбир кун, наомӯхта устодӣ макун. Бо мардуми бузург сухан дароз магӯй, мардуми авомро густох масоз.

Ба хайри касон дил манеҳ, аз бадаслон чашми вафо мадор.

Беандеша дар кор машав, кори имрӯзаро ба фардо маяфкан.

Ҳоҷатмандро ноумед макун, хайри касонро бо хайри худ маёмез, моли худро бо дӯсту душманат манамой, хешовандӣ аз хешовандон мабур. Касоне, ки нек бошанд, ба ғайбат ёд макун.

Ба худ мангар, ҷамоат, ки истода бошанд, ту низ бо онҳо бош, ба рӯи мардум танбалӣ макун.

Сухан ҳазломехта магуй, аз сухане, ки ханда ояд, ҳазар кун.

Санои худ ва аҳли худ пеши кас магуй, ҳурмати ҳама касро пос дор, мурдаро ба бадӣ ёд макун, ки суде надорад.

То тавонӣ ҷанг ва хусумат масоз, қуввaозмой мабош, нони худро бар сурфаи дигарон махӯр.

Дар корҳо таъҷил макун, барои дунё худро ба ранҷ маяфкан.

Ҳар кӣ худро бишносад, ӯро бишнос. Хусумати мардум ба хеш магир. Дар ҳолати ғазаб сухан фаҳмида гӯй.

Ба вақти баромадани офтоб хоб марав.

Пёши мардуми гурусна хӯрок махур.

Аз бузургон ва пирон роҳ пеш марав, дар миёни сухани мардум пеш маё, сар бар зону манеҳ.

Чапу ростро мангар, балки назар ба сӯи замин медор.

Пеши меҳмон ба касе хашм макун, ҳатто гурбаатро «пишт» магӯй, меҳмонро кор мафармой.

Бо девонаву маст сухан магӯй, бо фориғон ва авбошон ба сари маҳалҳо манишин, ба ҳар суду ниёз обрӯи худро марез.

Зиндагонӣ кун ба халқ ба сидқ, ба нафс ба қаҳр, ба халқ ба инсоф, ба бузургон бо хизмат, ба хурдон бо шафқат, ба дарвешон бо саховат, ба дӯстон ва ёрон бо маслиҳат ва насиҳат, ба душманон бо ҳилм, бо ҷоҳилон бо хомушӣ, бо олимон бо тавозӯъ. Ба ин тариқ, писар, бирав, бар моли кас тамаъ макун ва чун моли ҳалол пеш ояд, манъ макун, лекин чун беш ояд, ҷамъ макун.

Ёд дор ҳамеша маргро ва фаромӯш кун некие, ки ба касе кардӣ. Ва писарам, ҳамин суханҳоро ҳамеша дар гӯш дор.

Хамин панди насиҳатҳои модар — Розия Озод буд, ки писари калонии ӯ Бобоҷон Ғафуровро ба шоҳроҳи бузурги илм овард. Ҳамин ҳидояти зани хирадманд, модари мушфиқ буд, ки Бобоҷон Ғафуров мақбули на ин ки халқи худ, балки тамоми оламиён гардид. Ҳамин санои модар буд, ки Бобоҷон Ғафуров ҳамчун шахси меҳнату илмдӯст шабу рӯз баҳри халқу Ватан хизмат кард. Алалхусус, бо асари пурғояву гаронбаҳои худ «Тоҷикон» дар таърихи тамаддуни миллати мо ҷовидон макон ёфт. Аз ин ҷост, ки халқи тоҷик аз шоираи равшанзамир Розия Озод ҳамеша миннатдор аст, ки чунин фарзанди бедордил ва худогоҳе монанди Бобоҷон Ғафуров эҳдо намудааст.

## Кони шеъру афсона

Аз рӯи нақли Тоҷинисо Ғафурова маълум мешавад, ки Розия Озод ҳамеша аз мероси ниёгони мо фаровон истифода мебурдааст: «Ман доимо ба ҳайрат мемондам, ки модарам чӣ қадар шеърҳои шоиронро аз ёд медонад. Мазмуни чанде аз достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Саодатнома»-и Носири Хисрав, «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Сад панд»-и Убайди Зоконӣ, «Пандномa»-и Аттор, «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигар шоҳасарҳои гузаштагони моро батафсил нақл менамуд. Чӣ қадар афсонаҳои аҷоибу ғароиби халқиро медонист».

## Биойтуни хушқироат

Розия Озод зани босаводи замон буд. Саводнокии ӯро ҳамин чиз муайян мекунад, ки вай сураҳои Қуръони азимушшаън, ояту ҳадисҳоро ба дараҷаи баланд медонист. Дар ин ҷода ӯ ҳамеша аз тафсири Ҳусайнӣ ва Ҷалолайн истифода мебурд. Ӯ хуб медонист, ки Қуръон ин фарҳанги бузург

аст. Ман ҳанӯз, 7 апрели соли 1990 бо ду хоҳарон — Тоҷинисо ва Зебинисо Ғафурова дар шаҳри Душанбе сӯҳбати тӯлоние доштам. Дар аснои сӯҳбат онҳо иброз намуданд, ки «модарамон ҳамчун донандаи сураҳои Қуръон, ҳамчун бибиойтун дар Хуҷанду Исфисор ва Қистақӯз ном баровардa буданд, рӯзе набуд, ки Қуръонро қироат накунанд. Мо бояд бигӯем, ки маҳз Бобоҷонакаамонро бо ояту ҳадисҳои Қуръон аввалан модарамон шиносонид ва таълим дод. Инчунин моро низ дар ҳамин рӯҳия тарбия кард. Ва бояд бигӯем, ки мо фарзандон ба китоби муқаддастарини мо — Қуръони маҷид муҳаббати бепоён доштем».

Ин гуфтаҳои хоҳаронро инчунин яке аз хешони наздики Розия Озод — Тоҷинисо Мирумароваи хуҷандӣ низ дар хотироти хеш, ки он таҳти унвони «Ёди ҷонфидои миллат» дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» аз 30 декабри соли 1998 чоп шуда буд, ёдрас мекунад. Вай менависад, ки: «Розия Озод ҳамсари амакам буда, он касро ман ҳамчун бибиойтуни хушқироат медонам, ҳамагон чун «Қаробиойтун» ном мегирифтанд. Вақте дар маъракаҳо бо овози дилошӯб, нолаи дилангез ва ҷарангосию марғуладор Қуръонро қироат мекарданд, ба бадани шунавандагон мурғак медамид. Он кас ошиқи китоб ва омӯзиши он буданд. Муҳаббат ба китоб дар вуҷудашон чунон баланд буд, ки соатҳои зиёд машғули илмомӯзи ва китобхонӣ мешуданд».

## Худшиносӣ — мубтадои худошиносӣ

Фарзандони Розия Озод зимни таълими хуби модари мушфиқи худ бо маънои том худшинос ва эътиқодманди Худованди карим буданд. Худошиносӣ ин пеш аз ҳама худшиносӣ, хештаншиносӣ, эътиқоди қавӣ доштан, бо нафси хеш мубориза бурдан аст. Сатҳи баланди донишу хирадро ҳам писари колонии шоира Бобоҷон ва ҳам хурдиаш Олимҷон аз донистани бузургтарин фарҳанги маънавиёти олам ба пои муқаддаси динӣ — Қуръону Инҷил ва Таврот медонистанд. Ҳамин эътиқоду муҳаббати Бобоҷон Ғафуров ба китоби мусулмонон, Қуръон буд, ки баъди сарвари Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои СССР шуданд, аз паи ҳар чӣ тезтар ба чоп омода кардани нашри русии Қуръон гардид.

Нашри русии Қуръон дар тарҷумаи олими номии рус, академик И.Ю. Крачковский ҳанӯз соли 1922 анҷом ёфта буду сиёсати атеистии давлати шӯравӣ намемонд, ки он нашр шавад. Танҳо бо ташаббуси Бобоҷон Ғафуров соли 1963 он дар нашриёти «Адабиёти Шарқ» чоп карда шуд. Дигар фарзанди худогоҳи шоира — Олимҷон Ғафуров бошад, китоби муқаддаси Қуръони азимушшаънро ба забони русӣ тарҷума карда, онро шарҳу тафсир кард. Он ибтидои соли 2000 дар Маскав аз тараҷи нашриёти «Славянский диалог» аз чоп баромад. Бояд гуфт, ки Қуръони шариф аз оғози нозил шуданаш, дар тӯли 1400 сол ба забонҳои мухталифи дунё борҳо тарҷума шудааст. Ба забони русӣ бошад, инак 5 навъи тарҷума ба қалами донишмандони овозадоре чун Саблуков, Крачковский, Порохова, Османов ва Ғафуров мутаалиқ аст.

Бояд қайд кунам, ки тарҷумони тозатарини Қуръон Олимҷон Ғафуров дар рӯзҳои таҷлили 60-солагии вилояти Суғд — моҳи июни соли 2000-ум меҳмони хуҷандиён шуда, аввалнусхаи онро лутфан ба Раиси вилоят Қосимҷон Қосимов ҳадя карда гуфт:

«Муҳаббати моро ба ин китоби муқаддаси олам ҳанӯз модари бузургворамон бедор карда буданд. Ин натиҷаи меҳнати чандсолаи ман аст, ки аз болои ин кори мураккабу хайр машғул будам. Барои анҷоми ин кор маълумотҳои аз модарам гирифта мададгор шуд».

Раиси муҳтарам Қосимҷон Қосимов китоби муқаддаси Қуръонро аз дасти мутарҷими он Олимҷон Ғафуров гирифта, арзи миннатдорӣ намуда, қайд кард: «Мо боварӣ дорем, ки оянда он исломшиносону ховаршиносоне, ки ба тарҷумаи русии китоби муқаддаси мусулмонон сару кор доранд, бояд аз тарҷумаи Олимҷон Ғафуров истифода баранд ва он хонандагону омӯзандагонро ба роҳи дуруст ҳидоят хоҳад кард».

Бобоҷон Ғафуров чун фарзанди мусулмон шунидааст, ки бандагонаш бояд ҳамаи панҷ рукнҳои асосии мусулмониро адо кунанд. Ва яке аз онҳо тавофи Каъба аст. Инак, соли 1974 ба ӯ имкон даст медиҳад, ки барои зиёрати хонаи Худо ба Маккаю Мадина ба ҳаҷ равад. То академик Бобоҷон Ғафуров ҳеҷ намояндаи чунин мақомоти баланд — собиқ корманди масъули ҳизбию академики шӯравӣ ба сафари ҳаҷ нарафта буд. Пеш аз сафари ҳаҷ Бобоҷон Ғафуров моҳи майи соли 1974 ба сари қабри модар махсус аз Маскав ба Душанбе омада, сурае аз Қуръон қироат намуд. Ин гӯё як фотеҳаи модар ба писар барои сафари муборак буд. Оре, модарро баъд аз вафоташ ҳам ҳамон навъе, ки Олимҷон қайд кардааст, рӯҳи поки вай қувваи калон мебахшад ва ҳамеша ғами фарзандро мехӯрад. Хуб гуфтааст Сармад:

*Синаи пурмеҳри модар то абад осуда нест,*
*Қалби ӯ дар зери гӯраш ёди фарзандон кунад.*

## Қиссаи донакшиканӣ

Розия Озод дар баробари фарзандонашро дар рӯҳи садоқат ба илму дониш тарбият кардан, онҳоро дар меҳнатдӯстӣ ва ризқи ҳалол ёфтан парвариш мекард. Тоҷинисо Ғафурова нақл намуд: «Боре падарам аз матлуботи қишлоқ чанд тонна донак овард. Мо бояд онро шикаста, мағзашро ба давлат супорида, ба муздаш хӯрокворӣ мегирифтем. Ин донакшиканӣ зуд ба дили мо, бачаҳо зад. Сипас модарам барои ҷалб кардани мо афсонагӯиро сар кард. Шабҳо дар равшании чароғи карасинӣ донак мешикастему ба афсонаҳои аҷоибу ғароиби модарам гӯш медодем. Модарам бемуҳобо беш аз ҳазор афсонаҳои халқиро медонистанд. Як поси шаб модарам мегуфт: «Бас аст, бачаҳо, хоб кунед». Вале мо бо як овоз аз ӯ давоми афсонаро талаб мекардем. Бо ҳамин васила моро ба меҳнати ҳалол ризқи худ ёфтанро талқин мекарданд.

## Набард бо қалам

Розия Озод, ки бо асарҳои Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил, Сайидо ва дигарон шинос буд, дар пайравии онҳо шеър менавишт. Аммо вай чун шоираи маълуму машҳур дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба майдон баромад. Нахустин маҷмӯаи шеърҳои шоира ҳам соли 1944 бо номи «Муҳаббат ба Ватан» баромад. Муҳаррири маҷмӯа Муҳаммадҷон Раҳимӣ дар сарсухани китоб навишта буд: «Шоира Озод аз солҳои 1937-1938 бо навиштани шеър машғулият дорад, вале метавон гуфт, ки ӯро давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамчун як шоираи сермаҳсул дар арсаи адабиёт намоён карда, ба мутолиакунандагони назми бадеӣ шиносо намуд».

Дар ин нахустмаҷмӯаи шоира Розия Озод шеърҳои пуртаъсири ӯ ба монанди «Ба зидди Гитлери девона гуфтам», «Чандин саволе, чандин ҷавоб», «Фарзанди азиз», «Хайр модарҷон», «Ба Ҳодӣ Кенҷаев», «Писари Тоҷикистон», «Ҳамзаалиев», «Ба Ойгул» ва ғайра дохил шудааст. Дар шеърҳо Ватан-Модарро тараннум намуда, душманони малъунро нафрат мекард. Ӯ бо ашъори ватандӯстонаи худ корнамоии ҷанговарон ва халқи шӯравиро дар фронт ва меҳнаткашонро дар ақибгоҳ ситоиш мекард ва бо ҳамин ягонагии маънавию сиёсии халқ ва иқтидори беҳамтои Ватанро васф менамуд:

*Гитлери девонаро сӯрох гардида ҷигар,*
*Шуд ба вақти марги худ дар мотами худ навҳагар.*
*Мо ба зидди душмани инсоният пеш меравем,*
*Бо тамоми қуввату имконият пеш меравем.*

Духтари дуюми Розия Озод — Зебинисо Ғафурова дар суҳбат ба ман нақл кард, ки «вақте модарам шеъри «Хайр модарҷон»-ро аз номи аскари ба ҷанг рафта навиштанд, баъди хондани он Бобоҷонака маслиҳат доданд, ки акнун «Салом модарҷон»-ро низ чун пайғом аз фронт нависанд. Ва соли 1944 шеъри модарам бо ҳамин унвон бори аввал дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» чоп шуд».

Розия Озод рӯзи ғалабаро бо шодмонии беинтиҳо пешвоз гирифта, дар тарҷеъбанди «Иди зафар» ҳиссиёти баланди ватандӯстонаи худро самимона чунин месарояд:

*Шодӣ бикунад мардуми ҳар водию кӯҳсор,*
*Мазмуни чунин байт намояд ҳама такрор:*
*Кардем зафар мову туву раҳбарии мо,*
*Шӯҳрат ба ҷаҳон пур шуда аз ин зафари мо.*

Дар солҳои минбаъда шеъру маҷмӯаҳои зиёди Розия Озод ба монанди «Гулистони ишқ» (1946), «Аз водиҳои тиллоӣ» (1948), «Иқбол» (1951), «Зиндабод сулҳ» (1951) ва ғайра паси ҳам баромаданд. Пас аз вафоти шоира ҳам маҷмӯаҳои шеърҳояш бо унвони «Шеърҳои мунтахаб» (1957), «Дӯстони ман» (1958), «Орзуи ман» (1962), «Тӯҳфа» (1983), «Хотира» (1989) чоп шудаанд, ки дар онҳо бо обуранг ва гирумони хос халқро васф кардааст.

## Шеваи шеър аз мурғон омӯхтам

Дар бораи эҷодиёти шоира, сабку услуби ӯ адабиётшиноси номӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон И.С.Брагинский як лаҳзаи хотирмони ҷолиби диққатро нақл кардааст:

— Баъди ҷанг мулоқоти ман бо Розиябибӣ борҳо иттифоқ афтодааст, чанд бор дар санаторияи Душанбе (Сталинободи онвақта) низ бо ҳам будем...

Ана ҳамон вақт аз мавриди ороми истироҳатгоҳ истифода бурда, аз ӯ, ки хеле камгап буд, саволеро, ки хеле вақт дар сар доштам, арз кардам: чӣ тавр шеър иншо мекунад, вазни мураккаби шеъри классикиро чӣ тавр ёд гирифтааст, ҳол он, ки ӯ ҳаргиз онро наомӯхтааст ва намедонад (ман аз ин қазия огоҳ будам)? Розиябибӣ дар ҷавоб ин мақолро гуфт: «Шунидан кай бувад монанди дидан» ва илова кард: «Шумо бояд барвақт аз хоб хеста, соати 5-6 пагоҳ маро, ки дар боғ гардиш мекунам, бубинед, баъд сӯҳбат мекунем».

Дар яке аз рӯзҳо, ба тавре ки Розиябибӣ маро намедид, гуфтаашро ба ҷо овардам. Субҳи барвақт боғро хониши мургони саҳар фаро гирифта буд. Зани солхӯрда пероҳани сап-сафед дар бар аз роҳрави боғ солорона қадам мезад. Ин кори вай як-ду соат давом кард. Ӯ накҳати гулу сабзаро мешамиду ғарқи хаёлот буд, танҳо баъзан андак лабонаш меҷунбиданд. Азбаски дур будам, намедонам, ки пичир-пичир мекард ё чизеро азёд мехонд. Баъд ба манзил баргашт. Рӯзона дар вақти мулоқот мушоҳидаамро арз карда, боз саволамро ба ёдаш овардам. Розиябибӣ бо як табассуме гуфт: «Ҳар гоҳ, ки дилам моили сурудани шеър мешавад, мераваму аз мурғон меомӯзам. Ҳар мурғ ба таври худ мехонад, лаҳни якеаш ба дигараш монанд нест. Ман ба онаш гӯш медиҳам, ки ба руҳияам мувофиқ аст, баъд ҳамонашро, ки бо эҳтиёҷи ботинам ҳамранг аст, дар шеър ифода мекунам. Ҳамин тавр, аввалин мисраҳо дар забонам ҷорӣ шуда, шеъри мукаммалро ба вуҷуд меорад. Баъд ба манзил баргашта, ҳар он чиро, ки аз мурғон омӯхтаам, ба рӯи қоғаз меорам».

Розия Озод ба Иосиф Самойлович Брагинский чӣ тавр аз хониши мурғон илҳом гирифтанашро нақл карда, гумон надошт, ки суханони машҳури шоири тавонои олмонӣ Гётеро такрор карда истодааст, ки ӯ ҳам дар ҳамин мазмун мегӯяд: «Ман месароям, чунон ки мурғ месарояд».

Розия Озод чун мурғи хушхон содда ва форам, балки зеботар аз он — чун модар месуруд, ки ин аз он ҳам зеботар аст. Вай ободиҳои шаҳру деҳоти кишвари маҳбубашро мадҳ намуда, ба ҳусни ободии он ҳусн афзудани гулдухтарони зебои тоҷикро тасвир мекард:

*Духтарон пӯшида дар тан куртаҳо зебо аҷаб,*
*Ранга-ранга, сурху сабзу пургулу раъно аҷаб.*
*Аз либоси ҳуснафзо ҳуснашон дар обутоб,*
*Обу оташ дидаам дар барги гул як ҷо аҷаб.*

## Ба қадри устод мебояд расид!

Дар сӯҳбат бо ман Тоҷинисо Ғафурова як хислати ниҳоят волои модари мушфиқашро нақл кард. Дар масъалаи қадршиносии устодон, омӯзгорон,

яъне муаллимон касе мисли Розия Озод набуд. Ӯ тамоми умр нисбат ба биотуни нахустини худ эҳтироми бепоён дошт. Фарзандонашро ҳам панд медодааст, ки ҳамеша ба қадри устодонашон расанд. Инро ман дар мисоли эҳтироми Розия Озод нисбати падари ман, Муаллими хизматнишондодаи Тоҷикистон зиндаёд Абдуғаффор Ҳасанов, ки солҳои 1922-1924 дар мактаб-интернати Қистақӯз ба фарзанди ӯ Бобоҷон Ғафуров таълим додаанд, дида метавонам. Тоҷинисо Ғафурова дар мақолаи хеш «Ғафуровнома», ки нисбати аз нашр баромадани китоби ман «Алломаи замон» навиштааст, хотиррасон мекунад: «Ман аз номи худ, хоҳарам Зебӣ, аҳли оила ва хешу таборони Бобоҷон Ғафуров ба муаллифи китоби «Алломаи замон» арзи сипос мегӯям. Бо навиштани ин китоб арвоҳи падари Усмонҷон Ғаффоров — Абдуғаффор Ҳасанов, ки ба бародарам хаққи устодӣ доранд ва дӯсти бузурги хонадони мо буданд, шод мешавад. Вақте, ки соли 1932 бародарам Бобоҷон Ғафуров ба Маскав ба таҳсил рафтанд, аввалин шахсе, ки ба он ҷо рафта, хабар гирифта буд, Абдуғаффор Ҳасанов буданд. Афсӯс, ки ин лаҳза дар китоб инъикос наёфтааст» (Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аз 28 июли соли 1999).

## Ангури тагобӣ ва илму адаб

Тобистони соли 1946 ба ҳавлии мо, Қистақӯз Розия Озод ду рӯз меҳмон мешаванд. Он кас бо модаркалони ман Бибишаҳзода, ки зани босаводи китобдор буда, таъби шоирӣ доштанд, ҳар гоҳ баҳри сӯҳбат ва мутолиаи китобҳо меомаданд. Рӯзи дуюми меҳмониравии Розия Озод, Бобоҷон Ғафуров, ки чанде пеш ба вазифаи котиби якуми КМ ПК (б) Тоҷикистон интихоб шуда буд, ҳамроҳи раиси Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон Ҷаббор Расулов, раиси комиҷроияи ноҳияи Чкалов Мирсаид Умаров ва раиси колхози онвақтаи Исфисор Толиб Зунунов даромада меоянд.

Ғайричашмдошт омадани чунин шахси фозил аввалан, чун арзи эҳтироми модари арҷманди мушфиқаш ва сониян, падарам мебошад, ки олим он касро чун муаллим ҳурмат мекард.

Баъди каме дам гирифтан Розия Озод ба писараш Бобоҷон Ғафуров ва дигар ҳамроҳони бо ӯ омада рӯ оварда, мегӯяд:

— Пеш аз ҳама аз ин ангури тагобӣ хӯред, ки ба ҷисматон хун шавад. Қимматии ин ангур боз дар он аст, ки ниҳолашро Ҳасансаркори номӣ, деҳқони асил шинонидаанд, набошад саркори 84-сола хафа хоҳанд шуд. Сониян, ман медонам, ки шумоён — роҳбарон ҳамеша серкору сертараддудед, вале ҳоло каме сабр мекунем ва чанд саҳифае аз китоби ҳикмат мутолиа кунед, — гӯён модар ба дасти писараш Бобоҷон «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун»-и Воҷидалии Муҷмалиро (соли 1848 дар Ҳиндустон нашр шудааст), дароз мекунад. Алҳол ин китоб дар китобхонаи шахсии ман маҳфуз буда, он ҷо ишораҳои Розия Озод ва санаи сафар қайд шудааст. Бобоҷон Ғафуров китобро боз карда, дар саҳифаҳои аввали он мехонад: «Илмро адаб лозим аст ва адабро илм лозим набувад, ҳол он ки илм ашраф ва аъзами фанҳост, агар аҳли илм беодоб бошад, ӯ ба ҳеҷ наарзад».

Розия Озод ба писар таъкид кардааст, ки минбаъд ту, ҳамчун сарвари Тоҷикистон бештар аз ин ҳикматҳо истифода барӣ ва худ низ гулчини ҳикматҳо бошию ба дигарон намунаи ибрат гардӣ. Ҳамин ҳикматҳои бузургон ва панди модар буд, ки минбаъд ин гуфтаҳоро Бобоҷон Ғафуров дар амал татбиқ намуд. Ҳини сарвари Институти шарқшиносии АИ СССР будан тамоми асарҳои пандии ниёгонро аз «Шоҳнома»-и Фирдавсиву «Гулистон»-и Саъдӣ сар карда, то мақолу зарбулмасалҳои халқӣ нашр кунонд. Худи устод Бобоҷон Ғафуров шахсе буд, ки дар суҳбатҳо суханони ҳикматноки аз модар шунидаро, аз бузургон хондаашро бамавқеъ истифода мебурд. Нақлу гуфтори ӯ ба кас чунон таъсир мекард, ки гӯё аз чашмаи кӯҳӣ об мехӯрда бошад. Он гуфтаҳои пандомезонаи Бобоҷон Ғафуров, ки асоси онро панду насиҳатҳои модар ташкил мекард, аз тарафи додари хурдӣ Олимҷон Ғафуров гирд оварда шуд. Вай таҳти унвони «Панду ҳикматҳои Бобоҷон Ғафуров» соли 1998 дар нашриёти «Славянский диалог»-и Маскав ба забони тоҷикӣ нашр шуд. Инак чанд ҳикматҳои аллома Бобоҷон Ғафуровро аз он маҷмӯа меоварам:

## Гулчине аз панду андарзҳои аллома

* Ришва барои инсон чизи фалокатовар мебошад. Ин як вартаест, ки аз он танҳо шахси қавиирода берун омада метавонад.

* Оқил он нест, ки мардумро бо каломи пурмазмуни худ мафтун мекунад, балки он аст, ки ёдаш дили одамонро гарм мекунад.

* Ба гаронфурӯшӣ дода машав, ки арзиши худатро паст мекунӣ.

* Инсон ҳам монанди чоҳи об аст. Агар аз чоҳ беист об кашидан гиранд, хушк мешавад. Вақте ки аз касе беист кӯмак металабӣ, вай рӯзе аз ту рӯ мегардонад.

* Забон лашкари бузург мебошад. Ғалабаҳои калонтарини дунё бо қувваи забон ба даст омадаанд.

* Меҳнати бемузде, ки кас барои ту мекунад, подоши гарон дорад: вай миннатдорӣ ва қарзи беадо мешавад.

* Зарар мебинад он, ки мехоҳад аз ҳисоби дигарон фоида рӯёнад.

* Аз марг натарс, вале аз он тарс, ки умрат дар нанг мегузарад.

* Хоксорӣ як навъи саховат аст, зеро хоксор талоши дунёро надорад.

* Аз талафи пулу мол насӯз, ки пул мераваду ту мемонӣ. Дон, ки аз ҳамаи чизҳои дунё қимматтарӣ.

* Қимор ва хушбахтӣ ҳамдасти якрӯзаанд.

* Айби камбағалӣ дар танбалист.

* Хирадманд пули фардоро имрӯз медиҳад. Аблаҳ бошад, қарзи имрӯзро ба фардо мемонад.

* Пирамарде, ки хирадманд нест, дардманд аст.

* Беғам сабабгори ғами дигарон мешавад.

* Қарз ихлоси шахсро аз шахс мегардонад.

* Аз хоксорӣ дида хислати бузургтаре нест. Вай ҳам ба шоҳ мезебад ва ҳам ба гадо.

* Меваи боғи ҳамсоя, албатта ширинтар мешавад, аммо барои ҳаёт самари боғи худ зарур аст.

* Ҳеҷ гоҳ ба манфиати шахсӣ дода нашав, ки он дар охири охирон бар зарари худат меояд.

* Дили нодон ба пулу чизу мол месӯзад, вале дили мутафаккир — ба инсон.

* Чизи муфт мисли хаси хушк: алангааш баланду гармиаш кам.

## Сафари охирин

Розия Озод соли 1957 ба касалии саратон дучор мешавад. Писари калонӣ Бобоҷон Ғафуров, ки як сол пеш ба Маскав кӯчида рафта буд, хост, ки ба табибони машҳури он ҷо модари беморашро нишон диҳад. Бо ин мақсад ба хоҳари хурдӣ Зебинисо занг зада мефаҳмонад, ки модарро ҳамроҳ бо воситаи поезд ба Маскав биёранд. Он рӯзҳо Бобоҷон Ғафуров дар Полша буду бояд бо расидани поезд ба Маскав шуда, модари мушфиқро пешвоз мегирифт. Дар рӯзи дуюми роҳӣ шудан аҳволи Розия Озод бад мешавад. Дар шаҳри Актюбински Қазоқистон, дар вагон Розия Озод ҷон дод. Зебинисо Ғафурова ба бародараш барқия медиҳад: «Модар гузаштанд. Он чӣ шуданӣ буд, шуд. Ҷасади модар дар поезд ба Маскав меравем».

Бобоҷон Ғафуров ҳамоно аз Варшава ба котиби якуми обкоми Пенза занг зада мегӯяд: «Тақдири модар ҳамин тур шуд, аз поезд ҷасади модарро фароварда, тавассути самолёт ба Сталинобод фиристед. Ман низ пагоҳ он ҷо мешавам.»

Дар хусуси чӣ тавр ба Сталинобод овардани ҷасади Розия Озод рӯ меоварем ба хотираи Зебинисо Ғафурова:

«Дар Пенза ҷасади модарамро фароварда, ба фурудгоҳ оварданд, ҳаво хунук, барф меборид. Мо акаамро интизор шудем. Як замон сардори майдони ҳавоӣ ва боз чанд нафари дигар пайдо шуданд. Байни худ ким-чиҳо гуфтанд. Ман чизе пай набурдам. Баъдтар фаҳмам, як мотори самолёт аз кор баромадааст. Худо накарда чаппа мешуд, он рӯзҳо аз бародарам ҳам, ҷудо мешудем. Ва ду мурдаро меовардем. Хайрият лёчикҳои таҷрибадор самолётро беосеб фаровcovered фароварданд. Модарамро бо самолёти боркаш ба Сталинобод овардем. Акоям бо самолёти рейси Москва-Пенза-Актюбинск-Сталинобод парвоз намуданд».

Маросими видоъ бо Розия Озод дар хонаи Иттифоқи нависандагон баргузор шуд. Ҷасади шоира 14 декабри соли 1957 дар қабристони шаҳри Душанбе дафн карда шуд. Дар таъзияномаи раёсати Иттифоқи нависандагони СССР ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон навишта шуда буд: «Зиндагии зани тоҷик ва модар, шоираи боистеъдод ва ходимаи намоёни ҷамъиятӣ Розия Озод намунаи барҷастаи қисмати зани Шарқ мебошад».

## Рӯҳи поки модари бузургвор шод бодо то абад!

Роҳи зиндагӣ ва эҷодии Розия Озод на танҳо ҳодисаи ибратбахш дар ҳаёти адабии мо мебошад, балки саҳифаи наве дар фаъолияти эҷодии

занону духтарони тоҷик ба шумор меравад. Бинобар ин мақоми ин зани арзандаи тоҷик дар таърихи фарҳангии мо бузург аст. Хурсандиовар аст, ки ба шарафи 110-солагии Розия Озод бо қарори Раиси фарҳангдӯсти вилояти Суғд Қ.Р.Қосимов ҷашни ботантана таҷлил мешавад. Алҳол дар заминаи ин қарор маҷмӯаи шеърҳои шоира бо пешгуфтори банда дар дастиноширон аст. Ман рӯзи 23 декабри соли 2002 ҳини дар Душанбе будан, ба фарзандони Розия Озод — Тоҷинисо ва Зебинисо Ғафурова ин иқдоми неки Раиси вилояти Суғдро расонидам. Онҳо миннатдории бепоёни хешро изҳор намуда, таманнои онро карданд, ки илоҳо руҳи поки модари бузургворашон ба кори онҳо мададгор бошад.

## ЧОР РӮЗ БО УСТОД СОТИМ УЛУҒЗОДА

Рӯзи 5 майи соли 1988 аз рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Ленинобод» ба ман занг зада хабар доданд, ки устод Сотим Улуғзода навакак аз Душанбе омаданд, алҳол дар идораи рӯзнома ҳастанд. Шуморо мепурсанд. Ман ҳамоно баробари шунидани номи муборaки устод ба сӯи идораи рӯзнома давидам. Охир, дидорбинии чунин нависандаи забардасти миллат, ки ҳамагон эшонро чун чароғи анҷумани зиёиёни тоҷик меномиданд, бароям хушоянд буд. Сониян падари хирадмандам ба мо, фарзандон таъкид мекарданд, ки ҳарчӣ бештар бо аҳли илму адаб яъне фозилон сӯҳбат кунем, ҳамон қадар ғизои маънавӣ мегирем. Ва ин гуфтаи Шамси Табрезӣ «З-он касе доди сухан ҷӯ, ки сухандон бошад»-ро гӯшрас мекарданд.

Баробари ворид шудан ба идораи рӯзнома фаҳмидам, ки он ҷо бахшида ба рӯзи матбуот (он солҳо таҷлили иди матбуот рӯзи 5 май баргузор мегардид) ҷамъомади аҳли қалам рафта истодааст. Дар маҷлисгоҳ устод Улуғзода аз вазъи адабиёт, инкишофи назму насри тоҷик, беҳтарин падидаҳои адабии солҳои охир сухан мегуфтанд.

Баъди анҷоми сӯҳбат устод бо ман вохӯрда, ҳамоно дӯсти қадрдонашон — падари бузургворам Абдуғаффор Ҳасановро пурсиданд. Ман ҷавоб додам, ки алҳол сиҳат ва саломатанд, муштоқи дидори шумоянд. Устод гуфтанд, ки имрӯз бегоҳӣ меҳмони зиёиёни деҳаи Қистакӯз мешавем, тавонед хабар диҳед. Ман ҳамоно ба падар занг зада фаҳмонидам, ки устод Улуғзода омаданд ва он кас меҳмони меҳнаткашони деҳаамон мешаванд. Дар қасри маданияти колхози «Тоҷикистон» соати 17 вохӯрии устод бо мухлисонашон барпо мешавад. Шумо ҳам дар ҳамон ҷо шавед.

Соати муайяншуда мо якҷоя бо устод Сотим Улуғзода ба деҳа омадем. Падар бо самимият дӯсташонро пазирoӣ намуданд. Дар аввал дар таги сояи беди чойхонаи колхозӣ, назди оби равон як сӯҳбати хосе баргузор гардид. Падар аз омадани меҳмони воломақом шод гардида, устодро бо чунин суханон хайра мақдам гуфтанд:

— Мулло Сотимхони азиз! Дар беҳтарин фасли сол, баҳори зебо ба диёри мо қадам ранҷа карда омаданатонро ҳасанот мегӯям ва ин шоҳбайтҳо пешкаши шумост:

*Чист давлат? — Сӯҳбати соҳибдилон дарёфтан,*
*Ё ҳузури дӯстони меҳрубон дарёфтан.*
*Сояҳои бед бар оби равон фасли баҳор*
*Дар миёни бӯстон бо дӯстон дарёфтан.*

Соати 17 сӯҳбати устод С.Улуғзода бо аҳли фаъолон ва зиёиёни ҷамоати Қистакӯз, ки яке аз деҳаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, оғоз ёфт. Вохӯриро мудири кафедраи адабиёти Донишкадаи омӯзгории Ленинобод, доктори илми филология, профессор С.Асадуллоев, ки зодаи ҳамин диёр аст, кушода, меҳмони олиро хайра мақдам гуфт. Баъд устоди донишкада А.Насриддинов оиди мақоми С.Улуғзода дар адабиёти тоҷик ва китоби нави нависанда «Фирдавсӣ» гузориши муфассал кард. Шоира Фарзона ду шеъри нави хешро қироат намуд. Дар охир устод С.Улуғзода баромад карданд.

«Ман асосан ба мавзӯи таърихӣ асар меофарам. Дар бадали 30-40 соли охири эҷодиам танҳо ба мавзӯъҳои таърихӣ рӯ овардам. Барои чӣ? Ҷавоб ба ин саволи пешгузоштаам ин аст, ки соли 1943 маро ба Сарраёсати ҳарбӣ-сиёсии Армияи Сурх ба Маскав даъват карданд. Ба ман супориш доданд, ки дар бораи қаҳрамонони гузаштаи таърихи халқи тоҷик, фарзандони шуҷоатманди вай асарҳо офарам. Рости гап ман дар бораи фарзандони далери гузаштагонамон кам тасаввурот доштам. Сипас дар китобхонаи давлатии машҳури ба номи Ленин нишаста, якчанд вақт ҷустуҷӯ кардам. Чанд асарҳоро хондам. Дар ҳамон ҷо, дар ҳамон вақт дарк кардам ва чуқур фаҳмидам, ки то чи андоза таърихи мо бой аст. Ҳамон вақт ман ба худ савол гузоштам, ки «ин касонро кӣ зинда мекунад, кӣ инро ба ояндагон мешиносонад. Касе. ки гузаштаи халқи худро намешиносад, вай мисли кӯр аст, ҷоҳил аст».

Баъди ҳамин бо як меҳру муҳаббат оиди фарзандони шӯҳратманду қаҳрамони халқам, мисли Темурмалик, Восеъ, Абӯалӣ ибни Сино, Рӯдакӣ ва мана ба наздикӣ дар бораи Фирдавсӣ асар навиштам. Оиди асари навам романи «Фирдавсӣ» гӯям. Фирдавсӣ дар таърихи халқи мо мақоми беандоза бузург дорад. Бузургии шоири тавоно ва достони безаволи вай «Шоҳнома» дар он аст, ки маҳз ҳамин шоҳкитоб забони моро нигаҳ дошт. Маҳз назми бузургони мо, мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Румӣ, Носири Хисрав, Аттор, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Саъдӣ, Ҳофизу Ҷомӣ забони мо, фарҳанги моро зинда дошт.

Пас вазифаи мо, адибону олимон гузаштаро, яъне таърихро эҳё кардан аст».

Сӯҳбат бо зиёиёни деҳаи Қистакӯз бо устод С.Улуғзода хеле хотирмон гузашт. Дар вохӯрӣ падарам, ки бо устод дӯсти деринаанд, баромад намуданд. Он кас одатан дар сӯҳбатҳое, ки бо аҳли илму адаб баргузор мешуд, бо овардани шеърҳои бузургон гуфтаҳои хешро пайваст карда сухан меронданд. Он рӯз падар чанд лаҳза таърихи дӯстии хешро бо устод ёдовар шуда, аз ҷумла гуфтанд:

— Имрӯз барои ман дидори дӯст, рафиқ ва шахси ба дил наздик чун рӯзи фараҳбахш боқӣ хоҳад монд. Мавлонои Румӣ басо хуб гуфта, ки:

*Мо сӯҳбати ҳамдигар гузинем,*
*Бар домани ҳамдигар нишинем.*
*Ёрон ҳама пештар нишинед,*
*То чеҳраи ҳамдигар бубинем.*

Ман хушбахтам, ки яке аз аввалин хонандаи романи нави дӯстам Улуғзода «Фирдавсӣ» мебошам, ки ҳанӯз аз маҷаллаи «Садои Шарқ» онро пурра хонда будам. Ва ду моҳ пеш, баъди он ки романи «Фирдавсӣ» ҳамчун китоби алоҳида шуда чоп шуд, нахустин нусхаи онро муаллиф ба камина фиристода бо чунин суханон соядасти хешро гузоштанд: «Ба муаллими муаллимон, ба шахси фозилу бисёр мӯҳтарам, мулло Абдуғаффор Ҳасануф ёдгорӣ аз дӯсти душанбегиатон ва муаллифи ин китоб. «Фирдавсӣ» ин аввалин китобест пас аз чоп, муаллиф ба Шумо тақдим кард.

Имзо, 22 феврали соли 1988».

Рӯзи 6 майи соли 1988, бегоҳӣ дар Қасри фарҳангии «Абрешимчӣ»-и комбинати шоҳибофии Ленинобод вохӯрии аҳли меҳнаткашони шаҳр бо устод С. Улуғзода баргузор шуд. Соати 18 толори калони 800 нафараи қаср пур аз мухлисони адаб буд. Дар раёсат ё худ саҳна С.Улуғзода, Ҳоҷӣ Содиқ, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Озод Аминзода, Маъруфхӯҷа Баҳодуров, Фарзона, Абдуманнон Насриддинов нишастаанд. Олими ҷавони боистеъдод А.Насриддинов ва шоири умедбахши мо Фарзона дар бораи паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёти С.Улуғзода сухан ронданд. Баъд устодро муаррифӣ намуда, ҷилави суханро ба эшон доданд:

— Ман имрӯз хеле сарфарозам, ки бо аҳли меҳнаткашони Ленинобод сӯҳбат карда истодаам. Ман ба назди шумоён бо як тӯҳфаи худ, романи навам «Фирдавсӣ» омадам. Ин асар ба рӯзгори шоири тавонои миллат, шоире, ки «Шоҳнома» барин бузургтарин шоҳкитоби оламро эҷод кардааст, бахшида шудааст. Мо имрӯз бо ин шоҳасари Фирдавсӣ фахр дорем. Ин ғурури миллӣ ва ифтихори миллии мост. Чаро ман ба Фирдавсӣ рӯ овардам, зеро вай на танҳо шоири замон, балки қаҳрамони замон аст. Мо маҳз аз китоби ӯ ғизои маънавӣ мегирем ва он моро ба мақсади асосӣ — хирадмандӣ мерасонад.

Шабнишинӣ бо иштироки устод Сотим Улуғзода дар Қасри фарҳанги «Абрешимчӣ» ба базми шеъру адаб ва суруд табдил ёфт. Иштирокдорон бо камоли мамнуният дар ҳаққи устод суханони нек гуфтанд ва тавфиқи кори эҷодиашонро таманно намуданд. Баъди вохӯрӣ устод ба мухлисони сершумори худ соядаст навиштанд. Бо онҳо барои хотира сурат гирифтанд. Шабнишиниро шоири боистеъдод ва аллакай шинохтаи мо Фарзона ва адабиётшиноси дақиқкор, декани факултаи филологияи тоҷики Донишкадаи омӯзгории Ленинобод ба номи С.М.Киров (имрӯза Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров) Абдуманнон Насриддинов ба дараҷаи баланд гузарониданд.

Рӯзи 7 майи соли 1988, рӯзи шанбе вохӯрии устод С.Улуғзода бо ҳайати устодон ва донишҷӯёни факултаи филологияи тоҷики донишкадаи шаҳр ба вуқӯъ омад. Бояд қайд кард, ки рафти ин вохӯриро ман дар ҳаҷми 22 саҳифа

навишта гирифта будам, Ҳоло он бароямон як манбаи муҳими таърихӣ-адабӣ аст. Матни он пурра дар китоби ман «Чароғи ирфон» (Хуҷанд: Нашриёти «Нури маърифат», 2002, 500 саҳ.) дар боби «Қадамгоҳи бузургон», ки ба 70-солагии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғ.Ғафуров бахшида шудааст, ба қалам оварда шуд. Ҳоло фишурдаи онро ин ҷо меоварам:

— Вохӯрӣ расо дар соати 10 пагоҳӣ дар толори маҷлисгоҳи бинои асосии донишкада оғоз ёфт. Вохӯриро бо сухани муқаддимавӣ ректори донишкада, профессор С.Н.Каримов кушода устод Сотим Улуғзодаро хайра мақдам гуфтанд. Сипас декани факултаи филологияи тоҷик А.Насриддинов ба ҳозирон рӯ оварда арз кард, ки сӯҳбати имрӯза бо нависанда дар атрофи асари нави он кас «Фирдавсӣ» меравад. Ӯ мухтасар дар бораи аҳамияти асари устод сухан ронда, онро аз шоҳасарҳои солҳои охири адибони тоҷик номид. Баъд устод С.Улуғзода дар назди мухлисони деринаи худ — устодону донишҷӯён баромад карданд ва ба чанд саволҳои ҳозирон ҷавоб доданд:

— Муаллимони азиз! Студентони меҳрубони ман! Ман хушнудам. ки дар ин толори барҳавои Институти педагогӣ бо шумоён вомехӯрам. Чунки шумоён гули сари сабади зиёиёни тоҷик ҳастед. Модоме, ки сухан дар атрофи китоби нави ман «Фирдавсӣ» меравад, дар аввал мехоҳам дар бораи шоир ва асари безаволаш «Шоҳнома» сухан гӯям.

Ҳанӯз пеш аз ҷанг дар Сталинобод аксарият ду нафарро медонистанд, ки «Шоҳнома»-ро пурра аз ёд карда буданд. Ин яке шоири дар ҷанг соли 1941 ҳалокшуда Абдушукур Пирмуҳаммадзода Деҳотӣ буд ва дигаре банда. Ман бо тамоми ҳастиям дилбохтаи ин шоҳасари олам шуда, аз ҳамон вақт дар дил орзуи асар офаридан доштам. Ин китоб мӯъҷиза аст. Зиндагонии Фирдавсӣ як достони оламгир аст. Саргузашти аҷиб ва асари ҷовидонаи ӯ диққати моро солиёни сол ба худ ҷалб мекунад. Ман ба худ савол медодам, ки чаро рӯзгори адибони бузурги мо мавриди омӯзиш нест. Охир дар бораи Фирдавсӣ, Румӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Хайём, Камол ва дигар бузургон асарҳои арзишноки баландмазмун нависем. Онҳо дар пешрафти маданияти ҷаҳонӣ саҳми беандоза калон бозидаанд. Ҳар яки мо баҳои соли 1941 ба Фирдавсӣ додаи Сталинро ба хубӣ медонем. Ӯ гуфта буд: «Тоҷикон халқе мебошанд, ки интеллигенсияи вай Фирдавсӣ барин шоири гениалиро додааст». Ҳамин бузургӣ ва шӯҳрати ҷаҳонӣ доштани Фирдавсӣ маро водор кард, ки аз болои ин шоир кор барам.

Ман корро аз ба наср даровардани «Шоҳнома» оғоз намудам. ман дар аввал ин корро карданӣ набудам. Ба назди директори пештараи «Ирфон» Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ даромада арз намудам, ки ягон муаллиф ёбед, ки ҳамин достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсиро ба наср дарорад. Зеро ки дар арзи ҳазор сол лексикаи он тағир ёфтааст. Озодона фаҳмидани он ба хонандагони имрӯза осон нест. Агарчӣ забони форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ як аст. Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ гуфт, ки аз худатон беҳтар муаллиф нест. Баъди ин, корро ман худам ба ӯҳда гирифтаму онро ба сомон расонидам. Ва хушнудам, ки ин ба ҳама писанд омад. Баъди ҳамин ба навиштани романи «Фирдавсӣ» рӯй овардам. Як мушкилӣ пеш омад, он ҳам бошад набудани маълумоти аниқ дар бораи зиндагии шоир. Аксари шоирони забардасти мо тарҷимаи ҳоли

худро нанавиштанд. Он чизе, ки дар бораи онҳо ва аз ҷумла Фирдавсӣ омада расидааст, маълумоти ночизе аст. Аҷибаш дар он аст, ки бузургони мо даҳҳо асарҳои баландмазмун навиштаанду асари тарҷимаҳолӣ надоранд. Имрӯзҳо бошад баъзеҳо асарҳои калон надоранд, аммо асарҳои калони тарҷимаҳолӣ доранд.

Аммо дар нишон додани тарҷимаи ҳоли устод Фирдавсӣ, кори маро худи Фирдавсӣ дар баробари нишон додани таърихи зиёда аз ду ҳазор соли ниёгони мо, баъзан ҳаёти мушкили аз сар гузаронидаи худро нақл мекунад. Чунончӣ, шоир менависад, ки «зимистон шуд, ҳезум, озуқа намерасид. Гоҳ аз танҳоӣ, гоҳ аз марги писараш мегиряд, гоҳ аз ҳамсараш ёдовар мешуд. Аз чигунагии обу ҳаво маълумот медод. Ҳамаи ин ишораҳои Фирдавсӣ ба ман зарур буд ва ба онҳо такя кардам. Мушкилии ман дар он буд, ки расму одатҳои он вақт (нравы)-ро бояд хуб донам. Олими таърихшинос бо далелу ҳуҷҷатҳо кор мекунад. Набошад ба фантазия роҳ доданаш мумкин.

Шукр, ки дар ин китоби нави ман «Фирдавсӣ» маълумотҳои таърихӣ фаровон аст. Аммо, дар баробари он ман чун нависанда ба фантазия — тахаюл роҳ додам. Дар филми «Абӯалӣ ибни Сино» як лаҳза ҳаст. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки бо Сино рақиб буд, бояд онҳоро дар кино рӯ ба рӯ кунам. Аммо дар бораи бо ҳам вохӯрдани онҳо ҳуҷҷат надоштам. Ман дар сенарияи филм онҳоро ба ҳам вохӯрондам. Адабиётшиноси маъруф Бертелс ба ман ҳатто эътироз кард, ки Султон Маҳмуд ба Бухоро наомадааст. Ман медонистам ки ин тавр шуданаш мумкин не. Вай бояд пеш аз ба тахт нишастан бо армияи худ, аввал ба Бухоро меомад. Баъдтар маълум гардид, ки ман ҳақ будам.

Гап дар сари он аст, ки соли 1959 ман ба Афғонистон рафтам. Шоири номии афғон Халилуллоҳ Халилӣ як китоб тақдим кард, ки он ҷо дар бораи таърихи хазинаҳо низ муфассал сухан меравад. Ҳамоно чашмам ба саҳифае афтод, ки он ҷо дар бораи дар Бухоро шудани Султон Маҳмуд сухан меравад.

Баъди ин ман хушҳол гардидам, ки ба хато роҳ надода будам. Дар масъалаи офаридани «Фирдавсӣ» ҳам ман хеле зиёд сарчашмаҳоро дида будам, вале манбаи муҳим ин худи «Шоҳнома» аст, ки шахсияту шаҳомати Фирдавсиро нишон медиҳад.

Сӯҳбати С.Улуғзода дар донишкада хеле самимона гузашт.

Рӯзи 8 майи соли 1988, рӯзи якшанбе устодро шоираи боистеъдод Фарзона ба ҳавлии хеш воқеъ дар маҳаллаи «Пахтакор»-и Хуҷанд даъват кард. Дар сӯҳбате, ки модари шоира, зани ниҳоят хирадманду порсо, профессор Бароат Ҳоҷиева, дотсентони донишкада А.Насриддинов (имрӯз профессор), А.Сатторов (рӯҳашон шод бод), адибон Озод Аминзода, Маҳкам Пӯлод, Нурмуҳаммад Ниёзӣ ва банда, ҳузур доштем, бештар дар атрофи аҳли эҷодкорон сухан рафт. Устод он рӯз аз пазироии мардуми Мастчоҳ, ки дирӯз ба он ҷо сафар карда буданд (ман танҳо дар ҳамин сафари устод ҳамроҳ набудам) бо як самимият нақл карданд. Дар бораи Толис, ки ӯ мехост аз рӯзгори мастчоҳиёни муҳоҷири дашти Дилварзин, боғдорону чорвопарварони дирӯзаи имрӯз пахтакор асар нависад, бо ин мақсад тарки муҳарририи маҷаллаи «Шарқи Сурх» («Садои Шарқ»)-ро боло

донист. Мутаассифона, он рӯзҳое, ки Толис дар Мастчоҳ маводу ҳуҷҷатҳо гирд меовард, барои пешрафти кораш шароит муҳайё накарданд, бе маоши рӯзгор монд. Ва охирон умраш дар айни авҷи камолоти 32 солагӣ поён ёфт. Толис аз боистеъдодтарин адибони насри тоҷик буд. Ё худ Фазлиддин Муҳаммадиевро гирем. Ӯ ҳам мисли Толис аз худододҳои насри тоҷик буд. Аҷибаш он аст, ки мо бо Фазлиддин Муҳаммадиев, дар ҳамдеворӣ зиндагӣ мекардем ва рӯзе дастнависи асари худ «Дӯстон тоҷи сар»-ро оварда аз ман хоҳиш намуд, ки сарсухани кӯтоҳе нависам ва гуфт: «Ба фикрам ин таги халта будагист». Ман гуфтам, ки Фазлиддинҷон ин тавр нагӯед, ҳоло боз чанд асарҳои шуморо мехонем ва боз зарурат шавад, сарсухан менависам. Ман ҳамоно ба асараш «Ба чои сарсухан» чанд ҷумла навиштам. Асар соли 1985 аз тарафи нашриёти «Ирфон» чоп шуд. Дар он мақолаҳои публисистӣ, ёддошт, очерк, эссе ва памфлетҳои адиб дохил шуда буд. Асар калонҳаҷм буда, беш аз 400 саҳифаро дар бар мегирифт. Дарвоқеъ ин охирин асари нависанда Ф.Муҳаммадиев буд. Бинобарон ниятро нағзаша кунем беҳтар аст, зеро халқ мегӯяд, ки «нияти хуб ними давлат аст».

Сипас устод дар бораи хонаводаи Фарзона, бобои бузургвораш, волидони азизаш сухан ронданд:

— Ман падари муаллима, профессор Бароат Ҳоҷибоева, бобои Фарзона, яъне Абдураҳим Ҳоҷибоевро хеле хуб медонам ва аз ӯ хотироти нек мондааст. Вақте, ки соли 1932 асари машҳури адибаи англис Войнич «Занбӯр» ба забони тоҷикӣ дар тарҷимаи ман баромад, Абдураҳим Ҳоҷибоев чун раиси Ҳукумати Тоҷикистон маро даъват карда, дастамро фишурда табрик карда буд. Ин барои мани 21 сола як лаҳзаи фаромӯшнашаванда ва таърихӣ буд. Маҳз ҳамон орзую ҳидоятҳои вай ба ман минбаъд дар кори эҷодиам илҳом бахшид. Имрӯз ман дар ҳавлии фарзанди ӯ нишаста, дар симои духтару наберааш пайванди решаи авлодиро мебинам. Мана меваи онҳо Фарзонаро гирем. Табиат ӯро шоира офаридааст: Фарзона як бозёфти нодири адабиёти мост. Дониши чуқури доманадори ӯ, бохабар будан аз таъриху адабиёти халқи худ ба вай имконият медиҳад, ки бештар ба мавзӯъҳои фалсафиву таърихӣ ва адабии мо рӯ оварад. Ба ин кор на ҳама дар ин синну сол қодиранд. Фарзона истеъдоди модарзодӣ дорад ва ӯро бе муболиға Маҳастию Зебунисои сонӣ метавон гуфт».

Оре, ҳақ ба ҷониби устод Улуғзода, ки Фарзона атои худованди карим аст, ки ӯро ба истеъдоди нотакрор шарафманд гардонидааст. Ягона адибест, ки дар синни 35 солагиаш ба унвони «Шоираи халқии Тоҷикистон» ноил шудааст. Он орзуҳои неки устод Улуғзода амалӣ шуд.

Баъди сӯҳбати пурфайзе, ки дар хонаи Фарзона баргузор гардид, мо устодро ба фурудгоҳи ҳавоӣ овардем. Устод бояд дар соати 16.20 ба сӯи Душанбе парвоз мекарданд. Пеш аз парвоз устод ба ман ду китоби худро, яке нашри миниатюрии «Ривояти суғдӣ» ва дигаре романи «Фирдавсӣ»-ро бо соядаст тақдим намуданд, ки бароям имрӯз ганҷинаи бебаҳост. Дар «Ривояти суғдӣ» навиштаанд:

— Усмонҷон! Нур аз офтоб ва дониш аз китоб аст, агарчӣ китоб ҳаҷман хурд бошад ҳам.

С.Улуғзода, 8 майи соли 1988».

Баробари гирифтани тӯҳфаи бебаҳои устод бо камоли эҳтиром миннатдорӣ намуда, бо чунин суханон арзи сипос кардам:

— Шумо ба шаҳри мо меҳри худро овардед ва бар замми он ҳамроҳи худ асарҳои наватонро ба мо овардед. Чи хеле ки мегӯянд:

*Ёрон, ки зи раҳ оянд, оранд раҳоварде,*
*Ин ҳисса раҳовардест аз баҳри дили ёрон.*

Устоди забардастро ба сӯи Душанбе гуселонида бори дигар дарк кардем, ки эшон аз бузургони миллати моянд. Он рӯзҳо таассуроти чор рӯзи сафари устодро дар рӯзномаи хеш қайд карда навишта мондаам, ки: «Улуғзода дар радифи устоди хеш С.Айнӣ бузургтарин нависандаи қарни XX-и тоҷик ба ҳисоб меравcovered. Ибораи машҳури халқии «Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро» дар симои чунин нависандаи тавонои миллат Улуғзода, ки аз шогирдони боистеъдоди Айнӣ буд, дидем».

Дар ҳақиқат, имрӯзҳо бори дигар айён шуд, ки С.Улуғзода аз адибони забардасти мо ҳастанд. Дар рӯзҳои таҷлили 90 солагии нависанда, ки 29-30 ноябри соли 2002 барпо гардид, аксари олимону адибон бо як овоз мегуфтанд: «Баъди устод Айнӣ Улуғзода аз нависандагони барҷастаи тоҷик ба ҳисоб меравад. «Шоири халқии Тоҷикистон, устод Мӯъмин Қаноат дар бораи фазилат, бузургӣ, симоофарии С.Улуғзода ҳарф зада ва аз ҷумла гуфт: «Сотим Улуғзода баъди Садриддин Айнӣ суханофарин буд ва рисолати нависандагии худро, ки ба забон умри ҷовид бахшидан аст, иҷро кард, забонро ба шеър омезиш дод».

***с.2003***

## ҚАЛАМИ БУРРОИ АДИБ
### *(Фаъолият ва эҷодиёти устод Раҳим Ҷалил дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ)*

Дар қарори КМ КПСС «Дар бораи 40-солагии Ғалабаи халқи советӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945» навишта шудааст: «Дар солҳои ҷанг ходимони маданияти советӣ, нависандагон, шоирон, композиторон, артистон, рассомон, коркунони кино ва журналистон сазовори эътирофи олидараҷаи халқ гардиданд. Онҳо бо асарҳои худ мардуми советиро дар рӯҳи ватандӯстии самимӣ ва диловарӣ тарбия мекарданд».

Дар шароити вазнини саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Раҳим Ҷалил монанди дигар нависандагони тоҷик мудофиаи Ватанро мавзӯи асосии эҷодиёти худ қарор медиҳад. Ҳанӯз 24 июни соли 1941 Раҳим Ҷалил ҳамроҳи дигар адибони тоҷик Айнӣ, Лоҳутӣ, Раҳимӣ, Турсунзода, Юсуфӣ, Миршакар, Бобо Юнус, Икромӣ, Суҳайлӣ, Аминзода, Ҳаким Карим бо воситаи газетаи «Тоҷикистони сурх» нафрати худро ба фашистони немис баён намуда, изҳор карданд, ки қаламро ба шамшер иваз мекунем ва тайёр ҳастем то ҷон дорем, баҳри Ватан ҷангем. Мурочиати онҳо бо чунин суханони шӯълавар ифода ёфта буд:

«... Мо нависандагони Тоҷикистони офтобрӯя худамонро бо камоли садоқат ба ихтиёри Ватан ва Партияи Коммунистӣ аз ҳамин сония сафарбарӣ намудем, агар Ҳукумати Советӣ ва партия барои мудофиа кардани Ватани муқаддаси сотсиалистиамон ба мо фармон бидиҳанд, тайёрем, ки қалами худро ба яроқ иваз намуда, собитқадамона ба майдони ҷанг равем. Мо нависандагони советӣ, аз пештара ҳам устуворонатар бо қаламу шамшер кор мекунем, шӯҳрати Ватани азиз ва Армияи Сурхи онро дар достонҳо ва сурудҳои худ тараннум менамоем».

Аз рӯзҳои аввали ҷанг Раҳим Ҷалил дар саҳифаҳои матбуоти тоҷик бо мақолаҳои таъсирбахши публисистии худ баромад мекунад. Аксари мақолаҳои вай дар саҳифаҳои газетаи «Стахановчӣ» (имрӯза «Ҳақиқати Ленинобод») дарҷ гардида, ҳар яки онҳо дар рӯҳи нафрат бар фашизм ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии халқи советӣ навишта шуда буданд. Ҳанӯз рӯзи дуюмини саршавии ҷанг 23 июни соли 1941 дар газетаи «Стахановчӣ» мақолаи ӯ «Марг ба фашизм» чоп мешавад, ки дар он нафрату адоват ба фашистон баён карда шудааст.

Раҳим Ҷалил ҳам монанди садҳо фарзандони тоҷик тайёр буд ба таври ихтиёрӣ ба майдони ҳарбу зарби ҷанг рафта, ҳиссаи арзандаи худро гузорад ва бо ин мақсад вай борҳо ба комиссариати ҳарбӣ омада, ариза дода буд. Вале бо зарурати ақибгоҳ ва бо ҳукми Сарфармондеҳи Олӣ, андаке баъди оғози ҷанг бисёр ходимони илм, адабиёт, санъат, муаллимон дар ақибгоҳ нигоҳ дошта шуданд. Зеро ки бе базаи мустаҳкам, бе ёрии моддию маънавӣ аз ақибгоҳ дар ягон ҷанг ғалаба ба даст наомадааст. Ва дар он солҳои вазнини ҷанг адибони тоҷик низ дар ақибгоҳ корҳои зиёдеро анҷом доданд.

Қалами нависанда дар ин солҳо қудрати бузург пайдо кард. Мисоли зерин дар ин бобат далолат мекунад. Дар газетаи «Советская Россия» генерал-лейтенант Н.Пуншев як нақли аҷиби давриҷангии Александр Сергеевич Шербаковро, ки солҳо котиби КМ ВКП(б) ва сардори Саруправленияи ҳарбӣ-сиёсии Армияи Сурх буд, ёдоварӣ мекунад:

«Дар охири соли 1943 А.С.Шербаков маро даъват карда мепурсад, ки оё шумо китоби нависанда А.Н.Степанов «Порт-Артур»-ро, ки он дар соли 1941 бо теъдоди кам дар Краснодар чоп шудааст, хондаед? Ин китобро Сталин ҷустуҷӯ дорад. Мо бо мушкилӣ як нусхаи онро аз китобхонаи ба номи Ленин ёфта ба ӯ манзур кардем. Сталин баъди чанде Шербаковро ҷеғ зада гуфтааст: «Ғалабаи мо аз болои Германияи фашистӣ аён аст, вале аз ҳозир мо ғами торумори Японияи милитаристиро бояд хӯрем. Аз ин рӯ, мо рӯҳияи халқро дар асоси ана ҳамин гуна асарҳои баландмазмуни бадеӣ тайёр кунем. Ман фаҳмидам, ки муаллифи асари «Порт-Артур» дар фронт будааст, фавран ӯро ҷеғ занед ва вай варианти нави асарро нависад».

Мо нависанда Александр Николаевич Степановро бо душвориҳо ҷустуҷӯ карда охирон аз фронти Карелия ёфтем ва ҳамоно ӯро ба Москва даъват намуда, дар яке аз меҳмонхонаҳои хуби он шароит муҳайё кардем. Аллакай дар он солҳо варианти нави асари ӯ бо тиражи калон чоп шуд. «Баъдтар, — мегӯяд Шербаков, — ман фаҳмидам, ки то чӣ андоза Сталин дурандеш будааст ва қувваи бузурги адабиётро, асари бадеиро ҳис мекардааст».

Нависанда Раҳим Ҷалил беҳтарин очеркҳои адабӣ-публисистии худро аз ибтидои ҷанг оид ба ҳаёти фронту ақибгоҳ ба вуҷуд овард. Масалан, ӯ дар очеркҳои «Писарҷон» («Стахановчӣ») 7 ноябри соли 1941 ва «Қаҳрамони Ҷанги Бузурги Ватанӣ Муҳаммадӣ Иброҳимов» (Стахановчӣ») корҳои баҳодуронаи тӯпчии нишонгир Муҳаммадӣ Иброҳимови ӯротеппагиро, ки бо ордени Ленин сарфароз шуда буд, нишон медиҳад. Дар ин очеркҳо воқеаҳои реалии ҷанг, қаҳрамонии ҷанговар пурра инъикос карда шудаанд. «Халқи тоҷик, — мегӯяд Раҳим Ҷалил, — дар мисоли Муҳаммадӣ Иброҳимов ҳамроҳи тамоми халқи советӣ бо ватандӯстии худ, бо меҳнати фидокорона дар ақибгоҳ дар ғалабаи аскарони мо дар назди Москва ҳиссаи сазовор гузошт».

Дар таърихи солномаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муҳорибаи назди Курск чун хотима дигаргунии куллӣ дар рафти Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ дохил шудааст ва он яке аз марҳилаҳои асосии халқи советӣ дар роҳи ғалаба аз болои фашизм гардид. Ана, дар ҳамин рӯзи нахустини муҳорибаи Курск 5 июли соли 1943 писари баҳодури халқи тоҷик Исмоил Ҳамзаалиев корнамоии бемисл нишон дода, сазовори унвони олии Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ мегардад. Дар матбуоти республика яке аз аввалинҳо шуда Раҳим Ҷалил корнамоии ин фарзанди бошуҷоати тоҷикро васф кардааст. Очерки калонҳаҷми вай бо номи «Қаҳрамон Исмоили сомғорӣ» навишта шуд, ки он бори якум дар газетаи «Стахановчӣ» аз 9-28 октябр ва 12 ноябри соли 1943 чоп шуда буд.

Дар ин очерк Раҳим Ҷалил бо як меҳру муҳаббати калон деҳаи Сомғор фарзанди ҷасури онро тасвир менамояд ва дар охир таъкид месозад, ки дар оянда шоирон, нависандагон ғазалу песаҳо дар бораи Исмоил Ҳамзаалиев барин фарзандони баҳодури халқи советӣ менависанд, ҳофизон мехонанд. Ҳақ ба ҷониби устод Раҳим Ҷалил, ки минбаъд ба васфи ин шермарди тоҷик М.Миршакар, М.Турсунзода, Р.Озод, М.Аминзода ва дигарон шеърҳои худро бахшидаанд.

Раҳим Ҷалил инчунин дар бораи яке аз фарзандони дигари шарафманди тоҷик Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Ӯрунбек Ёқубов, ки вай дар вақти гузаштан аз дарёи Днепр матонат нишон додааст, очерки худро таҳти унвони «Қаҳрамон Ӯрунбек» навиштааст.

— «Очеркҳои давраи ҷангии Раҳим Ҷалил, — менависад мунаққиди номӣ Соҳиб Табаров, — пеш аз ҳама дар асоси далелу ҳуҷҷатҳо воқеияти зиндагӣ ва фактҳои ҳаётии қаҳрамонони онҳо Муҳаммадӣ Иброҳимов, Исмоил Ҳамзаалиев, Ӯрунбек Ёқубов навишта шуда, ба мисли аввалин очерки ҳамин нависанда дар бораи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Неъмат Қаробоев, «Қаҳрамон» бо рехтабаёнӣ, кӯтоҳӣ ва пурмазмунии худ ҷолиби диққат мебошад. Ғайр аз ин Раҳим Ҷалил мавзӯъ, материал ва қаҳрамонони очеркҳои худро хуб омӯхтааст ва ё ин ки худи онҳо ва ҷою маҳалли онҳоро хеле нағз медонад».

Раҳим Ҷалил оид ба ҳаёти ақибгоҳ, меҳнати баҳодуронаи коргарону деҳқонон низ як қатор асарҳои баландмазмун эҷод кардааст. Дар чунин ҳикоя ва очеркҳои худ ба монанди «Телпакдӯз», «Комсомол», «Бобо ва набера», «Ҳиммати Ҳалимбобо», «Розигии модар» ва ғайра меҳнатдӯстӣ, диловарӣ,

ватанпарварию олиҳимматӣ ва қаҳру ғазаби мардуми ақибгоҳро нисбат ба фашистони истилогар ифода карда, ягонагии халқу мамлакат ва қувваи бузургу шикастнопазирии Давлати Советиро нишон додааст. Масалан, дар ҳикояи «Ҳиммати Ҳалимбобо» типи равшани колхозчии ватандӯсти советӣ, ки барои харидани танк, аз ҳаққи меҳнати худ 50000 сӯм медиҳад, тасвир ёфтааст.

Раҳим Ҷалил дар ин гуна ҳикояҳо дар образи мӯйсафедон Фозилбобо, Ҳалимбобо ва дигарон аз як тараф ҳиммат ва ғайрати кӯҳансолонро нишон диҳад, аз тарафи дигар, воқеаҳоеро, ки ба меҳнаткашони ақибгоҳ характернок буданд, баён кардааст.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ баробари очерку мақолаҳои публицистӣ, ҳикояҳо Раҳим Ҷалил инчунин бо шеъру суруд ва таронаҳои ватандӯстӣ баромад карда, сохти разилонаи душманро фош мекард. Дар яке аз шеърҳои аввалини давраи ҷангиаш «Шамшери падар» аз номи падарон писарони Ватанро бар зидди душман даъват кардааст ва падар ба писар хитоб карда мегӯяд:

*Рав ба ҷанги беамон, эй нури чашмони падар,*
*Рав ба зидди душмани қаттоли авлоди башар.*
*Медиҳам шамшери буррое, ба дасти худ бигир,*
*Лек шарт ин аст, ки албатта бинамоӣ зафар.*

Дар солҳои ҷанг дар байни жанрҳои манзум яке аз шаклҳои жанрии тараққикарда номаи манзум ба шумор мерафт. Одатан номаҳои манзум аз номи ҷанговарони дар фронт буда ва ё аз номи волидону ёру дӯстони ақибгоҳ ба ҷанговари фронтӣ навишта мешуд. Раҳим Ҷалил низ дар якчанд шеърҳои худ ҳаяҷону мароми садҳо модарони тоҷикро, ки ба фарзандонаш чун наказгирифтани интиқом аз фашистонро талаб карданд, нишон додааст. Масалан, шеъри «Сарат аз санг гардад, марди майдон» бо чунин даъватҳои модар сар мешавад:

*«Агар ҳурмат кунӣ, мӯи сафедам,*
*Ба пас магзор дигар ту қадам ҳам.*
*Чу баҳри беканору садди оҳан*
*Бигир акнун, писарҷон, пеши душман.*
*Ба мисли Кова пироҳан, алам кун,*
*Чу Рустам душманонатро қалам кун.*
*Ба зери чоҳ афкан чоҳканро,*
*Намо озод хоки ин Ватанро».*

Ҳамин тавр, дар шеърҳои Раҳим Ҷалил идеяи боварӣ ба Ғалаба, муҳаббати гарму ҷӯшон ба партия ва халқ ишқи пок ва дӯстии самимона, ки ҷанговаронро ба далерӣ ва мардонагӣ даъват менамуд, тараннум карда мешуд.

Раҳим Ҷалил чун тарғиботчии шӯълавар ҳамеша дар байни коргарону колхозчиён, ҷавонону пирон қарорҳои партия ва ҳукуматро пропа-

ганда мекард. Ӯ борҳо дар назди коргарони комбинатҳои абрешим ва консервабарории Ленинобод ва дар байни колхозчиёни колхозҳои ба номи Сталин, «Болшевик», «Роҳи Сталин», Ворошилов, «Сотсиализм», «Молотов», «Коммунаи Париж»-и районҳои Ленинободу, Чкалов баромад карда, мардумро ба меҳнати фидокорона ҳидоят мекард. Махсусан, баромади Раҳим Ҷалил дар маҷлиси интеллигенсияи тоҷик, ки моҳи октябри соли 1944 дар шаҳри Ленинобод баргузор гардида буд, бо як ҳиссиёти самимии ватандӯстона садо дода буд. Ин баромади Раҳим Ҷалил таҳти сарлавҳаи «Ба сӯи ғалабаи комил меравем» 27 октябри соли 1944 дар газетаи «Стахановчӣ» низ ба чоп расид.

Ҳамин тавр, устод Раҳим Ҷалил дар давраи вазнини Ҷанги Бузурги Ватанӣ чун намояндаи адабиёти советии тоҷик дар кори ғалабаи халқи советӣ бар фашизм фаъолона иштирок намуд ва ба он саҳми муносиби худро гузошт.

## АМИНҶОН ШУКӮҲӢ ВА МУҲАММАД ОСИМӢ

***Ба ифтихори 80-солагии Аминҷон Шукӯҳӣ***

Қарори раиси вилояти Суғд, аъзои Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қ.Р.Қосимов оиди таҷлили 80-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Аминҷон Шукӯҳӣ аз 10 июни соли 2003 маро водор кард, ҳамчун мухлиси ин шоири тавонои миллат чанд фикру ақидаҳои хешро ба қалам орам.

Дар тарҷумаи ҳоли нависанда ва ё шоир дар баробари зодгоҳаш ҷои таҳсилкардааш низ мавқеи муҳим дорад, зеро асосҳои дониш ва маърифату одамиятро ӯ маҳз дар ҳамон макон мегирад. Аминҷон Шукӯҳӣ хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров буд, ки он вақт Институти давлатии педагогии Ленинобод ба номи С.М.Киров мегуфтанд. Имрӯз ҳам аксари устодону донишҷӯён бо як муҳаббат мисраҳои хуби шоирро хонда, ба ваҷд меоянд:

*Бидидам гул вафодорӣ надорад,*
*Ба роҳи ишқ подорӣ надорад.*
*Насими раҳгузар чун бӯсад ӯро,*
*Ба булбул вай дигар коре надорад,*
*Ту гул не, ҷони ман, ҳаргиз ту гул не.*

*Гул охир на дилу на дида дорад,*
*Фақат як чеҳраи хандида дорад.*
*Агар ҳиммат кунад, танҳо ду-се рӯз*
*Ба бӯяш хотирам болида дорад,*
*Ту гул не, ҷони ман, ҳаргиз ту гул не.*

Дар ҳамон солҳо устоди сахтгиру некбини донишкада Файзулло Абдуллозода ҳамчун фидоии шахсони соҳибистеъдод ба А.Шукӯҳии дониш-

ҷӯ маслиҳат медиҳанд, ки бештар ашъори классиконро хонаду дар шеър машқ кунад. Сипас бо дахолати Раҳим Ҷалил ӯ соли 1946 ба курс-конфронси аввалини адибони ҷавони ҷумҳурӣ, ки дар шаҳри Сталинобод баргузор мегардад, фиристода мешавад. Дар бораи он курс-конфронс яке аз мутасаддиёни он, мураббии дилсӯзу ғамхори адибони ҷавон Боқӣ Раҳимзода чунин ёдоварӣ мекунад: «Конфронси якуми адибони ҷавон 25 рӯз давом кард. Азбаски ман ҳанӯз муҷаррад будам, қариб ҳар рӯз Аминҷону Толису Фарҳат ба хонаам меомаданд. Мо ҳамроҳи Аминзода то нисфи шаб дар масъалаҳои шеъру шоирӣ мубоҳиса мекардем, байтбаракҳо мефоростем. Аминзода борҳо ба ман муроҷиат карда мегуфтанд, ки «Мулло Боқӣ ин писарро нағз ёфтаед. Дар оянда ӯ шоири хуб мешавад».

Ҳангоми муҳокимаи эҷодиёти онҳо дар конфронс шеърҳои Аминҷон Шукӯҳӣ аз тарафи шоирону нависандагони ботаҷриба Мирзо Турсунзода, Раҳимӣ, Деҳотӣ, Миршакар, Аминзода баҳои баланд гирифтанд. Баъди он дере нагузашта дар байни хонандагон лирикаи шоири нозукбаён шӯҳрат ёфт.

22 июни соли 1995 фарзанди барӯманди миллат, академик, зиндаёд Муҳаммад Осимӣ меҳмони банда шуданд. Он рӯз аз соати 10 то соати 16 як маҳфили фарҳангӣ ба вуқӯъ омад ва сӯҳбат дақиқа ба дақиқа соат ба соат қӯр мегирифт. Ҳафт соати меҳмон шудани устод Осимӣ ба мо як ҷаҳон дурри маънӣ бахшид. Ман аз фурсат истифода бурда, бо чанд саволе ба устод муроҷиат намудам. Тамоми рафти саволу ҷавоби ман бо устод пурра сабт карда шуд ва ҳини сӯҳбат иштирокчии он маҳфил доктори илми фалсафа, профессор Нозирҷон Арабзода луқма партофта гуфт: «Ҳар як мавзӯи саволу ҷавобатон рӯзе як китоб хоҳад шуд».

Ман ба устод аз ҷумла бо савол «Шумо солиёни дароз дар Институти педагогӣ, имрӯза Донишгоҳи давлатии Хуҷанд кор кардаед. Гӯед беҳтарин ёддошту хотироти он солҳо?».

Устод Муҳаммад Осимӣ бо як мамнуният дар бораи устодони онвақтаи донишкада Богдан Михайлович Комаров, Файзулло Абдуллозода, Абдумӯъмин Мирпочоев, устодони имрӯза Мирзоҳамдам Очилов, Ғафурҷон Ҳайдаров, Абдуллоҷон Ҳоҷиев ҳарф заданд. Аз ҷумла дар бораи дастпарварон — соҳибистеъдодҳои он, мисли олимони машҳури минбаъдаи тоҷик Пӯлод Species Бобоҷонов, Юсуфҷон Носиров, Нӯъмонҷон Неъматов сухан гуфта, номи Аминҷон Шукӯҳиро ҳамчун ифтихори донишкадаю дӯсти ҷониашон вирди забон оварданд. Ва чанд лаҳзаҳоро нақл намуданд, ки ман онро дар китоби ба устод Осимӣ бо номи «Нобиғаи айём» бахшидаи худ овардаам.

Устод Осимӣ иброз намуданд, ки дар бораи дӯсти аҷибу наҷибаш Аминҷон Шукӯҳӣ қиссаҳои хонданбоб иншо карданианд. Ин мақсадашонро дар мақолаи чанде пештар дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» аз 7 июли соли 1993 бо номи «Инсони комил» низ гуфта буданд.

— Ман хушбахтам, ки дар давоми ҳаёти тӯлониам бо бисёр одамони наҷиб ҳамсӯҳбат будам. Ҳар гоҳ ки саҳифаҳои хотироти худро варақ мезанам, дар пеши назарам симоҳои нотакрор мисли Аминҷон Шукӯҳӣ ҷилвагар мегардад. Ва бидуни ихтиёр ба муҳити хаёлоти ширин ғӯтавар мешавам. Чӣ

одаме буд. Дили нарму нафаси гарм, виҷдону имони пок, дар дӯстию рафоқат вафодор, дар азми худ пойдору устувор буд.

Он рӯз устод Осимӣ сӯҳбатро дар бораи дӯсти ҷониашон идома дода қайд карданд, ки дӯстии онҳо андаке пас аз хотима ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз ёфтааст. Шукӯҳӣ дар идораи рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» (он вақт «Стахановчӣ») кор мекарданду Осимӣ дар Институти педагогӣ. Ба шарофати Аминҷон Шукӯҳӣ устод бо адибон ва рӯзноманигорон Р.Ҷалил, М.Аминзода, Қ.Баҳлулзода, Ҳ.Содиқ, Ҳ.Аскар аз наздик шинос шуда, дӯстӣ пайдо кардаанд. Аминҷон Шукӯҳӣ, ки худ ҳамеша дар ғами маърифати халқ буд, Осимиро водор месохт, ки дар мавзӯҳои ҷолиби илму фалсафа мақолаҳои оммафаҳм нависанд. Бештари мақолаҳои Осимӣ дар рӯзномаи Аминҷон Шукӯҳӣ навишта шудаанд. Дар навбати худ Осимӣ ҳам аз нақшаҳои эҷодии Шукӯҳӣ бехабар набуданд, агарчанде ӯ ниҳоят хоксор ва ба эҷодиёти худ хеле серталаб буд ва на ҳамеша нақшаҳои эҷодии худро ба дӯстонаш ифшо мекард.

Аммо ҳар вақт, ки сухан дар бораи ин ё он маҳсули қалами Шукӯҳӣ мерафт, маслиҳати хайрхоҳона ва дӯстонаи Осимиро бо диққат гӯш мекард ва ба эътибор мегирифт. Дар ин хусус М.Осимӣ як лаҳзаро хотирнишин намуда гуфтанд:

— Дар яке аз сӯҳбатҳоямон бо Шукӯҳӣ сухан дар бораи операи Сабзанов «Бозгашт» рафт, ки дар асоси мазмуни достони ӯ «Кӯчабоғӣ ошиқон» омода мешуд. Ман эҳтиёткорона пурсидам, ки оё мумкин нест, хотимаи опера нисбат ба достон каме тағйир дода шавад. Шукӯҳӣ гӯё мазмуни эроди маро дарк карда бошад ба андеша фурӯ рафт, аммо ба ман чизе нагуфт. Ман инони сӯҳбатро ба дигар сӯ кашидам. Пас аз чанд вақт операи «Бозгашт» тайёр шуд ва Шукӯҳӣ бо табассуми ба худ хос ба ман гуфт, ки либреттои операро пас аз эроди банда тағйир додааст.

Баъзе мунаққидон ба асарҳои Шукӯҳӣ эродҳои беасос мегирифтанд. Чунончӣ, мунаққиде ба қиссаи «Шаҳло», ки Шукӯҳӣ ҳамроҳи Ҳалилиён Аскар навишта буданд, эрод гирифта буд, ки Шаҳло мебоист намирад, гӯё муаллифон ба қудрати табибони шӯравӣ бовар надоштанд. Шукӯҳӣ наметавонистанд, бо ин гуна эродҳои беасос розӣ шаванд. Устод Осимӣ ҳамфикрии хешро ба Шукӯҳӣ изҳор намуданд. Барои тақвияти фикрашон аз таърихи адабиёти ҷаҳон мисолҳо оварданд: «Лайлӣ ва Маҷнун», «Тоҳир ва Зӯҳро», «Ромео ва Ҷулетта» ва ғайра.

Устод Осимӣ боз илова карданд, ки аз нависандае пурсидаанд, ки чаро шумо қаҳрамони мусбати асари худро куштед. Оё хуб намешуд, ки ӯ зинда монад. Нависанда ҷавоб медиҳад, ки худам ҳам ба маргаш гиристам, саҳнаи маргашро бо хуни дил навиштам. Аммо чӣ илоҷ мантиқи асар, тақозои ҳаёт ҳамин тавр буд. Агар ман инро тағйир медодам, асарам сунъӣ мебаромад, хонанда бовар намекард. Шаҳло ҳам қурбони ҷаҳолат шуд. Агар ҷаҳолат чунин қудрати мудҳиш намедошт, ҳоҷат ба навиштани ин гуна асар набуд. Шаҳло қурбон шуд, аммо дар дили хонанда нақши ҷовидонӣ гузошт. Бе чиз нест, ки қиссаи Шаҳло дар миёни мардум ба тезӣ шӯҳрат пайдо кард, номи Шаҳло оммавӣ гашт.

Рӯзе Осимӣ ҳамроҳи Шукӯҳӣ ба назди аспиранти Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов Пӯлод Бобоҷонов мераванд. Утоқи вай дар ошёнаи 18 буд. Осимӣ аз тиреза ба сӯи ситораҳои Кремл ишора карда, ба Шукӯҳӣ гуфтанд, бинед, ки дар утоқи ситорашиноси тоҷик ситораҳои замину осмонро мушоҳида мекунем. Дере нагузашта дар рӯзнома таҳти унвони «Ситораи мо» очерки Аминҷон Шукӯҳӣ чоп шуд, ки ин ба нахустин кайҳоншиноси муосири тоҷик шогирди Осимӣ, баъдтар академики тоҷик Пӯлод Бобоҷонов бахшида шуда буд, яъне бо гуфти Осимӣ дӯсташон Шукӯҳӣ аз истеъдоду ғайрати муҳаққиқи ҷавони тоҷик илҳом гирифта, бо як завқи баланд очерки худро навишта буданд.

Барои Муҳаммад Осимӣ тамоми хулқу атвор, зебопарастӣ ва одамияти Аминҷон Шукӯҳӣ писанд буд. Зеро ки аз назари эшон Шукӯҳӣ чи дар асарҳои худ ва чи дар фаъолияти давлатию ҷамъиятӣ, рафтору кирдори шахсӣ ҳамеша кӯшиш мекард, ки ахлоқи ҳамида ва одоби писандидаро ҳарчӣ бештар тарғибу ташвиқ намояд. Ӯ аз байн бурдани ҷаҳолатро вазифаи аввалиндараҷаи адиб ва санъаткор мешуморид. Дар воқеъ ҷаҳолат даҳшатангез аст. Инсони ҷоҳил аз ҳайвони дарранда хатарноктар аст. Шукӯҳӣ аз оқибати ҷаҳолат ҳамеша хавотирӣ мекашид ва ин шоҳбайти Абдураҳмони Ҷомӣ вирди забонаш буд:

*Агар будӣ аз ҳар касе сина соф,*
*Барафтодӣ аз халқ расми хилоф.*

Шоири номӣ бо тамоми аҳли илму адаб ва санъатварон муносибати хуби дӯстона доштанд. Вақте ки ман оиди дӯстии Осимию Шукӯҳиро ин ҷо ба қалам меовардам, дӯсти дигари ба ибораи хуҷандиён «ҷамолакии» эшон, ҳамсояи ҳамдевори мо профессор Мирзоҳамдам Очилов қадам ранҷа карда омаданд. Аз мақсади ман огоҳ шуда, бадоҳатан як лаҳзаи хотирмонро дар бораи Шукӯҳӣ нақл намуданд.

Рӯзе Аминҷон Шукӯҳӣ ҳамроҳи адиби номӣ Ҳилолиён Аскар ба ҳавлии ман меҳмон шуданд. Ва дар аснои сӯҳбат, ки асосан гирди асарҳои якҷоя офаридаи онҳо ба монанди «Шаҳло» ва «Печутоби роҳҳо» мерафт, дӯстам Шукӯҳӣ гуфтанд, ки ман тавассути роҳи баландкӯҳи Душанбе-Ӯротеппа, ки аз байни харсангҳо кӯҳро шикоф карда роҳ баровroutанд асар навишт ва онро тараннум кард. Ва ҳамоно ин байтҳоро хонданд.

*Агар аз дил ба дил ту роҳ ҷӯӣ,*
*Гузар аз агбаҳои роҳи инсон.*
*Ба раҳсозон ҳазор аҳсан бигӯӣ,*
*Ки раҳсозӣ набошад кори осон.*

Дар ҳамин асно ҳамсарам Муҳаббатхон дар даст палави серравғани чароғӣ ва гӯшти қоқдорро ба болои дастархон мегузоранд. Аз бӯи палав ва каме аз шароби дастакии мо илҳом гирифта, Шукӯҳӣ рӯ ба ҳамсарам оварда гуфтанд:

*Муҳаббат — мавҷи дарёи хурӯшон,*
*Муҳаббат — чашмаи дилҳои ҷӯшон*
*Муҳаббат — навбаҳори умри инсон,*
*Муҳаббат — меҳри Мирзоаҳмади ҷон.*

Шоири номӣ Аминҷон барҳақ ифтихори халқу миллат бахусус донишгоҳи мо аст. Мо аз он шодем, ки чунин адиби соҳибистеъдод дар ҳамаи жанрҳои адабӣ эҷод кардааст.

## ДАРЕҒО, НОБИҒАИ НАЗМИ АСР БА АНҶОМИ АСР РАФТ

*Дӯстон, вақти гули хор маро ёд кунед,*
*Чун гули санг ба кӯҳсор маро ёд кунед.*
*Ҷоми умри мани пуршӯр агар нима шикаст,*
*Сари ҳар мастии саршор маро ёд кунед.*

Ман аз Лоиқ бисёр омӯхтаам, меомӯзам ва хоҳам омӯхт. Шукри бепоён, ки дар китобхонаи шахсиам тамоми китобу мақолаҳои сершумори шоир, навиштаҳои муҳаққиқон оиди ҳаёту фаъолияти вай, расмҳои нодир, мукотибаҳо, сӯҳбатҳои хосае, ки дар Хуҷанд, Қайроққум, Исфара, Душанбе, Панҷакент, Мазори Шариф, Панҷрӯд, Колхозчиён баргузор шуда, маҳфуз овардам: 250 маводу санад.

Имконият шуда буд, ки дар барномаҳои «Ширу шакар», ки бо иштироки устод Лоиқу як зумра санъатварони номии мо Ҷӯрабек Муродов, Муродбек Насриддинов, Давлатманд Холов, Афзалшо Шодиев ва дигарон барпошуда ширкат варзам. Махсусан, нахустин барномаи «Ширу шакар» бо иштироки Лоиқ Шералӣ ва Ҷӯрабек Муродов, ки 9 феврали соли 1982 дар бинои театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ шуда буд, хотирнишин аст. Дар он шаб Лоиқ шеър мехонду дӯсташ Ҷӯрабек онро месуруд.

Яке аз назариётчиёни машҳури назми форсу тоҷик Шамси Қайс дар асараш «Ал-Мӯъҷам» менависад: «Шоир — олим аст, яъне доно». Илова бар он метавон гуфт, ки масъулияти шоир назар ба олим бештар аст, зеро олим вазифадор аст, ки соҳаи муайяни ин ё он илми алоҳидаро омӯзад. Вале аз шоир талаб карда мешавад, ки ба замми ин дониши илмии назарӣ, боз тамоми соҳаҳои ҳаётро ба дараҷаи баланд донад. Ана ҳамин хислатро мо дар эҷодиёти Лоиқ дида метавонистем. Дар шеъру ғазалҳои шоир мазмуни баланд, маънои фалсафии ҳаёт, таърихи фарҳанги ниёгон тасвир ёфтааст. Ҳамчун омӯзгори таърих қариб дар ҳар дарс аз ашъори ӯ истифода мебарам. Шеърҳои «Таърих гувоҳ аст», «Оли Сомон», «Хоки Ватан», «Китобҳои шаҳид», «Илҳом аз «Шоҳнома» ба мо ҳамчун манбаи муҳими таърихӣ-адабӣ хизмат мекунанд.

Дар шеърҳои Лоиқ на танҳо имрӯзу фардо пайванд гардидааст, балки гузаштаву кунун низ пайваст аст. Тафсиру тадбири таърих дар эҷодиёти Лоиқ дигар хел сурат гирифтааст. Таърих дар назари ӯ манбаи панду ҳикмат ва сабақ мебошад. Ин маънӣ дар як шеъри ӯ чунин омадааст:

*Ки бе дирӯз ҳоло нест,*
*Ки бе имрӯз фардо нест.*

Устод баҳри худшиносӣ, худогоҳӣ, ифтихор ва ваҳдати миллӣ, донистани таърих, мероси ниёгон, ҳифзи забону фарҳанг, ҷонфидоии фарзандони синасипари халқ, муқаддасоти рӯзгори мардум ҳамеша қувваи худро дареғ намедошт. Ин буд, ки ӯ ҳамчун донанда, қадркунанда ва ҳифзкунандаи таърих, маърифат ва фарҳанг — забони модарӣ ҳанӯз солҳои 80-ум кӯшишу талош карда буд. 3 декабри соли 1988 дар «Газетаи муаллимон» (имрӯза «Омӯзгор») мақолаи ниҳоят пурарзиши шоир таҳти унвони «Шиносномаи миллат. Забони мо — сарвати мо: онро покиза дорем, эҳтиром кунем» чоп шуд. Шоир дар ин ҷо аз самари ҳақиқатгӯии замон ба ғайрат омада, масъалаи мақоми давлатӣ додан ба забони тоҷикиро гузошта буд. Худшиносии ҳар як халқ аз забони ӯ оғоз меёбад. Дар ин мақола шоир мехост, забонро аз олудагиҳо пок созем. Шахсе, ки забони худро гум кард, ҳеҷ вақт худшинос ва ватандӯсти асил нахоҳад шуд ва шуда ҳам наметавонад.

Соли 1989 барои халқи тоҷик, барои тамоми мардуми форсизабон соли фараҳбахш гардид. Дар ҷумҳуриамон забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифт. Анҷумани муассисони хазинаи Бунёди забони тоҷикӣ оинномa ва барномаи худро тасдиқ кард. Дар он ман низ ҳамчун вакил ширкат доштам. Мо шоири маҳбуб, тавоно ва ҷонкоҳи забони хеш — Лоиқ Шералиро якдилона раиси худ интихоб намудем.

Устод Лоиқ дар тарбия ва камоли адибони вилоят ҳиссаи калон гузоштааст. Шоирон Фарзона, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Аҳмадҷон Раҳматзод ва дигарон аз маслиҳатҳои муфиди ӯ баҳравар шудаанд. Ба нахустмаҷмӯаи шоираи боистеъдоди мо Фарзона фотиҳаи нек дода, орзу кард, ки ба қуллаҳои баланди назми тоҷик бирасад ва ба таври мураттаб маслиҳатҳои хешро медод. Моҳи октябри соли 1986 Лоиқ дар истироҳатгоҳи «Зумрад»-и Исфара дам мегирифт. Мо ҳамроҳи Фарзона ва олими номӣ Абдуманнон Насриддинов барои диданаш рафтем. Рости гап аз омадани Фарзона шоду мамнун шуда ҳар замон ба ману Абдуманнон мегуфт: «Фарзона бозёфти назми тоҷик», «Фарзона ҷавон асту аллакай сабки худро дорад», «Фарзона фарзонаи миллат аст». Дар он рӯз мо шоҳид будем, чӣ қадар ба Фарзона маслиҳатҳои судманд дод. Ман тамоми сӯҳбатро сабт кардаам. Фарзона дар охир ба мо ва устод рӯ оварда гуфт: «Ростӣ, он чӣ дар сифати устод Лоиқ мехоҳам гӯям, чун некие, ки он кас дар ҳаққи ман кардаанд, арзу тӯл надорад. Ин байти Мавлавӣ ба ёдам меояд:

*Донаи бечора будам зери хок,*
*Донаро дурдона кардӣ оқибат.*

Мехоҳам гӯям, ки Устоди азиз, ман дурдона нашуда бошам ҳам, аз хок берун омадам, ба намуди қоқуе, ё ҳулбӯе ё меҳригиёҳе... Китобатонро мекушояму дастхататонро мехонам:

*Хуш бимон дар «Хонаи дил»,*
*Шоири «Фарзонаи дил».*

Бегоҳии 27 августи соли 1988 дар Хуҷанд сӯҳбати дӯстдорони назми Лоиқ бо иштироки худи шоир, адибон Сорбон, Баҳманёр, Раҳматзод, Носирҷон Салимов, Кулолӣ, Н.Файзуллоев ва банда дар ҳавлии адабиётшинос, дӯстам Абдуманнон Насриддинов баргузор гардид. Оғози сӯҳбат соати 23.00 сар шуда, субҳи 28-уми август поён ёфт. Сӯҳбатро бо савту сурудҳои дилнишин ҳофизи дӯстдоштаи аҳли нишаст Аслиддин Мастонов нуран ало нур намуд.

Дар он ҷо аввалан дар атрофи Сайидо баҳси доманадоре рафт. Бовар кунед, расо 3 соат танҳо мавзӯи Сайидо Лоиқ ба ҳозирон гуфт: «Мо бояд Сайидоро зинда кунем. Мо бояд тамоми ашъорашро дастраси хонандагон кунем ва тарғиб намоем. Ӯ ягона шоири тавонои мо буд, ки бо меҳнати ҳалоли косибӣ-бофандагӣ умр бурдааст. Худи шоир Сайидо мегӯяд:

*Баҳри рӯзӣ мекунам бофандагӣ чун анкабут,*
*Хона ҳамчун дорбоз аз ресмон бошад маро».*

Ҳақ ба ҷониби Лоиқ, ки Сайидо бузург аст. Мо бояд баҳри амалӣ шудани гуфтаҳояш кӯшем ва Сайидоро бештар хонему тарғиб кунем.

Оншаба сӯҳбатро Лоиқ ба чунин мисраҳо ба поён расонд:

*Хушбахт касе, ки ном бар ном орад,*
*Дар иди Ватан ҷону дил инъом орад.*
*Монандаи кӯлвори қосид ҳар субҳ*
*Холӣ шаваду ба халқ илҳом орад.*

Ман аз Лоиқ беҳтарин байтҳои худаш ва гузаштагонро омӯхтаам ва аксари онҳоро навишта гирифтаам. Модари шоир вафот кард, барои ҳамдардӣ баён кардан ба Душанбе рафтам. Маро бо хондани байте пешвоз гирифт. Баъди қироати сурае аз Қуръон ва таскин додан ҳамон байти хондаашро пурсидам, то ин ки навишта гирам. Байти Низомӣ:

*Қадам гарчӣ губоролуд дорам,*
*Ба дидори ту дил хушнуд дорам.*

Моҳи июли соли 1999 китоби нави калонҳаҷми худ «Турсун Ӯлҷабоев»-ро барои нашр ба Душанбе бурдам. Дар он ҷо гуфтанд, ки нашриёти «Шарқи Озод» чоп мекунад, аммо ба тариқи компютерӣ. Лоиқ маро дида гуфт: «Усмонҷон, ба ҳурмати ту ва фарзанди бузургвори миллат Турсун Ӯлҷабоев, писарам Ромишро гуфтам: «Ҳама корро монеду «Турсун Ӯлҷабоев»-ро ба тезӣ компютер кунед.

Дар ҳақиқат дар рӯзи иди фархундаи 1100-солагии давлати Сомониён китоби банда хушсифат чоп шуд, ки аз шодравон Лоиқ миннатдор ҳастам.

Илм исбот кардааст, ки дар олам беш аз 400 нобиғаҳои худодод гузаштаанд. Ба он худододҳо — Мосарт, Сино, Пушкин, Леонардо да Винчи, Микеланджело... дохил мешаванд. Ба ин радиф нобиғаи назми асри бисти тоҷик Лоиқро метавон гузошт. Дареғо, ки нобиғаи асри бисти тоҷик бо рафтани асри бист аз байни мо рафт. Ӯ ҷисман рафт, аммо шеърҳои баландмазмуни вай, доимо дар парвоз аст ва дар қалби хонандагонаш абадуддаҳр мемонад.

## БА ҲАР ҶО ҲАМДАМИ МО — ҲОҶӢ СОДИҚ!

*Бо қарори раиси вилояти Суғд, узви Маҷлиси милии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 декабри соли 2003 90-солагии нависандаи ҷанговар, ходими давлатию ҷамъиятӣ, Арбоби шоистаи санъат ва Корманди шоистаи фарҳанги Тоҷикистон Ҳоҷӣ Содиқ дар қаламрави вилояти Суғд ба таври васеъ таҷлил карда мешавад.*

Ибтидои соли 1993 буд. Ба хонаи ман ғайричашмдошт яке аз одамони маъруфи ҷумҳурӣ, собиқ корманди масъули давлатӣ, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Мирзоқосим Рустамов даромада омаданд. Аз қадам ранҷа кардани чунин шахс, ки шодравон падарамро ҳурмат мекарданду ҳар замон ба аёдаташон меомаданд, ниҳоят шод шудам. Дар даст чанд маводӯ ҳуҷҷатҳое, ки буд, ба рӯи миз гузошта, гуфтанд.

— Усмонҷони азиз, мақсади омадани ман ин аст, ки мехоҳам рӯзҳои гузаштаву фаъолияти худро чун ёддошт нависам, то ки ба ояндагон аз ман хотироте монад. Ин бештар мазмуни таърихӣ дорад. Аз ин лиҳоз аксари дӯстон, аз қабили адиб Ҳилолиён Аскар, рӯзноманигор Ғафурҷон Рустамов ва раиси шӯъбаи Иттифоқи нависандагон Нурмуҳаммад Ниёзӣ шуморо тавсия карданд, ки онро ба як қолаб даровaрда, китобиёт кунем.

Аз таклифи Мирзоқосим Рустамов аввал ба андеша рафтам, ки оё аз уҳдаи ин баромада метавониста бошам. Аммо дархости чунин шахсро рад кардан ҳам бароям аз рӯи одоб набуд. Ва онро ба худ раво надида розӣ шудам. Беш аз шаш моҳ бо Мирзоқосим Рустамов аз болои ёддоштҳояшон кор кардам. Аксар вақт сухан дар бораи шахсиятҳои маъруфу халқу миллат мерафт. Вақте ки гап дар бораи дӯстӣ ба ибораи эшон «ҷонашон ва аҷибу хушгуфторашон ва зарофатгӯи беҳамто» Ҳоҷӣ Содиқ рафт, Мирзоқосим Рустамов дар аввал бо як самимият ва эҳсосоти баланд гуфтанд: «Усмонҷон, гап ҳамин, ки нақлро дар бораи Ҳоҷӣ-ако нисбати дигар дӯстону ҳамкорон зиёдтар мегӯям ва оғози суханро аз он сар мекунем, ки вай писари колхоз буд. Зеро ки ҳамаи раисони шӯҳратманди солҳои 30-40-уми ноҳия мисли Пӯлод Бобокалонов, Саидхӯҷа Ӯрунхоҷаев, Мирсаид Умаров, Дадобой Холматов, Неъмат Ориф, Дадо Зокиров ӯро дӯст медоштанд ва навозишкорона писари колхоз мегуфтанд. Махсусан саҳми Пӯлод Бобокалонов дар тарбияи Ҳоҷӣ Содиқ калон аст».

Имрӯз ман аз зиндаёд Мирзоқосим Рустамов садчанд миннатдорам ва сипосгузорам, ки он рӯзҳо дар бораи фарзандони шӯҳратёри диёр мисли Ҳоҷӣ Содиқ ва дигарон чанд лаҳзаҳои аҷибро навишта гирифта будам. Он

хотироти дар бораи Ҳоҷӣ Содиқ гуфтаашон дар китоби «Ёддоштҳо» чун боби алоҳида бо номи «Вай писари колхоз буд» баромад. Маҳз баъди он сӯҳбат ман чун олим ва муаррих бештар дар бораи Ҳоҷӣ Содиқ маводу санад ҷамъ намудам. Дар байни он сӯҳбатҳое, ки ман ҳини навиштани рисолаи номзадӣ, ки он ба мавзӯи таърихи матбуоти тоҷик бахшида буд, доштам имрӯз мақоми баланд дорад. Қисми онро ман дар китоби худ «Матбуот ва мухбирони коргару деҳқон» (Душанбе «Ирфон», 1975) додаам. Дар саҳифаи 32-юми он китоб чунин омадааст: «Роҳи журналистии муҳаррири имрӯзаи газетаи республикавии «Совет Тожикистони» Ҳоҷӣ Содиқ аҷиб аст. Вай ҳанӯз аз давраи дар техникуми мусиқии шаҳри Хуҷанд солҳои 1931-1934 таҳсил карданаш ҳамчун мухбир дар саҳифаҳои газетаҳои районӣ ва деворӣ хабарҳо менавишт.

Техникумро, ки дар он Ҳоҷӣ Содиқ таҳсил мекард, колхози пешқадами онвақта «Коминтерн», ки раисаш Пӯлод Бобокалонов буд, ба шефӣ гирифта аст. Дар навбати худ Ҳоҷӣ Содиқ ба колхоз дар баровардани газета ва навиштани хабару мақола дар саҳифаҳои газетаи районии «Бо роҳи Ленинӣ» аз ҳаёти колхоз ёрӣ медод. Боре газетаи девории «Шӯълаи колхозчӣ» дар озмуни районӣ, ки онро соли 1933 шӯъбаи сиёсии МТС-и Хуҷанд ва газетаи вай «Бо роҳи Ленини» ташкил карда буд, ҷои якумро гирифт ва газета бо 200 китоб мукофотонида шуд, ки минбаъд ин китобҳо асоси китобхонаи колхозиро ташкил доданд.

Баъд бо таклифи раиси колхоз Пӯлод Бобокалонов Ҳоҷии ҷавон ба колхоз ба кор омада, дар кори баровардани газетаи сертиражаи «Ғалаба» саҳми калон бозид».

Дар ин ҷо ман як лаҳзаи ниҳоят хотирмон ва таърихие, ки бо ҳаёти Ҳоҷӣ Содиқ ҳини муҳаррири газетаи колхозии «Ғалаба» будан ба вуқӯъ омадааст, оварданиам. Он солҳо шӯҳрати колхози «Коминтерн» дар тамоми мамлакат паҳн шуда буд. Онро на фақат дар Тоҷикистон, балки дар тамоми онвақта мамлакати бузургамон — СССР медонистанд. Барои тамошои ин колхоз, махсусан барои дидани гармхонаи сабзавоткорию кӯчатҳо, қасри маданият, чойхонаи нақшини дуошёнаи босафо ҳамеша меҳмонон аз пойтахт ва дигар ҷойҳо меомаданд.

Рӯзе хабар шуд, ки устод Садриддин Айнӣ меҳмони колхозчиёни колхози «Коминтерн» мешудаанд. Устод аз саҳифаҳои матбуот хабардор шудаанд, ки қасри маданияти колхоз ҳар як бинандаро мафтун мекардаасту китобхонааш бошад, калонтарин дар миқёси ноҳия ба ҳисоб мерафтааст. Нависанда Ҳоҷӣ Содиқ дар бораи он сафари таърихии устод Садриддин Айнӣ чунин ёдоварӣ мекунад:

— Ман, ки мухлиси асарҳои устод Айнӣ будам, аз асарҳои адиби бузург гӯшаи махсусе оростам. Гӯшаи махсуси асарҳои Айнӣ дар пешгоҳи китобхона, дар хоначае ҷойгир буд.

Ҳамроҳи комсомолон китобхонаро ба тартиб оварда, ҳама ҷоро рӯбучин кардем, ба кӯчаҳо об пошидем.

Ҳама ба пешвози меҳмонони мӯътабар муҳайё шуду ман ба устод бахшида шеъре навиштам. Танҳо ҳаминаш дар хотирам ҳаст:

*Марҳабо устод, бар ин боғу бӯстон, марҳабо!*
*Бар диёри номдорон, пахтакорон, марҳабо!*
*Ин шукуфон боғу майдон, нозу неъмат пешкаш,*
*Аз дили пурмеҳри мо меҳру муҳаббат пешкаш!*

Ин шеър, агар шеър номидан раво бошад, иборат аз 12 сатр буд, ки дар мошинка бо ҳуруфоти лотинӣ чоп карда будам. Албатта, ман шоир набудам, он вақтҳо фақат хабару мақола менавиштам, баъзан ба шеърнависӣ ҳам ҳавас мекардам».

Он рӯз дар сӯҳбате, ки дар он устодони киштзорҳои колхозӣ, деҳқонони кӯҳансол иштирок карда буданд, Садриддин Айнӣ дар бораи зиддиятҳои хуҷандиён ба муқобили Искандари Македонӣ, арабҳо ва ғайра, ки дар китобҳои таърихии қадима дарҷ ёфтаанд, нақлҳо мекард. Махсусан, нақли устод дар бораи ҷанги хуҷандиён бар муқобилии қушуни 70-ҳазораи муғулҳо, ки ба он фарзанди вафодори халқи тоҷик Темурмалик сардорӣ мекард, хеле таъсирнок буд. Ҳикояти Айнӣ дар бораи хурӯҷи охирини Темурмалик бо лашкарони боқимондааш, пеш аз қалъаи байниобиро партофта рафтан шабона ба шаҳр рафта, як каф аз хоки он гирифта омаданаш, хокро ба миён баста ва ба тарафи шаҳри тамоман сӯхтаи Хуҷанд нигоҳи пурҳасрате карда, оҳи ҷонкоҳе кашида ва худ ба худ мазмуни байти зерин:

Меравам з-ин шаҳру дар дил дарди ёре мебарам,

Дарди ёре аз диёре ба диёре мебарам! — ро хонданаш, ҳамаро ба ҳаяҷон оварданд.

Устод Айнӣ лаҳзаи ёфт шудани мурдаи Темурмалик дар миёнбандаш ёфтани халтачаеро, ки дар вай як каф хок ва як порча коғази хатнок бо навиштаҷоти зерин:

«Атри кафан зи хоки ватан кардам орзу,

Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок»-ро ҳикоят карданд, суханашон ҳамаро ба гиря овард. Дар ин хусус рӯ овардам ба хотироти Тоҷӣ Усмон, ки устодро роҳбаладӣ карда буд:

— Баъзеҳо сӯзиши дили худро пинҳон дошта натавониста, филиқ-филиқ гиря мекарданд, ба тухми он душманҳо лаънатҳо мефиристоданд. Ашк дар чашмони худи Айнӣ ҳам пайдо шуд магар, ки вай даст ба киса андохта, дар ҷустуҷӯи рӯймолча шуд, аммо онро наёфт. Дастрӯмол, аз афташ, дар кисаи камзӯл, дар меҳмонхонаи болои боми сарои колхоз монда буд. Вале ҳеҷ кас онро оварданӣ шуда аз ҷой нахест. Чунки давоми ҳикояро ношунида берун рафтан намехост. Аз ҷумла, худи ман ҳам, ҳатто ҳурмати устодро «фаромӯш» карда, намехостам, ки аз шунидани охири нақл маҳрум шавам.

Хуб ба хотир дорам, ки ин хизматро ман ба нависанда Ҳоҷӣ Содиқ, ки дар он вақтҳо мухбири газетаи мо, муҳаррири газетаи колхозии «Ғалаба» ва котиби «Коминтерн» буд, фармудам. Вай кисакобиро раво надида, давида ба хонаи худ рафтааст ва аз он ҷо рӯймолчаи гулчадори наверо гирифта омадааст.

— Ин чӣ, магар барои нақли маро шунидан пора овардӣ? — гуфт Айнӣ бо як оҳанги шӯхиомезона. Ин шӯхӣ каме бошад ҳам, диққати одамони ба

зери бори ғами Темурмалик афтодаро ба сӯи худ кашид ва дар баъзе лабон осоре аз табассум пайдо шуд».

Ҳоҷӣ Содиқ дар чандин баромад ва навиштаҳои хеш дар бораи ин вохӯрии фаромӯшнашавандаашон бо як ифтихор нақл мекарданд. Хотироти «Вохӯрии фаромӯшнашаванда»-ро бо чунин ҷумлаҳо ба охир расонидаанд:

«Устод Айнӣ қариб дасти ҳамаи моро самимона фишурда гуфтанд:

— Ман хеле хушнудам, ки колхози машҳури шуморо дидам, бо комёбиҳо, қаҳрамонони корзори хоҷагии коллективӣ ошно гаштам. Ба ҳамаатон саломатӣ, бардамӣ, дар коратон муваффақиятҳои нав ба нав орзу менамоям!

— Ба шумо ҳам саломатӣ, умри дароз ва дар кори эҷодиатон муваффақиятҳои нав мехоҳем!

— Хайр, дӯстон!

— Хайр, устод!»

Ман дар вақти таҳсили аспирантура, солҳои 1972-1975 чанд муддат дар китобхонаи машҳури ба номи Ленини Маскав кор кардам, доир ба таърихи матбуоти тоҷик мавод ҷамъ намудам. Рӯзи 20-уми апрели соли 1973 дӯхтаҳои солҳои 30-юми маҷаллаи умумииттифоқии «В помощь районной газете»-ро варақгардон мекардам. Дар шумораи №6 соли 1937 маҷаллаи мазкур расми як гурӯх муҳаррирони газетаҳои колхозӣ аз ноҳияи Хуҷанди Тоҷикистон баромад. Дар он муҳаррирон ва мухбирони фаъол М.Нурматов, Э.Мӯҳсинзода, С.Сабуров, О.Шамсиддинов, С.Очилзода, Ҳоҷӣ Содиқ буданд. Ман дар ҳамон лаҳза расми маҷаллаи КМ ВКП (б) «В помощь районной газете»-ро чун маводи таърихӣ оиди матбуоти тоҷик нусхабардорӣ карда, ба худ гирифтам. Дар шумораи дигари маҷаллаи мазкур чанд мақолаву хабарҳои Н.Жариков, мухбири махсуси рӯзномаи КМ ВКП (б) — «Крестянская газета» дар Осиёи Миёна баромад.

Соли 1936 дар шаҳри Ленинобод шӯъбаи ғайриштатии рӯзномаи «Крестянская газета» ташкил карда мешавад, ки онро мухбири махсуси он дар Осиёи Миёна Н.Жариков муаррифӣ мекард. Бо ташаббуси ӯ ҳамон сол дар шаҳри Ленинобод семинари муҳаррирони газетаҳои колхозӣ ва мухбирони он гузаронида шуд, ки дар он Н.Жариков дар бораи вазифаҳои мухбирон, корҳои ташкилию оммавӣ баромад кард. Маҳз дар ҳамин семинар беҳтарин муҳаррирон ва мухбирони газетаҳои колхозӣ аз қабили Ҳоҷӣ Содиқ (муҳаррири газетаи «Ғалаба»), Охунҷон Шамсиддинов (муҳаррири газетаи «Фрунзечӣ»), Самеъ Очилзода (муҳаррири газетаи «Большевик»), Маҳмуд Ҷалилов (мухбир аз қишлоқи Исфисор), Саид Сабуров (мухбир аз қишлоқи Қистақӯз), Эргаш Мӯҳсинзода (муҳаррири «Стахановчии саҳро») ба курси думоҳаи тайёр кардани муҳаррирони газетаҳои колхозии назди идораи «Крестянская газета» ба Москав тавсия карда мешаванд.

Ин гурӯҳ аввали соли 1937 дар муддати ду моҳ ба тарзи корӣ бо нашрияҳои бонуфузи мамлакат «Правда», «Известия» ва асосан «Крестянская газета» шинос шуданд. Маҳз ҳамин шиносоӣ ба минбаъда кори журналистии Ҳоҷӣ Содиқ саҳми калон гузошт.

Ҳоҷӣ Содиқ то соли 1940 муҳаррири газетаи колхозии «Ғалаба»-ро дар ӯҳда дошт. Газетаи мазкур соли 1939 иштирокчии намоишгоҳи умумииттифоқии хоҷагии қишлоқ гардида, бо медали нуқраи он ва 500 сӯм пул мукофотонида шуд. Соли 1940 Ҳоҷӣ Содиқ муҳаррири газетаи ноҳиявии «Бо роҳи Ленин» таъин гардид.

Моҳи августи соли 1941 дар қатори ихтиёриён ба фронт рафт. Дар ҷанг иштирок карда, мактаби дар ҳузури армияи 9-ум будаи роҳбарони сиёсиро тамом кард. Аввалҳо роҳбари сиёсӣ, баъд ҷонишини командири рота оид ба қисми сиёсӣ шуда хизмат кард. Дар муҳорибаҳои шадид се маротиба ярадор шуд ва соли 1943 маҷрӯҳи дараҷаи дуюми ҷанг шуда, ба ватан бо як пой баргашт.

Аз моҳи августи соли 1943 Ҳоҷӣ Содиқ муҳаррири газетаи вилоятии Ленинобод «Стахановчӣ» (имрӯза «Ҳақиқати Ленинобод») таъин мешавад. Аз охири соли 1946 то соли 1949 котиби масъули комитети иҷроияи вилояти Ленинобод шуда кор мекунад. Баъдтар, аз соли 1949 то охири умри худ Ҳоҷӣ Содиқ дар соҳаи матбуот буд. Вай солиёни зиёд сармуҳаррири газетаҳои «Ҳақиқати Ленинобод» ва «Совет Тожикистони»-ро адо кард. Баробари кори сермасъулияти рӯзноманигори ба фаъолияти эҷодӣ машғул шуда, дар ҷумҳурият ва берун аз он ҳамчун нависанда, драматурги сермаҳсулу баркамол, адиби хушбаёну ҳақгуй, устоди ҷавонони эҷодкор эътироф гардидааст. Махсусан, ҳамчун адиби ҳаҷвнигор машҳур буданд. Устод дар ҳақиқат устоди сухан, устоди ҳаҷв, устоди латифагӯ буданд ва дар маҳфилҳое, ки эшон иштирок доштанд, аз ҳаҷвҳои он кас, суҳбати дилорои устод чунон аҳли нишаст механдиданд, ки қатраҳои ашки шодмонӣ аз рӯяшон ҷорӣ мешуд.

Охири моҳи июли соли 2001 сарвари нави Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Носирҷон Салимов маро ба утоқи кории худ даъват карда гуфт: «Устод, дар пеш таҷлили 70-солагии донишкадаамон истодааст. Чӣ мешуд, ки шумо ҳамчун муаррих, журналист ва адиб як асар офаред, ки дар он хатмкардагони машҳур — машъалони фарҳанги мо таҷассум ёбанд. Киҳо ба он дохил мешаванд, ин ба салоҳдиди муаллиф вогузор аст».

Худи ҳамон рӯз ба кори мураккабу вале хайр камар баста, оғози онро аз тартиби феҳристи шахсони машҳур сар кардам. Беш аз 50 нафар шахсиятҳои маъруфро, ки ҳама хатмкардагони донишгоҳ буданд, аз қабили академикҳо — П.Бобоҷонов, Ю.Носиров, Н.Неъматов, Э.Нӯъмонов, профессорон — омӯзгорони номӣ Ғ.Ҳайдаров, Х.Бобоева, М.Ғаффорова, Р.Ғаффоров, адибон — А.Баҳорӣ, А.Шукӯҳӣ, М.Фарҳат, Х.Аскар, А.Сайфуллоев, ҳунарпешагони забардаст — Ҷ.Муродов, З.Аминзода, Ҷ.Набиев ва дигаронро номнавис карда, аз назари устод Ғафур Ҳайдарович гузаронидам. Устод баъди шиносоӣ ҳамоно ба ман рӯ оварда гуфтанд: «Муллоусмонҷон, дар ин рӯйхати шахсиятҳои маъруф — хатмкунандагони донишгоҳ номи шахси ниҳоят маъруфу забардаст, инсони бо маънои томаш комил, адиб, рӯзноманигор, публисист, ҳаҷвнигор, драматург Ҳоҷӣ Содиқ берун мондааст-ку?! Сонияն,

Шумо ҳамчун декани факултаи таърих фахр кунед, ки Ҳоҷӣ Содиқи номӣ дастпарвари мо буданд».

Аз ин хушхабари устод Ғ.Ҳайдаров шод шуда, ҳамоно ба ҷамъ кардани маводу ҳуҷҷатҳо ва санадҳо доир ба рӯзгор ва фаъолияти серпаҳлӯи Ҳоҷӣ Содиқ шурӯъ намудам. Шукри бепоён, ки дар китобхонаи ман доир ба рӯзгору эҷодиёти устод беш аз 120 номгӯй маводҳо ва ҳуҷҷатҳои нодир маҳфуз будааст. Зимни он чанд саҳифае оиди устод дар китоби «Чароғи ирфон» нақл намудам. Инак, аз духтари хурдии Ҳоҷӣ Содиқ — Хуршедахон фаҳмидам, ки ба муносибати 90-солагии устод маҷмӯае омода карда мешавад. Ва боз қаламро ба даст гирифта, хостам кушодани дигар паҳлӯҳои фаъолияти ин шахсияти маъруфи миллатро идома диҳам.

Барои шахсияту одамияти устод Ҳоҷӣ Содиқро нишон додан, ман бори дигар он маводҳоро дида баромадам ва бо фарзандони некномашон — Музаффару Сулҳия, Хуршедаю Мунаввар, писархондашон Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Исроилҷон Исмоилов, дӯсти бузургворамон, олими номӣ, профессор Ҳамдам Очилов, шогирди боистеъдодашон, барандаи Ҷоизаи ба номи Лоҳутӣ Муҳаммадҷон Юсуфов, шоир Нурмуҳаммад Ниёзӣ, ҳунарпешаи машҳур Майрам Исоева вохӯрдам. Ҳар яки онҳо хотироти неки хешро бо ҷузъиётҳои аҷиби хотирмон оиди Ҳоҷӣ Содиқ ҳикоят карданд.

Рӯзе, вақти сӯҳбат рӯзноманигори МИТ Ховар, духтари устод Хуршеда Содиқова ба ман чунин нақл карда буд:

— Ман, ки асосан касби падарро ихтиёр карда, онро идома медиҳам, ба хислатҳои зарофатгӯӣ ва ҳозирҷавобии он кас қоил мешавам. Падарам дар зарофатгӯӣ беустухон буданд. Ёдам ҳаст, ки хурд будаму пойлуч ба хона даробаро мекардам ва аз он ки гилемро ифлос менамудам, модарам ба падар шикоят карданд:

— Дадош, як бор шумоям инҳоя чанг кунед, ки пойлуч ба хона надароянд. Падар ҳамоно бо овози сохтаи омирона гуфтанд: «Бачаҳо, дигар пойлуч ба хона надароетон, ҳамаатон кафш пӯшида дароетон».

Моҳи декабри соли 1990 ман бо кори илмӣ ба шаҳри Душанбе омада будам. Рӯзи 18-декабр дар назди хонаи матбуот бо мухбирони махсуси «Ҳақиқати Ленинобод» Неъмат Шариф ва Исроил Исмоилов ва ҳам мухбири ҷамоатӣ Абдурауф Зокиров вохӯрдам. Аз симояшон пай бурдам, ки маъюсу ғамгин. Пурсидам, ки чӣ гап? Гуфтанд, ки «Устод Ҳоҷӣ Содиқ вафот кардаанд. Ҳозир аз самолёт фуромадем, барои маросими дафн ба хонаашон равонем».

Ҳавлии устод аз хонаи матбуот каме болотар, дар кӯчаи Партизани Сурх воқеъ буд. Ман ҳам бо онҳо ба сӯи мотамсаро рафтам. Дар рӯи ҳавлии устод аллакай одамони бисёре ҷамъ шуда буданд. Дӯсти бузурги ин хонадон, ҳунарпешаи машҳури халқ Абдусалом Раҳимов моро истиқбол намуда, бо рӯймолча ашки резонашонро пок карда гуфтанд:

«Ҳоҷиако, пири рӯзноманигорони тоҷик, марди фозил, инсони хайрхоҳ, некхоҳ, некбин, дурандеш ва ятимпарвар буданд. Аҳли ҷомеаи рӯзноманигорон барояшон азизу табаррук буд». Митинги мотамӣ рӯзи 18-декабри соли 1990 дар рӯи ҳавлии устод баргузор гардид. Онро нависандаи номӣ

Фотеҳ Ниёзӣ кушода, саҳми Ҳоҷӣ Содиқро дар инкишофи матбуоти тоҷик, адабиёти он ҳамчун иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ходими намоёни ҷамъиятӣ нишон дод. Аз ҷумла гуфт: «Ҳикоятҳои сершумор, романи «Қадри ҷавҳар ҷавҳарӣ донад», қиссаи «Умри дубора» ва дигар асарҳояш аз тарфи хонандагон хуш қабул гардида, қиссаҳои сершумораш дар саҳнаҳои театрҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дохил гардидаанд. Аъзои Иттифоқи нависандагони СССР, Иттиҳоди рӯзноманигорони СССР Ҳоҷӣ Содиқ то лаҳзаҳои охирини ҳаёташ барои мардум эҷод кардааст.

Хотири неки фарзанди барӯманди халқ, марди матинирода, адиби хушилҳом Ҳоҷӣ Содиқ дар дили мардум, дар қалби онҳое, ки ҳамроҳ меҳнат мекарданду медонистанд, абадӣ боқӣ мемонад».

Дар митинг шоир, дорандаи Ҷоизаи байналхалқии ба номи Андерсен Убайд Раҷаб, Артисти халқии СССР Ғаффор Валаматзода, ҷонишини муҳаррири рузномаи «Совет Тожикистонӣ» (имрӯза «Халқ овози») И.Мӯҳсинов оиди хизматҳои шоистаи устод, одамияти устод ва мактаби устод сухан ронда, саҳми эшонро дар рушди фарҳанги ҷумҳурӣ таъкид намуданд.

Баъд садҳо иштирокчиёни маросими дафн ба сӯи қабристони Сариосиёи Душанбе равон шуданд ва ҷасади маҳрум дар ҳамон ҷо гузошта шуд. Аз шаҳри Хуҷанд низ хокро ба сари қабрашон рехта, гуфтанд: «Алвидоъ, устоди гиромӣ! Рӯҳи покатон, ёди некатон ҳамеша ҳамроҳу ҳамқадами мо хоҳад буд».

Дар ҳамин лаҳза шоир, шогирди бовафои Ҳоҷӣ Содиқ — Неъмат Шариф марсияи навиштаи хешро ба мо хонда доданд. Ман ҳамоно чанд мисраи онро ба дафтари худ навишта гирифтам:

*Қалам афтод аз дасти қаламкаш,*
*Вале аз ӯ сухан монду сухан монд.*
*Китобаш меравад аз даст бар даст,*
*Дили имонпарасташ аз задан монд.*

*Барои навқаламҳо, навқадамҳо*
*Аҷаб ғамхор, монанди падар буд.*
*Ба майдони сухан ҷонро фидо кард,*
*Ба ҳифзи ҳар сухангӯ ӯ сипар буд.*

*Ба шогирдони худ ӯ мактабе буд,*
*Дари дилро ба ҳар кас воз медошт.*
*Худ ӯ таърих буд, таърихи зинда,*
*Тамоми донишашро боз медошт.*

*...Аё устод, ёдат дар дили халқ,*
*Ҳамеша дар забонҳо — Ҳоҷӣ Содиқ.*
*Қалам то аз қадаммонӣ намонад,*
*Ба ҳар ҷо ҳамдами мо — Ҳоҷӣ Содиқ!*

Рӯзи ҷумъаи 28-декабри соли 1990 дар ҳавлии хуҷандии шодравон Ҳоҷӣ Содиқ, воқеъ дар кӯчаи Себзор маъракаи ёдбуди марҳум баргузор гардид. Ман пагоҳии барвақт ба он ҷо ҳозир шудам ва дидам, ки одамони зиёде гуруҳ-гурӯҳ шуда, барои ҳамдардӣ баён кардан меомаданд. Дӯсти қадрдонашон Ҳасани Ҷарқинзода чанд соате нишаста, оиди Ҳоҷӣ Содиқ ба ҳозирон лаҳзаҳоро нақл карда, аз ҷумла гуфтанд:

— Хабари вафоти дӯсти азизам ҳамаи аҳли маҳфили пирони кӯҳанро гирифтори ғаму андӯҳи беохир намуд. Ман бо Ҳоҷӣ Содиқ ҳамсолам, ҳарду ибтидои солҳои 30-юм дар газетаи «Пролетари Хуҷанд», ки баъдтар «Большевики Хуҷанд» ном гирифта буд, яъне имрӯза «Ҳақиқати Ленинобод» хабару мақолаҳо менавиштем. Ман хулқу авторашонро хуб медонистам, ӯ ватандӯст, меҳнатдӯст, инсондӯст буд. Вақте ки фашистони малъун ба мамлакати бузурги мо ҳуҷум намуданд, ҳар ду дар як вақт ба ҷанг рафтем ва ҳар ду дар як вақт маҷрӯҳ шуда, соли 1943 ба Хуҷанд баргаштем. Тақдири ҳар дуямон аз бисёр ҷиҳатҳо як буд. Ҳоҷӣ Содиқ ғамхори ҳамаи ёру дӯстони пиру барно буд. Дили ӯ, нияти ӯ ҳамеша ба беҳбудии ҷомеа банд буд, ки ин хислати фақат нексириштон мебошад. Мо ҳаргиз нашунидаем, ки Ҳоҷӣ Содиқ касеро дар байни издиҳом ё ин ки ёру ҷӯраҳо изо дода бошад. Ҳол он ки вай фелйетоннависи гузаро буд ва бо айбу иллатҳои баъзе ашхос тамоми умр номуросо. Дӯстам бо маънои том дӯсти ҳамагон буд. Оши ҳарифона, ки ӯ сарвараш буд, ба мо як таровати хосе мебахшид. Ҳоҷӣ бароямон меҳроби дӯстон буд.

Ҳақ ба ҷониби Ҳасани Ҷарқинзода, ки дар воқеъ Ҳоҷӣ Содиқ дар оини дӯстӣ барои ҳамагон намунаи олӣ буд. То рӯзи вопасин вай ғами дигарон, дарди мардумро мехӯрд. Ман хуб дар ёд дорам, дар моҳҳои охирини ҳаёташон устод оиди мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ сӯҳбат оростанд ва худ аз он хеле шоду мамнун шуда буданд. Оид ба эҳёи номи Хуҷанд фикрҳои хешро бо санадҳои аниқ баён карда буданд.

Имрӯз Ҳоҷӣ Содиқ дар байни мо нестанд. Вале ному кори он кас ҷовидон боқӣ хоҳад монд. Номи некашон, асарҳои сершумори навиштаашон ва асосан ватандӯстию меҳнатдӯстӣ ва инсондӯстиашон барои имрӯзиён ҳамчун намунаи олии инсонӣ хоҳад монд.

## БОЗЁФТИ НАЗМИ ТОҶИК

Рӯзи 15-майи соли 2003 ба хонаи банда ғайричашмдошт, шоираи маҳбуби халқ Фарзонабону омад. Аз дидани ӯ хурсандии ману ҳамсарам Тӯҳфахон, ки мухлиси ашадии шеъри волояш аст, беинтиҳо буд. Баъди хайра мақдам гуфтан Фарзона ба дастам китоби сеҷилдаи хеш «Қатрае аз Мӯлиён»-ро тақдим намуд. Китобро ба даст гирифта, ба чашм молидам. Дар ҳошияи ҷилди аввали он чунин соядаст нақш бастааст:

### Ба Қосиди шодӣ

*Зи ҳарфи субҳҷавлонат шунидам пайки бедорӣ,*
*Биёмӯзам ватандорӣ зи Усмонҷони Ғаффорӣ.*

*Худо дар имтиҳони ман туро устод бифристод,*
*Ки дар тақдири ман ҳам соядасти хеш бигзорӣ.*
*Агарчӣ сад китоби дарди миллат кардаӣ иншо,*
*Ту ҳоло боз лабрезӣ, ту ҳоло боз саршорӣ.*
*Ба дарҳои дили мо панҷа зан, эй қосиди шодӣ,*
*Ки дар анбони сурхи дил ҳамеша хушхабар дорӣ.*
*Илоҳо баъд аз ин бошӣ саодатманду нусратёр,*
*Ба ҷои донаи коридаат дурдона бардорӣ.*

***Фарзона. 15.5.2003***

Баъди рафтани Фарзона бо муҳаббат ашъорашро варақ зада ба ваҷд омадам, гӯё ин тӯҳфа бароям ганҷе буд. Ва ба дастгирии раиси вилоят Қосимҷон Қосимов ва сарвари Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров Носирҷон Салимов, ки дар нашри ин китоб саҳми босазо гузоштааст, аҳсант хондам. Месазад, ки ин дурдонаҳои нотакрори шоираи маҳбуб дастраси умум бошад, мухлисонаш аз ин ганҷи бебаҳо лаззат баранд.

Дар бораи шоираи тавоно, классики зиндаи адабиёти мо Фарзонабону бароям сухан гуфтан ҳам душвору ҳам осон аст. Душвор ба он ҷиҳат, ки ба ӯ бузургони халқу миллат, адибону олимони номӣ Сотим Улуғзода, Лоиқ Шералӣ, Муҳаммадҷон Шукуров ва Атахон Сайфуллоев баҳо додаанд. Аммо осон бароям он аст, ки тамоми роҳи эҷодӣ ва фаъолияти шоирaро аз рӯзи нахустини ба донишгоҳ омаданаш то имрӯз медонем. Дар борааш маводҳои бешуморе дорам. Шукри бепоён, ки тамоми асарҳои чопшудаашро бо соядаст дорам. Мо пеш аз он ки дар бораи Фарзона ҳамчун ифтихори миллат ва шоираи баркамол сухан гӯем, аввал омилҳои асосии комёбӣ ва соҳибистеъдод будани ӯро бояд донем. Низомии Ганҷавӣ фармудаанд, ки: «Он к-аз насаби баланд зояд, ӯро сухани баланд бояд». Шоира Фарзона аз хонадони бофарҳанги хуҷандиён аст, ки имрӯз бо номи бобои бузургвораш, нахустин Раиси Шӯрои Комиссарони Халқии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон Абдураҳим Ҳоҷибоев ва модари хирадманду омӯзгори оқилааш профессор Бароат Абдураҳимовна Ҳоҷибоева ҳамагон ифтихор доранд.

Мо аз ин хонадони асили хуҷандӣ садчанд миннатдорем, зеро барои миллат шоираи хушсалиқа Фарзонаро, ки дар 35-солагиаш ба гирифтани унвони баланди Шоираи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор шудааст, эҳдо кард. Фарзона шукри беадади Парвардигори покро мекунад, ки модараш зани соҳибдилро бо беҳтарин сифати инсонӣ халқ карда ва ӯро ифтихори фарзандии ӯ дода. Вай бо як муҳаббат дар васфи модари мушфиқаш мегӯяд:

*Модари покизаи хушҷавҳарам,*
*Шаш ҷиҳатам пур зи хаёли ту бод.*
*Ҳар тарафе менигарам рӯнамой*
*Оинаи чашми зулоли ту бод.*
*Домани худ ҷамъкунон меравaнд*
*Куртасафедони бирешимнавоз,*

*Ҳарфи ман анҷом надорад, ту низ*
*Боз бизӣ, боз бизӣ, боз, боз!*

Моҳи августи соли 1981 ман аз ӯ аз фанни таърих имтиҳони дохилшавӣ гирифта, аз дониши чуқуру ақли расояш ба ҳайрат афтодам ва таклиф кардам, ки ҳоло ҳам дер нашудааст, ҳуҷҷатҳояшро ба шӯъбаи таърих гузаронад. Шояд оянда муаррихзани барҷастаи тоҷик шавад. Ӯ посух дод, ки: «Адабиёту таърих бо ҳам тавъаманд. Ҳар ду фан чун омӯзгори оқил моро тарбият мекунад. Ман кӯшиш мекунам, ки таъриху забон ва адабиётро муштарак хонаму омӯзам».

Истеъдод модарзодист ва онро атои Худо мегӯянд. Ба он бояд ғамхорӣ, ёрӣ ва роҳбаладӣ кард. Дар ҳама давру замон ба шахсони соҳибистеъдод диққати махсус медоданд. Алалхусус Фарзона барин дорои чунин истеъдоди худодод, ки фаъолияти меҳнатиаш нав сар шуда будуояндаи дурахшон дошт, бояд дар зери диққати адибони калонсол қарор мегирифт. Бо ин мақсад ман 14 январи соли 1986 ба Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба Гулрухсор Сафиева муроҷиат намудам:

«Гулрухсори азиз, шарикдарси давраи донишҷӯиям. Аввалан бо Соли Нави 1986 Шуморо табрику таҳният мегӯям.

Гулрухсор! Боре дар атрофи назми имрӯзаи тоҷик мубодилаи афкор намудем ва гуфтед, ки: «Мехоҳам дар оянда дар эҷодиёти ман ва дӯстони ман, алалхусус духтарону занони соҳибистеъдод ҳамин чиз амалӣ шавад, ки шеър бояд садои давру замон, садои дили ҳамасрон бошад. Шеър пеш аз ҳама бояд зодаи эҳсосе бошад, ки модараш Дил ҳасту падараш Хирад».

Мақсад аз овардани ин суханон он аст, ки ҳамин орзуҳоятон то ҳадде амалӣ шуда истодааст. Яъне, соҳибистеъдодҳо аз байни духтарон ба воя мерасанд. Яке аз ҳамин гуна шахсҳо Иноят Хоҷаева (Фарзона) мебошад. Соли 1985 ӯ донишкадаи моро хатм кард. Дар рӯзҳои адабиёти советӣ дар Ленинобод Шумо ӯро ба адибони шӯҳратманди мамлакат, чун шоираи умедбахши мо муаррифӣ намудед. Мутассифона, чунин соҳибистеъдод то кунун ҷои муносиби корӣ надорад. Мебоист ҳамчун хатмкардаи аълохон ба донишкада ба кор гирифта мемонданд, аммо аз рӯйи талаботи замон, дар як ҷо кор кардани вай бо модараш, ки ноиб-ректор асту хоҳараш Матлуба Хоҷаева коромӯз-унвонҷӯ мебошад, мумкин набудааст. Дар мактабҳои миёна кор ёфтан амри маҳол буда, хатмкардагони пешина солиёни дароз дар навбатанд. Шукр бо дахолати раиси иттифоқи касабаи коркунони хоҷагии қишлоқи вилоят Саидбой Зокиров ҳамчун инструктор дар Федератсияи иттифоқҳои касаба ба кор шурӯъ кардааст. Дирӯз ба С. Зокиров арзи сипос намуда гуфтам, ки: «Саидбой, баъди 150-200 сол дар ҳамин хона навишта мемонанд, ки бузургтарин шоираи қарни бист-бистуяки тоҷик фаъолияти меҳнатиашро дар ҳамин ҷо оғоз намудааст».

Аммо ҷои Фарзона он ҷо нест. Ҷои вай бояд дар байни адибон ва ё ақаллан Марказ бошад».

Дере нагузашта аз Гулрухсор мактуби ҷавобӣ омад, ки он ҷо гуфта мешуд:

«Салом, Усмонҷон!

Номаи Шуморо, ки самимонаю ғамхорона навиштаед, ба ман расид, сад ташаккур! Ман номаи шуморо ҳамон даме гирифтам, ки китоби Фарзонаро яъне дастнависро хонда ба поён расонда будам. Ман ташвиши шуморо хуб мефаҳмам. Аммо бе ташвиш бошед! Фарзона ягона умеди ман аст, аз духтарони шеърнавис! Ҳатто бе китобаш, дурустараш ҳанӯз маҷмӯаашро ба мо пешниҳод накарда буд, ки ману муаллим Мӯъмин Қаноат китоби ӯро ба нақшаи нашриёти «Ирфон» дохил карда, чанд касро дар ҳайрат монондем. Ман аз қисмати ӯ хабар дорам. Кай боз ҳамроҳи Лоиқ барои ӯ ҷои мувофиқи кор мекобем, ҳамин ки пайдо шуд, ӯро ҳатман ба назди худ мехонем.

Фарзона мисли гули наврустаест дар замини орзуи ман! Ҳама меҳнату заҳмат, комёбиву бебарорӣ, рашку ҳасади одамон барои ӯ дар пеш аст. Барои модари Фарзона ва худи ӯ саломи маро расонед, барои хушнудии модар метавонед ин номаро ба ӯ бихонед! Афсӯс, ҳанӯз бо ин зани оличаноб ошноӣ надорам!

Бо ҳама орзуҳои неки зиндагӣ нисбати кору рӯзгори шумо Гулрухсор.

27 январи соли 1986, ш.Душанбе».

Аз он гуфтаҳои Гулрухсор солҳо сипарӣ шуданд. Имрӯз Фарзона бо шеъру ақли расои худододаш дар байни форсизабонҳо машҳур ва мухлисони зиёди ашъорашро дорад. Фарзона соҳиби чандин китобу маҷмӯаҳо аст. Ба эҷодиёти ӯ муҳаққиқони Эрон, аз қабили оғои Алӣ Асғари Шеърдӯст, Алиризои Қазва, мунаққидон, олимони шинохта ва барҷаста Атохон Сайфуллоев, Абдуманнон Насриддинов, Носирҷон Салимов баҳои баланд додаанд. Ва аз ҳама муҳимаш мазмун, моҳият ва сирри эҷодиёти Фарзонаро аввалин шуда бузургони миллат, академик Муҳаммадҷон Шукуров ва нависандаи забардаст Сотим Улугзода дарк намуданд. Дар бораи сабки ӯ, роҳи эҷодии ӯ муҳаққиқи ҷавон Таиба Бобоева рисолаи номзадӣ навишт ва онро дифоъ кард. Дар байни инҳо навиштаҳои С.Улуғзода бароямон мояи ифтихор аст.

Адиби забардасти мо Сотим Улуғзода дар як дафтарчаи худ, ки он алҳол дар бойгонии Институти забон ва адабиёти АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст, оиди Фарзона навиштаанд: «6 июни соли 1988. Бо ҳамроҳии Сафар Абдулло панҷ нафар нависандагони навқалам, ки соате пеш дар Иттифоқи нависандагон қабул шуданд, ба қавли Сафар Абдулло барои «дуо» гирифтан ба хона омаданд. Аз онҳо фақат Фарзона ва Баҳманёрро дуо ва табрик гуфтам.

8 июни соли 1988 Сафар Абдулло бо Фарзона ба меҳмонӣ омаданд. Сафар манзумаҳои духтаракро, ки аз забони Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хисрав навиштааст, хонд. Ин Фарзона аҷаб истеъдоде дорад, дар бистсолагӣ ҳақиқатан сухандон, маънипардоз, хушзавқ шудааст. Қариб боварам наме-омад, ки дар ин синну сол чунин ашъоре гуфта метавониста бошад» (Х.Ота-хонова. Сайре ба бойгонии Сотим Улуғзода. — Ҷумҳурият, 2003, 4 феврал).

С.Улуғзода минбаъд ҳам оиди эҷодиёти Фарзонаи соҳибқалам фикру ақидаҳои хешро тавассути матбуот ва садою симо иброз менамуданд. Чунончӣ, дар мақолаи ниҳоят пурарзиши хеш «Ман ҳурии нилуфарам бишкуфта

дар мардобҳо» (Адабиёт ва санъат, 1990, 25 октябр) дар бораи роҳи эҷодии Фарзонаи 26-сола баҳои баланд додаанд. Устод дар шахси вай шоираеро ёфтаанд, ки «имрӯзи моро ба дирӯз ва фардо мепайвандад».

Устод Сотим Улуғзода ба ҳунари Фарзона баҳои баланду ҳаққонӣ дода, дар тааҷҷубанд, ки чаро ашъори вай бо вуҷуди ин ки ду маҷмӯаи шеъраш ба забони модарӣ ва як маҷмӯаи дигараш ба забони русӣ дар Маскав интишор шудааст, то ба имрӯз аз ҷониби аҳли накду адабиётшиносон мавриди таҳқиқ қарор нагирифта. Ҳол он ки аз назари устод Фарзона аз тозатарин ва аз фараҳангезтарин падидаҳои адабиёти кунунии мост ва мебоист масъулини адабиёти мо, хоса мунаққидон шеъри ӯро мавриди таҳлил қарор медоданд.

С.Улуғзода баъди ин хулоса мекунанд, ки Фарзона нуҳуфтаҳое дар дил дорад ва дардошност. Муҳимтар аз ҳама ӯро ба ҳайси як шоири соҳибдард дарёфтанд ва диданд, ки шоира ба хотири ҳавову ҳавас ҳосил намебардорад.

Дуоҳои адиби забардаст С.Улуғзода мустаҷоб гардиданд. Имрӯз мо дар симои Фарзона адиби асилро мебинем. Фарзона имрӯз ифтихори халқу миллат аст. Сарвари фарҳангдӯсти мо, ҷаноби олӣ Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов дар вохӯрии аҳли зиё 20 марти соли 2001 бо як муҳаббат дар бораи шоира Фарзона ҳарф заданд. Хабари ба шоираи беназир Фарзона бо фармони Президенти кишвар Э.Ш.Раҳмонов додани унвони ифтихории «Шоираи Халқии Тоҷикистон»-ро шунида, тамоми мухлисони сершумораш шоду мамнун гардиданд. Алалхусус, сарвари вилояти Суғд, марди фидоии фарҳанг Қ.Р.Қосимов ин хушхабарро шунида ҳамоно гуфтанд: «Фарзона — духтари фарзонаи миллат аст. Фарзона — дурдонаи назми муосири тоҷик аст. Фарзонаи атои Худованди карим аст».

Оре, Фарзона атои Худованди карим аст. Охир ӯ, таоллоҳ чунин истеъдодро на ба ҳама лоиқ медонад Имрӯз аз ҳама бештар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров бо номи Фарзона мефахраду меболад. Аз ин лиҳоз, сарвари хирадпешаи донишгоҳ, доктори илми суханшиносӣ Носирҷон Салимов дар ҳар нишастҳои хосаи фарҳангӣ бо сарфарозӣ мегӯяд, ки имрӯз шеъри шоираи номвари миллат, дастпарвари донишгоҳи мо Фарзона мисли хуршед зиндагиро мунаввар месозад. Ҳаққо, ки номаш қандили маҳфилҳо гаштааст. Пас месазад, ки донишгоҳ бо чунин дастпарвари арзандааш фахраду болад. Китобҳои вай ба дилу дидаи мардум ҷой шудаанд. Маҷмӯаҳои «Тулӯи хандарез», «Двадцать лепестков», «Ояти ишқ», «То бекаронаҳо», «Паёми ниёгон», «Меъроҷи шабнам» талабгори зиёд доранд. Хонандагон муштоқи хондани шеъри Фарзона мебошанд. Ҳамаи инро ба назар гирифта бо саъй ва эҳтимоми Н.Салимов нашриёти «Нури маърифат»-и ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров китоби сеҷилдаи Фарзонаро таҳти унвони «Қатрае аз Мӯлиён» бо сифати баланд аз чоп баровард.

Китоби сеҷилдаи «Қатрае аз Мӯлиён»-и Фарзона, ин тӯҳфаи бебаҳоест ба мухлисонаш. Шеъри Фарзона ҷовид аст. Худи Фарзона боре басо хуб гуфтааст, ки: Шеър зиндагӣ мекунад дар вараҳи санг, дар хонаи чашму хонаи дил, дар қуи сафед, дар халтаи чаккаи дарахти тут, дар ниҳоли қомате, ки

бори маломати ҳаждаҳсола дорад, дар лолаҳое, ки дар ёла машъал шудаанд, дар садои азоне, ки аз масҷиди маҳаллаи мо меояд. Шеър зиндагӣ мекунад дар Шумо, дар Шумо, дар Шумо, дар ман, дар ман, дар ман!

Асари сеҷилдаи шоира бо чор мисраъи зерин оғоз меёбад:

*То замоне, ки нафас боқист,*
*Дар дилам тугёни ҳастӣ бод!*
*Дини ман оташпарастӣ не,*
*Дини ман Одампарастӣ бод!*

Дар вақташ устоди бузургвори Фарзона шоири тавонои миллат Лоиқ Шералӣ мисраъҳои болоиро хонда гуфта буд: «Дар ин байтҳо Фарзона мароми шоирии худро иброз доштааст. Воқеан, рисолати шеър бузургдошти инсон аст. Пас барои Фарзона ба диёри одампарастӣ роҳи сафеду равшан орзу дорем».

Имрӯз ба заковату пешбинӣ ва гавҳаршиносии шодравон Лоиқ Шералӣ ҳазорон маротиба аҳсант мехонем, ки дар рушду камоли шоираи боистеъдодтарини айёми мо Фарзона саҳми хешро гузошт. Дуоҳои ӯ ҳам мисли дуои Сотим Улугзода, ки дар ҳаққи Фарзона кардааст, мустаҷоб гардиданд. Зеро Фарзона маҳз ба шарофати омӯзиши таҷрибаи устодон, заҳмату ҷустуҷӯҳои пайгиронаи хеш ба ин дараҷа расид.

Китоби сеҷилдаи Фарзона «Қатрае аз Мулиён», ки бори дигар соҳибқалам, истеъдоди худодод доштани шоираро нишон дод, месазад, ки ба Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллои Рӯдакӣ пешбарӣ шавад. Зеро шоира дар шеърҳои дар ин маҷмӯа воридшудаи хеш фалсафаи ҳаётро тараннум кардааст. Бо гуфти Лоиқ Шералӣ: «Фарзона бозёфти назми тоҷик аст».

## БОРБАДИ ЗАМОН
### *Ёдбуди Маъруфхоҷаи Ҳофиз*

Шумхабар расид, ки Ҳофизи Халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санъаткори мумтоз Маъруфхоҷаи Баҳодур аз ҳаёт чашм пӯшиданд. Дареғо! Охирин маротиба устодро дар назди бозори «Панҷшанбе»-и шаҳрамон вохӯрдам ва як хушхабарро барояшон расондам, ки дар шумораи октябрии «Чархи гардун» мусоҳибаи хабарнигор бо ҳофизи маъруф Далер Назаров чоп шудааст. Ба суоли аз «Ҳофизони машҳур ва сабки хоси хеш дошта киро меҳисобед?» ӯ ҷавоб додааст, ки бузургтарин, машҳуртарин ва барҷастатарин ҳофизи асри мо Маъруфхоҷаи Баҳодур буд, ҳаст ва мемонад. Он кас гуфтанд, ки ҳамин хел баҳо додааст-мӣ? Ташаккур, ки қадри зарро заргар медонад.

Оре, Маъруфхоҷаи Баҳодур ҳофизи нотакроре буданд. Моҳи маи соли 1988 нависандаи забардасти мо Сотим Улуғзода меҳмони хуҷандиён мешаванд. Бегоҳии 6 маи соли 1988 дар «Қасри «Абрешимчӣ» вохӯрии меҳнаткашони шаҳр бо устод баргузор гардид. Шаби адабиро ҳофизи мардумӣ Маъруфхоҷаи Баҳодур бо суруду оҳангҳои ҷоннавози худ нури тоза бахши-

данд. Вақте ки ҳофиз суруди «Ушшоқ» — Содирхонро бо сабку услуби худ хонданд толорро хомӯшӣ фаро гирифт.

*Ба як карашма Зулайховаше дили моро*
*Чунон рабуд, ки Юсуф дили Зулайхоро.*

Дар ҳақиқат суруди хуб ба шунаванда мисли оби чашмаи касро мешиканад, ба инсон як қувваи нав мебахшад. Аз суруди Маъруфхоҷаи Баҳодур нависанда Сотим Улуғзода ба ваҷд омада, бо як эҳсосот гуфтанд: «Маъруфхоҷаи Баҳодуров — ин Борбади замон».

Ин баҳои додаи устодро ҳамагон бо кафкӯбиҳо пазируфтанд. Баъди итмоми суруд С.Улуғзода ба назди баландгӯяк омаданд ва ба он баҳои додаашон илова намуданд: «Маъруфхоҷа аз ҳофизони беҳамтост, ки сабки худ, навои худ, овози ширадори хосро дорост, ба ин на ҳамаи санъаткорон қодир ҳастанд».

Бале, мо дар симои Маъруфхоҷаи Баҳодур ҳофизи мумтозро медидем, ки анъанаҳои Борбаду Накисо, Саркабу Саркаш, Абдулқодири Гӯяндаю Кавкаб, Дарвешалии Ҷангию Қорӣ Каромат, Бобо Ҷалолу Бобо Ғиёс, Домулло Ҳалим Ибодову Ҳоҷӣ Абдулазиз, Содирхону Мулло Тӯйчӣ, Фазлиддин Шаҳобову Бобоқул Файзуллоевро идома додаанд.

Маъруфхоҷаи Баҳодур бо хонаводаи мо ҳанӯз аз соли 40-ум рафтуо доштанд. Манзили падарам, як навъ майхонаи ҳикмат буд, ки бо ин кошона як зумра адибону санъаткорон ва ходимони машҳури давлатию фарҳангӣ меомаданд. Аксар вақт меҳмонони падарро бо сурудҳои дилнишини худ Маъруфхоҷаи ҳофиз таровати тозае мебахшиданд. 3 сентябри соли 1988 падар маро наздашон хонда гуфтанд: «Писарам ман ҳис карда истодаам, ки рӯзҳою моҳҳои охирини умр меравад. Аз ин ҷост, ки мехоҳам дар вақти зиндагии худ оши солро чун оши шукрона диҳаму онро бо савту сурудаш Маъруфхоҷа зеб диҳад». Бароям амри падар қонун буд. 17 сентябри соли 1988 ёру дӯстон, хешу таборон ва ҳамсоягони падарам ҷамъ омаданд. Ва он оши шукронаи умри бобаракатро бо гуфти падарам ҳофизи замон Содирхону Ҳоҷиабдулазизи сонӣ Маъруфхоҷаи Баҳодур бо сурудҳояшон шод намуданд.

Маъруфхоҷаи Баҳодурро роҳбарони бохираду бофарҳанги мо монанди Бобоҷон Ғафуров, Турсунбой Ӯлҷабоев, Абдулаҳад Қаҳҳоров дӯст медоштанд. Шодравон ният доштанд, ки ба муносибати 90-солагии ходими барҷастаи давлатию фарҳангӣ, академик Бобоҷон Ғафуров барномаи махсусе бо номи «Ғафуров ва сурудҳо бар ашъори Камоли Хуҷандӣ» тайёр кунанд. Бо ин ният рӯҳи Б.Ғафуровро шод карданӣ буданд, зеро дар рушду камоли он кас саҳмашон калон аст. Ҳанӯз соли 1947 бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон ва таклифи Б.Ғафуров унвони ифтихории «Ҳофизи Халқии Тоҷикистон» таъсис карда мешавад. Шарафи бузург ба Маъруфхоҷаи Баҳодур насиб мешавад, ки шаҳодатномаи рақами якуми ин унвони баландро гиранд. Он касро дар вазъияти тантана Б.Ғафуров ҳамчун котиби аввали КМ ҲК Тоҷикистон табрику таҳният мегӯянд. Дар ҳамин лаҳза касе аз кормандони радиои тоҷик суол медиҳад, ки Маъруфхоҷаи Баҳодуров Артисти Хизматнишондодаи

ҷумҳурӣ ҳам мебошанд, пас минбаъд дар барномаи радио бо кадом унвон баромадҳои он касро эълон кунем? Б.Ғафуров аз ҷой бархеста, бо ҳозирон рӯ оварда, гуфтанд: «Бисёр суоли саривақтӣ ва онро бояд ҳал кард. Ба фикрам унвони Артисти хизматнишондодаро ҳам раққосон, ҳам ҳофизон, ҳам наттоқон, ҳам ба саҳнагузорандагони киною театр, ҳам коркунони сирк доранд. Аммо унвони Ҳофизи халқиро танҳо ҳамон санъаткорон соҳиб мешаванд, ки истеъдоди модарзодӣ, овози форам дошта бошанд. Ана, навакак мо аз даҳони Маъруфхоҷаи Баҳодуров суруди «Гулёр»-ро шунидем ва ҳамаи мо билкул баробари хондани он маст шудем. Пас ин хел ҳофизон аҳён-аҳён ва аз ин ҷост бо забони дароз танҳо «Ҳофизи халқии Тоҷикистон» гуфта эълон кунед».

Ҳақ ба ҷониби Б.Ғафуров, ки Маъруфхоҷаи Баҳодур барин ҳофизон дар байни халқ ангуштнамоянд. Сурудҳое, ки он кас бо як сабки хоси хеш, ба монанди «Талқин»-и Содирхон, «Ба фидои ту», «Гулёр»-и Содирхон, «Ушшоқи Хуҷанд» мехонанд, писанди ҳамагон буд. Ҳар боре, ки суруди «Гулёр»-ро хонанд, арвоҳи се марди бузурги Хуҷанд — яке муаллифи суруд Камоли Хуҷандӣ, дигаре оҳангсози он Содирхон Ҳофизи Хуҷандӣ, сеюмин мухлиси ашаддии он Б.Ғафурови Хуҷандӣ шод мешуданд. Имрӯз матни он сурудро оварда мегӯем, ки бигузор рӯҳи хонандаи беҳамтои он Маъруфхоҷаи Баҳодур низ шод шавад:

*Каъбаи кӯяш мурод аст ин дили афгорaро,*
*Бо муроди дил расон, ё раб, мани бечораро.*
*Дил дар он кӯ рафту шуд овора, ман ҳам меравам,*
*То аз он оворатар созам дили овораро.*

Ман омӯзгор, муаррих ва мухлиси савту сурудҳои он кас будам, ҳанӯз аз солҳои 70-ум сар карда, ҳамаи ҳуҷҷату санад ва мусоҳибаҳои зиёдеро гирд овардаам. Мо ҳамроҳи Маъруфхоҷаи Баҳодуров дар рӯзҳои адабиёт ва фарҳанги тоҷик дар вилояти Тошканду Фарғона, таҷлили ҳазораи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ иштирок карда, зимни ин сафарҳо як олам дурри маънӣ гирифта будем. Ниҳоят, ба дараҷаи баланд аз таърих ва фарҳанги ниёгон бохабар буданд. Ин хел бузургон дар таърих башумуранд. Имрӯз чунин ҳофиз аз байни мо рафтанд, аммо ёди некашон ва сурудҳои ҷовидонаашон дар замири дили мо солҳои сол зиёда хоҳанд монд.

Ман мехоҳам сӯгвории худро нисбати вафоти ҳофизи барҷастатарини асри бисти тоҷик Маъруфхоҷаи Баҳодур бо марсияи Муҳии Хуқандӣ, ки шодравон рӯзи вафоти падари бузургвори ман Абдуғаффор Ҳасанов 16 апрели соли 1989 хонда буданд, ба охир расонам:

*Ғофил манишин, бин, ки азизон ҳама рафтанд,*
*Аз дори фано силсиладорон ҳама рафтанд.*
*Ковусу Кайю Қайсару шоҳон ҳама рафтанд,*
*Искандару Ҷамшеду Сулаймон ҳама рафтанд,*
*Аз гулшани ин даҳр ҳазорон ҳама рафтанд.*

*... Гаштем дар ин дайру гулистону чаманҳо,*
*Дидем, шукуфтаст садбаргу суманҳо.*
*Шаккарлабу ширинсухану пистадаҳанҳо*
*Андар лаҳади танг бирафтанд зи дунё,*
*Бо ҳасрату андӯҳу ба армон ҳама рафтанд.*

## «ШАШМАҚОМ» АЗ ЛАҲНИ БАРНО ЧУН ОБИ ГАВҲАР МЕЧАКАД

***Илҳом аз барномаи телевизионии «Овози Барно»***

Моҳи март ва июни соли 1993 тавассути телевизиони тоҷик барномаи «Овози Барно» (муаллиф Облобердӣ Шодиев) намоиш дода шуд, ки он ба рӯзгор ва эҷодиёти ҳунарпешаи барҷаста, шашмақомхони беҳамто Барно Исҳоқова бахшида шудааст. Аз ин намоиш мо мухлисони савту сурудҳои шӯрангези ӯ хеле шод гардидем. Сароянда бо хондани ҳар сурудаш дили ҳар яки мо шунавандагонашро ба ҷӯш овард. Бо ин сурудҳои худ Барно Исҳоқова дар он рӯзҳои нисбатан нооромии ҷумҳурӣ, ки хушбахтона рӯ ба эътидол омадааст, ба мо мухлисонаш рӯҳи тоза бахшид.

«Шашмақом» сарвати бузурги маънавии халқи мост, ки аз қаъри асрҳо реша меронад. Эҷодкунандагону сарояндагон ва мураттабсозандагони он шахсоне буданд, ки бо ин санъати худ дар таърих ҷой гирифтанд. Онро хунёгарон, хуллас тамоми мардуми қадршинос чун гавҳари чашм азиз дошта, аз ҳаводиси хунину фоҷиавии асрҳо гузаронида, то ба мо расонидаанд. Мо бояд, ки мероси бузургро муҳофизат кунем, дар байни халқ ҳарчӣ бештар ташвиқу тарғиб намоем. Дар ин кор телевизиони тоҷик иқдоми некро пеш гирифта, ин санъати бои мусиқавии моро дар шахси Барно Исҳоқова тарғиб кард. Зеро одамоне ҳастанд, ки «Шашмақом»-ро дарк намекунанд. Барандаи намоиш Муҳаммадҷони Шодӣ дар оғози суханрониаш қайд кард, ки Барнои ҷавон ҳанӯз солҳои 40-50-ум аз устодони машҳури шашмақомхон ба монанди М.Толмасов, Ю. Раҷабӣ, Б.Файзуллоев, Ш.Соҳибов, Ф.Шаҳобов ва махсусан Нериё Аминов нозукиҳои «Шашмақом»-ро омӯхта онро ба пояҳои баланд расонид.

Як хусусияти хоси барномаи мазкур дар он аст, ки оиди сирру асрор, сеҳр ва нозукиҳои санъати Барно-апа донандагони хуби санъат — ҳофизони номӣ Маъруфхоҷа Баҳодуров, Ҷӯрабек Муродов, Ҷӯрабек Набиев, Атохон Сайфуллоев, Абдуқодир Маниёзов ва дигарон фикру ақидаҳои хешро баён намуданд.

Барандаи намоиш аз мактуби нависандаи номӣ, шодравон Фазлиддин Муҳаммадиев ба унвони Барно Исҳоқова, бо номи «Ман Шуморо дӯст медорам» порчаеро қироат кард. Ин мактуби таърихии нависанда, ки 8 марти соли 1982 дар рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон» чоп шуда буд, дар китобхонаи ман низ маҳфуз аст. Ҳамоно баъди намоиш онро гирифта хондам. Ва дар ҳақиқат симои Барно Исҳоқоваро нависанда дар ин мактуби худ барҷаста нишон додааст:

«...Мо хондани шеърҳои Хофизро аз мактаб оғоз кардем ва ҳамаи солҳои дигар идома додаем. Вале латофати ғазалҳои машҳури бузургтарин шоири худро, пас аз шунидан дар адои Шумо пурратар, амиқтар дарк кардаем. Фаҳмидаем, ки дар ифодаи ишқ ин зоти муаззам чи андоза бузургу мӯҳташам аст, дар изҳори садоқат, дар умқи муҳаббат чӣ навъ ба дараҷаи ғайримуқаррарӣ, ба сатҳи болотарини тасаввурнопазир расидааст!».

Барно Исҳоқова аксар ғазалҳои Ҳофизро мехонад, ки ашъори дилошӯб ва шӯрангези ӯ дар байни мардум маҳбубияти зиёде дорад. Бесабаб нест, ки дар Машриқзамин фол диданӣ шаванд, аз рӯи девони Ҳофиз мебинанд. Мегӯянд, ки шаш нафар аз духтарони маҳлиқои Шероз ба зиёрати оромгоҳи Ҳофиз мераванд. Он шаш нафар духтари шерозӣ, ки яке аз дигаре зебою хушадо буданд, ба оромгоҳ наздик мешаванд ва ҳар яке аз онҳо «Агар Ҳофиз ҳаёт мебуд, кадоме аз маро интихоб мекард», — гӯён худашонро аз рӯи девони Ҳофиз мебинанд. Дар фолномаи онҳо ин мисраъҳо сабт шуда буданд:

*Ман дӯстдори рӯи хушу мӯи дилкашам,*
*Мадҳуши чашми масту маи софи беғашам.*
*Шаҳрест пуркарашмаву хубон зи шаш ҷиҳат,*
*Чизе наяст, варна харидори ҳар шашам.*

Маҳз ҳамин ғазалро Барно Исҳоқова бо як маҳорати баланд хонд. Гӯё вақти сурудани ин ғазали Ҳофиз шаҳри қадимаи Шероз, гулгашти Рукнобод, он духтарони зебосанами Шероз, ки фоли нек насибашон шуду касеро Ҳофиз наранҷонд, ба чашм падид меоянд.

Дар барномаи ҳунарии Барно Исҳоқова таронаи «Савти гиря» бар матни Ҳофиз мавқеи шоистае дорад. Ин сурудро дар ибтидои аср устоди номии шашмақомхон Домулло Ҳалим Ибодов бо ифодаҳои тозаи овозӣ аз нав сайқал дода буданд. Ва ин сурудро Б. Исхоқова бо тарзи ба худ хос, вале ба услуби Домулло Ҳалим наздик мехонад, ки шунаванда як олам ҳаловат мебарад:

*Ман тарки ишқбозию соғар намекунам,*
*Сад бор тавба кардаму дигар намекунам.*
*Боғи биҳишту сояи тубию қасри ҳур,*
*Бо хоки кӯи дӯст баробар намекунам.*

Ногуфта намонад, ки Барно Исҳокова аз ҳофизи номии хуҷандӣ, шогирди Содирхон — Мақсудҷони Танбӯрӣ (Болтуев) нозукиҳои савту суруди Содирхонро омӯхтааст. Худи Б.Исҳоқова дар яке аз сӯҳбатҳои худ иброз дошт, ки солҳои 1960-1963 мо як зумра ҳофизон аз қабили Боймуҳаммад Ниёзов, Фариза Сайдуллоева, Меҳрӣ Исҳоқбоева, Ҷӯрахон Искандаров, Мақсудҷон Болтуев аз Регар даъват шуда, аз ӯ асрори сурудҳои устодашро омухтаем. Барно Исҳокова ҳамчун устоди шашмақомхон дар тарбия, такомул ва пешравии як зумра ҳофизони номии имрӯзаи мо ба монанди Ҷӯрабек Муродов, Ҷурабек Набиев, Раъно Абдуллоева ва дигарон ҳиссагузор аст,

ки дар барномаи «Овози Барно» чанде аз онҳо инро бо арзи сипос эътироф намуданд.

Ба ман ҳамчун мухлиси ашаддии савту сурудҳои Барно Исҳоқова муяссар шуда буд, ки дар чандин шабнишиниҳо ва тантанаҳо овози ширадор ва нотакрори ӯро бевосита шунавам ва ҳаловат барам. Аммо як лаҳзаро қайд накарда наметавонам. 25 апрели соли 1985 бахшида ба 60-солагии зодрӯзи олими номии соҳаи тиб, профессор Абдумаҷид Пӯлодов дар тарабхонаи «Тоҷикистон»-и Душанбе шабнишинӣ баргузор гардид. То саршавии тантана ва омадани меҳмонон соҳибҷашн аз Барно Исҳоқова хоҳиш кард, ки бо якду суруд табъи ҳозиронро шод кунанд. Барно-апа ҳамоно таклифи эшонро пазируфта чанде суруд хонданд. Баъди он ки ҳама омаданд, таклиф шуд, ки тантанаро, ҳамчун пири солхӯрда, омӯзгори кӯҳансол падарам Абдуғаффор Ҳасанов, ки дар тарбияи соҳибҷашн, тағоям Абдумаҷид Пӯлодов саҳми калон доштанд, кушоянд. Шодравон падарам аз ин таклифи ғайричашмдошт каме ба андеша рафта, баъд баландгӯякро ба даст гирифта гуфтанд:

— Сухан гуфтан ба ман — пири 83-сола баъди шунидани суруди Барно, ки маро тамоман маст кард, душвор аст. Ман дар вақташ сурудҳои Содирхон, Мулло Туйчӣ, Ҳоҷӣ Абдулазизи Самарқандиро гӯш карда будам. Аммо имрӯз сурудҳои Барноро гӯш намуда симои он бузургони шашмақомхон ба ёд омад ва дар симои Барнохон чунии ҳофиз баромад, ки мақоми онҳоро ба қуллаи баланд баровард. Аммо суруди Барно ба мани пири хастадил кувваи нав, қувваи ҷавонӣ, қувваи илоҳӣ бахшид, ки ман сухан гуям.

Барно Исҳокова ҳамоно ба ин суханони падарам арзи сипосгузорӣ кард. Ҷӯрабек Муродов ҳамоно омада дасти падарамро фишурда гуфт: «Ин баҳои Шумо, баҳои халқ нисбати тамоми санъаткорон аст».

Барандаи намоиш Муҳаммадҷони Шодӣ дар хотимаи барнома чанд байте аз ғазали Сайидо қироат карда гуфт, ки беҳтарин суруди Барно-апа маҳз ҳамин суруд аст, ки бо он хотима медиҳем:

*Ин чӣ рангу рухсор аст? Гулшани ҷамол аст ин,*
*Ин чӣ қадду рафтор аст? Ғояти камол аст ин.*
*Пеши рӯи тобонат ҷилваи таҷаллӣ чист?*
*Офтобу моҳ аст он, партави ҳилол аст ин.*
*Аз замин чӣ меҷӯйӣ? В-аз фалак чӣ мехоҳӣ?*
*Гунбади тилисм аст он, чодари хаёл аст ин.*

Аз барномаи «Овози Барно» мо хеле ҳаловат бурдем ва ҳам дар баъзе лаҳзаҳо ба андеша омадем. Дар оғози намоиш баранда қайд кард, ки бо амри дил Барно Исҳоқова, алҳол ба сарзамини аҷдодӣ ва авлодии хеш кишвари Исроил ҳиҷрат кардааст, Мутаассифона, дар бораи чунин сарояндаи хушхони шашмақом ягон филми алоҳидае ба навор гирифта нашудааст. Оре, мо дарбораи бисёре аз бузургони худ — ходимони илму фарҳанг, оиди кору рӯзгори онҳо чизе ба навор нагирифтаем. Аз ин рӯ, мо бояд андеша ронем ва ба хулоса оем. Дар айни вақт дар шаҳри мо чор тан ҳофизони номии халқ, санъаткорони нотакрор, ки ҳар яке сабк ва услуби хоси худро дорад, ба

монанди Маъруфхоҷа Баҳодуров, Боймуҳаммад Ниёзов, Ҷӯрабек Муродов ва Ҷӯрабек Набиев кор ва зиндагӣ мекунанд. Месазад, ки дар бораи мактаби ин устодон, таҷрибаи ин устодон, санъати ба худ хоси онҳо филмҳо ба навор гирифта шавад.

Хулоса, ҳаводорони санъати Барно Исҳокова ду маротиба аз оинаи нилгун барномаи «Овози Барно»-ро тамошо карда, нисбати эҷодкорони ин намоиш арзи садоқат карданд. Он шабҳо ман суруди Барно-апаро гӯш мекардаму ҳамин шеърҳои ба ин ҳофиз бахшидаи шоири афғонистонӣ Муҳаммад Амин Матини Андхӯй ба забонам меомад:

*Шодам имшаб ҳарфи дил аз лаб муаттар мечакад,*
*К-аз ҳадиси савти Барно нофаи тар мечакад.*
*Нозам оҳанги баландашро, Матин аз сидқи дил,*
*Шашмақом аз лаҳни ӯ чун оби гавҳар мечакад.*

## АХТАРИ САНЪАТИ ТОҶИК
### *Ёде аз шодравон Маҳмудҷон Воҳидов*

Устодони бузурги санъати тоҷик, Артистони халқии ИҶШС Тӯҳфа Фозилова ва Аслӣ Бурҳонов дар рӯзҳои мотами Маҳмудҷон Воҳидов навишта буданд: «Ҷавонмарди хушдил ва дар мақоми худ беназир, шахси дар олами ҳунар соҳибкамол бемаҳал аз байн гузашт. Ӯ ба сони барқе дар синаи осмонҳо дурахшид ва чун шӯълаи равшан дар дидаю дилҳо ҳамеша боқӣ монд».

Бале, ӯ дар дидаю дилҳо боқӣ монд. Ва гар зинда мебуд, имрӯз 60-сола мешуд.

7 ноябри соли 1977 айёми парвози рангорангу зебо марги беамон яке аз ҳунармандони нотакрор — Артисти халқии Тоҷикистон Маҳмудҷон Воҳидовро аз миёни мо рабуд.

Моҳи апрели соли 1977 ҳини бозгашт аз Маккаи мукаррама се рӯз дар шаҳри Бағдод мондам. Он рӯзҳо пеши назар танҳо симои ҳунарпешаи бароям азиз, нақшҳои бозидаи вай падид меомаданд. Ва сӯгвории Лоиқ аз қаъри солҳо гузашта, пеши гӯшҳоям ба ҷаранг даромад:

*Дӯстам, дӯсти ҷавонмаргам,*
*Баҳри чӣ, баҳри кӣ, чаро мурдӣ?*
*Ман аминам, чу зодаи кӯҳсор,*
*Ҳар чӣ ҳам буд, баҳри мо мурдӣ.*
*Дӯстам, дӯсти ҷавонмаргам,*
*Будӣ ҳамсоламу ҳамовардам.*
*Як ту танҳо намурдӣ дар Багдод*
*Бо ту ман низ гӯиё мурдам.*

Он рӯзҳо дар пеши мо, дар гӯши мо бузургӣ, истеъдод зуҳур меёфту овози хуши ӯ садо медод.

Суханони моҳи августи соли 1989 дар рӯзҳои 50-солагии зодрӯзи Маҳмудҷон Воҳидов гуфтаи олима Наима Қаҳҳорова ба ёд омад, ки як рӯз пеш аз сафари Бағдод ба ӯ нақл кардааст: «Ин сафар сафари охирини ӯ ба хориҷа аст. Минбаъд ӯ кӯшиш менамояд, ки бисёртар вақти худро дар театр гузаронад». Зеро ӯ орзуи зиёд дошт, вале сад афсӯс, ки умр вафо накард ва то кунун дигар касе ҷои ӯро гирифта наметавонад.

Дар шабнишинии «Ёде аз Маҳмуд» Марям Исоева, ки якҷоя бо Маҳмудҷон Воҳидов дар Маскав солҳои 50-ум таҳсил кардааст, ҳаққи гапро гуфта буд: «Ҷои ӯ дар театр холист, чунки санъати Маҳмудҷон ҷозибаноку беҳамто буд».

Нависандаи машҳури олам Чингиз Айтматов, ки мухлиси ашадии санъати Маҳмудҷон Воҳидов буд, дар рӯзҳои маданияти Тоҷикистон дар Қирғизистон гуфтааст: «Тоҷикон бояд фахр кунанд, ки на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми Осиёи Миёна ба мисли Маҳмудҷон Воҳидов санъаткор доранд».

Мегӯянд, ки эҳтиром ба зиндагон аз ёдовар шудани мурдагон оғоз меёбад.

Ёдбуди гузаштагон яке аз суннат, раванд ва одатҳои анъанавии аҷдоди мо аст. Махсусан аз Маҳмудҷон Воҳидов барин санъаткори боистеъдод, ки дар айни камолот аз байни мо рафт, ёдовар шудан бароямон ҳам фарзу ҳам қарз аст.

Бегоҳии 15 ноябри соли 1999 тавассути телевизиони Ленинобод қарори Раиси вилоят Қосимҷон Қосимовро оид ба таҷлили 60-солагии зодрӯзи Маҳмудҷон Воҳидов шунида, ҳам шоду ҳам ғамгин шудам. Шодиям он буд, ки бо ташаббуси сарвари вилоятамон эҷодкори нотакрорро ёд мекунем. Ғамгиниам аз он, ки чунин санъаткор дар айни авҷи камол, дар синни 38-солагӣ аз байни мо рафту имрӯз 60-солагии зодрӯзашро бе ӯ қайд менамоем.

Он бегоҳ бо як илҳом санаду ҳуҷҷат ва маводҳои доир ба Маҳмудҷон Воҳидов вуҷуд доштаро варақгардон карда, бори дигар ба эҷоди волою баландпарвозаш шинос шудам. Фаҳмидам, ки нахустин ҳунарнамоии Маҳмудҷони 18-сола дар толори консертии ба номи Чайковскии Москва, моҳи апрели соли 1957 ба вуқӯъ пайвастааст. Ӯ шеъри «Мамлакати тиллоӣ»-и Мирзо Турсунзодаро хонда, ҳамаро ба ҳайрат оварда будааст:

*Ман намедонам чӣ сон тасвир созам бо сухан,*
*Рангу бӯи беназири дилкашатро, эй Ватан?!*
*Гар чаман гӯям, надорад қиммататро сад чаман,*
*Ростӣ, гаштӣ биҳишти бемисоли марду зан.*

Баъди ҳамин ҳунарнамоӣ дар Маскав ба Маҳмудҷон роҳхат доданд ва аз роҳбарият хоҳиш карданд, ки якбора ба курси дуюми шӯъбаи актёрии студияи тоҷикии Инстиути давлатии театри ба номи Луначарский қабул намоянд.

Дар ин хусус Дилбар Абдушукурова ёдоварӣ мекунад:

«Аввалин бор Маҳмудҷонро дар толори консертии ба номи Чайковскии Москва соли 1957 дидаам. Дар саҳнаи бузург, бачаи миёнақаде, ки ҷомаи

беқасаб, тоқии чоргул пӯшида буд, пайдо шуду хоксорона, балки шармгинона табассум карда, ба шеърхонӣ даромад. Овози ширадораш, шавқу завқи бепоёнаш моро ба хурӯш оварда, моту мабҳут карда буд. Ва рӯзе, ки ӯ дар гурӯҳи мо пайдо шуд, ҳам ҳайрату ҳам хурсандиамро интиҳое набуд...»

Ман ҳунарнамоиҳои Маҳмудҷон Воҳидовро даҳҳо маротиба дар саҳнаҳои Хуҷанд, Душанбе, Маскав дида будам. Образҳои Ромео дар намоишномаи «Ромео ва Ҷулетта», Митя дар намоиши «Камбағалӣ айб нест». Бежан дар «Бежан ва Манижа», Хизирхон дар «Фарёди ишқ», Пешков дар «Алломаи Адҳам ва дигарон», ки ба фонди тилоии санъати театрии тоҷик дохил гардидаанд, аз образҳои беҳтарини офаридаи Маҳмудҷон Воҳидов ҳастанд. Аммо ман чун мухлиси ҳунари ӯ танҳо ду лаҳзаро ин ҷо ёдрас карданиам.

Моҳи октябри соли 1974 модари мушфиқам ба дидорбинии ду писари худ ба Маскав омаданд. Ман чун аспирант ва бародарам чун докторант таҳсили илм мекардем. Ҳамон вақт дар Маскав бахшида ба 50-солагии Тоҷикистон рӯзҳои Тоҷикистон мегузашт. Дар консерти устодони санъати Тоҷикистон, ки дар толори Қасри сутундори Маскав 11 октябри соли 1974 мегузашт, се даъватнома пайдо намудем. Консерти идона бо хондани шеъри Мирзо Турсунзода «Савганд» аз ҷониби Маҳмудҷон Воҳидов бо забони тоҷикӣ ва русӣ оғоз ёфт ва сипас барандагиро худи ӯ ба дараҷаи баланд анҷом дод.

Он бегоҳ Маҳмудҷон Воҳидов порчаеро аз намоишномаи «Театри як актёр» таҳти унвони «Гуфтугӯ бо худ» хонда, аҳли толорро ба по хезонд. Дар қафои мо коргардухтарони заводи дуюми соатбарори Маскав нишаста буданд ва мепурсиданд, ки «оё вай тоҷики асил аст?» Бинед-а, ба забони русӣ чун бо забони модариаш ҳарф мезанад. Офарин!

Дар ҳақиқат моно-спектакли шоирона офаридаи вай «Гуфтугӯ бо худ» намунаи беҳтарини ҳунари таҳиягарии Маҳмудҷон Воҳидов маҳсуб мешавад. Санъаткор дар асоси рубоиёти пурҷозиба, пурмазмун ва сеҳрангези Умари Хайём намоиши хеле аҷоиби замонавӣ офарид ва бо ин кори шоистаи худ он рӯз ҳусни саҳнаи овозадори толори сутундори Хонаи иттифоқро афзуд. Москвагиҳо ба меҳнати пурмашаққат, вале дилпазираш баҳои баланд доданд ва гулборонаш карданд.

Модари санъатдӯсти ман низ гулдастаро ба ӯ тақдим намуда, аз пешониаш модарвор бӯсиданд ва дуои некаш карданд.

15 декабри соли 1976 Театри давлатии академии драмавии Тоҷикистон ба номи Лоҳутии шаҳри Душанбе нахустнамоиши асари Сотим Улуғзода «Алломаи Адҳам ва дигарон»-ро бахшида ба 150-солагии зодрӯзи маорифпарвари бузурги мо Аҳмади Дониш ба саҳна гузошт. Ин аввалин асари калоне буд, ки Маҳмудҷон Воҳидов чун таҳиягар ба намоиш мебаровард ва дар нақши як зиёии пешқадами рус амал дошт. Ин намоиш он бегоҳ аз тарафи тамошобинон баҳои баланд гирифт. Дар охири намоиш ҳама аз ҷой хеста, ба таҳиягар Маҳмудҷон Воҳидов аҳсану офаринҳо хонданд: Дӯстони азиз, ин натиҷаи заҳмати муаллифи асар устод Улуғзода аст» — гуфт ва рӯ ба нависанда овард.

Ҳама талаб мекарданд, ки ҳамроҳи таҳиягар Маҳмудҷон Воҳидов ва иҷрокунандаи накши Аҳмади Дониш Ато Муҳаммадҷонов, муаллифи драма Сотим Улуғзода ҳам ба саҳна бароянд, Маҳмудҷон Воҳидов ҳам ба назди Сотим Улуғзода омада, аз дасташон гирифта гуфт: «Шумо нависандаи забардасти мо, мардум ба дидоратон пазмон шудаанд».

Пасон, академик Муҳаммадҷон Шукуров ва мунаққиди шинохта Соҳиб Табаров устодро ба саҳна бароварданд. Вақто, ки дар саҳна устод Сотим Улуғзода намоён шуданд, қарсак ба авҷи баланди ғулғуланок расид. Ҳама бо як овоз «Дуруд ба Улуғзода», «Дуруд ба Маҳмудҷон Воҳидов!» мегуфтанд.

Бо дархости шахсии Маҳмудҷон Воҳидов устод Сотим Улуғзода «Ҳамлет»-ро тарҷума карданд. Ин санъаткори пурҳунар дер боз орзуи бозӣ кардани Ҳамлетро дар саҳнаи тоҷик дошт, лекин ба бадбахтии мо Маҳмудҷон Воҳидов ба ин орзуи худ нарасид.

Сарвари фарҳангдӯст ва бохиради ҷумҳури мӯҳтарам Э.Ш.Раҳмонов дар чандин суханронӣ ва гуфторҳои хеш саҳми симои санъати тоҷикро дар инкишофу мақоми фарҳанги тоҷик қайд кардааст. Шукри бепоён, ки бо шарафи 60-солагии зодрӯзи Маҳмудҷон Воҳидов рӯзҳои 1-2 декабри соли 1999 иди фарҳанг барпо мешавад ва ин дарак аз ёди неки ӯст.

## СИТОРАИ САҲНА

### *Бахшида ба 60-солагии Малика Собирова*

Моҳҳои феврал-июни соли 1973 ман бо мақсади ҷамъ намудани маводҳои илмӣ дар Маскав кор мекардам. Мавзӯи рисолаи номзадии ман ба таърихи матбуоти тоҷик бахшида шуда буд ва аз ин лиҳоз аз устод, яке аз поягузорони матбуоти даврии тоҷик, академик Бобоҷон Ғафуров ҳар замон маслиҳат мегирифтам. Устод, одатан, моён, толибилмону меҳмонони тоҷикистониро баъди соати 18, яъне пас аз анҷоми кор қабул мекарданд.

Рузи 17 апрели соли 1973, баъди додани чанд маслиҳатҳои муфид устод гуфтанд, ки «шумоён аспирантони дар Маскав будаи тоҷик оё хабар доред, ки 23 апрел дар толори консертии ба номи Чайковский шаби эҷодии Малика Собирова мешавад. Ман пагоҳ ба Душанбе рафта истодаам, хоҳиши ман аст, ки ба ин намоиш равед. Сонияи, ба мухлисон назар кунед, ки баромади ситораи балети моро чӣ тавр пазироӣ мекунанд».

Пагоҳии рӯзи дигар ман дархости устод Б.Ғафуровро ба чанд нафар аспирантони тоҷик, мисли Қурбон Бобоев (ҷояш ҷаннат бод, минбаъд ӯ устоди Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон буд), Қурбон Расулов — ҳоло сарвари Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ.Ҷӯраев, Мурод Ғозиев аз Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ва дигарон расонидам.

Худам дар ҷустуҷӯи билет шудам; мутаассифона, дарёфт карда натавонистам. Билетҳоро кайҳо фурӯхта буданд. Он рӯзҳо шунавандаи Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии КМ КПСС Ҷӯра Латифов (алҳол доктори илми таърих, профессор) низ мисли ман билет меҷуст. Хушбахтона, рӯзи намоиш ду соат пеш аз оғози он билет дастрас намудем ва бо рӯҳи баланд он шаби эҷодии балеринаи шӯҳратманди тоҷикро тамошо кардем.

Ман баъдтар сабаби ба комёбиҳои ситораи балети тоҷик Малика Собирова таваҷҷӯҳ доштани Бобоҷон Ғафуровро дарк намудам. Аз рӯи хотираи профессор Абдулмаҷид Мӯсоевич Пӯлодов «Академик Ғафуров — ифтихори миллат, чароғи дониш» маълум шуд, ки ҳанӯз ибтидои солҳои 50-ум бо ташаббуси Б.Ғафуров, ки дар маснади котиби аввали КМ ҲК Тоҷикистон буданд, озмуни беҳтарин раққосони хурдсол гузаронида шуда буд. Аз байни онҳо ғолибонро ба омӯзишгоҳи академӣ-хореографии Ленинград (Санкт-Петербурги имрӯза) ба номи А.Я.Ваганова фиристониданд.

Соли 1952 Маликаи даҳсола низ ба он ҷо роҳхат гирифта будааст.

Малика Собирова ғамхориҳои Бобоҷон Ғафуровро ҷиҳати дастгирии моддию маънавӣ ва омӯзгорони бузурги худро мисли Галина Уланова фаромӯш намекард. Вай ба туфайли маҳорати баланд, рақсҳои ҷаззоб, ба василаи ҳарҷониба дарк намудани олами ботинии қаҳрамононаш дар радифи беҳтарин балеринаҳои ҷаҳон ҷой гирифт. Б.Ғафуров аз ҳар як муваффақиятҳои ӯ мефахриданду меболиданд. Аз он шоду мамнун буданд, ки хунарпешаи тоҷик Малика Собирова соли 1964 Лауреати озмуни байналхалқии артистони балет дар Булғория гардид. Аз байни иштирокчиёни озмун, ки аз бисёр мамлакатҳои ҷаҳон омада буданд, Маликаи тоҷик бо иҷрои нақшҳои Сари ва Ленни бо Музаффар Бурҳонов ҷои дуюмро гирифта, ба ҷоизаи байналхалқии Варна ва медали нуқра соҳиб шуданд.

Устод Б.Ғафуров аз комёбии Малика Собирова дар озмуни байналхалқии Маскав соли 1969 ва дигар муваффақиятҳояш мамнун мешуданд. Аз он шод шуда буданд, ки дар озмуни Маскав миёни яксаду ёздаҳ нафар иштирокчӣ Малика дастболо гардид. Вай дар ин озмун бо шарикаш аз Ереван Виленом Галстян ғолиб омада, сазовори ҷои якум ва нишони тилло шуд. Маҳз баъди ҳамин муваффақияти волояти устоди саҳнаи балети ҷаҳон Галина Уланова ба Малика таваҷҷуҳи хосае зоҳир карда, ба шогирдӣ пазируфт ва минбаъд ӯро бо гурӯҳи ҳунарии Театри калони СССР ба Англия, Ирландия, Ҳиндустон, Бирма, Япония ва дигар давлатҳо ба сафар мебурд.

Бобоҷон Ғафуров аз он сарфароз буданд, ки шаби эҷодии Малика Собироваро, ки шаби 23 апрели соли 1973 баргузор гашт, устоди беҳамтои балети ҷаҳонӣ, ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Галина Уланова тайёр карда буд. Ман он бегоҳии шаби эҷодии М.Собирова тамоми рафти намоишро ба рӯзномаи хеш сабт карда будам. Имрӯз он чун маводи таърихӣ-фарҳангӣ бароям азиз аст. Он ҷо аз ҷумла навиштаам, ки «Малика Собирова борҳо дар зери гулдастаборон монда буд. Мардум аз толор истода, ба шарафи Малика бо нидоҳои «Маликаи саҳна», «Ситораи саҳна», «Гули саҳна», «Бахти саҳна», «Шӯҳрати саҳна» арзи миннатдорию сипоси худро иброз медоштанд».

Он шаб Малика Собирова нақшҳои гуногунро аз «Кӯли қувон», «Шелкунчик», «Дон-Кихот», «Жизел» иҷро карда, ҳозиронро бо санъати ҷозибанокаш мафтуну қоил кард. Дар назди ман меҳмонон аз Венгрия менишастанд ва фаҳмиданд, ки ман аз Тоҷикистонаму Малика ҳамдиёри ман аст, баъди ҳар як комёбиҳои ба дастовардааш маро низ табрик мекарданд. Ин бароям як воқеаи фараҳбахшу нотакрор буд. Зану шавҳари венгерӣ ба

ман гуфтанд, ки онҳо махсус барои дидани санъати Малика Собирова аз Будапешт омадаанд. Оре, ӯро ҷаҳониён медонистанд ва қадр мекарданд.

Он шаб ҳаракатҳои Малика бо олами ботинии қаҳрамононаш пайванди аҷибе дошт, пайванди ногусастанӣ. Масалан, хусусияти хоси Одета — Одилияро аз «Кӯли қувон» Малика Собирова на танҳо тавассути печутоби пайкар ва ҳаракатҳои болмонанди қу ноил гашт, инчунин дар ин нақш ӯ тазоди рӯҳӣ ва пластикӣ, инъикоси фиғон ва кӯшиши аз банди ҷоду озод шудани эҳсосоти гарми инсониро нишон дод.

Малика Собирова ва мо — тоҷикистониён аз он фахр доштем, ки яке аз машҳуртарин ҳунармандони балети асри бист Галина Уланова устоди ӯст. Вай солҳои сол ба камолоти эҷодии Малика аҳамияти махсус дода аз комёбиҳояш шод мегардид. Ӯ роҷеъ ба ҳунари шогирди беҳамтояш гуфта буд: «Малика пеш аз ҳама бо қобилиятнокии фавқулоддааш фарқ мекунад. Дар вай ман кушишҳои бисёр донистан, эҳсос кардани нозукиҳои мушкилтарини санъати балет ва таҷассум намудани онро дӯст медорам. Худафрӯзии ӯ ба ҳар нақши офаридааш, ба ҳар барномаи консертиаш сазовори эҳтиром аст. Бешубҳа, Малика фарди бениҳоят соҳибистеъдод мебошад. Ҳамчун балерина вай олимақом аст. Сол аз сол Малика маҳораташро такомул медиҳад ва ӯ дар байни шогирдонам ягонаву нотакрор аст».

Таваҷҷӯҳи Галина Уланова нисбати ҳунари Малика аз соли 1961 зиёд гардид. Моҳи сентябри соли 1961 консерти ҳисоботии тамомкунандагони омӯзишгоҳи академии рақсии ба номи А.Я.Вагановаи Ленинград баргузор гардид. Маҳорати баланд, назокату самимият ва маҳорати расои раққоса зуд маълум шуд. Он рӯз ҳисоботи эҷодии Малика бо таҷассуми чеҳраи дилрабои Аврора, аз балети Чайковский «Нозанини хуфта» оғоз ёфт.

Галина Уланова аз он устодони бузургу ғамхор буд, ки ба қадри Малика барин соҳибистеъдодҳо мерасид. Маҳз Г.С.Уланова истеъдоди Малика Собирова ва Музаффар Бурҳоновро пеш аз конкурси умумиҷаҳонии рақси балет дар шаҳри Варнаи Булғория дарк намуда, онҳоро барои иштирок дар озмун тавсия дода буд. Ҳамин фотеҳаи неки устодаш буд, ки минбаъд Малика паи ҳам ба комёбиҳои баланди санъати рақс ноил гардид. Ва аз ҳама муҳимаш ба баҳои баланди устоди беҳамтояш Галина Сергеевна мушарраф шуд. Баъдтар вай дар бораи Малика бо як сарфарози навишта буд: «Малика на танҳо инсони соҳибистеъдод, нафис, мусиқитабъ, балки рӯҳан ва фикран ғанист.

...Истеъдоди ҳаматарафаи ӯ барномаи васеъро талаб менамояд. Мефаҳмам, ки ҳатто беҳтарин саҳна метавонад бо ӯ фахр кунад. Аммо аз он ки вай ситораи балети тоҷик аст, дучандон фахр мекунам».

Дар бораи санъаташ дар ҳақиқат бисёр бузургони аҳли илму фарҳанг навиштаанду ӯро васф кардаанд. Ҳоло дар бойгонии шахсиам барои Малика Собирова гӯшаи махсус ҷудо кардаам, он ҷо беш аз 120 ҳуҷҷату мавод ва китобҳои доир ба нобиғаи санъати балети олам гирд оварда шудаанд. Холо месазад, ки аз он гуфтаҳои ходимони машҳури фарҳангиву ҷамъиятӣ чанд иқтибосе оварам.

Музаффар Бурҳонов — барандаи озмунҳои байналхалқии балет ва Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ:

«Дар саҳнаи тоҷик пайдо шудани ситораи балет — Артисткаи халқии СССР Малика Собирова тасодуфӣ набуд. Ӯ аз педагогҳо ва балеринаҳои машҳури шӯравӣ ба монанди Г.С.Уланова, А.М.Миссерер, А.Г.Конюс, М.Т.Семёнова дарс омӯхта маҳораташро пайваста сайқал дода ба дараҷае расид, ки ӯро ҷаҳон шинохт» («Адабиёт ва санъат», 1986, 2 октябр).

В.Тадеев — Артисти халқии Русия, солисти балети Театри академии мусиқии ба номи Станиславский ва Немирович-Данченкои шаҳри Москва:

«Малика Собирова на танҳо ситораи балети тоҷик, балки ифтихори ҳамаи мо буд ва ҳаст!» («Адабиёт ва санъат», 1985, 18 июл).

Галия Измайлова — Артисткаи халқии СССР:

«Малика раққосаи модарзод буд ва офаридгор ин духтари тоҷикро маҳз барои рақс офарида. Малика дар таърихи ҳунари балети тоҷик ҳамчун олиҳа буд». («Тоҷикистони Шӯравӣ», 1991, 2.1 май).

Шарифҷон Ҳусайнзода, адабиётшиноси номӣ:

«Асли сирри саиъати Малика ин буд, ки матлабро бо ҷилваи дасту по ва ҷунбиши андом ба мо фаҳмонда медод. Авҷи ҷилваю ҳаракатҳои ӯ риштаҳое мебошанд, ки ба дилу бадани инсон мепайванданд» («Газетаи муаллимон», 1983, 8 март). Дар мисоли комёбии баланди ба даст овардаи Малика Собирова Б.Ғафуров ба шарқшиноси франсавӣ Венсан Монтей дар мақолаи «Дурӯягии ҷаноби Венсан Монтей» ҷавоб дода буданд. Ӯ бо бӯҳтонҳо нишон доданӣ мешуд, ки гӯё дар ҷумҳуриҳои миллии Осиёи Миёна санъати замонавӣ дида намешавад.

Б.Ғафуров дар мақолаи худ, ки он дар маҷаллаи «Огонёк» дарҷ шуда буд, дар ҷавоб чунин гуфтанд: «Дар айни ҳол санъат хусусияти миллии худро нигоҳ дошта, берун аз ҳудуди ину он ҷумҳурӣ ҳам паҳн мешавад. Санъат аҳамияти умумииттифоқӣ пайдо мекунад, қисми санъати умумииттифоқӣ мегардад. Аз ин рӯ баромади Малика Собирова, Ҳанифа Мавлонова, Куляш Байсеитова ва Эрмак Саркибаев, Тамарахонум ва Соро Эшонтӯраева, Ҳалима Носирова ва Галия Измайлова, Аброр Ҳидоятов ва дигарон дар саҳнаи Театри калон ва театрҳои дигари Москва ва Ленинград — барои қадрдонони санъат ҳама вақт иди фараҳбахш аст».

Дарвоқеъ, Малика Собирова ифтихору сарбаландии санъати хореографии тоҷик дар қарни бист буд. Ба гуфти Артисти халқии СССР Ғаффор Валаматзода: «Санъати ӯ дурахшон ва гарму ҷӯшон буд чун қуллаҳои кӯҳҳои осмонхароши мо. Санъати ӯ барои мо хотираҳои амиқ гузошт ва дар равнақ ва гулгулшукуфии санъати хореографии Тоҷикистон намунаи ибрат хоҳад буд».

Ман дар дафни ситораи балети тоҷик Малика Собирова, ки 1 марти соли 1982 ба вуқӯъ омада буд, иштирок намуда, он бегоҳ лаҳзаҳои бароямон ҳузнангезро бо як алами сӯзон дар рузномаи хеш сабт карда будам. Он ҷо аз ҷумла навиштаам:

— Сад дареғ, ки ситораи балети тоҷик дар айни авҷи камолот ҳаётро падруд гуфт. Ӯ барои мо намунаи дурахшони муҳаббати бепоён ва садоқат нисбат ба санъат буд.

Он рӯз дуюм маротиба дидани яке аз бузургтарин ситораҳои балети ҷаҳонӣ Галина Уланова насиб шуд. Бори аввал дида будам, ки 23 апрели соли 1973 дар шаби эҷодии Малика Собирова, дар толори машҳури Чайковский аз ҳар як муваффақияти шогирдаш ашки шодӣ мерезонд. Ин дафъа устодашро дар сари тобути шогирд дидам, ки ашки талху сӯзон, ашки фироқ мерезонд. Артисткаи халқии СССР, барандаи ҷоизаҳои ба номи Ленинӣ ва давлатии СССР, ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, устоди шӯҳратманди мактаби ҷаҳонии балет Галина Сергеевна Уланова, ки Малика шогирди писандидаву нотакрори ӯ буд, махсус барои видоъ аз Маскав омада буд. Вай дар митинги мотам гуфт: «Санъати Малика дар ҳақиқат ба тамоми аҳли ҷаҳон тааллуқ дорад, ҳаёти ӯ бошад, муддатҳои дуру дароз намунаи адои хизмати босидқу вафои Ватан, халқ ва санъат хоҳад шуд».

Он рӯзҳои мотам шоири номӣ Мӯъмин Қаноат таҳти унвони «Қуи сафед» сугвории хешро чунин иброз дошта буд: «Санъати тоҷик талафоти гарон дод. Дар айни авҷи камолоти эҷодӣ Малика моро тарк намуд. Ӯ ҳиссаи зебоӣ, ҳиссаи нафосат ва ҳиссаи хурсандии мо низ буд. Ӯ чун қуи сафед ба роҳи дур ва бебозгашт парвозӣ шуд.

...Имрӯзҳо, дар оғози баҳор паррандаҳои мавсимӣ ба зодгоҳи худ бармегарданд. Маликаи мо дигар намеояд. Вале ӯ доимо бо мост. Зеро ӯ дар дилҳои мо лона дорад. Ӯ дар дили мо ва дар дилҳои шумост.

*Нарав, қуи сафеди ман!*
*Навоҳо об мегардад.*
*Ба рӯи саҳна мерезад,*
*Садо аз мавҷҳои реза мехезад.*
*Ба нармӣ қуи зебое*
*Ба рӯи мавҷ обӣ шуд,*
*Ба пояш зарраҳо ҳавзи гулобӣ шуд.*
*...Нарав, қуи сафеди ман,*
*Макун афсонаам вайрон.*
*Ки ширин аст ин афсонаат, ҷонон!*
*Нарав, ҷонам, ки васли мо*
*Дар ин афсона мемонад.*
*Зи ман баъди ту оташхона,*
*оташхона мемонад!»*

## ШАҲСУТУНИ БИНОИ ҲУНАР

***Ба муносибати 50-солагии ҳофизи номӣ Ҷӯрабек Муродов***

Наздики сӣ сол аст, ки устоди саҳнаи тоҷик Ҷӯрабек Муродов ҳунарнамоӣ мекунад. Сӣ баҳори умр. Тӯли ин солҳо ӯ ба рӯи ҳаводорони санъат баҳори дил кушодааст. Дар ин муддат ӯ аз дараҷаи ҳунарпешаи ҳаваскор то ба дараҷаи устоди санъат, ҳофизи эҷодкору навовар, ҳофизи оҳангсоз, ҳофизи сабку услуби худ дошта, ҳофизи мактаби худ дошта, ҳофизи писандидаи халқ расид ва азизу мӯътабари ҳама шуд.

Дар бораи сабку ҳунари ин ҳофизи номдор аз тарафи мухлисони сершумораш муҳаққиқони соҳаи санъат ва рӯзноманигорон бисёр навиштаанд. Ҳоло асарҳои калонҳаҷми тадқиқотӣ дар пеш аст. Қадри зарро заргар медонад ва аз ин ҷост, ки бо таъбире «Ҷӯрабек Муродов шаҳсутуни бинои ҳунари тоҷик аст». Пас аз хусуси шаҳсутуни ҳунари тоҷик Ҷ.Муродов, ки имрӯзҳо 50-сола мешавад, ҳамчун мухлиси волои ӯ ҳарф задан фарз аст.

Дар як рисолаи доир ба суратгирии бостонии ниёгон (асри III-IV) муколамаи зерин оварда шудааст:

Ҳоким: — Фуруд о, ба дараҷаи ман ва биёмӯз ба ман тарошидани пайкараҳоро.

Донишманд: — Касе, ки қонунҳои суратгарӣ ба вай бегона аст, ҳеҷ гоҳ қонунҳои пайкарасозиро азбар наметавонад кард.

Ҳоким: — Ин тавр бошад, корам фармо ва ба ман қонунҳои суратгариро биомӯз.

Донишманд: — Фаҳмидани қонунҳои суратгарӣ душвор аст бе донистани илми рақс.

Ҳоким: — Лутфан ба ман санъати рақс биёмӯз.

Донишманд: — Қонунҳои рақсро бе донистани мусиқии созӣ фаҳмидан номумкин аст.

Ҳоким: — Илтимос мекунам, ба ман қонунҳои мусиқии созиро биёмӯз.

Донишманд: — Қонунҳои мусиқии созӣ — барои касе, ки ба ӯ санъати овозхонӣ бегона аст, фаҳмо нест.

Ҳоким: — Агар мусиқии овозӣ аввалу анҷоми ҳамаи санъатҳо бошад, ба ман эй донишманд, қонунҳои санъати овозхониро бикушой.

Мақсад аз овардани ин муколамаи таърихӣ дар он аст, ки маҳз Ҷӯрабек Муродов сирру асрор ва қонунҳои санъати овозхониро ба дараҷаи баланд медонанд. Ҳанӯз ҳафт сол қабл аз ин рӯзномаи «Газетаи муаллимон» (имрӯза (Омӯзгор) аз 24 декабри соли 1985 сӯҳбати Ҷӯрабек Муродовро таҳти унвони «Мусиқиро дӯст доред» чоп карда буд. Устод Ҷ.Муродов ҳамчун санъаткори номӣ, ки сабку услуби ба худ хоси зебо дошт, дар ин сӯҳбати хеш масъалаҳои мухталифи мусиқии тоҷикро бардошта буд. Маҳз дар ин сӯҳбати худ Ҷ.Муродов ҳамчун ҷавоб ба дархости он ҳоким қонунҳои санъати овозхониро кушода буд.

Дар сӯҳбат Ҷ.Муродов пеш аз ҳама ба масъалаи маъмултарин жанрҳои мусиқӣ жанри суруд ва мақоми он дар ҳаёти инсон таваққуф намуда буд. Хеле бамаврид қайд кардааст, ки мо бояд аз наврасӣ дар дили наврасон нисбат ба савту суруд шавқу ҳавас ва рағбати онҳоро бедор кунем, зеро ки вай ҳамчун омили асосӣ минбаъд барои солиму боақл ташаккулёбии онҳо таъсир мерасонад. Ҳақ ба ҷониби ҳофиз аст. Олими бузургтарини асри мо Алберт Эйнштейн то синни 9-11 солагӣ аз аксарияти фанҳо нисбатан суст буд ва ҳатто муаллими забони юнонӣ боре ба ӯ гуфтааст, ки аз ту чизе намебарояд. Вале баъди он, ки аз синни 12 солагӣ дар замири Алберти хурдсол нисбат ба сонатаҳои Мотсарт шавқу рағбат пайдо шуд, аз ҳамон вақт хониши ӯ ҳам хеле беҳтар мешавад.

Дигар яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар сӯҳбати худ Ҷ.Муродов сухан рондааст, ин аз хусуси доштани шеъру суруд, ҳофизу шоир, адабиёту санъат буд. Дар ҳақиқат, санъаткори ҳақиқӣ ҳамон вақт дар байни мухлисони худ мавқеъ ва мақоми хоси худро пайдо мекунад, ки беҳтарин шеърҳои классикон ва муосиронро интихоб кунад ва адабиётро хуб донад. Дар ин ҷода худи Ҷ.Муродов дар байни ҳофизон намунаи ибрат аст.

Ӯ анъанаҳои Ҳоҷӣ Абдулазиз, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов, Акашариф Ҷӯраевро идома дода, шеърҳои беҳтарини шоиронро ба оҳангҳои машҳури халқӣ даровварда месарояд. Ба ибораи Ҳофиз «Қадри маҷмӯаи гул мурғи саҳар донаду бас, ки на ҳар кӣ вараќе хонд маонӣ донист». Бинобар он ҳофиз ба ғазалҳои баргузидаю шевои Рӯдакӣ, Румӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ, Соиб, Бедил, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ ва дигарон оҳангҳои марғуб тасниф кардааст. Ин шоҳбайти Фаридаддин Аттор барояш дар ин роҳ ибрат аст:

*Ба пеши роҳ роҳи ҷанг бардошт,*
*Ба роҳи ин ғазал оҳанг бардошт.*

Як хусусияти оҳангҳои ба шеърҳои баландмазмун бастаи Ҷ.Муродов дар он аст, ки ҳамоно ба тезӣ ба дили мухлисони худ ҷо мешавад ва шунаванда бо як эҳсосоти баланд қабул мекунад. Ман борҳо ҳунарнамоии ин санъаткори мумтозро дар толорҳои машҳури Душанбе, Маскав, Тошкент дида ба ин боварӣ ҳосил кардам. Махсусан, як лаҳзае, ки дар барномаи ҳунарии худ Ҷ.Муродов соли 1988 дар шаҳри Тошканд гузаронид, ҳеҷ аз лавҳи хотир намеравад. Вақто ки ҳофиз суруди навэҷодкардаи худ бар матни Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ «Пир манам ҷавон манам, тир манам камон манам. Давлати ҷовидон манам, ман на манам на ман манам»-ро бо як маҳорати баланд хонда ба охир расонд, пиразане як даста гули мехак бардошта ба саҳна баромад ва гулро ба ҳофиз дода ишораҳои маънидоре кард. Ҷ.Муродов ба машшоқон фармуд, ки сурудро такрор кунанд. Ва он гоҳ пиразан китф ҷунбонда, даст афшонда, пой кӯфта, бо нозу адо рақс сар кард. Ҷӯрабек ҳам мисли фарзанд сурудхонон ӯро пайравӣ намуд. Рақсон-рақсон то дами зинаҳо оварда ва аз бозуяш гирифту ба ҷои нишасташ ҳидоят карда, сипас ба мардум рӯ оварда гуфт:

— Модар 84 сола будаанд. Таманно дорам, ки ба сад дароянд. Ман ояму дар ин толор сароям, ин кас рақсанд, шумо тамошобинони мӯҳтарам, каф кӯбед. Оре, ин лутфи Ҷӯрабек ба ин модари серҷӯши 84 сола боз қуввати нав бахшид.

Мутаассифона, на ҳамаи ҳофизони имрӯзаи мо ва махсусан санъаткорони ҷавон ба ин роҳи Ҷ.Муродов пайравӣ мекунанд. Назми бои ниёгони моро варақ намезананд ва аз он бехабаранд. Баъзан шеърҳои сустро интихоб мекунанд ва бо гуфти Лоиқ Шералӣ «ҳазор оҳанги дилангез ҳам бошад, мисаш мебарояд».

Ҷӯрабек Муродов санъаткори навҷӯю босалиқаест, ки ҳам дар интихоби матни шеърҳои пурмазмун диққат медиҳад ва ҳам дар як вақт бо шоирону

оҳангсозони муосир ҳамкории доимӣ дорад. Чунончӣ, ҳамкории ӯ бо шоири шинохтаи тоҷик Лоиқ Шералӣ дер боз давом дорад. Ин ду нафар эҷодкорони боистеъдод ҳанӯз 9 феврали соли 1982 ба як анъанаи хуби ҳамкории шоиру ҳофиз бо номи «Ширу шакар» асос гузошта буданд. Дар он барнома, ки дар толори Театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ баргузор гардида буд, овозхони номдори тоҷик ҳамроҳи Лоиқ Шералӣ дар толори пур аз тамошобин андар васфи дӯстию рафоқат, ишқу муҳаббати поки инсонӣ шеъру суруд хонданд. Домани эҷодиёти шоиру овозхон фарох буда, он аз анъанаҳои бои халқӣ об хӯрда пайваста сайқал меёбад. Даҳҳо сурудҳои Ҷӯрабек Муродов бар матни шеъри Лоиқ Шералӣ барҳақ сурудҳои халқӣ гардиданд.

Ҷӯрабек Муродов ҳамчун гавҳаршиноси назми баланди мо чунин матни шеърҳоро интихоб мекунад, ки вай монанди суруд форам садо диҳад, авҷ дошта бошад.

Дар оҳангҳои ӯ майли зӯроварӣ ба шеър мушоҳида намешавад, чунки ӯ лутфу назокати шеъри тоҷикиро хеле хуб эҳсос мекунад ва мусиқии дар табиати он ниҳон бударо мешунавад. Мо инро дар оҳанги ба худ хос бастаи Ҷӯрабек Муродов ба ғазали машҳури Саъдӣ «Эй сорбон» ҳис намудем. Ӯ дар ин роҳи эҷодӣ навовар аст. Душмани тақлидкорӣ аст. Ҳар як шахси эҷодкор бояд монанди Ҷӯрабек Муродов аз худ офаридаҳои нав эҷод кунад. Суханони Румӣ барояш дар ин ҷода бояд қонун бошад: «бигзор зи офарида, бингар дар офарида».

Як хусусияти назаррас ва роҳи махсусе, ки Ҷӯрабек Муродов пеш гирифтааст, ин муносибати дилсӯзонаи ӯ ба дурдонаи санъати мусиқавии тоҷик «Шашмақом» мебошад. Ӯ ба ҳар як порчаҳои «Шашмақом» матни чандин шоирони классик ва муосирро дароварда месарояд. Таснифоти ин ҳофизи машҳур таронаю оҳангҳои эҷодкардаи он, роҳу усул ва мусиқии ӯ маҳз дар заминаи «Шашмақом» ва сурудаҳои халқӣ эҷод шудааст. Кас инро дар иҷрои суруди машҳури «Гиря»-и Ҳоҷӣ Абдулазизи Самарқандӣ барало ҳис мекунад. Ҷӯрабек Муродов ин суруди машҳурро барои он ки аз рӯи қоидаю услуби классикӣ хонда шавад, расо ҳашт моҳ машқ кард. Ин аст, ки суруд бо тезӣ мақбули ҳамагон шуд, вақте ки ҳофиз дар ибтидои соли 1971 як шеъри бисёр хуби Ашҳари Нишопурӣ — шоири охири асри XII ибтидои асри XIII-ро бар оҳанги машҳури «Гулизорам» баста хонд ва ҳамоно бо ин сурудаш дар қатори «гулизорам»-хонҳои беҳтарин дохил шуд.

*Рӯзгор ошуфтатар ё зулфи ту, ё кори ман,*
*Зарра камтар ё даҳонат, ё дили ғамхори ман.*
*Шаб сияҳтар, ё дилат, ё ҳоли ман, ё ҳоли ту*
*Шаҳд хуштар, ё лабат, ё ҳарфи гавҳарбори ман.*
*Назми Парвин хубтар, ё дурр ё дандони ту,*
*Қомати ту росттар, ё сарв, ё гуфтори ман.*

Мусиқии классикии мо анъанаҳои қадимаи худро дорад, ки он пояҳои худро аз бузургтарин устоди созу овоз, шоир, навозанда, сароянда ва аввалин бастакори пурҳунар Борбад сар мекунад. Маҳз Борбад барои Ҷӯрабек

Муродов илҳомбахши кори эҷодии ӯст. «Ман чун сароянда, — мегӯяд Ҷӯрабек Муродов, — чунин нуқтаро бори дигар таъкид менамоям, ки ба кадом кишвари шарқие ба сафарҳои ҳунарӣ нарафтам, рӯҳи осори мусиқӣ нақши Борбадро эҳсос намудам. Шахсият, осори мусиқии Борбад дар ҳама давраҳои таърихӣ омиле барои рушду инкишофи истеъдод, дурахши ҳунарӣ, вусъати афкори амалии созу овоз, чашмаи илҳоми бисёр устодони ин ҳунари шариф аст» (Тоҷикистони советӣ, 1985, 7 июл).

Баҳои истеъдоди хақ намудҳои бузурги санъатро меофарад, ки асрҳои аср қимати аслӣ ва таровати бадеии нотакрорашро аз даст намедиҳанд. Аз ин лиҳоз як хусусияти дигари роҳи эҷодии овозхонии Ҷӯрабек Муродов дар он аст, ки эҷодиёти халқӣ яке аз сарчашмаҳои асосиву рӯҳбахши ӯ ба ҳисоб меравад. «Сюитаи тӯёна»-и ҳофиз, ки дар асоси фолклори муосир эҷод шудааст, ганҷинаи санъати халқиро аз ҷиҳати мусиқавият ғанӣ намуд.

Як хусусияти дигари сурудҳои Ҷӯрабек Муродов дар он аст, ки вай бо мавзӯъҳои ҳаёт ва оини зиндагӣ силсилаи сурудҳои худро дорад. Чунончӣ, силсилаи сурудҳои «Модарнома»-ро ӯ бо як услуб, сабк ва мақоми хос мехонад. Хеле рамзист, ки тамоми шеъру таронаҳои ба модарон бахшидашудаи Ҷӯрабек Муродов ба шунавандагони ҳамаи миллатҳо фаҳмо мебошад. Боре ба шарафи вакилони анҷумани занони Тоҷикистон барномаи калони консертӣ намоиш дода шуд. Дар он чун меҳмон нахустин кайҳоннавардзан, раиси кумитаи занони советӣ Валентина Терешкова ҳузур дошт. Вақте ки Ҷӯрабек Муродов бо як санъати баланди ба худ хос суруди «Дили модар»-ро бар матни М.Турсунзода хонд, аз чашмони В.Терешкова ашк ҷорӣ шуд.

Оре, ин суруд дар ҳақиқат пуртаъсир ва самимӣ баромадааст. Худи Ҷӯрабек Муродов баъдтар дар бораи ин сурудаш гуфтааст: «Рости гап, ман ҳанӯз сурудеро нахондаам, ки дар равонӣ, мундариҷа ва таҷассуми симои ҳақиқии модар аз «Дили модар»-и Мирзо Турсунзода бартарӣ дошта бошад».

*Агар аз гиря кардан об мешуд дил, дили ман буд,*
*Ба сели ашк мешуд гарқ манзил, манзили ман буд.*
*Агар осон намегардид мушкил, мушкили ман буд,*
*Ба зери мавҷи дарё монда соҳил, соҳили ман буд.*

Ҷӯрабек Муродов, ки худ имрӯз устоди шинохтаи санъати мусиқавӣ ва овозии тоҷик аст, ба тарбияи шогирдон диққати махсус медиҳад. Ӯ барои гурӯҳи калони санъаткорони варзидаи мо ба монанди Наимҷон Маҳкамов, Даврон Алиматов, Давлатманд Холов, Афзалшо Шодиев, Муродбек Насриддинов, Хосият Ортиқова ҳаққи устодӣ дорад.

Ҷӯрабек Муродов ҳамчун сарояндаи хушовоз ҳамаи сирру асрор ва нозукиҳои санъати бои ниёгони худро ба дараҷаи баланд медонад ва ба қадри он мерасад. Вале мо дар ин рӯзҳои мавлуди нимасраи ӯ, ки айни камолоти эҷодиаш мебошад, як чизи муҳими ҳофизро қайд карданӣ ҳастем. Санъати ҳофиз бо овози ширинаш хуш аст ва овоз дар ҳунари санъаткори сурудхон мақоми калон дорад. Аз ин ҷост, устод Ҷӯрабек Муродов овози худованди

карим ато кардаро бояд чун гавҳараки чашм эҳтиёт кунанд. Зеро овози форамро табиат на ба ҳама ато мекунад. Бинобар он сарояндаи хушхони мо Ҷӯрабек Муродов ба қадри баланди ин инъоми табиатдода бирасанд ва солиёни сол завқи ҳаводорони худро шод гардонанд. Мо хоҳони онем, ки устод Ҷӯрабек Муродов манбаи шӯҳрати худ овоз, танини мусиқавии онро торафт ба обутоб оварда суфта кунанд.

Мо дар ин ҷо аз хусуси сабк, услуб ва хусусиятҳои хоси санъати ҷозибаноки ҳофизи номдори халқамон Ҷӯрабек Муродов ҳарф задем. Аммо дар хусуси инсони хоксор, инсони ба дарди халқ мерасидагӣ ва хайрхоҳи халқ будани ӯ ҳарф назадем. Ин хислати наҷиби ӯ ба ҳамагон маълум аст. Вале, ман як лаҳзаи инсондӯстии ӯро дар ин ҷо қайд накарда наметавонам. Шодравон падарам мухлиси ашадии адабиёт ва санъати халқи хеш, дилбохтаи санъати волои Ҷӯрабек Муродов буданд. Вақте ки падарам дар ҳолати вазнин, соатҳои охирини ҳаёти худ буданд, ғайричашмдошт ба деҳаи мо — Қистакӯз барои аёдат пагоҳии 15 апрели соли 1989, ҳамагӣ даҳ соат пеш аз вафот устод Ҷӯрабек Муродов омаданд. Падар ҳофизро шинохтанду бо имою ишора хайра мақдам гуфтанд. Сипас бо як овози паст даст ба рӯ гирифта дуои хайр карда ва зери лаб ҳамин байти Ҷомиро хонданд:

*Аёдат мекунӣ бемори худро,*
*Маро ин орзу бемор кардаст.*

Ҳофизи номӣ, санъаткори бузург имрӯзҳо баробари ҳаёт қадам мезанаду пайваста аз паи эҷоди сурудҳои навин аст. Мо ба ӯ баракати эҷодӣ ва қуллаҳои нави санъаташро орзу ва таманно дорем.

## ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ ВА МАКТАБИ ҶӮРАБЕК МУРОДОВ

Устоди нотакрори санъати мусиқӣ Ҷӯрабек Муродов аз адабиёти классикӣ ба дараҷаи баланд бархӯрдор аст. Бино бар он бар матни шоирони классик ва бахусус Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ бисёр сурудҳо эҷод кардааст. Худи ҳофиз дар яке аз сӯҳбатҳояш тавассути оинаи нилгун гуфт, ки «ба эҷодиёти ман шоҳбайтҳову гуфтаҳои Мавлоно раҳнамун аст». Ба ақидаи ӯ ҳар як ашхоси эҷодкор бояд ба тақлидкорӣ роҳ надиҳад, асарҳои нав эҷод кунад. Сухани Румӣ барояш дар ин ҷода қонун аст: «Бигзор зи офарида, бингар дар офаридан».

Девони Мавлоно Румӣ моломоли оҳангҳост ва инро дар ашъори шоирони дигар пайдо кардан душвор аст. Ӯ хуб мефаҳмад, ки ғазалиёти шоир ба соҳибони завқи ҳол ва толибони файзи зол, соликони тариқи маърифат ва ошиқони асрори ҳақиқат, ҷӯяндагони роҳи вафову сафо ва сахо рӯҳи сафо мебахшад. «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ барои ҳофиз бузургтарин ва азаматтарин китоби тамсилӣ ва ирфонии олам аст. Маснавӣ бо 26 ҳазор байташ дарёест бекарон ва аз ҳар мавҷаш дурри сухан мерезад. Устод Ҷ. Муродов хуб медонад, ки дар шоҳкитоби Румӣ 1281 мавзӯъ мавриди

баҳс қарор ёфтааст, ки онҳо мавзӯъҳои ҳаётианд. Ва вай аксари сурудҳои волояшро бар матни дурдонаҳои «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ эҷод карда, аз номи шоире басо хуб мегӯяд:

*Дил агар маъво ба худ ҷӯё шавад,*
*Ҷӯяд онро дар паноҳи Мавлавӣ.*

Мо оиди дилбастагии устод Ҷӯрабек Муродов ба Мавлонои Румӣ бо ҳофиз рӯзи 29 ноябри соли 2002 сӯҳбати дуру дарози хосе оростем. Вақте ки банда омили асосии ин дилбастагиашро пурсидам, ӯ бе ягон дудилагӣ ва бадоҳатан гуфт: «Аввалан кас аз хондани дурри маънии ашъори Румӣ лаззат мебарад. Ҳамон навъе, ки Соиб фармудаанд:

*Аз гуфтаи Мавлоно мадҳуш шудаӣ, Соиб,*
*Ин соғари рӯҳонӣ саҳбои дигар дорад.*

Сонияп, дигар омили дилбастагии ман ба уқёнуси беҳудуди назми олишони шоир марди хирадманди тоҷик, файласуф ва мухлиси ашадии «Маснавии маънавӣ», зиндаёд Муҳаммад Осимӣ мебошанд. Рӯзе устод маро ба наздашон хонда гуфтанд, ки Ҷӯрабекҷон мебинам, ки дар байни сурудҳоятон аз ашъори Мавлавӣ ҳаст. Аммо кӯшиш кунед боз ҳам бештар ба эҷоди ӯ диққат диҳед ва оҳанг бандед. Ва лутфан эшон матни ғазали Мавлавии Румӣ «Эй оташи оташнишон»-ро ба ман пешкаш намуданд. Онро дар ҳавои валс ба оҳанг даровардам, ки ҳамоно писанди Муҳаммад Осимӣ гардид:

*Эй оташи оташнишон, ин хонаро вайрона кун.*
*В-ин ақли ман бистон зи ман, бозам зи сар девона кун.*
*Бишкан дари хумхонаро, бистон сабук паймонаро,*
*Барҳам зан ин афсонаро, зӯҳди маро афсона кун.*
*Соқӣ биёр он ҷомро, бистон зи ман оромро,*
*Бигзор ин исломро, рав Каъбаро бутхона кун.*

Устод Ҷӯрабек Муродов дар аксари сӯҳбатҳо ба суолҳои худ бештар ҷавобро аз Мавлонои Румӣ меёбад. Вақте ки бори якум устод ба хонаи Худо, яъне Каъбатуллоҳ қадам мезанад ва дар Мадинаи мунаввара қабри Муҳаммад пайғамбар (с)-ро зиёрат мекунад, байти зерини Мавлавӣ вирди забонаш мешавад:

*Саҷда барам, ки хоки ту бар сар чу афсар аст,*
*По дар ниҳам, ки роҳи ту бар по муборак аст.*

Дар тамоми роҳи байни Макка ва Мадина, ки он наздик 500 километр тӯл кашидааст, Ҷӯрабек Муродов мусофирон — ҳоҷиёнро дар дохили автобус бо сурудҳои форами худ шод кард, дар ин замини муқаддас аз забони

ӯ танҳо сурудҳо бар матни Мавлонои Румӣ садо доданд. Мутаассифона дар ҳайати ҳоҷиён шахсони аз фарҳангу санъат бехабар низ буданд. Яке аз онҳо аз Ҷӯрабек Муродов пурсид: «Чаро Шумо Борбадро, ки мусулмон нест, васф мекунед?»

Ҳофизи ҳамадон ҳамоно ба ин саволи бемантиқу бемазмуни он ҳоҷишавандаи бефарҳанг ривояти зеринро бо байтҳои Мавлонои Румӣ посух дод.

Ривояте ҳаст, ки дар офариниши Одам ва дамидани руҳ бар колбат мусиқӣ ба навозиш расидааст ва матлабро Румӣ чунин арз кардааст:

*Чӯбе битарошиду ба ӯ баст ду-се тор қонунгари олам,*
*Сад нагмаи зор аз дили ҳар тор баромад, то рӯҳ равон шуд.*
*Румӣ сухани куфр нагуфтасту нагӯяд,мункир машаведаш,*
*Кофир бишуд он кас, ки ба инкор баромад, аз дӯзахиён шуд.*

Ман сурудҳои Ҷӯрабек Муродовро дар толорҳои машҳури шаҳрҳои Душанбею Тошканд ва Маскав шунидаам ва дидаам, ки чи тур мухлисон бо завқи баланд гӯш мекарданду лаззат мебурданд. Махсусан як лаҳзаи хотирмон аз консерти Ҷӯрабек, ки санаи 17 апрели соли 1988 дар шаҳри Тошканд дар Қасри «Дӯстии халқҳо» барпо шуд, аз ёд намеравад. Вақте ки ҳофиз суруди нави «Пир манам, ҷавон манам»-ро бо як маҳорати баланд хонда ба охир расонд, пиразане як даста гули мехак бардошта, ба саҳна баромад ва гулро ба ҳофиз доду ишораҳои маънидоре кард. Ҷӯрабек Муродов ба дастаи машшоқон фармуд, ки сурудро такрор кунанд. Яке пиразан китф ҷунбонда даст афшонда, пой кӯфта бо нозу адо рақс сар кард. Ҷӯрабек Муродов ҳам мисли фарзанд сурудхонон ӯро пайравӣ намуд. Рақсон-рақсон то дами зинаҳо овард ва аз бозуяш гирифту ба ҷои нишастааш ҳидоят кард. Сипас ба мардум рӯ оварда гуфт:

— Модар 84-сола будаанд. Тамманно доранд, ки ба 100 дароянд. Ман ояму дар ин толор сароям, ин кас рақсанд, шумо тамошобинони мӯҳтарам, каф кӯбед.

Оре, ин лутфи Ҷӯрабек Муродов ба модари серҷӯши 84-сола боз қувваи нав бахшид.

Дар сӯҳбати нотакрори мазмуни баланди тарбиявӣ доштаи хеш бо Анвар Олимов, ки тавассути телевизион намоиш дода шуд Ҷӯрабек Муродов нақл кард, ки дар ҳаёти худ се маротиба зор гиря кардааст ва ин ашкро ӯ ба гирди чашмон ҳалқа накардааст. Ин ашк аз қаъри дил мисли чашма зӯр зада баромадааст. Бори аввал ҳангоми ворид шудан ба хонаи Худои таолоҳ, ба масҷид-ул-ҳаром гиря кард, бори дуюм ҳини ба оромгоҳи ҳазрати Мавлонои Румӣ ба шаҳри Қуниёи Туркия ворид шудан. Ӯро як ҳайбат ва як манзараи аҷиб истиқбол намуд. Хаёл кард, ки Мавлоно «Бишнав аз най»-ро ба гӯшаш хонданд, дилаш ларзид ва сахт ба ҳаяҷон дода шуда аз чашмонаш ашк ҷорӣ шуд. Ва бори сеюм вақте ки суруди «Падарам»-ро аввалин маротиба месароид, симои нуронии падари дуогӯяш пеши назар омада, савту суруди ӯро оҳанги гиря фаро гирифт ва ин замон ашки равон рӯи ҳофизро шуст.

Ба ҳофизи нотакрори мо Ҷӯрабек Муродов дар ҳақиқат ашъори Румӣ руҳи тоза мебахшад. Алҳақ ӯ дар оғози асри нав як барномаи хешро бо номи «Мо дар ду ҷаҳон ғайри Худо ёр надорем» омода кардааст ва он хеле рангину пурмазмун буда, асосан аз эҷодиёт ва осори ҳазрати Мавлонои Румӣ истифода кардааст.

Рӯзи 20 ноябри соли 2002 муаллифи китоби пурмӯҳтавои «Ҷӯрабек Муродов» рӯзноманигори хушсалиқаи чирадаст Мавлуда Шарифова ҳамроҳи қаҳрамони асар — ҳофизи забардасти замон, Борбади аср китобро бо соядасти ҳарду ба банда тақдим карданд. Китобро, ки мазмунану зоҳиран хеле зебост, дида гуфтам: «Аҳсант, ба раиси фарҳангдӯсти вилояти мо Қосимҷон Раҳбарович, ки иқдоми нек зоҳир карда, ин китобро бо сифати баланд дар нашриёти беҳтарини Маскав нашр кунонданд». Ва бадоҳатан бо шоҳбайти Мавлонои Румӣ табрик намудам. Танҳо дар ин ҷо ба ҷои калимаи «ҷамоли ту», «китоби ту»-ро тағйир додам.

*Имрӯз китоби ту бар дида муборак бод,*
*Бар мо ҳаваси тоза печида муборак бод.*

## ҶОНФИДОИ МИЛЛАТ
### *Бахшида ба 100-солагии зодрӯзи Абдураҳим Ҳоҷибоев*

Китобҳое ҳастанд, ки дар тақдири халқу миллати тоҷик дар як давраи муайян мақоми бузурги таърихӣ бозидаанд. Дар ин радиф асари Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро метавон ном гирифт, ки бо таъбири худи устод «ин асар бо фактҳои таърих пардаи рӯи иғвогаронро даронид ва ба даҳони онҳо мӯҳри хомӯшӣ зад».

Ҳамин гуна мақоми баландро дар марҳилаи муҳими тақдирсози миллати тоҷик, китоби раиси Шӯрои Комиссарони Халқии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон Абдураҳим Ҳоҷибоев «Таджикистан» (Москва, 1929) бозидааст.

Таърихи иншои китоб бо таъсисёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон алоқамандии зич дорад. Гап дар сари он аст, ки моҳи октябри соли 1929 дар анҷумани сеюми Шӯроҳои Тоҷикистон масъалаи ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил додани ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон мавриди муҳокима мегардад. Яке аз шартҳои ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил додан на кам аз як миллион нафар будани аҳолӣ ва сонияи худро аз ҷиҳати иқтисодӣ таъмин карда тавонистан аст. Баъзе иғвогарон ва бадхоҳони миллати тоҷик даъво доштанд, ки гӯё шумораи аҳолӣ кам бошаду тоҷикон халқи аз ҷиҳати иқтисодӣ-фарҳангӣ қафо мондаанд аз ӯҳдаи идораи давлат баромада наметавонанд. Ин иддаои онҳо борҳо тавассути матбуоту ҷаласаҳо садо дода буд. Масъалаи мазкур бояд дар иҷлосияи дуюми Комитети Иҷроияи СССР даъвати панҷум моҳи декабри соли 1929 муҳокима ва тасдиқ мешуд.

Аз маводҳои иҷлосияи дуюми КИМ-и СССР даъвати панҷум аз 5 декабри соли 1929 маълум мешавад, ки рафти муҳокима таҳти раёсати раиси КИМ-и СССР М.И.Калинин гузаштааст. Дар маҷлиси номбурда котиби КИМ-и

СССР Енукидзе сухан карда, даъвоҳои пучи пантуркистонро хотиррасон намуд. Гуфт, ки «халқи тоҷик як вақтҳо соҳиби давлати мутамаркази пешқадами маданӣ буд. Имрӯз, ин халқ соҳиби давлати миллии худ шавад ва ташкили ҷумҳурии мустақил дар ҳайати СССР амри таърих аст».

Баъди суханронии Енукидзе Абдураҳим Ҳоҷибоев ҳамчун раиси Шӯрои Комиссарони Халқии Тоҷикистон сухан карда, аз ҷумла гуфт: «Тоҷикистон мебоист ҳанӯз соли 1924 соҳиби ҷумҳурии миллии худ мешуд. Мутаассифона, бо айби унсурҳои зиддитоҷик ин масъала ҳалли худро наёфта буд. Ман дар як маҷлиси Бюрои Осиёимиёнагии КМ ВКП(б) моҳи июли соли 1929, ки масъалаи ба ҷумҳурии иттифоқчӣ табдил додани Тоҷикистонро муҳокима дошт, инро таъкид карда будам. Аммо баъзеҳо даъво карданд, ки аҳолии дар қаламрави Тоҷикистон буда, якҷоя бо округи Хуҷанд аз як миллион нафар зиёд нест. Ман дар ин ҷо бояд гӯям, ки бо сабаби таъсири зӯри дини ислом на дар ҳама ҷо соли 1926 рӯихатгирии аҳолӣ гузаронида шудааст. Зеро аз рӯи шариати ислом мусулмонон ба миқдори аҳолӣ розӣ намешуданд. Аз ин ҷост дар рӯихатгирии аҳолӣ соли 1926 200-300 ҳазор нафар кам нишон дода шудааст. Агар инро мо ба ҳисоб гирем, он вақт аҳолии Тоҷикистон аз 1 миллиону 200 ҳазор нафар зиёд аст».

Ана ҳамин исботи А.Ҳоҷибоев боис шуд, ки яке аз шартҳои ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил додани Тоҷикистон тасдиқ гардад.

Он рӯзе, ки (5 декабри соли 1929) дар шаҳри Маскав, дар Кремл тақдири ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил ёфтани Тоҷикистон ҳал мешуд, ба дасти вакилони иҷлосияи дуюми КИМ-и СССР даъвати панҷум китоби нав аз нашриёт баромадаи Абдураҳим Ҳоҷибоев «Таджикистан» пешкаш карда шуд. Китоби мазкур дар муддати 15-20 рӯз иншо шуда, дар Маскав ба зудӣ бо теъдоди 3000 нусха чоп гардид. Муаллиф аз ҷиҳати илмӣ исбот кард, ки Тоҷикистон замина ва пешомадҳои калони иқтисодӣ-иҷтимоӣ дорад ва пурра метавонад худро таъмин намояд. Ин асар ҷавобест ба ҳамон даъвоҳои нодурусти бадхоҳон, ки гӯё Тоҷикистон худро аз ҷиҳати иқтисодӣ таъмин карда наметавониста бошад.

Китоби А.Ҳоҷибоев таҳти унвони «Таджикистан» (очерки мухтасари сиёсию иқтисодии РСС Тоҷикистон) дар ҳаҷми 73 саҳифа чоп ва дар рӯи он ба забони тоҷикӣ бо ҳуруфи арабиасос «Ҷумҳурияти ҳафтум» сабт шудааст. Дар пешгуфтор А.Ҳоҷибоев суханони И.В.Сталинро оиди тоҷикон овардааст, ки соли 1925 гуфта буд: «Тоҷикон таърихи бой доранд. Истеъдоди ташкилотчигӣ ва сиёсии онҳо дар гузашта аз ҳеҷ кас пӯшида ва ниҳон нест.

Коркунони Тоҷикистон! Мамлакати худро тараққӣ диҳед, хоҷагии онро пеш баред, ба ранҷбарони шаҳрҳо ва деҳот ёрӣ расонед. Ҳамаи беҳтарин фарзандони ватанатонро дар гирди худ ҷамъ намоед ва ба ҳамаи Шарқ нишон диҳед, ки Шумо беҳтарин давомдиҳандаи анъанаҳои ниёгон ҳастед, ки байрақи озодиро ба дасти худ маҳкам доштаед».

Дар саҳифаи чоруми китоб А.Ҳоҷибоев навиштааст: «Тоҷикистон бояд ҷумҳурии мустақили намунавӣ дар дарвозаи Шарқ шавад. Миллионҳо ҳамзабонони мо дар хориҷи кишвар бо як самимият ва муҳаббат рӯ ба мо

нигаронанд. Пас, муваффақияти халқи тоҷик, таъсиси ҷумҳурии мустақили тоҷикон дорои аҳамияти байналхалқӣ аст...

...Халқи тоҷик метавонад дар муддати кӯтоҳ Ҷумҳурии намунавии Шӯравии Сотсиалистии худро дами дарвозаи Ҳиндустон барпо намояд».

А.Ҳоҷибоев дар ин суханронии худ яке аз масъалаҳои дар таърихи халқи тоҷик ҳаётан заруру муҳим — худшиносии миллиро муҳофизат кардааст. Дар боби «Тоҷикон» муаллиф аз таърихи бои гузаштаи халқи тоҷик, фарзандони бузургаш, мубориза шадиди вайро ба муқобили аҷнабиён нишон додааст. Ҷолиби диққат аст, ки бобҳо бо овардани таблисаю диаграммаҳо пурра шудаанд.

Вай дар китоби хеш бо далелу бурҳон ояндаи Тоҷикистони азизашро пешгӯӣ кардааст. Дар боби «Саноати сабук» хулосаҳои амиқ бароварда навиштааст, ки сохта шудани корхонаи коркарди абрешими Хуҷанд оядаи ҷумҳуриро ба дараҷае муайян мекунад. Вай метавонад садҳо нафар одамонро бо кор таъмин намояд ва сонияи маҳсулоти хушсифат барорад».

Ин ҷо қайди як ҳуҷҷати муҳим ба маврид аст, ки барои амалӣ шудани нақшаҳои дар китоб оварда 27 январи соли 1930 Маҷлиси Шӯрои Комиссарони халқии Тоҷикистон таҳти сарварии раиси он А.Ҳоҷибоев барпо мегардад ва он масъаларо «Дар бораи саноати шоҳибофии Тоҷикистон» мавриди назар мекунад. Дар қарори маҷлис оварда шудааст: «Бо мақсади тараққӣ додани саноати шоҳибофӣ дар Тоҷикистон суръати сохтмони фабрикаи шоҳибофӣ дар Сталинободу Хуҷанд тезонида шавад. Кадрҳои маҳаллӣ барои омӯхтани касби шоҳибофӣ ба фабрикаҳои Фарғонаю Марғелон фиристода шаванд».

Дар ҳақиқат моҳи маи соли 1930 дар канори шаҳр бунёди коргоҳи калонтарини шоҳибофии мамлакат оғоз ёфт.

Дар мактуб — барқияи ҷонишини директори комбинат Калачева аз 29 декабри соли 1931 ба унвони раиси Шӯрои Комиссарони халқии Тоҷикистон А.Ҳоҷибоев оварда мешавад, ки «Комбинати шоҳибофӣ дар арафаи итмомрасӣ ва 10 январи соли 1932 сехҳои аввалинаш кор хоҳанд кард».

Ҳамин тавр, дере нагузашта дар корхонаи навсохт аввалин дастгоҳҳо 384 адад тосҳои пиллапазӣ ва мошинҳо бо 18 ҳазор адад дук дар коргоҳи абрешимтобӣ шинонда шуданд ва аз ҳамон давр таърихи пуршукӯҳи иттиҳодияи шоҳибофии Хуҷанд, ки яке аз поягузорони он А.Ҳоҷибоев буд, оғоз меёбад. Хеле рамзист, ки дар шафати даромадгоҳи комбинати абрешими Хуҷанд ҳанӯз 6 июни соли 1990 дар рӯзҳои таҷлили 90-солагии зодрӯзи А.Ҳоҷибоев ба хотири ӯ лавҳаи ёдгорӣ гузошта буданд. Зеро маҳз А.Ҳоҷибоев дар давраи раиси Шӯрои Комиссарони Халқи РСС Тоҷикистон буданаш хишти нахустинро гузоштааст.

Дар китоби А.Ҳоҷибоев «Таджикистан» масъалаҳои бо талаботи онвақта ҳаётан зарур ва муҳим, мисли нақлиёт, савдо, саноати кӯҳӣ, хоҷагии ҷангалпарварӣ, боғдорӣ, чорводорӣ бардошта шудаанд. Ӯ оиди боғдорию ангурпарварӣ сухан ронда менависад, ки «зардолу ва ангурҳои хушхӯри мо нестандарҷаҳон аст». Ноҳияҳои Исфара, Конибодом ва Хуҷанд ҳамчун маскани боғдорӣ ва асосан истеҳсолкунандаи зардолу тараққӣ дода шаванд, зеро дар бозори ҷаҳонӣ мо метавонем аз ҳисоби он даромади хуб гирем.

Маҳз ҳамин фикри оқилона ва дурандешонаи А.Ҳоҷибоевро баъдтар котиби Осиёимиёнагии КМ ВКП(б) К.Бауман дар мақолаи «Иҷрои нақшаи пахта — ғалабаи сиёсати ленинӣ» алоҳида қайд кард. Ин мақола дар маҷаллаи «Партработник» (1934, №2) чоп шудааст.

Мутаассифона, аз сиёсати ҳамонвақтаи ҳизби коммунистӣ, ки дар шиори «Барои истиқлолияти пахта» ифода меёфт, роҳбарони аксари колхозу совхозҳо майдонҳои бузурги зардолузорро бурида, пахтазор карданд. Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев дар яке аз мақолаҳои худ, ки соли 1966 дар рӯзномаи «Правда» чоп шуда буд, бо таассуф дар ин хусус нақл кардааст. Минбаъд ин орзуи А.Ҳоҷибоевро роҳбарони ноҳияи Конибодом Р.Қосимов ва Исфара О.Қурбонов солҳои 60-ум дар амал иҷро карда, садҳо гектар зардолузорҳои нав бунёд намуданд.

Китоби А.Ҳоҷибоев дар замоне нашр гардид, ки меҳнаткашони навҷумҳури мустақили Тоҷикистон, ки ба ҳайати СССР дохил шуданд, соли 1929 ба иҷрои нақшаи панҷсолаи якуми ҷумҳурӣ оғоз карда буданд. Оиди ин масъала дар китоб чунин гуфта мешавад: «Нақшаи панҷсола нисбати халқҳои ҷумҳуриҳои шарқӣ вазифаи асосии худ медонад, ки онро бо савияи баландтари иҷтимоӣ-маданӣ ва иқтисодӣ бардорад».

Китоби А.Ҳоҷибоев «Тоҷикистон» дар вақташ дар ҳимояи давлатдории миллии тоҷик саҳми калон бозид. Маҳз тавассути ҳамин китоб А.Ҳоҷибоев исбот намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои бои табиӣ дорад ва он метавонад худро аз ҷиҳати иқтисодӣ таъмин намояд ва дар оилаи бародаронаи халқи шӯравӣ мақоми калон бозад.

Ба ин марди хирад, раиси ҷавони боистеъдоди ҳукумати ҷумҳурӣ Абдураҳим Ҳоҷибоев насиб накарда будааст, ки нақшаҳои бисёр хубу дурандешонааш амалӣ гарданд. 8 июли соли 1937 А.Ҳоҷибоевро мақомоти бехатарӣ ҳабс карданд ва 25 январи соли 1938 раёсати ҳарбии Суди олии СССР ӯро маҳкум ба марг намуд. Баъди чунин фоҷиа китоби пурарзиши «Тоҷикистон»-ро аз ҳама ҷо гирифта сӯзондаду гӯрондаанд ва ба об партофтанд.

Ду-се нусха китоб, ки имрӯз ҳаст, гувоҳи бузургии фарзанди тоҷик, дурбинӣ, олими иқтисодчӣ будани ӯст. Барҳақ академик Раҳим Масов ва профессор Шукур Султонов китоби А.Ҳоҷибоевро нахустин тадқиқоти ҷамъбасткунанда оид ба таърихи солҳои аввали давраи шӯравии халқи номидаанд.

## САРВАРИ САРБАЛАНДИ ЗАНОНИ ТОҶИКИСТОН

Хело саривақт ва кори хайр аст, ки бо иқдоми неки раиси вилояти Суғд, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Қ.Р.Қосимов қарори махсус аз 15 январи соли 2003 зери №21 «Дар бораи посдории хотираи Ӯғулой Шамсиддинова» қабул карда шуд. Зимни ин қарор рӯзи 7 марти солн 2003 дар майдони «Ситораҳои Хуҷанд» расми кушоди нимпайкараи Ӯғулой Шамсиддинова доир мегардад. Зимни ин қарор ман алҳол дар бораи фаъолияти ин зани мубориз ва ходими давлатию ҷамъиятӣ маводу ҳуҷҷат ҷамъ намуда, дар асоси он дар чанде муассисаҳои таълимӣ, корхонаю ташкилотҳо корҳои тарғиботию ташвиқотӣ бурдам.

Соли 1978 китоби ниҳоят пурарзиши М.М.Бозорбоева ва Л.Кокоришвили таҳти унвони «Муаллимони сурх» (Душанбе, Маориф, 1978) бо забони русӣ ва тоҷикии арабиасос баромад. Дар он очерке бо номи «Мудири клуби занон» ҷой дода шуда буд, ки он ба фаъолияти Ӯғулой Шамсиддинова бахшида шуда буд. Дар он оварда шудааст: «Ӯғулой Шамсиддинова соли таваллудаш 1907, аъзои ВЛКСМ аз соли 1924, коммунист аз соли 1928, аъзои иттифоқи касабаи коркунони маориф аз соли 1926, аз рӯи ихтисос муаллима, тамоми ҳаёти худро баҳри беҳбудии халқ бахшидааст, солиёни дароз дар ташкилотҳои ҳизбӣ ва шӯравӣ кор кардааст, алҳол нафақахӯри шахсӣ.

...Соли 1929 съезди III Шӯроҳои Тоҷикистон масъалаи аз Ҷумҳурии мухтории Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон табдил доданро дида баромад. Дар ҳамин съезд Ӯғулой Шамсиддинова Комиссари халқии тандурустии Тоҷикистон интихоб мешавад. Ин дар ҳаёти зани тоҷик воқеаи фараҳбахш буд».

Ҳамин чиз маро водор кард, ки дар бораи нахустин вазирзани тоҷик мавод ҷамъ кунаму китобчае офарам. Во ин ният бо бойгонии шахсии Ӯғулой Шамсиддинова шинос шудам, тамоми маводҳое, ки дар матбуоти тоҷик оиди ӯ чоп шуда буд, варақгардон кардам. Бо духтари ягонаи Ӯғулой Шамсиддинова муаллима Нодирахон Мирзохонова сӯҳбати тулонӣ доштам. Китоби навиштаам соли 1998 бо унвони «Нахустин вазирзани тоҷик» нашр шуда буд.

Алҳол ҳоҷат ба такрори он навиштаҳо нест. Фақат ҳамин қадар бояд гуфт, ки Ӯғулой Шамсиддинова аз хурдсолӣ духтарчаи серғайрату бофаросат ба воя расид. Мутаассифона, дар синни 9 солагӣ аз падари азизу ғамхор, меҳнатдӯсту ҳунармандаш маҳрум шуд. Бо вуҷуди ин аз паи хондан шуд. Хуб мехонд, ҳам дар корҳои ҷамъиятӣ фаьол буд. Вай хонандаи оддӣ набуд, балки тарғибгари афкори нав буд.

Баъди хатми мактаб Ӯғулой ва чанд нафар духтарони дигар ба курси яксолаи муаллимтайёркунии шаҳри Самарқанд меравад.

Хониши хуб ва фаъолияти ҷамъиятии Ӯғулой Шамсиддиноваро ба назар гирифта, Курси муаллимтайёркунии дар Самарқанд будаи Комиссариати маорифи РСС Ӯзбекистон бо қарори худ аз 20 майи соли 1926 зери рақами №801 ба ӯ роҳхати бепул барои саёҳати Маскав медиҳад. Он рӯзҳои таърихиро ёдоварӣ намуда Ӯғулой Шамсиддинова бо ифтихори беандоза хотиррасон кардааст:

— Хурсандии мо поён надошт. Хусусан вохӯрӣ бо Надежда Константиновна Крупская ва Клара Сеткин барои ман воқеаи фаромӯшнашаванда ва сурурбахш аст. Ба ман шарафи бузург насиб гардид, ки суханони пурҳарорати онҳоро шунавам. Аз Москва бо як ҷаҳон таассуроти калон баргаштам».

Баъди хатми Курси муаллимтайёркунии шаҳри Самарқанд Ӯғулой Шамсиддинова ба шаҳри Хуҷанд бармегардад. Шӯъбаи маорифи шаҳри Хуҷанд ӯро моҳи апрели соли 1926 ташкилотчии Клуби занони Хуҷанд таъин мекунад. Ӯғулой Шамсиддинова фаъолияти хешро дар ин вазифа самаранок мебурд. Дар назди клуб артелҳои дӯзандагӣ, наҷҷорӣ ва пиллакашӣ ташкил шуда буд. Бо ташаббуси вай дар клуби занон мактаби маҳви бесаводӣ амал

мекард, ки дар он Раҳима Абдураззоқова ва Мунзифа Минихонова барин муаллимони босавод дарс мегуфтанд. Мувофиқи маълумоти оморӣ соли 1927 се клуби занони округи Хуҷанд 329 аъзо дошт. Дар дафтари хотиравии худ Ӯғулой Шамсиддинова қайд мекунад, ки «аз клуби мо зани мубориз, ташкилотчӣ ва серғайрат Мастура Авезова баромад. Минбаъд тақдири вай бо комбинати абрешими Хуҷанд пайваст мешавад. Соли 1935 сокинони шаҳр ӯро раиси комиҷроияи Хуҷанд, сонӣ раиси комиҷроияи вилоят таъин мекунанд. Соли 1937 вай депутати Совети Олии СССР интихоб гардида буд».

Соли 1927 дар таърихи ҳаракати занони Осиёи Миёна ва аз ҷумла имрӯза қаламрави Тоҷикистон соли озодии занон эълон мешавад ва он дар таърих чун маъракаи «Ҳуҷум» дохил шудааст. Ин соле буд, ки ба муқобили фаранҷӣ ҳуҷуми махсусан қатъӣ ривоҷ ёфт. Ӯғулой Шамсиддинова дар сафи пеши ин ҳаракат буд. Бояд гуфт, ки маҳз ҳамон солҳои маъракаи «Ҳуҷум», ки занон аз фаранҷӣ озод мешуданд, бо ташаббуси раиси клуби занони шаҳр Ӯғулой Шамсиддинова ба кӯчае, ки ӯ зиндагӣ мекард, номи «Озодӣ» дода шуда буд. То имрӯз номи он кӯча тағйир наёфтааст.

Одатан иди 8 март ба иди сари соли хуҷандиён иди баҳор, Наврӯзи Аҷам дар як вақт меомад. Иди сари соли 1927 бо ҳусну таровати хоса гузашт. 8 марти он сол 28 ҳазор нафар занон ба лаби Сирдарё ба тамошо баромада, ба фаранҷиҳояшон оташ заданд. Ана дар ҳамин маърака номи Ӯғулой Шамсиддинова ҳамчун фаъолзан машҳур шуд ва соли дигараш, яъне соли 1928 ӯро ба сафи ВКП (б) номзад қабул карданд ва инструктори комитети партиявии округи Хуҷанд оид ба кор байни занон таъин намуданд. Акнун вай на танҳо дар Хуҷанд, балки дар Ашту Конибодом, Исфара, Нову Ғӯлакандоз байни занон корҳои ташвиқоти мебурд.

Аз бойгонии шахсии Ӯғулой Шамсиддинова ман чанд санаду ҳуҷҷатҳо дар бораи занҳое, ки солҳои 20-30-юми қарни бист баҳри озодии занон, тараққиёти ҷумҳурӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти Тоҷикистон саҳм гузоштаанд, дарёфтам.

Аз рӯи он маводҳо ва шарҳу тавзеҳоти Ӯғулой Шамсиддинова маълум мешавад, ки онҳо якҷоя баҳри саодати имрӯзаи мо чӣ ҷонбозиҳо, матонат ва меҳнат кардаанд. Аксари онҳо ба монанди Фотима Каримова аз шаҳри Конибодом, Ойгул Раҳматбоева аз шаҳри Хуҷанд, Ашӯрбибӣ Азимова аз шаҳри Исфара, Адолат Раҳимова аз деҳаи Қистақӯзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Кумуш Қурбонова аз ноҳияи Ашт Ӯғулой Шамсиддиноваро ҳамчун маслиҳатгар ва устоди хеш ҳисобидаанд.

Аз ҷумла Ашӯрбибӣ Азимова, ки баъдтар дар корҳои масъули давлатӣ кор кардааст, чунин навиштааст:

— Тақдири ману Ӯғулой Шамсиддинова як аст. Ҳардуямон ба ҳаракати озодии занон ҳамроҳ шуда, фаъолона дар маъракаи «Ҳуҷум» иштирок намудем. Ман дар симои Ӯғулой Шамсиддинова фидоии ҳақиқии кори занҳоро мебинам. Ӯ офарандаи бахти инсон аст. Вай дар таърихи мо дар бисёр соҳаҳо якумин аст. Ӯ якумин раиси клуби занони Хуҷанд буд, якумин зани тоҷик Комиссари халқии тандурустии Тоҷикистон ва бо таъбири имрӯза

гӯем вазирзани нахустин буд. Нахустин ректорзани мактаби олӣ буд. Зане, ки тамоми вуҷуд ва ҷидду ҷаҳдашро ба кори халқу Ватан бахшидааст ва ҳоло ҳам мебахшад. Клуби заноне, ки солҳои бистум Ӯғулой Шамсиддинова сарвараш буд, бисёр корҳоро иҷро кардааст. Имрӯз «клуби занон» гуфтан барои насли ҷавонон шояд хандаовар бошад. Вале он солҳо клубҳои занон оиди ба кори ҷамъиятӣ ҷалб намудани онҳо, маҳви бесаводӣ мақоми муҳиме бозидаанд. Клубҳои занон маркази ташвиқоту тарғиботе буданд, ки ҳазорон занон аз мактаби он гузашта, ба аввалин корхона, мактаб, муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ, идораҳои давлатӣ рафта, дугонаҳо ва хоҳарони худро ба корҳои чамъиятӣ ҷалб намуданд.

Соли 1929 дар қайди РАСС Тоҷикистон, ки дар ҳайати РСС Ӯзбекистон буд, воқеаи фараҳбахш рӯй медихад. 2 апрели соли 1929 съезди Шӯрои округи Хуҷанд баргузор мегардад. Ӯғулой Шамсиддинова ҳамчун мудири шӯъбаи занони комитети ҳизбии округи Хуҷанд дар он съезд иштирок мекунад. Съезди округи Хуҷанд хоҳиши меҳнаткашонро ба назар гирифта, ба тарафдории ба ҳайати РАСС Тоҷикистон дохил кардани округро мегузорад. Дар ин съезд аз ҷумла Ӯғулой Шамсиддинова баромад карда мегӯяд: «Аз сабаби он ки аксарияти аҳолии округи Хуҷандро тоҷикон ташкил мекунанд, бинобар он аз съезди дуюми дар пеш истодаи Шӯроҳои Тоҷикистони Мухтор талаб карда шавад, ки ин таклифи мо баррасӣ шавад».

Съезди II Шӯроҳои Тоҷикистон қарор дод, ки ба қарори съезди Шӯроҳои округи Хуҷанд ҳамроҳ шавад ва ба съезди III Шӯроҳои РСС Ӯзбекистон муроҷиат намуда, илтимос кард, ки қарори мазкурро тасдиқ намояд. Моҳи сентябри соли 1929 съезди III Шӯроҳои РСС Ӯзбекистон баргузор шуд. Дар он Ӯғулой Шамсиддинова ҳамчун вакили шаҳри Хуҷанд иштирок кард. Съезд аз ҳайати Ӯзбекистон баромада, ба ҳайати РАСС Тоҷикистон дохил шуданро розигӣ дод. Ин масъаларо ана акнун бояд съезди фавқулоддаи сеюми Шӯроҳои Тоҷикистон ҳал намояд. Бо ин масъалаи ниҳоят муҳим 16 октябри соли 1929 дар Душанбе съезди III фавқулоддаи Шӯроҳои Тоҷикистон даъват карда шуд. Дар ин съезд Ӯғулой Шамсиддинова ҳамчун вакил иштирок кард.

Ҳамон рӯз, яъне санаи 16 октябри соли 1929 Съезди сеюми фавқулоддаи Шӯроҳои Тоҷикистон дар бораи ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон табдил додани Тоҷикистони Мухтор қарори таърихӣ қабул кард. Боиси ифтихор ва сарбаландӣ аст, ки ба чунин қарори ниҳоят аҳамияти калон дошта ва хотирмон Ӯғулой Шамсиддинова ҳамчун вакили мандатдор овоз додааст. Дар ҳамин съезд Ҳукумати Тоҷикистони мустақил, яъне Шӯрои Комиссариати Халқӣ бо сардории фарзанди барӯманди тоҷик Абдураҳим Ҳоҷибоев ташкил карда мешавад. Сипас бо таклифи А.Ҳоҷибоев ба вазифаи Комиссари халқии тандурустии Тоҷикистон Ӯғулой Шамсиддинова тавсия карда мешавад. Дар бойгонии давлатии Тоҷикистон алхол ҳуҷҷати нодир маҳфуз аст, ки ба Ӯғулой Шамсиддинова дахл дорад. Дар он оварда мешавад:

«Қарори маҷлиси сессияи якуми даъвати сеюми Комитети Иҷроияи Марказии РСС Тоҷикистон аз 19 октябри соли 1929 дар бораи ба вазифаи

Комиссари халқии тандурустии РСС Тоҷикистон тасдиқ кардани Ӯғулой Шамсиддинова».

Ҳамин тавр Уғулой Шамсиддинова аввалин комиссарзан — нахустин Вазир аз байни занон дар тамоми онвақта мамлакати СССР буд. Соли 1929 ба мансаби вазирӣ нишастани аввалин зани тоҷик ба пайдо шудани арбобони давлатӣ аз байни занон асос гузошт.

Баъди он ки Ӯғулой Шамсиддинова ба вазифаи Комиссари халқии тандурустии Тоҷикистон интихоб гардид, ҳамоно мусоҳибаи ӯ бо мухбири махсуси рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» (имрӯза «Ҷумҳурият», Абдулғанӣ Мирзоев доир гардид. Мусоҳиба таҳти унвони «Равиши корҳои тандурустӣ дар Тоҷикистон» аз 13 декабри соли 1929 №66 дар рӯзнома чоп шуда буд. Дар мусоҳиба Ӯғулой Шамсиддинова аз ҷумла гуфта буд: «Мо алҳол диққати худро ба он медиҳем, ки хизматрасонии тиббӣ ба дараҷаи хуб гузошта шавад. Мутаассифона ҳаракати босмачиён намегузошт, ки ба бемórони халқи ранҷбар ёрдами тиббӣ расонида шавад. Ҳамин гуна бошад ҳам духтурони ҳарбӣ, ки бо ҳамроҳии аскарони сурх буданд, дар он ҷойҳое, ки ба халқ рӯ ба рӯ оянд, ёрдами тиббӣ мерасониданд. Ман хамагӣ як моҳаст, ки ба ин вазифа шурӯъ намудам. Ҳамчун зан ман ба он ҷиҳат ахамият медиҳам, ки консултатсияҳои занон, таваллудхонаҳо ва амбулаторияҳо сохта шавад».

Бояд инро хотиррасон кард, ки барандаи мусоҳиба, мухбири онвақтаи «Тоҷикистони Сурх», ки бо Ӯғулой Шамсиддинова бурдааст, яъне Абдулғанӣ Мирзоев баъдтар чун яке аз олимони забардасти тоҷик, академики Академияи фанҳои Тоҷикистон, шарқшиноси машҳури олам ба воя мерасад.

Нависанда, Ходими шоистаи маданияти Тоҷикистон Ҳилолиён Аскар дар мақолаи хеш, ки бо номи «Нахустин вазир» оиди Ӯғулой Шамсиддинова навиштааст, чунин мегӯяд:

— Шамсиддинова дар соли 1929 ба курсии вазирӣ нишаста, ба ҳалли масъалаҳои муҳим машғул мешавад. Дар республика кадрҳои тиббӣ намерасиданд. Одамон барои муолиҷаи худ ва фарзандонашон аз табобат танқисӣ мекашиданд. Ҳалли ин масъалаҳо бошад, аз вазир закигӣ ва ташаббускориро талаб мекард. Шамсиддинова дар иҷрои вазифа мушкилиҳо мекашид. Баъзан дар пеши назари вай утоқи кории котиби якуми КМ ҲК (б) Тоҷикистон Ҳусейнов Мирзо Довуд Уғлӣ, яъне сардори онвақтаи ҷумҳурӣ муҷассам мешавад ва ӯ арз мекард:

— Охир ман на фақат духтур нестам, балки маълумоти олӣ ҳам надорам, — сабаб нишон медиҳад Ӯғулой Шамсиддинова.

— Солҳо мегузаранд, — изҳор менамояд ба ӯ котиб Ҳусейнов, — давлати мо мустаҳкам мешавад, ба ҷои мо докторон, профессорҳо менишинанд. Аммо ҳоло мо бояд барои ҳамон одамон роҳ кушоем. Мо кашшофем!

Дар ҳалли тамоми мушкилиҳо, нишондодҳои ҳукумати ҷавони Тоҷикистон барои вазири ҷавон, Ӯғулой Шамсиддиноваи 22-сола роҳбаладу роҳнамои ӯ Ҳусейнов буд».

Дар вақти Комиссари халқии тандурустии Тоҷикистон будани Ӯғулой Шамсиддинова якчанд касалхонаю табобатхонаҳо кушода шуданд, ба ҷумҳурӣ аз кишварҳои СССР 270 нафар духтурон омаданд. Ӯ дар масъалаҳои

занон-тарбияи кӯдакон, ҳифзи саломатии онҳо ғамхорӣ мекард ва роҳҳои ҳалли онро ҳамчун комиссари халқӣ меёфт. Аз рӯи ҳуҷҷатҳо маълум аст, ки Ӯғулой Шамсиддинова дар аксари масъалаҳои ҳаётан муҳими он солҳо фаъолона иштирок мекардааст. Чунончи, дар шаҳодатномаи КМ ҲК (б) Тоҷикистон, ки аз 13 январи соли 1930 ба унвони ӯ дода шуда буд, қайд карда мешавад:

— Дорандаи ин шаҳодатнома аз тарафи КМ ХК (б) Тоҷикистон ба Қӯрғонтеппа оиди беҳтар кардани кори абрешимчигӣ ба мӯҳлати ду ҳафта фиристода мешавад».

Ё худ аз як ҳуҷҷати дигар, ки алҳол дар бойгонии шахсии Уғулой Шамсиддинова маҳфуз аст, маълум мешавад, ки бо қарори раёсати КИМ РСС Тоҷикистон аз 11 майи соли 1930 бо сабаби дар сафар будани раиси КИМ-и Тоҷикистон Нусратулло Махсум вазифаи раиси КИМ-и РСС Тоҷихистон ба ӯҳдаи Ӯғулой Шамсиддинова гузошта шудааст. Яъне аз ин бармеояд, ки ӯ дар муддати ду моҳ чун аъзои КИМ-и РСС Тоҷикистон сарбаландона вазифаи масъули раиси КИМ-и Тоҷикистонро бурдааст. Ин ҳуҷҷат дар саҳифаи дафтари фаъолияти Ӯғулой Шамсиддинова воқеаи таърихӣ аст. Ин боварии калони ҳукумати Тоҷикистон нисбати зани бохирад ва ташкилотчии моҳир буд.

Ӯғулой Шамсиддинова ба съезди IV Шӯрои Тоҷикистон, ки аз 17 то 24 феврали соли 1931 шуда гузашта буд, вакил интихоб мешавад. Дар он ҳамчун Комиссари халқии тандурустӣ ҳисобот медиҳад. Аз рӯи баромади Ӯғулой Шамсиддинова маълум мешавад, ки дар муддати кӯтоҳи мустақил шудани Тоҷикистон ҷумҳурӣ дар соҳаи тандурустӣ ба комёбиҳои назаррас соҳиб шудааст. Аз ҷумла сохта шудани касалхонаи нав дар Сталинобод, ба истифода додани муассисаи физиотерапевтӣ дар шаҳри Хуҷанд ва рафти сохтмони 20 касалхонаи ноҳиявӣ шаҳодат медиҳад.

Ӯғулой Шамсиддинова дар мансаби Комиссари халқии тандурустии Тоҷикистон наздик ду сол кор кард, аммо дар ин муддати кӯтоҳ ба натиҷаҳои калон соҳиб шуд. Дар ташаккул ва тараққиёти тандурустии Тоҷикистон хизмати якумин сарвари соҳаи тансиҳатӣ хеле калон аст. Дар солҳои душвори 20-30-юм маҳз ӯ барои ташкил ва ривоҷи муассисаҳои тансиҳатӣ саҳм гузошта буд. Мо бояд имрӯз хизмати чунин фидоиёни кори хайрро фаромӯш накунем.

Моҳи майи соли 2002 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров 70-солагии таъсисёбии худро қайд кард. Ба ин муносибат ман асари калоне таҳти унвони «Чароғи ирфон»-ро дар ҳаҷми 500 саҳифа навиштам. Ва як боби он «Сарварони кохи фарҳанг» ном дошта, дар он саҳми ректорони онро аз М.Шарифов сар карда то имрӯза Н.Ю.Салимов нишон додам. Дар байни ҳаждаҳ нафар сарварон ягона зане, ки ба ин донишгоҳ ҳамчун ректор фаъолият бурдааст, Ӯғулой Шамсиддинова мебошанд.

Ба ҳуҷҷати бойгонӣ муроҷиат мекунем. Нусха аз протоколи №6 маҷлиси Бюрои Комитети Ҳизбии Хуҷандии ПК (б) Тоҷикистон аз 26 феврали соли 1934.

Шунида шуд: Дар бораи директори Институти олии педагогии шаҳри Хуҷанд (Баскаков) баромад кард.

Қарор карда шуд:

Директори Институти олии педагогии Хуҷанд р.Шамсиддинова тасдиқ карда шавад. Аз КМ ПК (б) Тоҷикистон пурсида шавад, ки номзадии манзурро дида барояд ва аз КМ ВКП (6) талаб карда шавад, ки Шамсиддинова Ӯғулой ба вазифаи директори Институти олии педагогии шаҳри Хуҷанд тасдиқ карда шавад.

Нусха ба асл мувофиқ: Мудири корҳои Комитети шаҳрии ПК (б) Тоҷикистон — Тонкин».

Ҳамин тавр аз моҳи феврали соли 1934 фаъолияти дусолаи Ӯғулой Шамсиддинова ҳамчун ректори Институти педагогӣ оғоз ёфт. Дар ин муддат бо ташаббуси ин зани кордону ташкилотчӣ дар институт барои таълим якчанд лабораторияҳо, китобхона, хобгоҳ барои донишҷӯён, ҳуҷраҳо барои муаллимон, ҳамчунин участкаи замин дар деҳаи Овчӣ-Қалъача барои хоҷагии ёрирасон ҷудо намуд. Муваффақияти аз ҳама назарраси донишкада дар ин вақт ин пурракунии ҳайати муаллимон аз ҳисоби қувваи илмӣ-педагогӣ буд. Чунончи бо имзои ректор У.Шамсиддинова аз 15 марти соли 1934 Александр Маркович Белениский ба кор қабул карда шуд. Вай аз фанни таърихи адабиёти тоҷик таълим медод. Минбаъд ӯ ба яке аз олимони маъруфи шӯравӣ, то ба дараҷаи доктори илми таърих ва ходими хизматнишондодаи илми Тоҷикистон расид.

Дар давраи роҳбарии Ӯғулой Шамсиддинова институт ба якчанд комёбиҳои назаррас соҳиб шуд: Якум, дар соли хониши 1934-1935 Институти педагогии олӣ ба дуюмин Институти педагогии давлатии тоҷик табдил дода шуд. Дуюм, дар хамин соли хониши шӯъбаи шабонаи донишкада ташкил карда шуд, ки он то соли 1946 амал кард. Сеюм, бо мақсади ба мактаби олӣ ҷалб намудани коргару деҳқон дар институт факултаи нав — факултаи коргарӣ (рабочий) кушода шуд, ки дар он 200 нафар таҳсил мекарданд. Чорум, дар тӯли се соли арзи вуҷуд доштани Институт теъдоди муаллимон аз 9 нафари соли 1932 то ба 34 нафари соли 1934 расид, ки аз онҳо 3 нафар профессор, 16 нафар дотсент ва 15 нафарашон ассистент буданд. Тамоюли хуби зиёдшавии шумораи муаллимони тоҷик рӯз аз рӯз суръат мегирифт. Панҷум, аз соли тахсили 1934-1935 сар карда, нахустин лабораторияҳои физикӣ-астрономӣ, химиявӣ, утоқҳои таълимии ботаникӣ, зоология, геология, осорхонаи зоологӣ, устохонаҳои механикӣ ва дуредгарӣ бино шуданд. Барои Ӯғулой Шамсиддинова боиси ифтихор буд, ки дар институт бо як зумра омӯзгорони номӣ, мисли Б.М.Комаров, А.В.Бурсев, Н.Ф.Просенко, Ф.Абдуллозода, П.А. Маленко, С.Н.Фадеев, А.В.Ховренко, М.Тупиков, А.А.Дибров, В.С. Шардаков, М.Ф.Коновалова, Б.И.Виноградов ва дигарон паҳлӯ ба паҳлӯ истода кор кардааст. Дар дафтари хотиравии Ӯғулой Шамсиддинова оиди солҳои кор дар институт оварда мешавад: «Дар шӯҳрат ёфтани ягона мактаби олии онвақтаи Хуҷанд ҳиссаи омӯзгорон хеле калон аст. Мутахассиси ҷавон Файзулло Абдуллозода чун донандаи забони русӣ дар институт вазифаи тар-

ҷумони лексияҳои муаллимони русзабони донишгоҳ ва тарғиби маводҳои рӯзномаи «Пролетари Хуҷанд»-ро адо мекард».

Барои мо, муаррихон маълумотҳои оиди ҳайати профессорон-омӯзгорони институт овардаи Ӯғулой Шамсиддинова ҷолиби диққат аст. Вай дар ҳисоботи хеш менависад: «Аз 34 нафар омӯзгорони институт 17 нафарашон аз шаҳри Хуҷанд буда, боқимонда аз дигар шаҳрҳои мамлакат омадаанд. Аз рӯи ҳайати миллӣ бошад, аз 34 нафар 18 нафарашон аврупой, 10 нафарашон тоҷикон, 2 нафар тотор ва 4 нафари боқимонда намояндагони миллатҳои гуногунанд».

Ӯғулой Шамсиддинова бо номи омӯзгор-муаллим фахр мекард. Ин зан гарчанде ки аз соли 1936 фаъолияти хешро дар корҳои ҳизбӣ-ҷамъиятӣ давом дода бошад ҳам, аммо алоқаи хешро бо институти педагогӣ-имрӯза Донишгоҳи давлатии Хуҷанд наканд. Маҳз бо ташаббуси ӯ дар донишкада Шӯрои занон ташкил карда шуд.

Як лаҳзаи таърихиро, ки ман иштирокчии онрӯза будам ин ҷо оварданиам. Соли 1982 Институти педагогии Ленинобод (имрӯза ДДХ) 50 сола шуд. Ба ин муносибат слёти занону духтарони донишкада баргузор гардид. Дар ҷамъомади онрӯза Ӯғулой Шамсиддинова ба минбар мебарояд. Аҳли толор аз ҷой бархоста, бомуҳаббат ду-се дақиқа ба шарафи дуюмин ректори донишгоҳ ва якумин ректорзани тоҷик кафкӯбиҳо намуданд. Ӯ чанд суханҳои самимии худро баён намуд:

Ман фахр мекунам, ки ба ин коллективи шӯҳратманд солҳои 30-юм сарварӣ намуда будам ва минбаъд алоқаи худро накандам. Ин даргоҳи муқаддас дар давоми 50 соли мавҷудияташ зиёда аз 26 ҳазор мутахассисони баландихтисосро тайёр намуд. Дар байни онҳо занон низ бисёранд. Аз ин донишкада олимаҳо-мисли ҳамноми тан Ӯғулой Аҳмадова, Қумрӣ Тоҳирова, Отуной Дадобоева, роҳбарони ҳизбию давлатӣ мисли Ибодат Раҳимова, Офият Раҳимова, Тоҷинисо Осимова, рассоми халқӣ Зулфия Баҳриддинова ва дигарон тарбия гирифтаанд. Ман мефахрам, ки касби пурифтихори олам омӯзгориро дар вақташ интихоб кардаам. Ва имрӯз донишкадаи шумоён маҳз муаллимонро тайёр мекунад. Дар олам ҳеҷ касбе монанди муаллимӣ баланд нест. Муаллимӣ касбест, ки одамро тарбия мекунад. Коре, ки бе муаллим, бе устод мешавад, вай мустаҳкам нест. Аз ин чост муаллим ба инсон маърифат мебахшад, ӯро бо роҳи рост ҳидоят мекунад. Муаллим чароғи дониш аст ва ҳидояткунандаи роҳи нек аст. Касе ки аз панди муаллим баҳравар шаваду аз рӯи он амал кунад, роҳаш равшан аст. Моро аз хурдӣ дар мазмуни ҳамин шеър тарбият кардаанд:

*Ҳар ки бе устод кард огози кор,*
*Кору бори ӯ надорад эътибор.*
*Домани устод гиру шод шав,*
*Муддате хизмат куну устод шав.*

Омӯзгор, муаллим, устод — ин се калима дар саҳифаҳои китобу маҷаллаҳо, дар байни мардум, дар маҷлису ҷамъомадҳо, дар сӯҳбатҳои хоса бисёр

такрор мешаванд. Ин се калима бештар ба Ӯғулой Шамсиддинова тааллуқ дошт. Ҳамсоягон, воқеан дар кӯчаи себзори Хуҷанд ҳама ӯро муаллима мегуфтанд, омӯзгорони калонсоли Донишгоҳи давлатии Хуҷанд агар ба он кас рӯ ба рӯ оянд, ҳамоно Устод гӯён муроҷиат мекарданд. Ӯғулой Шамсиддинова худро бо ифтихор ман омӯзгорам гуфта, муаррифӣ менамуд. Ӯ хуб мефаҳмид ва медонист, ки зимни ин касб чӣ машаққатҳои зиёде, бедорхобиҳо ва қувваҳои нури чашм дар вақти хондану навиштан мерафт. Вай медид, ки духтараш Нодирахон, ки аз соли 1956 ҳамчун омӯзгор кор мекунад, аз субҳи содиқ то шом дар мактаб ба тарбияи хонандагон машғул аст. Вай аз духтараш маҳз серталабиро нисбати касби муаллимӣ раво медид.

Дар хусуси гуфтаҳои модар оиди касби муаллимӣ, насиҳатҳои вай, духтари Ӯғулой Шамсиддинова, муаллима Нодирахон Мирзохонова чунин нақл намуд:

— Модарам, ки аз аввалин муаллимаҳои давраи шӯравӣ дар Хуҷанд буданд, ҳамеша аз ман хоҳиш мекарданд, ки аввалан касби худро дӯст дорам ва сониян сидқан хизмат кунам. Ӯ маро мегуфт, ки тамоми қувваю дониш, маҳорату истеъдоди педагогӣ, гармии дилу меҳри инсонии худро ба тарбияи фарзандони мардум сарф намоям. Зеро ки халқ азизтарин дороии худ — фарзандонашро бо дили пур ба ихтиёри муаллим месупорад, бовар дорад, ки муаллиму мактаб ба ӯ на танҳо дониши зарурӣ, балки тарбияи хуб медиҳад. Шумоён фаромӯш накунед, ки бахри халқ муаллим, аз шахсони бовариноки ҷомеа аст. Шумоён пеш аз ҳама дар ҳама чиз — ҳам гуфтору ҳам либос, ҳам одобу ҳам рафтор намуна бошед. Дониш ва маҳорати касбиро ҳамеша такмил диҳед, одоби хушу дониши фаровон, маданияти либоспушию хонадорӣ ва гуфтори ҷозибу донишмандонаи муаллим меҳру таваҷҷуҳи хонандагонро ба ӯ меафзоёнад. Яъне бурди кори вай ба заковату фаросати худи муаллим вобаста аст.

Ӯғулой Шамсиддинова гарчанде ки аз соли 1959 ба нафақа баромада бошад ҳам, аммо то дами охирин дар байни ҷавонон, занон ва соҳибхоназанон корҳои тарбиявӣ мебурд.

Барои хизматҳои шоёнаш дар назди халқу Ватан Ӯғулой Шамсиддинова бо якчанд мукофотҳои давлат сарфароз шудааст. Бо қарори комиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии шаҳри Ленинобод аз 1 ноябри соли 1977 Ӯғулой Шамсиддинова бо унвони ифтихории Шаҳрванди фахрии шаҳри Ленинобод (имрӯза Хуҷанд) сарфароз карда шуд. Барои хизматҳои калонаш дар назди ҷомеа ва махсусан нашъунамои Хуҷанд бо ин ном қадр шудааст. Хуҷанд барои Ӯғулой Шамсиддинова шаҳри дустӣ, шаҳри бостонӣ, шаҳре, ки адибону олимон ва сайёҳони олам «Арӯси дунё», «Тирози ҷаҳон» номиданд, буд. Вай аз он ифтихор дошт, ки дар шаҳри Хуҷанд солҳои дароз кор ва зиндагӣ кард. Ва шаҳри азизаш ӯро бо номи баланди шаҳрванди фахрӣ қадршиносӣ кардааст.

Ӯғулой Шамсиддинова моҳи январи соли 1990 дар синни 83-солагӣ вафот кард. Дар таъзияномае, ки бо имзои роҳбарони шаҳру вилояти Ленинобод баромада буд, гуфта мешуд: «...Ӯғулой Шамсиддинова дар солҳои барои ҷумҳурӣ душвори 1929-1931 яке аз аввалин комиссарҳои халқии тандурустии

Тоҷикистон буд. Солҳои 1934-1935 дар айни барпошавии Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи С.М.Киров директори он буд. Минбаъд дар муддати 20 сол то ба нафақа баромаданаш дар корҳои роҳбарикунандаи ҳизбӣ буд. То рӯзҳои охирини умри худ дар ҳаёти ҷамъиятии маркази вилоят фаъолона ширкат мекард. Хотираи дурахшони Шаҳрванди фахрии шаҳри Хуҷанд, мураббии ҳақиқӣ Ӯғулой Шамсиддинова, ҳамеша дар дили онҳое, ки ӯро медонистанд, боқӣ мемонад».

Бо қарори Шӯрои депутатҳои халқии шаҳри Хуҷанд аз 9 сентябри соли 1991 №521 барои абадӣ гардонидани хотираи неки Ӯғулой Шамсиддинова кӯчае, ки шодравон зиндагӣ мекард, яъне кӯчаи ба номи И.СПавлов ба кӯчаи Ӯғулой Шамсиддинова гузошта шуд.

Инак моҳи марти соли 2003 бо қарори раиси вилояти Суғд Қ.Р.Қосимов бахшида ба 95 солагии тавлиди шарифи Ӯғулой Шамсиддинова ёдбуди неки ӯ таҷлил мегардад. Ин қадршиносӣ дар раванди худшиносии ҷомеа саҳми калон хоҳад гузошт. Зеро бузургони мо гуфтаанд: «Гузаштаро бояд танҳо бо некӣ ёд кард».

## РОҲБАРИ КОРДОН ВА ҶАСУР

***Бахшида ба 80-солагии зодрӯзи Т. Ӯлҷабоев***

*Аз ӯ ҷуз бузургиву оҳистагӣ,*
*Хирадмандиву шарму шоистагӣ.*

Ин байти шоири тавонои мо Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ба ононе дахл дорад, ки ба нерӯи ақл ҷилои тоза дода, тавассути хирад ва хоксорӣ дар байни мардум мақоми баланд ва доимӣ ба даст овардаанд. Ҷавҳари оини онон меҳнат баҳри халқ, аз худ бинои некӣ монданашон мебошад. Яке аз чунин аҳли хирад, роҳбари оқилу доно ва сарвари ҳамазеб Турсунбой Ӯлҷабоев буданд. Ишон аз зумраи он роҳбароне буданд, ки масъалаи мушкилтаринро дар муддати кӯтоҳ ҳал карда метавонистанд. Шахсе буданд, ки ба мутахассисону одамони боистеъдод ғамхор ва онҳоро мувофиқи маҳорату кордониашон вазифа медоданд. Турсунбой Ӯлҷабоев истеъдоди фитрӣ, заковату дониш ва ҳунари давлатдорию сиёсатмадорӣ ва раиятпарварӣ доштанд. Агар ин шахсияти таърих имрӯз дар қайди ҳаёт мебуданд, ба 80 мерасиданд. Ва месазад, ки чунин одамони наҷиброҳамеша самимона ситоиш кунем. Ситоиши чунин одамони равшанзамиру нексиришт воҷиб аст, чунон ки ҳамон Фирдавсии ширинсухан гуфтаанд:

*Касе, к-аш ситоиш наёяд ба кор,*
*Ту ӯро ба гетӣ ба мардум мадор!*

Турсунбой Ӯлҷабоев зодаи вилояти Ленинобод буда, давраи бачагию наврасиашон асосан дар деҳаи Оқтеппаи ноҳияи Нову деҳаи Ёваи ноҳияи Хуҷанд гузаштааст. Хеле барвақт худро дар кори ташкилотчигӣ нишон доданд ва аз ин лиҳоз аз бистсолагӣ сарвари комсомолони ноҳияи Нов, сипас комсомолони вилояти Ленинобод ва ҷумҳуриро ба ӯҳда гирифтанд.

Минбаъд аз соли 1949 баъди хатми Мактаби Олии Ҳизбии назди КМ ВКП(б) фаъолияташонро дар мақомоти котиби Комитети ҳизбии вилояти Сталинобод, котиби якуми обкоми Кӯлоб, котиби якуми обкоми Ленинобод давом доданд. Маҳз дар ҳамин давраҳо он кас худро ҳамчун сарвари кордон нишон доданд ва ин буд, ки солҳои 1955-1956 раиси Совети Вазирони РСС Тоҷикистон ва солҳои 1956-1961 ба ҳайси котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон, ҳамчун сарвари тамоми ҷумҳурӣ кор карданд.

Таърих гувоҳ аст, ки дар давраи роҳбарии Турсунбой Ӯлҷабоев ҳамчун сардори Ҳукумат ва сипас котиби якуми КМ ҲК чандин корхонаи бузурги саноатӣ, биноҳои калони маъмурӣ сохта шуд ва ҷумҳурӣ дар соҳаи фарҳангӣ ҳам комёбиҳои назаррас ба даст овард. Сохтмони ГЭС-ҳои Қайроққум, Сарбанд, Шаршара, ба нақша гирифтани ГЭС-и Норак, заводи алюминии Регар ва кимёвии Ёвон, комбинати маъдани Анзоб, сохтмони биноҳои чойхонаи «Роҳат»-и Душанбе, вокзали роҳи оҳани Душанбе аэропорти Душанбе, меҳмонхонаи «Душанбе», Институти хоҷагии қишлоқ, комплекси беморхонаи Қароболо, театри ба номи Лоҳутӣ, театри ба номи Камоли Хуҷандӣ, қасри Президент — собиқ бинои Секаи Тоҷикистон ба номи Турсунбой Ӯлҷабоев алоқаманд аст. Ҳиссаи эшон дар сохтмони комбинати қолинбофии Қайроққум, Қасри маданияти колхози ба номи С.Ӯрунхоҷаев, бозори овозадори «Панҷшанбе»-и Хуҷанд калон аст.

Рӯзгор нишон дод, ки Турсунбой Ӯлҷабоев дорои сифатҳои ибратбахш буданду бо маҳорати ташкилотчигӣ ва камоли ҷасорату нотарсӣ фарқ доштанд, масъалаҳои мушкилтаринро дар муддати кӯтоҳ ҳал карда метавонистанд. Ваъда намедоданд, ибораҳои «дида мебароем», «ман бо фалонӣ маслиҳат кунам» барояшон бегона буд. Инсони боистеъдод ва болаёқатро зуд мешинохтанд. Меъёри баҳояшон истеъдод ва коршиносии инсон буд. Вазъиятро хуб дарк мекарданд, дар ҳалли мушкилот ҷасур буданд. Аз ҷасорати он кас атрофиён ибрат мегирифтанд. Аммо ҷасорат, кордонӣ, серталабии эшон на ба ҳама мефорид.

Солҳои 1950-1960 Т.Ӯлҷабоев ончунон дар байни котибони якуми Секаи ҷумҳуриҳои онвақтаи СССР машҳур шуданд, ки ин ба нафсонияти баъзе шахсон расид. Боре дар яке аз зиёфатҳои дар Кремл барпо шуда Н.С.Хрушёв баъди суханронии ширини бомантиқу кӯтоҳ, вале пурмазуни Турсунбой Ӯлҷабоев ба ваҷд омада, аз хурсандӣ он касро ба оғӯш кашиданд, бӯсиданду бо фахр ба ҳозирон гуфтанд: «бинед, аз Тоҷикистони хурд чунин сарвари фозилу доно баромадааст, офарин Турсунбой!»

Минбаъд Н.С.Хрушев ба Турсунбой Ӯлҷабоев бо як эҳтиром нигоҳ мекарданд, ҳамроҳи худ ба сафарҳои Ҳиндустон, Индонезия, ИМА ва дигар кишварҳо бурданд. Аз ин сафарҳо Т.Ӯлҷабоев на танҳо бо як ҷаҳон таассурот, балки бо обрӯи калон бармегаштанд. Дар штати калонтарини Амрико — Техас эшонро шаҳрванди фахрӣ интихоб намуданд. Вақто ки соли 1960 ба мамлакати сернуфузи мусулмонии Индонезия мераванд, диққати ҳамагон ва шахсан президенти он Аҳмад Сукарно чун мусулмон ба Т.Ӯлҷабоев бештар мешавад. Он вақт овоза паҳн гардид, ки Т.Ӯлҷабоевро котиби КМ КПСС интихоб мекунанд. Афсӯс, Иван Григоревич Ковал барин баъзе нохалафон

ба сари эшон борони кинаю ҳасуд ва бӯҳтон рехтанд. Ба қавле, ҷасорат ва кордонӣ боиси ғаши ҳасудон шуд.

Хусумати И.Г.Ковали сияҳдил дар он, ки чанде пеш аз пленуми ҳафтуми «таърихӣ»-и апрелии соли 1961-уми КМ ПК Тоҷикистон Маскав ба ҷои котиби дуюми КМ ПК Тоҷикистон П.С.Обносов ӯро фиристоданӣ буд. Ҳамин вақт аз зани аввали Ковал, ки бо ду кӯдакаш дар Молдова мезист, ба унвони КМ ПК Тоҷикистон, шахсан ба номи Т.Ӯлҷабоев номаи шикоятӣ мерасад. Ӯ бо пешхизмати зебое хонадор шудаю фарзанд ёфта, аз ҳоли онҳо хабар намегирифтааст. Т.Ӯлҷабоев, ки шахси пок ва ба қадри одамони пок мерасидагӣ буданд, номзадии И.Г.Ковалро рад карданд. Дар он замонҳо амри болоро иҷро накардан баробари марг буд. Баъди ин Ковал бо комиссияи «махсус»-и худ ба Тоҷикистон омада, изофанависии пахтаро тафтиш кард ва бо ҳамин тӯҳмати хушку холиро ба номи неки Т.Ӯлҷабоев ва Назаршо Додхудоев — Раиси Совети Вазирони РСС Тоҷикистон ва Пётр Степанович Обносов часпонид. Онҳоро аз вазифа ва аъзогии ҳизб хориҷ намуданд.

Имрӯз бо гузашти замон таърих ба он қарорҳои ноодилонаи пленуми ҳафтуми «таърихӣ»-и КМ ПК Тоҷикистон баҳои ҳақ дода истодааст. Аз рӯи нақли Низорамоҳ Зарифова дар он пленум демократияи ҳизбӣ ва адолати ҳизбӣ сахт вайрон шуд. Дар ҳаққи Т.Ӯлҷабоев ҷабр карданд.

Чанде пеш Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Энаҷон Бойматова гуфтанд, ки «хайрият, номи неки фарзанди асил Турсунбой Ӯлҷабоев барқарор шуд. Ман, ки иштирокчии он пленум будам, моҳияти тӯҳматро дар ҳамон вақт фаҳмидам ва ба чунин хулоса омадам, ки аз як миллион дӯст, илоҷ даст диҳад, як душман монанди Ковал ғолиб меомадаст...»

Турсунбой Ӯлҷабоев баъди аз вазифаи баланд сабукдӯш гардидан директори совхози Ҷӯбеки ноҳияҳои Москваю Ғарм шуданд. Аз солҳои 70-ум сар карда, то охирин рӯзи ҳаёташон директории совхози «Съезди XIV КПСС» ноҳияи Куйбишев буданд. Дар кадом хоҷагие кор карда бошанд, онро пеш мебурданд ва аз дили мардуми он ҷой гирифтанд.

Падари ман, ки аз маорифчиёни кӯҳансоли ҷумҳурӣ буданд, бо Турсунбой Ӯлҷабоев муносибати хуби дӯстона доштанд. Як некии Турсунбой Ӯлҷабоевро нисбати хонадони мо падарам ҳеҷ гоҳ аз хотир намебароварданд ва ба мо, фарзандон, онро пайваста ёдрас мекарданд. Соли 1951 он кас котиби обкоми Кӯлоб ва сипас Ленинобод мешаванд. Калиди ҳавлии Душанбегии худро ба бародарам Абдуллоҷон Ғаффоров месупоранд, ки зану шавҳар донишҷӯёни Университети давлатии Тоҷикистон буданд. Ду сол онҳо дар ҳавлиашон истиқомат мекунанд. Магар ин некиро фаромӯш кардан мумкин аст? Ҳаргиз!

Соли 1976 ман ҳамроҳи падарам барои дидорбинии Турсунбой Ӯлҷабоев ба ноҳияи Куйбишев рафтем. Он кас аз ин вохӯрии ғайриҷашмдошт хеле хурсанд шуданд ва кӯдаквор завқ мекарданд. Ҳар замон «оббо домуллое, як коре кардед, ки сарам ба осмон расид» мегуфтанд. Суҳбат хеле тӯл кашид, лаҳзаҳои аҷоибу сафарҳои хориҷиро бо Н.С.Хрушёв нақл намуданд. Аз ҷумла қиссаи тӯҳмати ба сарашон омадаро бо як ҷиддият муфассал нақл карда гуфтанд:

— Маро вақте ки аз вазифаи котиби аввали Сека озод карданд ва аз ҳизб баровarданд, ин қадар озурда нашуда будам. Зеро гуноҳ надоштам ва парвое ҳам надорам, ки аз вазифа рафтам. Мансаб меросӣ нест ва халқ як рӯз мӯйро аз хамир ҷудо мекунад. Аммо маро як кирдори роҳбарон озурда кард. Гуфтам, ки ҳар неку баде, ки ба вуҷуд омад, аз ман буд, лекин падарам чӣ гуноҳ доштанд. Охир, раҳматии падарам тамоми умр боғбонӣ мекарданд, чӯлро обод намуданд. Аммо зиёда аз 400 нафар коммунистони ба таъзияи падарам омадаро бо амри роҳбарон муҳокима карда, ба ҳамаашон ҷазо додан аз рӯи адолат набуд. Аҷиб, ҳамдардӣ баён куну ҷазо бин. Ин ноодамӣ дар ягон олам нашудааст. Табиби ҳозиқ Зикрулло Хоҷаев, профессор Ҳамид Мансуров, ректори Университет академик Солеҳ Раҷабов, ректори Институти педагогӣ Ориф Шукуров ва чанде дигарон барои ҳамдардӣ омада, ба балои азим монданд.

Дар ҳақиқат И.Г.Ковал аз вафоти падари Турсунбой Ӯлҷабоев хуб истифода бурда, бори дигар қасд гирифтанд. Интиқом ситодан хулқи Ковал буд. Дар маҷлиси Бюрои КМ ПК Тоҷикистон аз ҷабрдидагон такрор ба такрор пурсидаанд, ки чаро дасти дуо бардошта омин гуфтед? Тоқати Солеҳ Раҷабов тоқ шуда, ба Ҷаббор Расулов гуфтаанд, ки «агар шумо муред, ба фотеҳаатон намеравам, шуд-мӣ?»

Аз рӯи нақли ҳамсари Турсунбой Ӯлҷабоев — Шамсия Ӯлҷабоева, эшон ҷабри нисбати иштирокчиёни таъзия зуҳурёфтаро то дами марг фаромӯш накардаанд. Вақте ки модарашон аз олам мегузаранд, ҳатто ба хешу таборон ва дӯстон хабар нadодаанд. Турсунбой Ӯлҷабоев ҳеҷ намехостанд, ки марги модар ҳам ба сари дӯстон мусибат оварад.

Турсунбой Ӯлҷабоевро имрӯз ҳамагон бо некӣ ёд мекунанд. Таърих чун ҳакам нишон дод, ки эшон гуноҳе надоштанд. Танҳо ҳақиқатҷӯ, ҳақбин ва ростқавл буданд.

Имрӯзҳо мо ҷашни муборакi 80-солагии зодрӯзи шодравонро қайд намуда мегӯем, ки Турсунбой Ӯлҷабоев танҳо баҳри халқ, ободонии кишвар хизмат карду бас. Ва шояд аз турбати хеш ба мо муроҷиат карда мегуфта бошанд:

*Мо умр фано додем, то зинда шумо бошед,*
*Дар хоки мазори мо доим ба дуо бошед.*
*Чун шамъи вуҷуди мо қурбони шумо гардад,*
*Равшангари шамъи мо шояд, ки шумо бошед.*

## Ӯ САРВАРИ ЧАШМИКОРДОН БУД

Душанбе — пойтахти давлати мо маркази хирад, фарҳанг ва маънавиёти олӣ гардидааст. Падару бобоёни мо ҳанӯз миёни солҳои 20-уми қарни ҲҲ ин мавзеъро ба пойтахти Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон табдил дода, ба мо шаҳри зебоеро мерос гузоштанд, ки симои такрорнашаванда, биноҳои мӯҳташам ва кӯчаю хиёбонҳои сарсабз, корхонаю муассисаҳои бисёри илмӣ ва фарҳангӣ дорад. Заҳмат ва кӯшишу ғайрати падарону бобоёнамон

дар ҳар бино, иншоот ва кӯчаю хиёбонҳои пойтахтамон инъикос ёфтаанд. Ин ободии пойтахт ба шарофати роҳбарону арбобони давлатию сиёсӣ ва шахсиятҳои маъруфи он ба даст омадааст. Президенти Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов 14 феврали соли 1998 ҳини вохӯрӣ ба ахли ҷамоати шаҳри Душанбе гуфта буд: «Ба ин шаҳраки хурду назарногир, ки ҳатто номаш дар харитаи дунё сабт нашуда буд, аз чаҳор самти пойтахт арбобони илму санъат, шоиру нависандагон, ходимони давлатию сиёсӣ, шаҳрсозону меъморон, хуллас, фарзандони бедордили модари тоҷик ва дигар миллатҳо гирд омаданд».

Яке аз он ходимони сиёсию давлатӣ, шахсе, ки дар сохтмонҳою ободии Душанбе бевосита иштирок кардааст, раиси комиҷроияи Шӯрои шаҳри Сталинобод дар солҳои 1933-1937 Абдукарим Розиқов буд. Дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» ҷилди 6, дар саҳифаи 388-уми он дар бораи А.Розиқов чунин омадааст: «Розиқов Абдукарим (1898, деҳаи Қистақӯзи райони Хуҷанд (имрӯза Б.Ғафуров — У.Ғ.) — 1937), иштирокчии фаъоли барпо ва мустаҳкам кардани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон, ходими давлатӣ ва партиявии советӣ. Аъзои Партияи коммунистӣ аз соли 1918. Аз оилаи деҳқон. Фаъолияти меҳнатиаш аз соли 1917 дар шаҳри Хуҷанд сар шудааст. Аз аввалин. командирони отряди ихтиёриён дар Қистақӯз. Соли 1920 курси 6-моҳаи командиртайёркунии ш.Хуҷандро хатм карда, аз аҳолии меҳнаткаши маҳаллӣ отряди ихтиёриён ташкил намуда, бар зидди босмачиён мубориза бурд ва дар торумори дастаи Лаҳад Махсум ҳисса гузошт. Солҳои 1923-1925 раиси Комиҷроияи Қистақӯз (ташаббускори аввалин ҳашар, ободонӣ ва сохтмони биноҳои ҷамъиятӣ дар Қистақӯз), солҳои 1926-1931 дар корҳои роҳбарӣ дар шаҳру районҳои шимолии Тоҷикистон (Конибодом, Ашт, Хуҷанд ва ғайра), соли 1932 раиси «Совхозтрест»-и РСС Тоҷикистон, солҳои 1933-1937 раиси Комитети иҷроияи шаҳри Душанбе. Депутати КИМ-и СССР, аъзои КМ ПК (б) Тоҷикистон, аъзои бюрои Комитети партиявии шаҳри Душанбе ва аъзои Президиуми КИМ-и РСС Тоҷикистон интихоб шуда буд».

Аз ин маълумотномаи мухтасари дар «ЭСТ» чопшуда маълум мегардад, ки Абдукарим Розиқов дар умри камтар аз чил соли худ бахри рушду камоли Тоҷикистони навин ва, алалхусус, дар чор соли ҳаёти охирини худ ҳамчун раиси комиҷроияи пойтахти ҷумҳуриамон барои равнақи он корҳои зиёдеро анҷом додааст. Дар куҷое, ки кор карда бошад, ӯро мардум бо некӣ ба забон мегирифтанд. Чанд сол пеш ман меҳмони Ҷамоати Ашти ноҳияи Ашт шуда будам. Яке аз шахсони кӯҳансолтарини деҳа Саримсоқов Ҳомидҷон (ҷояш ҷаннат бод) бо як муҳаббат дар бораи Абдукарим Розиқов нақл намуданд. Шукри бепоён, ки ҳамаи нақлҳояшонро ба дафтар сабт карда будам. Аз ҷумла гуфта буданд: «Абдукарим Розиқов яке аз аввалин сарварони ноҳияи навташкили Ашт буданд. Ташкили нахустин колхозҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ ва саноатӣ бо номи он кас вобаста буд. Ман хуб дар хотир дорам, ки набудани роҳи хуби автомобилгард боиси инкишоф наёфтани саноати маҳаллӣ буд. Маҳз бо ташаббуси Розиқов ва дигар роҳбарони онвақта хати роҳи оҳан пайваст кардани ҳудуди корхонаи кони намаки Қамишқӯрғон ба нақша гирифта шуда буд. Мутаассифона, роҳи оҳани Тошканд — Конибодом,

ки бо қарори Ҳукумати СССР сохта мешуд, нотамом монд. Ва он нақша ҳам амалӣ нашуд».

Вақте ки Абдукарим Розиқовро ба вазифаи масъули раиси «Совхозтрест»-и Тоҷикистон таъин мекунанд, ӯ ташкилотчӣ ва чашми кордон будани хешро нишон дод. Дар муддати беш аз як соли сарвариаш вай сиёсати коллективонии хоҷагии қишлоқро ба амал татбиқ карда, дар айни замон ба сохтмони совхозҳо диққати зиёд дод. Дар ибтидои соли 1932 қариб 20 совхози нав ташкил карда шуд. Майдони кишти қаламрави совхозҳо то 33400 гектар зиёд шуд. Моҳи августи соли 1932 раиси «Совхозтрест» дар назди Ҳукумати Тоҷикистон масъалаи минбаъд тараққиёти кори совхозҳои ҷумҳурӣ ва махсусан пахтакориро бо далелҳои тозаву мушаххас мегузорад. Дере нагузашта Шӯрои Комиссарони халқи РСС Тоҷикистон «Дар бораи вазъи совхозҳои пахтакор» аз 16 сентябри соли 1932 қарор қабул мекунад. Зимни ин қарор барои инкишофи корҳои обёрии совхозҳо 3 миллиону 300 ҳазор сӯм пул ҷудо карда шуд.

Маҳорати ташкилотчӣ ва кордонии Абдукарим Розиқовро ба назар гирифта, соли 1933 ӯро ба вазифаи ниҳоят масъул — раиси комиҷроияи шаҳри Сталинобод интихоб менамоянд. Ӯ ҳангоми дар ин вазифа будан дар сохтмони корхонаҳои саноатӣ, биноҳои маъмурӣ ва фарҳангӣ, кабудизору дарахтзор кардани шаҳр ва бунёд намудани боғҳою хиёбонҳо фаъолона иштирок мекард. Шодравон, падарам Абдуғаффор Ҳасанов, ки аз дӯстони наздики А.Розиқов буданд, 7 октябри соли 1964 тавассути рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (имрӯза «Ҷумҳурият») мақолае таҳти унвони «Фарзанди содиқи халқ» менависанд: «Вақте ки шумо дар кӯчаҳои зебо, мафтункунандаи шаҳри Душанбе сайр мекунед, биноҳои бошукӯҳ, дарахтҳои сояафкану хиёбонҳои дилпазири онро мебинеду аз тамошояш сер намешавед, албатта, ба онҳое, ки дар гузоштани пойдеворҳои хонаҳо, боғҳои аввалин саҳм гузоштаанд, таҳсин мехонед.

Яке аз ҳамин гуна шахсоне, ки дар сохтмонҳои Душанбе-Сталинободи онвақта бевосита иштирок кардааст, раиси собиқи кумитаи иҷроияи Совети депутатҳои шаҳри Сталинобод Абдукарим Розиқов буд. Ман шоҳиди он будам, ки дарахтони навниҳоли сояафканро бо аэропланҳо аз Москва оварда буданд...»

Чор-панҷ соли давраи раиси шаҳри Сталинобод (1933-1937) будани Абдукарим Розиқовро метавон марҳилаи сохтмони корхонаҳои саноатии пойтахт номид. Омили пешравии саноат пеш аз ҳама ба қувваи барқ вобастагӣ дошт. Маҳз дар ҳамин солҳо истгоҳи барқии дизелӣ — иқтидораш 1500 кВт ва истгоҳи барқии обии Варзоби Боло иқтидораш 7500 кВт ба кор даромад. Ба шарофати истгоҳҳои барқӣ заводи таъмири механикии ба номи Г.К. Орҷоникидзе (нахустин корхонаи саноати металкоркунии Тоҷикистон), фабрикаи дӯзандагӣ, аввалин сехҳои заводи чарм, комбинати гӯшт, заводҳои таъмири механикӣ, нон, вино ба кор андохта шуд. Яке аз воқеаҳои фараҳбахши фарҳангӣ ин давр соли 1934 ба кор андохта шудани комбинати полиграфии шаҳри Сталинобод мебошад. Дар ҳамаи ин муваффақиятҳо саҳми Абдукарим Розиқов ҳамчун сарвари шаҳр хеле калон аст.

Мутаассифона, вабои соли 1937, яъне ҳамчун «душманони халқ», «миллатчиёни буржуазӣ», «унсурони зиддиинқилоб» таъқиб шудани ҳазорон-ҳазор коркунони ҳизбӣ-давлатӣ ба Тоҷикистон низ омад. 10 сентябри соли 1937 дар рӯзномаи «Правда» мақолаи мухбири он дар Тоҷикистон В.Верховский бо номи «Душманони халқи тоҷик» мебарояд. Дар он гуфта мешуд, ки «миллатчиёни буржуазӣ дар Тоҷикистон дар паноҳи раиси Совети Комиссарони халқи республика Абдулло Раҳимбоев ва дигарон худсарӣ мекунанд». Ин мақола боиси он гардид, ки садҳо нафар одамони бегуноҳ ва аз ҷумла раиси комиҷроияи шаҳри Сталинобод А.Розиқов ба ҳабс гирифта, сипас ба қатл расонида шуд. Дере нагузашта рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» аз 28 сентябри соли 1937 мақолаи калонҳаҷмро бо номи «Ба решаи розиқовчигӣ оташ мезанем», чоп намуд. Мақола пур аз далелҳои туҳматангезона буд. Гузаштагони Розиқовро соҳиби корхонаи майдаи саноатӣ — ҷувозхона номида, чун дастнишондоди империализми байналхалқӣ муаррифӣ карданд.

Бо ҳамин бӯҳтонҳо соли 1937 фарзанди содиқи халқу Ватан, яке аз ободкунандагони шаҳри Душанбе, раиси комиҷроияи он, аъзои КИМ-и СССР ва Президиуми КИМ-и Тоҷикистон Абдукарим Розиқов ба қатл расонда мешавад. Дар ҳуҷҷатҳое, ки алҳол нусхаи он дар бойгонии шахсии ман маҳфуз аст, навишта шудааст, ки Розиқов Абдукарим ҳамчун душмани халқ бо қарори махсуси НКВД-и РСС Тоҷикистон маҳкум карда шудааст. Ин ҳама тӯҳмат буд. Шукр, ки ҳақиқат ғалаба карду номи неки Абдукарим Розиқов барқарор шуд. 16 январи соли 1989 Қарори раёсати Шӯрои Олии ИҶШС «Оиди барқароркунии ҳуқуқҳои вайроншудаи маҳкумшудагони репрессияҳои солҳои 30-40 ва ибтидои солҳои 50-ум» бароварда шуд. Дар асоси ин қарор ҳазорон фарзандони арзандаи халқ, аз ҷумла фарзанди покзамири тоҷик Абдукарим Розиқов, ки дар қалби худ умеди ночизеро оиди барқарор кардани номи нек доштанд, сафед шуданд. Пеш аз қатл А.Розиқов ба ҳамсараш гуфтааст, ки ягона фарзандамон — Пӯлодҷони чормоҳаро бо номи нек ба воя расон. Рӯзе ҳақиқат ғалаба мекунад, он вақт доғи мо шуста хоҳад шуд.

Ҳамин тавр шуд. Номи неки Абдукарим Розиқов чун шахси бегуноҳ. барқарор шуд. Вай орзу дошт, ки пойтахти Тоҷикистон — Душанберо ба яке аз шаҳрҳои ҳамешасабзи Шарқ табдил диҳад. Ин орзуи ӯ амалӣ шуд. Имрӯзҳо меҳмонони аз дуру наздик омада мафтуни ин шаҳри зебои тоҷикон мешаванд. Ба ман муяссар шуд, ки дар рӯзҳои таҷлили ҳазораи Ҳаким Носири Хусрав бо як гурӯҳ меҳмонони аз хориҷи кишвар омада, чанд рӯз якҷоя бошам. Ҳамаи онҳо бо як овоз дар бораи зебоию боғшаҳр будани Душанбе сухан меронданд. Хушбахтона, бо кӯшиши ҳукумати шаҳр ва пеш аз ҳама бо сарварии раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев он боз ҳам зебою боҳашамат шуда истодааст. Бо ободу зебо шудани Душанбе рӯҳи поки сарварони пешинаи он, мисли Абдукарим Розиқов, шод хоҳад шуд.

## ОФТОБИ МО, САРВАРИ МО БУД

Ба дунё омадан, ба ҳаёт соҳиб шудан, зиндагӣ кардан, бояд маъние дошта бошад, бояд дунё донад, ки фарзанде ба рӯи замин қадам гузошт, ки аз вай баракат ва файз меборад, аз вай мардум баҳра мебаранд. Модоме, ки ба дунё омадед, аз гузаштагони бузургвори худ ибрат гиред ва чунон зиндагонӣ кунед, чунон ҳаёт ба сар баред ва чунон кор кунед, ки пас аз рафтани шумо мардум афсӯс хӯрад ва гӯянд, ки инсони ҳақиқӣ, инсони фоидарасон, одами бузурге аз байн рафт, афсӯс!

Имрӯзҳо баъди даргузашти Ҳодӣ Исобоевич Кенҷаев мардум таассуф мехӯранд, ки чунин шахси хоксору дилбар, раҳмдилу некбин аз байни мо рафт. Аммо ёди неки ӯ, кори неки ӯ ва ҷонбозиҳои баҳри ҳифзи Ватан кардаи ӯ, ҳамеша дар дили мо зинда аст.

Дар байни халқи мо ҳикмате ҳаст, ки он аз қадим маълум аст: яъне, давоми умри пурбаракати инсони нек аз худ мондани фарзанди солеҳ, дарахте шинонад ва хонае созад. Ҳамин орзую умедҳо амалӣ шавад, инсон аз ин дунё беҳасрат меравад. Ҳодӣ Исобоевич Кенҷаев аз зумраи маҳз ҳамин гуна шахсон буд, ки аз ин дунё бeармон рафт ва дар дилу дидаи халқаш абадан бо некӣ ҷо шуд.

Хело рамзист, ки мо дар арафаи ҷашни фархундаи иди бузурги Ғалаба 9-Май, 80-солагии зодрӯзи ин марди шариф, фарзанди шуҷоатманди халқ, одами дорои фазилатҳои баланди инсонӣ Ҳодӣ Исобоевичро бо тантана қайд карда истодаем. Ин бесабаб нест. Худи Ҳодӣ Кенҷаев дар яке аз навиштаҳои худ, бо номи «Ҳаёти дубора» дар рӯзномаи «Бо роҳи ленинӣ» аз 9 майи соли 1985 чунин иброз намуда буд:

«Ҳамон рӯз — 9 маи соли 1945 вақте ки радио хабари Совинформбюроро дар бораи анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ расонд, вақте ки дили Ватанамон — Москва ба шарафи Ғалабаи мислаш дар таърихи инсоният диданашуда Салют дод, ман гӯё аз нав таваллуд шудам. Миллионҳо ҷанговароне, ки ҷон ба каф мушкилоти ин ҷанги хонумонсӯзро паси сар карданд, ман барин гӯё дубора ба дунё омаданд, зиндагӣ дубора оғоз карданд, ки он аз 9 майи соли 1945 сар мешавад».

Оре, садчанд ҳақ аст, ки он ғалаба баҳри миллионҳо нафар халқи советӣ умри дубора бахшид. Зеро ки барои ба ин рӯзи саид, фирӯз, нусрат, зафар — Ғалаба расидан халқи советӣ мувофиқи охирин маълумотҳои навин аз 27 миллион фарзандони ҷигарбанди худ ҷудо шуд. Ҳар як рӯзи ҷанг дар ҷангномаи бузург ҳамчун достони қаҳрамонӣ сабт гардид.

Иди 9 Май, иди Ғалаба барои Ҳодӣ Кенҷаев азизу табаррук буд. Шодравон то охири умр ҳар сол дар ин рӯзи 9 май ба сари гулханҳои фурӯзон рафта ёди неки ҳамяроқони шаҳидашро мекард. Ёди холабачаи ҳамсолаш Ҳайдаровро мекард, ки аз омӯзгорони боистеъдоди деҳаи Қистакӯз буд. Вале имрӯзҳо ба мо ба ёдгор монд. Он лаҳзаҳо бидуни ихтиёр мисраъҳои шоири ширинкалом Мӯъмин Қаноат ба ёдаш меомад.

*Замини безабон, хоки шаҳидон, дор маъзурам,*
*Ба он ҷое, ки ёрон сар ниҳода, пой мемонам,*
*Бубахшед, эй азизон, ман қадам бар ҷой мемонам.*

Ҳодӣ Кенҷаев бо он шаҳидони ҷавонмаргаш фахр мекард, ки онҳо баҳри саодати ватан ҷон супурданд. Ва ҳамин калимаҳоро аксар вақт дар вохӯриҳои хеш бо ҷавонон такрор мекард: — Инсони комил будан — ин аввалан хоксору инсондӯст будан, сонияи аз меҳнати ҳалоли худ нон хӯрдан ва охиран хайрхоҳи халқу ватан буда, баҳри вай дар кадом ҳолат ҷон нисор кардан аст. Ҳодӣ Исобоевич Кенҷаев марди ниҳоят хоксор ва хайрхоҳ буданд. Шиори асосии он кас некию некӣ кардан буду халос. Як ҳикмати маъмули халқиро аксар вақт меоварданд: «Агар парранда парвоз накунад аз болҳояш мемонад, агар одам некӣ накунад, дилаш санг мешавад». Ва ба ин ҳикмат, ҳадиси пайғамбарамонро илова мекарданд, ки «некӣ ин садақа кардан ба мардум аст».

Ана ҳамин некхоҳию некбинии он кас буд, ки имрӯз дар дили мо ҷовид монданд. Ана ҳамин хислатҳои нек доштанд, ки имрӯз барои моён хотироти нек гузоштанд. Инак чанде аз лаҳзаҳои аҷиби шодравон Ҳодӣ Исобоевич Кенҷаев, ки мардум бо муҳаббат нақл мекунанд.

Моҳи феврали соли 1954 меҳнаткашони округи интихоботии Орҷоникидзеобод №297 Ҳодӣ Кенҷаевро, ки он вақт инструктори шӯъбаи мактабҳои КМ ПК Тоҷикистон буданд, ба депутатии Совети Олии СССР пешбарӣ намуданд. Ба ин муносибат дар толори Хонаи маданияти ноҳия вохӯрии меҳнаткашон бо номзад барпо мегардад. Ҷонишини раиси комиссияи округ Толибов вохӯриро кушода мегӯяд, ки насиби баланд шуд, ки мо аз округи худ номзадии раиси Совети Вазирони СССР Г.М.Маленков, Котиби якуми КМ КПСС Н.С.Хрушёв ва инстуктори шӯъбаи мактабҳои КМ ПК Тоҷикистон Ҳодӣ Кенҷаевро пешбарӣ карда истодаем. Аз шумоён хоҳиш карда мешавад, ки ин номзадҳо тарафдорӣ карда шаванд».

Дар ҳамин лаҳза Ҳодӣ Кенҷаев ба котиби якуми комитети ҳизбии ноҳия Раҳимҷон Мавлонов гӯшрас карда гуфтаанд, ки «назди ин ду номзади дигар, яъне Маленкову Хрушёв ман ҳеҷ чиз ҳастам. Онҳо роҳбарони мамлакат, ман бошам фақат як инструктор. Раҳимҷон Мавлонов механдаду мегӯянд: «Аввалан номзадии онҳо аллакай аз округҳои дигар номнавис шудааст ва сонияи Шумо аз онҳо як гардан боло ҳастед. Унвоне, ки шумо бо номи баланди Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ доред, онҳо надоранд».

Ҳақ ба ҷони Раҳимҷон Мавлонов, ки номи баланди Қаҳрамони Иттифоқи Советиро на ҳама дорад ва ин тимсоли мардонагӣ, ҷасорат ва матонат буд. Аз ин ҷост, ки дар ҳама ҷо ӯро ҳурмату эъзоз мекарданд. Соли 1974 дар Москва ман дар аспирантура ва шодравон Абдуллоҷон акаам дар докторантура таҳсил мекардем. Дар ҳамин вақт бахшида ба 50-солагии ҷумҳуриамон «Рӯзҳои Тоҷикистон дар Москва» барпо гардид. Дар ҳайати вакилони ҷумҳурӣ Ҳодӣ Кенҷаев ҳам омада буданд. Яке аз рӯзҳо Кенҷаевро ба хобгоҳамон, ки дар кӯчаи Малая Бронная 18 воқеъ буд, даъват намудем. Дар вақти муайяншуда ман як таксиро, ки ронандааш марди солхӯрдае

буд, гирифта назди меҳмонхонаи «Москва» ҳозир шудам. Дар ҳамин вақт Ҳодӣ Кенҷаев, ки сари синаи он касро ордену медалҳо ва ситораи тиллои «Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ» ҷило медод, аз меҳмонхона баромада назди мошин омаданд. Ронанда ҳамоно ба тезӣ дари мошинро кушода, меҳмонро шинонд. Баъди роҳ гаштан вай маро хоҳиш кард, ки ҷаро ӯро огоҳ накардаам, ки мо барои бурдани Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ омада истодаем. Ронанда мошинро дар назди Никитинские ворота нигоҳ дошта, як даста гули зебое харида ба Кенҷаев супурда гуфт: «Ман бо шумоён мефахрам ва шодам, ки имрӯз мизоҷи ман чунин шахси машҳур — Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ аст». Ба ҷои муайяншуда фаромадем, пулро дароз кунам нагирифта гуфт: «Ин хел мизоҷон ҳақ надоранд, ки пул диҳанд».

Ин хел ҳикоёти воқеии бо Ҳодӣ Кенҷаев шударо даҳҳо овардан мумкин аст, ки аз хоксорӣ ва одамияти баланд доштани он кас шаҳодат медиҳад. Ҳодӣ Кенҷаев марде буданд меҳнатқарин, покиза, фурӯтан, муаллим, мураббӣ, сарвар, ғамхори ҳамагон. Дили он кас, нияти он кас ҳамеша ба беҳбудии ҷомеа банд буданд, ки ин хислати фақат нексириштон мебошад.

24 феврали соли 1992 марги беамон гиребонгир шуду нисбати ин марди майдон бевафоӣ кард. Аҷал гулчин аст. Бетараҳҳум аст. Чеҳраи нуронии ӯ аз пеши назар дур намешавад. Одамияти он кас ҳадду канор надошт, бо ҳама хурду калон баробар буданд. Он рӯзи видоъ ҳама ашк резонд. Ашке буд, ки талху шӯри андӯҳи мардум буд. Ва бо як овоз он рӯз халқ мегуфт:

*Офтоб аз дари мо рафт, дарег,*
*Сари мо, сарвари мо рафт, дарег.*

## ЧУН ЗАМИН БОРВАРУ БУРДБОР БУД...

Дар таърихи халқи мо як зумра бузургоне ҳастанд, ки бо ақлу заковату хирадмандӣ ва худшиносии олӣ номи хешро ҷовид сохтаанд. Дар қатори чунин абармардони миллат месазад номи яке аз истеҳсолотчиёни маъруфи соҳаи кишоварзӣ, ба ибораи устод Раҳим Ҷалил «Маршали соҳаи пахтакорӣ» Саидхоҷа Ӯрунхоҷаевро дохил кард. Ба Раисбобо кордонӣ, коршиносӣ, хирадмандӣ, маърифатнокӣ, сиёсатмадорӣ, ягонагии гуфтору кирдор, собитқадамӣ ва устуворӣ дар ҳалли масъалаҳои муҳими хоҷагӣ, пешгӯӣ карда тавонистани равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, хуб донистани хоҷагидорӣ хос буд. Маҳз туфайли ҳамин гуна хислатҳои Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев аксари шахсони воломақом, мисли Бобоҷон Ғафуров, Турсун Ӯлҷабоев, Назаршо Додхудоев, Абдулаҳад Қаҳҳоров, Усмон Раҳматзода, Мирзоқосим Рустамов ва дигарон барои маслиҳату машварат ба наздаш меомаданд. Ҳамин хислатҳои ҳамида ва таҷрибаи бои зиндагӣ ба Раисбобо имконият медоданд, ки аз қасри маданияти хоҷагӣ истода ба аксари корафтодагон маслиҳатҳои муфид диҳад.

Зиндагии ҳар инсони асил мисоли китобест пурмаънӣ, ибратбахшу хонданӣ. Ҳар саҳифаи умри фарди некном рангину фаромӯшнашуданист. Ҳарчанд рӯзгораш ба поён мерасад, ҳарчанд аз вопасин рӯзи ҳаёти ӯ солҳо

мегузаранд, қадру қиматаш торафт афзун мешаванд. Кори накӯ ва писандидааш дар хотири мардум зиндатар, номаш гиромитар мегардад. Аз ин рӯ, ҷашнгирии 100-солагии деҳқони асил Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев на танҳо сипосгузории насли ҳозира нисбати меҳнату заҳмати ӯ, балки дарси ба халқу Ватан хизмат кардан, дониш ва таҷрибаи хешро ба нафъи мардум равона кардан мебошад. Мо 23 марти соли 2001 ҷашни мавлуди Раисбоборо қайд мекунем. Хеле рамзист, ки С.Ӯрунхоҷаев дар айёми баҳор ба дунё омаданд ва дар фасли тирамоҳ — 14 сентябри соли 1967 ҳаётро падруд гуфтанд. Дар Наврӯзи соли 2001-ум садсолагии пири деҳқонон, ошиқи замин, марди хокӣ Саидхоҷа Ӯрунхоҷаевро қайд кардан, ин сипос доштан ба замин аст, ки рӯзирасони мардум мебошад.

Маҳорати роҳбарии С.Ӯрунхоҷаев ҳамчун раиси болаёқату кордон, аз солҳои 30-юм, аз давраи сарварии колхози ба номи Сталин (имрӯза ба номи Пӯлод Бобокалонови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров) ва баъдтар колхози ба номи К.Е.Ворошилов маълум гардид. Раис бо донишу ақлу хиради худодод тавонистанд хоҷагии майдаро ба колхози тавонои шуҳратманд табдил диҳанд. Соли 1966 гурӯҳи вакилони коммунистони Фаронса бо сарварии аъзои Бюрои сиёсии КМ ҲК Пол Роллан меҳмони деҳқонони колхози «Москва»-и ноҳияи Хуҷанд мешаванд. Аз комёбиҳои баланди хоҷагӣ, ақлу заковати раис ва махсусан аз дидани Қасри Арбоб ангушти ҳайрат газида, яке аз меҳмонон аз С.Ӯрунхоҷаев пурсид:

— Шумо мутахассиси кадом соҳа — иқтисодчӣ, агроном, зоотехник ва ё байтор?

— Ҳамааш якҷоя, — бо табассум ҷавоб доданд раис.

Раисбобо маълумоти миёна, миёнаи махсус ва олӣ нагирифтаанд, аммо ақлу хирад ва дониши яздоние, ки доштанд, на ҳар дипломдорони касбӣ соҳиб буданд. Одам ҳамчун вуҷуди биологӣ ба дунё меояд, вале ҳамчун шахсият тамоми умр ташаккул меёбад. С.Ӯрунхоҷаев аз зумраи нафароне буданд, ки истеъдоди калони роҳбарӣ, фаросати модарзодӣ, деҳқонӣ, малакаи баланд, ҳисси олии зебоишиносӣ, фазилатҳои неки инсонӣ доштанд.

Аз маълумотномаи шарҳи ҳол дида мешавад, ки С.Ӯрунхоҷаев соли 1901 дар деҳаи зебоманзари Шайхбурҳон, дар оилаи деҳқон ба дунё омадаанд. Аз хотироти раис маълум мешавад, ки овони наврасӣ ва ҷавонӣ мушкил гузаштааст. Аввал ҳамчун шогирди бофанда, баъд шогирди дуредгар ва охирон батраки бой шуда хизмат кардан гувоҳи он аст. Бинобар ин аз таҳсил кардан дар мактаб маҳрум шуданд. Аммо истеъдоду маҳорати худодод доштан он касро соҳибмаърифат кард. Он кас аз ҳаёт омӯхтаанд, рӯзгорашон худ як мактабест. Пастию баландиҳои ҳаётро диданд ва талхию шириниҳояшро чашиданд. Ин буд, ки аз рӯзи аввали сарвари колхоз будан раис тавонистанд хоҷагиро сол аз сол мустаҳкам намоянд.

Соли 1934 колхози ба номи К.Е.Ворошилов яке аз аввалинҳо шуда, нақшаи ба давлат супоридани пахтаро иҷро кард. Номи раиси ҷавон дар тамоми ҷумҳурӣ машҳур шуд. Моҳи феврали соли 1935 С.Ӯрунхоҷаев ба анҷумани дуюми колхозчиёни зарбдори умумииттифоқ вакил мешаванд. Дар ҳамин анҷуман он кас ба ҳайати комиссияи таҳияи оинномаи намунавии

артели кишоварзӣ интихоб шуданд, ки онро баъд анҷуман маъқул донист. Баъди баргаштан аз анҷуман корҳои колхозӣ хеле пеш рафт. Барои ҷамъбасти ҳосили пахтаи соли 1935 С.Ӯрунхоҷаев бо ордени Ленин мукофотонида мешавад. Комёбиҳои раис сол аз сол баланд мешуд ва номи он кас вирди забон, зеби рӯзномаҳою маҷаллаҳо мегардид.

Мутаассифона, ин муваффақиятҳоро баъзе нохалафон, бадхоҳон, бахилон, ҳасудон дида натавонистанд. Вақте ки боди вабои соли 1937 ба Хуҷанд вазид, бадхоҳон ба Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев тӯҳмат карданд, бо суханони бардурӯғ он касро «душмани халқ» нишон доданд ва ҳабс намуданд. Аммо, ҳақиқат ҳамеша дастболо мешавад ва рӯзе ҳақ ба ҳақдор мерасад. Соли 1940 номи неки раис барқарор шуд. Ӯ бо тавсияи роҳбари вилоят П.С.Буланов ба раисии колхози қафомондаи ноҳия — ба номи Максим Горкий пешниҳод шуд. Дар муддати кӯтоҳ колхоз аз сафи ақибмондагон ба қатори пешқадамон дохил гардид. Моҳи декабри соли 1942 С.Ӯрунхоҷаев раиси колхози ба номи В.М.Молотов интихоб мешавад. Колхоз дар солҳои душвори ҷанг ба комёбиҳои назаррас соҳиб гардид. Барои муваффақиятҳои калони меҳнатӣ С.Ӯрунхоҷаев моҳи январи соли 1945 бо ордени дараҷаи якуми Ҷанги Бузурги Ватанӣ сазовор гардиданд. Раис бо ин орден мефахриданд, зеро он подоши меҳнати бо ёрии фронт кардаашон буд.

Аз охири солҳои 40-ум сар карда, дар тамоми мамлакат ҳаракати муттаҳидкунии колхозҳои майда ба хоҷагии калони пурқувват оғоз ёфт. Тирамоҳи соли 1949, дар арафаи 20-солагии РСС Тоҷикистон ба идораи колхози ба номи В.М.Молотов бе ягон огоҳии пешакӣ Котиби якуми КМ ҲК (б) Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров ва котиби якуми комитети ҳизбии вилояти Ленинобод П.С.Обносов омаданд. Пас аз сӯҳбати начандон тӯлонӣ Б.Ғафуров аз раис мепурсанд, ки колхозҳои Молотову Ворошилов аз кадом ҷӯй об мегиранд. Раис ба ин савол ғайричашмдошти сарвари ҷумҳурӣ посух медиҳанд, ки ҳарду ҳам аз ҷӯйи Унҷӣ.

— Ин тавр бошад, ҳарду колхозҳоро муттаҳид кардан лозим, — мегӯянд Б.Ғафуров ва суханро идома дода таклиф мекунанд:

— Мо медонем, ки баъди ба ин ҷо, яъне ба хоҷагии ба номи Молотов раис шуда омаданатон хоҷагӣ хеле пеш рафт. Аҳли мардуми Оқариқ аз шумо хурсанд ва онҳо раиси худро ба касе доданӣ нестанд. Колхозчиёни хоҷагии ба номи Ворошилов ҳам, ки пеш дар он ҷо чандин сол раисӣ карда будед, мехоҳанд, ки дар вазифаи сарвари хоҷагӣ шуморо бинанд. Пас, маҷлиси муттаҳидшавиро дар куҷо бояд гузаронд? Дар ин ҷо гузаронем, унҷигиҳо хафа мешаванд, дар он ҷо гузаронем, оқариқиҳо ранҷиданашон мумкин. Биёед дар ягон ҷойи дигар гузаронем.

Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев таклиф мекунанд, ки маҷлис дар теппаи Арбоб гузаронда шавад. Ҳамин тавр дар ҷойи хушманзараи Арбоб маҷлиси муттаҳидшавии ду хоҷагии овозадори ноҳияи Ленинобод гузаронида шуд. Б.Ғафуров аз он мавзеъ ба шаҳри Ленинободу дарёи Сир нигаҳ карда мегӯянд: «Ин қадар ҷойи дилфиребу зебо будааст. Ана дар ҳамин ҷо як бошишгоҳи саҳроӣ бо маҷлисгоҳаш сохтан зарур аст». Раис мегӯянд, ки мо ният дорем қасри маданияти колхозиро созем.

Ҳамин тавр муттаҳид кардани колхозҳо ва аз ҷиҳати хоҷагӣ-ташкилӣ мустаҳкам шудани хоҷагӣ имконият дод, ки дар муддати солҳои 1950-1957 қасри бошукӯҳи маданияти колхозиро созанд. Хурсандиовар аст, ки он пурра тибқи талаботи санъати баланди меъмории миллӣ сохта шуд. Дар сохтмону ороиши қасри боҳашаммат аз ҳунари устоҳои маҳаллӣ ва дигар ҷумҳуриҳо, аз ҷумла РСФСР, Ӯзбекистон истифода карданд. Дар натиҷа шоҳкории санъати меъморӣ чун қасри Арбоб ба вуҷуд омад. Дар солномаи қасри нотакрори аср номи эҷодкорони он ба монанди Устоғафур Мансуров, Усто Очил Фаёзов, Раҳимшайх Раҷабов, Устомақсуд Солиев, Усто Ширин Муродов, Мирумар Асадов, Аминов Абдурауф ва дигаронро зикр кардан зарур аст.

Овозаи бинои боҳашамат ва зебо сар то сари мамлакатро фаро гирифт. Роҳбари онвақтаи Тоҷикистон Турсун Ӯлҷабоев бо ин қасри беҳамто фахр мекард. Хоҳони он буд, ки аз тарафи Ҳукумати Иттифоқ меҳнати офарандагони он қадр карда шаванд. Бо тавсияи ӯ китоби мусавварaи рангаи қасрро омода карданд. Онро ба Комиссияи Комитети мукофотҳои Ленинӣ доир ба санъат пешниҳод карданд. Аъзоёни комиссияи мукофоти Ленинӣ албом-китоби мусаввараро дида хурсанд шуданд. Маслиҳат доданд, ки ҳуҷҷатҳоро тайёр намуда, фиристанд. Раисбобо ҳуҷҷатҳои чор нафар устодони ҳунарманд — Усто Раҳимшайх Раҷабов, Усто Зокир Нодиров, Усто Очил Фаёзов, Усто Мақсуд Солиевро ба мукофот омода карданд. Сардори бригадаи сохтмони қасри маданият Бақохон Махсумовро бо фармони раис аз 8 январи соли 1960 барои пешниҳод кардани устодони халқӣ ба мукофоти Ленинӣ ба Маскав фиристониданд. Кор ҳама аъло буд ва барои муҳокима манзур карда шуд. Мутаассифона аз сари қудрат дур шудани Турсун Ӯлҷабоев садди ин мукофоти баланд шуд. Роҳбарияти нави ҷумҳурӣ икдоми некро дастгирӣ накарданд, гӯё қаср бо усули замони «феодалӣ» сохта шуда, дасти С.Ӯрунхоҷаев ҳам мисли Ӯлҷабоев ба изофанависии пахта расида бошад. Шукр, ки бо таклифу дархости академик Бобоҷон Ғафуров ва дигар ташкилотҳои фарҳангӣ эҷодкорони қасри маданияти Арбоб — Усто Мақсуд Солиев, Усто Абдулло Ёқубов ва Усто Ғафур Мансуров соли 1964 ба мукофоти давлатии ҷумҳуриявӣ ба номи Рӯдакӣ сазовор шуданд.

Имрӯз аз ҳама гӯшаву канори олам, меҳмонон ба вилояти биҳиштмакони мо — Суғд оянд, ҳатман Қасри Арбобро зиёрат мекунанд. Ин ҷо барҳақ зиёратгоҳи муқаддасест, ки он ҷо поягузории ин қаср Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев хуфтаанд. Аксари онҳо бо муҳаббат таассуроти худро чун меҳрнома нисбати қасри афсонавӣ навиштаанд.

Мегӯянд, ки зоҳири зебои ҳар кас бояд бо ботини пурмазмун ва пок мувофиқат кунад. Кас бояд аз ҳар ҷиҳат зебо бошад. Раисбоборо аввалан Худованди карим хушсимо, хушқад, хуштабъ, хуштабиат офарида буд. Сониян либосҳои миллии С.Ӯрунхоҷаев хушдӯхт, хушранг ва ба қаду қомати азимҷуссаи 176 килограммаи он кас мувофиқ буда, ба ҳусни зебояшон ҳусн зам мекард. Ҷомаи зиррагӣ бо рӯймоли дунимметра зеби Раисбобо буд. Дар тамоми умри худ либосҳои аврупоӣ — палто, шиму костюм, туфлӣ напӯшидаанд. Ҳамеша ҷомаю тоқӣ, мӯзаю маҳсӣ мепӯшиданд.

Раис С.Ӯрунхоҷаев завқи баланди зебоипарастӣ доштанд. Бе адабиёту санъат худро тасаввур намекарданд. Бузургии Раисбобо дар он буд, ки ба қадри баланди фарҳанг мерасиданд. Таърих гувоҳ аст; сарваре, ки дилбохтаи адабиёту санъат аст, номаш ҷовид аст, зеро маҳз адибону санъаткорон номи ӯро зинда медоранд. Раис агар чун сардори колхоз танҳо аз паси парвариши пахта мешуданд, баъди маргашон дар дили халқ, дар дили аҳли фарҳанг ҷой намешуданд. Раис дар баробари пахта, инчунин ба дигар соҳаҳо, мисли боғдорӣ, чорводорӣ, пиллачинӣ ва махсусан маърифат диққати калон доданд. Ин ҳама натиҷаи фарҳангдӯстии Раисбобо буд, ки аз худ номи нек, Қасри фарҳанги Арбоб гузоштанд. С.Ӯрунхоҷаев омили асосии хештаншиносиро дар донистани анъанаҳои хуби аҷдодӣ ва фарҳанги халқи худ медонистанд.

Қасри маданияти Арбоб аз шоҳкориҳои санъати меъмории муосири халқи тоҷик аст. Он офаридаи меҳнату садоқат ва дили гарму иродаи неки мардуми некӯмаром мебошад. Ном ва кори С.Ӯрунхоҷаев махсусан дар Қасри Арбоб соли 1992 гузаронидани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки Ҳукумати конститутсионӣ бо роҳбарии мӯҳтарам Э.Ш.Раҳмонов интихоб шуд, аз нав зинда ва ҷовид гардид. Имрӯз Қасри Арбоб ҳамчун қасри муқаддас, қасри умед, қасри фарҳанг ва бинои табаррук ба ҳисоб меравад. Дар қасри Арбоб ба вазифаи раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидани Э.Ш.Раҳмонов фоли нек дар тақдири халқи азияткашидаи тоҷик буд. Он рӯз, рӯзи мурод буд. Рӯҳи поки Раисбобо ба Э.Ш.Раҳмонов мададгор гардид, ки пои неки хешро ба арсаи сиёсат аз ин ҷойи муқаддас ҷасуронаву далерона ва хирадмандона ниҳад.

14 сентябри соли 1967 дили деҳқони асили тоҷик Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев аз тапиш монд. Дар некрологи ҳукуматие, ки ба он ходимони маъруфи ҳизбию давлатӣ аз қабили Л.И.Брежнев, А.Н.Косигин, Н.В. Подгорный, М.А. Суслов, Б.Н. Пономарёв, Ш.Рашидов, Ҷ.Расулов, А.Қаҳҳоров, М.Холов ва дигарон имзо гузошта буданд, роҳи тайкарда ва фаъолияти бузурги ходими намоёни ҳаракати колхозӣ дар мамлакат С.Ӯрунхоҷаев қайд шуд.

Марги ҳар фард талафи бузург аст, хусусан марги бузургони халқу миллат чун Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев. Шодравон барои халқу Ватан хизмати бузург кардаанд. Соҳиби унвони ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, се ордени Ленин сазовор будан ва борҳо ба депутати Шӯрои Олии Тоҷикистон ва СССР интихоб шудан далели меҳнатдӯстӣ ва мақбули халқ буданро нишон медиҳад. Номи неки чунин мардон абадулабад зиндаю ҷовид хоҳад монд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Э.Ш.Раҳмонов 11 сентябри соли 1996 ҳини ташриф овардан ба хоҷагии ба номи С.Ӯрунхоҷаев дар дафтари қайдҳо басо хуб ва ҳақ навиштаанд:

«Хотираи яке аз фарзандони қаҳрамони Тоҷикистон — Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев, шахсе, ки барои ободии кишвар ва беҳбудии зиндагии халқу ватанаш меҳнати зиёде кардааст, абадӣ дар қалби мардуми ҷумҳурӣ боқӣ хоҳад монд».

# ДӮСТИ БУЗУРГИ ПАДАРАМ
## *Ба ифтихори 90-солагии Абдулаҳад Қаҳҳоров*

Дар арафаи 90-солагии фарди тавоно, сиёсатмадори ботамкин, бовиқор ва донишманд, шоир ва адабиётшинос, собиқ раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инсони олинасаб ва дарёдилу барно, дӯсти бузургвори падарам Абдулаҳад Қаҳҳоров, хостам зимни хотирот ва манбаъҳою ҳуҷҷатҳо чанд вараҷе нависам. Шукри бепоён, ки имрӯз дар китобхонаи шахсии ман тамоми асару мақолаҳои А.Қаҳҳоров, навиштаҳои олимону рӯзноманигорон ва адибон оиди ҳаёт ва фаъолияти он кас, ҳамчунин даҳҳо мактубҳои эшон ба унвони падарам маҳфузанд. Вақте камина рӯзи 22 марти соли 2003 дар китобхонаи хеш ғарқи шиносоӣ бо ин маводҳо будам, ҳофизи номии кишвар, дӯстам Ҷӯрабек Муродов даромада омад ва аз мақсадам воқиф ёфта гуфт: «Абдулаҳад Қаҳҳоров — Балъамии қарни бист».

Оре, Абдулаҳад Қаҳҳоров барҳақ Балъамии замон буданд, зеро чун ходими намоёни давлатию сиёсӣ, ҳамзамон донандаи нуктасанҷи адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик буданд. Ба гуфти академик Б.Ғафуров «Шукри бепоёни мардуми тоҷик, ки дар солҳои 1957-1973 Абдулаҳад Қаҳҳоров барин шахси хирадманд дар вазифаҳои масъули ҳукуматӣ кор карда, дар гузаронидани чорабиниҳои муҳими фарҳангӣ ба монанди 1100-солагии Абӯабдулло Рӯдакӣ, 700-солагии «Гулистон»-и Саъдӣ, 550-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ, ҷашнҳои Ҳофизу Амир Хусрави Деҳлавӣ саҳмгузор гардиданд. Абдулаҳад Қаҳҳоров дар вақташ аз кашфиёти устод Айнӣ, ки дар муайян кардани ҷои таваллуд ва қабри Рӯдакӣ дар Панҷрӯд заҳмат кашиданд, хеле хурсанд шуда, мисли як ходими илмӣ дар фароҳам овардани ҳамагуна маводҳо дасти кӯмак дароз карданд.

Дар сафарҳои устод Айнӣ ба Панҷакент, ки он солҳо корманди масъули ҳукумати ноҳияи мазкур буданд, вазифаи роҳбаладро ба дӯш гирифтанд ва дар ҷустуҷӯву муайян кардани қабри Рӯдакӣ то дараҷае ҳиссаи худро гузоштанд.

Ман ифтихор дорам, ки Абдулаҳад Қаҳҳоров бо падарам шодравон Абдуғаффор Ҳасанов дӯсти ҷониву қадима буданд. Шиносоии онҳо ҳанӯз соли 1936 ба вуқӯъ омада буд. Он вақт падарам директори Мактаби ҳизбӣ-шӯравии назди КМ ҲК(б) Тоҷикистон оид ба тайёр кардани кадрҳои роҳбарикунандаи колхозию совхозӣ воқеъ дар шаҳри Конибодом буданд. Дӯстии онҳоро адабиёт қавитар мекард, зеро ҳар ду шефтаи илму фарҳанг ва назму насри ниёгон буданд.

Соли 1942 аз ҳисоби ноҳияи Панҷакент як ноҳияи нав — Колхозчиён ташкил шуд ва падарамро он ҷо фиристоданд. Соли 1943 А.Қаҳҳоров дар ин ноҳия чун сарвар ба вазифаи котиби якуми кумитаи ҳизбӣ интихоб мешаванду падарам раиси комиҷроияи ноҳия таъин мегарданд. Хурсандии падарам аз он буд, ки бо дӯсти дерина, мухлиси ашадии адабиёт дар як ҳавлӣ зиндагӣ мекунанд. Сӯҳбати баъдикории онҳо дар атрофи адабиёти бои халқамон, одамони шеърдӯсту шоиртабиати Зарафшон, мисли Мулло Нуралӣ Розиқов, Мулло Исо Бозоров, Мулло Ҷумъабой Комилов, Шароф

Муҳаммадиев, Абдумӯъмин Ҷалилов, Ҷумъабой Тошев, Алибек Мӯъминов, Қаноат Иброҳимзода ва дигарон сурат мегирифт.

Аз дӯстии самимии наздик нимасраи онҳо мактубу шеърҳои ба падарам ирсолкардаи А.Қаҳҳоров, ки алҳол дар китобхонаи шахсии банда маҳфузанд, шаҳодат медиҳанд. Мукотибаи онҳо баъзан ба лаҳни шеър сурат мегирифт.

Вақте ки А.Қаҳҳоров моҳи апрели соли 1961 ба вазифаи масъули раиси Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таъин мегарданд, падарам ҳамоно ҳамчун дӯсти дерина тавассути шеър табрикоту орзуҳои неки хешро иброз менамоянд. А.Қаҳҳоров низ ҷавобан ба он ба тариқи шеър посух мегардонанд. Ҳоло матни онҳоро ин ҷо айнан меоварем:

«Дӯсти қадимӣ ва самимӣ Муллоабдуаҳад Қаҳҳоров!

Аввало салом, аммо баъд рухсат диҳед ба маснади олӣ нишастанатонро аз таҳти дил муборакбод намоям!

*Муборак, эй рафиқи мӯҳтарам, ин маснади олӣ,*
*Ба номат бод бахту давлату иқбол садсолӣ.*
*Адӯват номуроду поймолу хору сархам бод,*
*Сари ёрон баланд аз иззату иқболу хушҳолӣ.*

*Гули бишкуфтаат бодо ниҳон аз ҳамлаи даврон,*
*Бишав пири тариқат, эй фурӯги матлаъи ирфон.*
*Насибат бод айшу нӯшҳо аз соқии ин даҳр,*
*Қаринат фатҳу нусрат, ҳамсаодат бош бо ёрон.*

*Ба фарқат сояи боли ҳумо то бар абад бодо,*
*Намояд матлаби меҳри ту доим нурафшонӣ.*
*Азизам, то тавонӣ адлро сармояи худ соз,*
*Дарахти зулму истибдод баркан то ки битвонӣ.*

*Нагардад қоматат дар ин гулистон аз хиҷолат хам,*
*Ғарибу бекасонро бахш нафъ аз хеш арзонӣ.*
*Такаббур, худписандӣ, одати бедонишон бошад,*
*Тавозӯъ пешаи худ соз то созӣ ватанбонӣ.*

*Нагуфтам ин, ки бошад қаҳрамон бо ҳашмату шавкат,*
*Бибошӣ паҳлавон, гард аз рухи афтода бистонӣ.*
*Ба назди аҳли маънӣ соҳиби шаъну шараф он кас,*
*Ки дорад шукр ӯ бо оби сарду пораи ноне.*

*Ҳақирӣ ҳеҷ бишмар тахту бахту мулки Искандар,*
*Ҳақиқат тоҷи давлат, адлу инсофу шукуфонӣ.*
*Иёри мардро рафтору кори нек афзояд,*
*Зи ҷаҳлу худпарастӣ мерасад ҳар дам пушаймонӣ.*

*Забон даркаш, макун чандон фузулӣ, беадаб Ғаффор,*
*Ту қадри ҳикмату арбоби донишро чӣ медонӣ...*

Мӯҳтарам Муллоабдуаҳад!

Он ашъоре, ки дар боло навиштам, на ба забон, балки аз самими дил ба қалам амр шуду ба забон овардам. Ман нағз медонам, ки аз кеҳтарон ба меҳтарон чунин ҳуруф ирсол намудан хеле аз одоб дур аст. Вале муҳаббат қалбро маҷбур кард, ки чунин нависам. Набояд фаромӯш кунем, ки бузургон гуфтаанд:

*Чу давлат хоҳад омад бандаеро,*
*Ҳама бегонагонаш хеш гарданд.*
*Чу баргардид рӯзи некбахтӣ,*
*Дару девор бар вай пеш гарданд.*

Ё ки гуфтаанд:

*Рӯзе, ки ду-се даст кушоянд туро,*
*Андар баду нек озмоянд туро.*
*Гирди ту ҳисораест аз оинаҳо,*
*Ту ҳар чӣ кунӣ, ҳамон намоянд туро.*

Орзуи онро доштам, ки муборакбодиро ба саъми Шумо ҳамчу оина рӯ ба рӯ гӯям, имкон ҳаст, аммо ба худ раво надидам. Зеро ки Шумо минбаъд чун садри ҳукумат серкору сертараддуд ҳастед, намехоҳам, ки вақти чун обу ҳаво ба манфиати республика заруриатонро гирам. Хайр, сӯҳбат боқӣ, ба аҳли оила саломи маро расонед. Бо эҳтиром, Абдуғаффор, 18 апрели соли 1961. Қистакӯз».

Номаи ҷавоби Аабдулаҳад Қаҳҳоров ба унвони падарам ба тариқи шеър аз 27 апрели соли 1961 аз шаҳри Сталинобод ин зайл ирсол гардид:

*«Аё меҳрубон дӯстам, Абду-Ғаффор,*
*Магар ман ба ин хат будам интизор?!*
*Бигӯянд: «Хат-нисфи дидор бошад,*
*Агар меҳр аз вай падидор бошад».*
*Ду сафҳа навиштед пайғом бо шеър,*
*Худ огоз бо шавқу анҷом бо меҳр,*
*Лиҳозо, яқин шуд, чӣ панду чӣ авсоф,*
*Ҳама буд гӯё муқоран ба алтоф!*
*Ғуборе надидам чу бар гавҳари соф,*
*Шунидам зи ҳарфи Шумо васфи инсоф.*
*Адолат, ки хоси бинойи советист,*
*Ҳамон босамар бар умуроти гетист!*
*«Фурӯғи адолат ба раҳм асту инсоф»*
*Ба ҷуз тарбият лек, ин гап бувад лоф!*
*Ба мавқеъ ояд гаҳе ранҷиш ояд,*
*Гаҳе з-он ба мавқеи худ ранҷиш ояд,*
*Далел аст doниш ба адлу тафохур,*

*Ба ҷуз ин ҳама ҳаст аз ақли мо дур.*
*Чу бигзошт давлат ба ин маснаду кор,*
*Шавам тоати халқро ман сазовор.*
*Дигар эҳтироман бигӯям Шуморо,*
*Зи сидқам бидонед ин гуфтаҳоро.*
*Аз ин гуфтаҳо, хоса, ин аст матлуб,*
*Ки: миннатпазирам зи табрику мактуб!*
*Аҳад гарчӣ исми ваҳиди ман аст,*
*Ба гуфрони давлат умеди ман аст».*

Дар бойгонии шахсии падарам боз чандин мактубу шеърҳои ба ҳамдигар фиристодаи эшон маҳфуз аст. Алҳол ин ҷо шеъре, ки падарам бахшида ба А.Қаҳҳоров иншо намуда буданд, оварда мешавад:

*Салом, эй моҳи гардуни муалло,*
*Салом, эй офтоби нурбахшо,*
*Салом, эй лаъли меҳру шавқи дида,*
*Салом, эй нома аз хубӣ расида.*
*Салом, эй аз рухат тобанда нуре.*
*Салом, эй идгоҳи навҷавонон,*
*Салом, эй фасли ишқи навбаҳорон.*
*Салом, эй бурҷи саъди толеъи ман,*
*Салом, эй аз қудурат қолеи ман,*
*Салом, эй дидаамро сурмаи тӯр,*
*Салом, эй синаамро карда масрур,*
*Салом, эй абри фасли навбаҳорон,*
*Салом, эй гунчаи дил карда хандон,*
*Салом, эй лавҳи хотирро ҷилоям,*
*Салом, эй дар вафодорӣ расоям,*
*Салом, эй аз шуъои ҷавҳари ту,*
*Чу меҳри осмон тобанда ҳар сӯ,*
*Салом, эй ҳукми волои сарире,*
*Салом, эй лутфи дунё бар асире,*
*Салом, эй дардмандонро чу марҳам,*
*Даво бар захми қалби дар азобам.*
*(Муллоабдуаҳад)*
*Бигир аз ҳарфи сарбайте, ки ояд,*
*Ки нури ҷон зи лафзаш мефизояд,*
*Маро мақсад, ки он номи ту бошад,*
*Зи номат ҷуз маро дигар чӣ бошад.*
*Зи даргоҳат ҳамин мақсуд дорам,*
*Ки мақсуди раҳи мамдуд дорам.*
*Агар деҳқон кунад аз дона хирман,*
*Аз он хирман барояд қадри кавсан.*
*Ба боги даҳр бикшодед доман,*

*Аз он доман чӣ овардед бо ман.*
*Зи ҳарфи сайри лавҳи хотири ман,*
*Ки мебошад зи мақсад ҳосили ман.*
*Ба гулчине расонӣ доманамро,*
*Зудои гарданам, пироҳанамро.*
*Зи хони ҷудди шаҳдат муддаоям*
*Шавад гар комёбу гунча воям.*
*Зи айши тардимогон боҷ гирам,*
*Зи номи бошараф чун тоҷ гирам.*
*Ҳамин аз даргаҳи ҷудусахоят,*
*Ки гардонад маро соҳибливоят.*
*Ба ту шайхи муаммо ранг номат,*
*Кунам ҳосил ман аз рангин саломат.*
*Салом аз қоллеи ҷуз карда берун,*
*Барои номи худ з-ин баҳри Ҷайҳун.*
*(Муллоабдуаҳад)*
*Салом, эй содиқи саввуми чорӣ,*
*Ба бахшидан кунад аз баҳри ёрӣ*
*(Муллоабдуаҳад)*
*Салом, эй яксаду яку навадро*
*Ба номи ёри худ кардам муаммо.*

Эзоҳ: Қолеъ — ба ҳисоби абҷад 201. Аз қолеъ, ки ҷуз ин даҳ мебошад, тарҳ кунем, 191 мемонад, ки Муллоабдуаҳад низ 191 аст.

Содиқ 195 буда, аз он калима ҳарфи сеюмӣ тарҳ кунем, 191 мемонад, ки он ҳам Муллоабдуаҳад мешавад. Яъне яксаду наваду як (191) — муаммо ба соҳиби ном дӯсти бузургворам — Муллоабдуаҳад.

Ин мактубҳо далели онанд, ки дӯстии онҳо абадию ҷовид ва самимона буд. Барои онҳо омили асосии дӯстӣ ин ҳамфикрию ҳамраъӣ аст. Барояшон беҳтарин воситаи дастгирӣ кардан ва нигоҳ доштани дӯстии ҳамдигар ин хабардор намудан аз кору кирдори якдигар буд, ки ин ақида бо мақоли машҳури тоҷикон «Дӯстон оинаи якдигаранд» шабеҳ аст.

Агар онҳо сари вақт навишта аз саломатию ҳоли хеш ҳамдигарро воқиф нанамоянд, ҳамоно боиси хавотирӣ мешуданд. Чунончӣ, аз мактуби санаи 22 декабри соли 1980 ба унвони падарам ирсолшудаи Абдулаҳад Қаҳҳоров инро дида метавонем:

— Домуллои киромӣ. Ассалому алейкум. Вақтҳои охир ба назар чунин менамояд, ки шуморо гӯё хеле дер боз надида бошам. Бинобар ин қариб ҳар рӯз ба ёд меоварам. Тазкир мешавам, хоҳишмандам дар бораи саломатӣ ва ҳолу аҳволи хеш мактубе ирсол намоед, то ки боиси хотирҷамъӣ ва хушнудии мо гардад:

*Гарчи ёрон фориганд аз ёди ман,*
*Аз ман эшонро ҳазорон ёд бод.*

Акнун иҷозат бидиҳед, ба муносибати фаро расидани соли 1981 Шуморо муборакбод гӯям. Ва орзуҳои беҳтарини самимонаи худро изҳор намоям. Мутаваҷҷеҳам, ки ҳамроҳи аҳли оилаи мӯҳтарам ҳамеша сиҳату саломату саодатманду пирӯз бошед. Хоҳишмандам ба аҳли хонадон ва рафиқон ва дӯстон салом ва муборакбодии маро расонед.

Бо камоли ҳурмат ва садоқат Абдулаҳад Қаҳҳоров. 22 декабри соли 1980. Имзо.

Моҳи июли соли 1979 ҷашни 75-солагии мавлуди шарифи падар дар ҳалқаи дӯстон, шогирдон, хешу табор ва аҳли зиёи деҳаи Қистакӯз қайд карда шуд. Он рӯзҳо Абдулаҳад Қаҳҳоров дар сафари хизматии хориҷи кишвар — дар Афғонистон буданд. Таҷлили 75-солагии дӯсти ҷонии хешро фаҳмида, бо чанд мисраъ шеър табрик намуда буданд, ки он барои падарам як дурри маънии ҷашнномаашон гардида буд:

Ба бародари азизу мӯҳтарам Мулло Абдуғаффор Ҳасанов нисбати 75-солагии мавлуди шарифаш:

*Ба ту, эй ҷони ширин, мефиристонам саломамро,*
*Дар ин рӯзи саидат аз дилу ҷон эҳтиромамро,*
*Ту дар фазлу карам болонишинӣ, нуктапардозӣ,*
*Саломат бошу оро деҳ ба хулқи худ замонамро.*

***А.Қаҳҳоров, 7 июли 1979***

Абдулаҳад Қаҳҳоров аз зумраи он ҷонфидоёни ҳақиқии дунёи маърифат буданд, ки рӯзгори басо ибратомӯзро ба сар бурда, аз хештан бар замми фаъолияти доманадори давлатию ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ, боз осори фаровони илмӣ-публисистии гаронқадр ба ёдгор гузоштаанд. Аксари он китобҳое, ки бо соядасти муаллиф ба падарам эҳдо шудаанд, алҳол дар гӯшаи махсуси китобхонаи банда маҳфузанд, ба монанди «Кӯмаки Иттифоқи Советӣ ба мамлакатҳои Шарқ» (Сталинобод, 1960, ба ҳуруфи форсӣ), «Дар Австралия ва Сейлон» (Душанбе, 1962), «Африка озоду шукуфон гардид» (Душанбе, 1962), «Река течет только вперёд...» (Душанбе, 1964), «Роҳҳо ва мулоқотҳо» (Душанбе, 1967), «Дилҳои пурошӯб» (Душанбе, 1974) ва ғайра.

Китоби «Африка озоду шукуфон гардид» дар вақташ замонавӣ ва актуалӣ буда, муаллифи он ҳамчун публисист дар бораи муборизаи қаҳрамононаи халқҳои азияткашидаи Африка барои озодӣ ва истиқлолияти ин қитъаи ҷаҳон соли 1960 яку якбора 17 давлати нав пайдо шуд ва 80 миллион нафар африкоиён ба роҳи ҳаёти озодона дохил шуданд. Аз ин китоб хонандагони тоҷик бори аввал дар бораи мамлакатҳои навташкили Африка маълумотҳои тоза гирифтанд.

Дар асари калонҳаҷми «Роҳҳо ва мулоқотҳо» бошад, муаллиф таассуроти хешро аз сафарҳои ба мамлакатҳои Миср, Судон ва Эфиопия кардааш нақл мекунад. Абдулаҳад Қаҳҳоров дар ин китоб зимни мушоҳидаҳои шахсӣ ва баёни мулоқотҳои худ бо намояндагони табақаҳои гуногуни ин мамлакатҳо,

дар бораи таърих, ҳаёти гузашта, вазъияти иқтисодӣ ва тараққиёти мадании онрӯзаи онҳо сухан меронад, ки дар ин комёбиҳо Ватани бузурги онвақтаи мо — Иттифоқи Шӯравӣ ҳиссаи арзандае гузошта буд.

Имрӯз ҳавлии падар бароям азизу табаррук аст. Аз он ҷиҳат, ки он қадамҷои бузургони миллат Бобоҷон Ғафурову Абдулаҳад Қаҳҳоров, Сотим Улуғзодаю Раҳим Ҷалил, Абдуғанӣ Мирзоеву Муҳаммад Осимӣ ва дигарон ба ҳисоб меравад. Моҳи июни соли 1995 шодравон Муҳаммад Осимӣ меҳмони хонаи мо буданд ва ба маводу ҳуҷҷатҳои нодир нигоҳ карда гуфтанд: «Манзили домулло Ҳасанов, алҳол он ҷое, ки сӯҳбат дорем, як навъ мадрасаи ҳикмати замон буд ва дар ин ҷо як зумра бузургони мо мисли Б.Ғафурову Абдулаҳад Қаҳҳоров меҳмон шудаанд.

Оре, манзили падарам шоҳиди безабони рӯзгори нотакрор фарзандони барӯманди халқи тоҷик аст. Алалхусус, сиёсатмадор, шоир, арбоби давлатӣ, марди хирадманд Абдулаҳад Қаҳҳоров меҳмони доимии падар буданд ва дар ин кошона доир ба сиёсати айём, таърихи ниёгон, забону адабиёт ва санъат домони гуфтугӯ мекушоданд.

Боре дар яке аз сӯҳбатҳои А.Қаҳҳоров бо падарам сухан оид ба бузургии Рӯдакӣ рафт. Дар меҳмонхонаи падар қолин бо расми шоир овехта буд ва Абдулаҳад Қаҳҳоров ба симои Рӯдакӣ нигоҳ карда гуфтанд: «Муллоабдуғаффор! Хеле хуб кардаед, ки дар ин хонаи худ акси Рӯдакии ширинсуханро овехтаед. Ман хоҳони он ҳастам, ки дар ҳар як хонадони тоҷик, пеш аз ҳама зиёиёни тоҷик расми Рӯдакӣ ва ашъори Рӯдакӣ маҳфуз бошад. Ҳамон навъе, ки дар ҳар як хонадони зиёии руси ленинградӣ расми Пушкин, дар ҳар як хонадони зиёии ӯзбек — Навоӣ, гурҷӣ — Руставелӣ, туркман — Махтумқулӣ ва қазоқ — Абайро мебинем».

Дар ҳақиқат А.Қаҳҳоров бо Рӯдакӣ мефахриданду меболиданд. 18 октябри соли 1958, рӯзе ки мақбараи сардафтари адабиёти тоҷик Абӯабдуллои Рӯдакиро ба ифтихори 1100 солагии шоир дар зодгоҳаш деҳаи зебоманзари Панҷрӯд кушоданд, лентаи онро аввалин шуда Раиси кумитаи ҷашн А.Қаҳҳоров кушоданд. Дар баробари он зери қабр нусхаи актро, ки ба он А.Қаҳҳоров имзо гузошта буданд ва он бо ранги туш дар коғази ғафси ватман навишта шуда буд, ба патрони шишагӣ гузошта, бо гаҷ маҳкам карда монданд. Дар он ҳуҷҷати муҳим чунин навишта шуда буд:

«Ҳамин актро дар бораи он тартиб додем, ки дар асоси тадқиқотҳои сардафтари адабиёти советии тоҷик Садриддин Айнӣ, ки дар Панҷрӯд қабри Рӯдакиро ёфтааст, бо қарори Ҳукумати РСС Тоҷикистон 20 ноябри соли 1956 бо иштироки аҳолии маҳаллӣ қабри Абӯабдулло Ҷаъфар бинни Муҳаммад Рӯдакӣ кушода шуда буд.

Маълумоти биографие, ки дар шеърҳои шоир ва дар маъхазҳои таърихию адабӣ тасвир ёфта буданд, имконият доданд исбот карда шавад, ки устухонбанди қабри кушодашуда ҳақиқатан устухонбанди шоир мебошад. Аз рӯи устухонҳои ёфтаи М.Герасимов портрети ҳуҷҷатии Абӯабдулло Рӯдакӣ ба вуҷуд оварда шуд.

Имрӯз, 18 октябри соли 1958 устухонҳои шоир, ки барои тадқиқот гирифта шуда буд, дар ҷои пештараи он, дар мақбараи махсус сохтаи Ҳукумати РСС Тоҷикистон гӯронида шуд».

Соли 1959 А.Қаҳҳоров, ки худ мухлиси ашъори Туғрал буданд, ба ноҳияи Айнӣ мераванд. Пас аз маҷлису машваратҳо хоҳиши зиёрати оромгоҳи Туғралро мекунанд. Ба деҳаи шоир Зосун меоянд. Касе қабри ӯро нишон дода наметавонад. Аз мӯйсафедони аҳли маърифат мепурсанд. Яке аз ҳамнишинҳои шоир дар бистари марг буд. Мӯйсафедро аз ҷойгаҳаш оварда, ҷои қабрро муайян мекунанд. А.Қаҳҳоров мефармоянд, ки устухонҳои шоирро аз мағок бардошта ба наздики роҳи калон бароварда ба хок супуранд, то он ҷо мақбара барпо кунанд.

А.Қаҳҳоров баробари расидан ба Сталинобод раиси Суди Олӣ, нависанда, марди ҷасоратманд Ҳабибулло Назаровро ба назди хеш даъват карда, хоҳиш мекунанд, ки китоби аъмоли Туғралро беғаразона тафтиш кунад. Зеро ки ҳоло ҳам бадхоҳон нисбати Туғрал бо чашми сияҳ нигоҳ мекарданд. Ҳ.Назаров ба бегуноҳии шоир савганд ёд карда мегӯяд, ки дар дасташ ҳуҷҷатҳо дорад. Ҳатто як нусхаи суди минтақавии Самарқанд дар хусуси бекор кардани ҳукми «тройка» ҳам ҳаст. А.Қаҳҳоров сарвари онвақтаи ҷумҳурӣ, котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Турсун Ӯлҷабоевро аз ин кор огоҳ мекунанд. Пас бо амри КМ ПК Тоҷикистон коркунони ҳизбу ҳукумат Мирзо Наимов, Рустамбек Юсуфбеков ва Сиддиқ Зарифовро ба кор ҷалб мекунад. Ҳабибулло Назаров бошад, ҳамчун раиси Суди Олии ҷумҳурӣ барои Бюрои КМ ПК Тоҷикистон ҳуҷҷат тайёр мекунад. Зеро шоир Туғралро аскарони Артиши Сурх паррондаанд ва гуноҳи онҳоро исбот кардан осон набуд. Пас аз қарори Бюрои КМ ПК Тоҷикистон, ки қатли шоирро нодурусту беасос ҳисобид, Суди Олии ҷумҳурӣ куштори Туғралро ғайриқонунӣ эълон карда, ӯро бегуноҳ ҳукм баровард.

А.Қаҳҳоров фарзандон ва наберагони хешро дар эҳтиром ва фарҳангу маърифат, ҳисси баланди ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ ва инсондӯстӣ тарбият ва ҳидоят менамуданд. Рӯзи 2 апрели соли 2003 ман бо ҳамсарашон ва ҳам духтарашон Наима Қаҳҳорова сӯҳбати тӯлоние доштам. Ва мавзӯи сӯҳбат аз одамияту хислатҳои неки шодравон, дӯстии эшон бо падари бузургворам рафт. Наимахон аз ҷумла оиди чӣ тавр падар ӯро ба илм эътибор додану ҳидоят кардаашро нақл намуда гуфт:

— Падар маро ҳамчун мутахассиси араб таъкид мекарданд, ки олиму шоирони эронинажод дар рушду нумӯи фарҳангу адаб ва тамаддуни араб саҳми арзанда доранд. Дар айни ҳол тамаддуни араб низ барои ғанӣ гардонидани илму маданияти аҷамиён, яъне мардуми форсу тоҷик калон аст. Аз ин лиҳоз месазад, ки ин мавзӯъро муштарак тадқиқу таҳқиқ кард. Ин нишондоди падар минбаъд роҳи хоси илмиву амалӣ ва назариявии ман гардид.

Дар воқеъ Наима Қаҳҳорова ин ҳидояти падарро дар амал татбиқ намуда, оиди масъалаҳои «Аҷам дар сарчашмаҳои араб», фаъолияти эҷодӣ

ва рӯзгори шоираи номвари Эрон Фурӯғи Фаррухзод рисолаву мақолаҳои пурарзиш таълиф намуд. Домулло Қаҳҳоров, ки аз зумраи шеърдону шеърхону шоир буданд, дар қалби Наимахон низ ин муҳаббатро бедор кардаанд. Дар ин бора Н.Қаҳҳорова дар он сӯҳбат чунин иброз кард:

«Падар ба ҳар яки мо фарзандон аз хурдӣ таълим дода буданд, ки дафтари махсус дошта бошем ва дар он дурдонаи назми тоҷикро гирд оварем ва азбар намоем. Осори безаволи рӯҳпарвари Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Соиб, Калими Кошонӣ, Фахриддини ироқӣ, Румӣ, Бедил, Камол бароям лаззати нотакрор мебахшид. Зиндагӣ бе шеъру мусиқӣ беранг аст. Шеъру наво ҳаётро гуворову рангин месозад ва ба рӯҳи инсон ғизои маънавӣ мебахшад. Ман чун падар мекӯшам, ки дар замири одамон нисбат ба шеъру наво муҳаббате бедор кунам. Дар ин нишондоду насиҳати падарам як таъбири шоираи дӯстдоштаи ман Фурӯғи Фаррухзод раҳнамо аст: «Шеър барои ман як рафиқест». Бигзор шеър барои фарзандони мардуми саодатёри тоҷик ҳамнафасу ҳамроз гардад».

Ман суханони Наимахон Қаҳҳороваро тақвият дода гуфтаниам, ки А. Қаҳҳоров ҳунари саривақт ва бо як илҳом шеър гуфтан доштанд. Устоди санъати суруд, ҳофизи номӣ Ҷӯрабек Муродов ба ман нақл кард, ки соли 1967 дар Канада зери таъсири сурудҳояш А.Қаҳҳоров бадоҳатан шеъри тозае навиштаанд. Чанд байташ ин аст:

*Ҳофизо, хон ту суруди Ватанам,*
*То ки осуда шавад ҷону танам,*
*Гарчи аз хоки азизам дурам,*
*Дар назар ҷилвагар аст он чаманам!*

Ба ин шеър баъдтар бастакор Зиёдулло Шаҳидӣ оҳанги муносиб иншо намуд, ки онро Артисткаи Халқии СССР Ҳанифа Мавлонова бо як маҳорати баланд месуруд.

Имрӯз мо ёди неки марди накӯном Абдулаҳад Қаҳҳоровро карда, бо як ифтихор мегӯем, ки эшон бо маънои том некхоҳу некбину некрой буданд. Пас номи неки чунин мардони некдил абадулабад дар таърихи миллат ҷовид хоҳад монд. Шоири хушбаён Адиб Собири Тирмизӣ дар ҳаққи чунин шахсон басо хуб гуфтааст:

*Касе, к-ӯ некӣ андешад ба ҳар кас,*
*Ба некӣ дар ҷаҳон соҳибқирон аст.*

## БО НОМИ УСТОДАМ МЕФАХРАМ

Устод Зариф Раҷабов аз якумин дастпарварони мактаби намунавии ба номи Маҳмудхӯҷаи Беҳбудии шаҳри Хуҷанд буданд. Устод нахустин тоҷикписаре буданд, ки солҳои бистуми қарни бист донишҷӯи Университети Маскав (имрӯз Университети давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов)

буданд. Устод яке аз аввалинҳо шуда, соли 1933 ба аспирантураи Институти шарқшиносии Академияи илмҳои СССР дохил шуданд ва дар таърихи Тоҷикистон якумин шуда моҳи феврали соли 1937 рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, соҳиби унвони илмӣ гардиданд. Зариф Раҷабов якумин директори Институти навтаъсиси таърихи Академияи илмҳои Ӯзбекистон буданд, ки ба ин вазифа 3 ноябри соли 1943 интихоб шуда буданд. Вақте ки соли 1948 Университети давлатии Тоҷикистон таъсис ёфт, бо тавсияи сардари онвақтаи ҷумҳурӣ Бобоҷон Ғафуров ба сарварии он З.Ш.Раҷабов тавсия карда шуд. Устод соли 1951 аввалин шуда, узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон аз шӯъбаи таърих интихоб шуда буданд. З.Ш.Раҷабов соли 1967 аз байни олимон якӯмин шуда, ба мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино сазовор шуданд.

Оре, устод Зариф Раҷабов дар аксари ҷабҳаҳои ҳаёти маданӣ аввалин буданд. Шояд дар ҷумҳурӣ хонадони Раҷабовҳо аввалин сулолаи фарҳангӣ бошад, ки чанд нафаре ба унвони баланди илмӣ соҳиб шудаанд. Дар ин бора нависандаи маҳбуби мо Раҳим Ҷалил дар «Маъвои дил»-и худ менависад, ки дар Хуҷанди мо байни кӯчаҳои Стахановӯ Ҷӯра Зокир хамгашти кӯчаи Содирхон Ҳофиз аст, ки дар он ҷо ҳавлии сулолаи аҳли фарҳанг Раҷабовҳо воқеъ аст. Дар ин ҳавлӣ як зумра олимони номӣ ба дунё омадааст, ки онҳо ифтихори тоҷикон мебошанд.

Адиби шинохта, дусти қадрдони оилаи Раҷабовҳо — Раҳим Ҷалил ба эшон баҳои ҳаққонӣ дода, Зариф Шарифовичро машъали тобони авлод номидаанд. Худи устод Зариф Шарифович дар ёддошти хеш бо як муҳаббат дар хусуси хонадони Раҷабовҳо ҳарф задаанд: «Дар мисоли хонадони мо дида метавонем, ки халқи тоҷик ба чӣ комёбиҳои назаррас расидааст. Бародарам Латиф Шарифович Раҷабов нахустин номзади илми химия дар ҷумҳурӣ, дигараш А.Ш.Раҷабов Институти бофандагии Ивановро хатм намудааст, сеюмаш Х.Ш.Раҷабов бо дипломи аъло Институти педагогии Ленинободро тамом карда, то дами маргаш соли 1950 дар осорхонаи Ленинобод ходими илмӣ шуда кор мекард. Амакбачаам Солеҳ Ашӯрхӯҷаевич Раҷабов — доктори илми ҳуқуқшиносӣ, академики АИ Тоҷикистон, лауреати мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино аст. Дигараш дотсент Додо Ашӯрхӯчаевич, ки ҳамсоли ман аст — солиёни дароз мудири шӯъбаи таълимии мактаби олии партиявии Тошканд, хоҳаронам Нозук, Мӯнус, Саломат ва Марҳамат бо роҳи илму дониш ва ҳунар рафтанд. Аъзои ин хонадон, муаллифи ин сатрҳо доктори илми таърих, академик мебошам. Мо бо сулолаи худ мефахрем ва меболем» (З.Ш.Раджабов дорогой знаний — Душанбе: «Дониш», 1976, саҳ. 144-195).

Ин хел сулолаи аҳли фарҳанг на фақат фахри Раҷабовҳо, балки тамоми халқи мо ва махсусан хуҷандиён мебошад.

Зариф Шарифович аз зумраи олимоне буданд, ки ҳамчун ташкилотчӣ дар равнақуривоҷи илм ва махсусан тайёр кардани мутахассисони соҳаи илми таърихшиноси саҳми босазое гузоштаанд. Устод бештар аз 300 асарҳои

илмӣ-оммавӣ навиштаанд, ки бештари онхо ба таҳлили таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик бахшида шудаанд. Асари нихоят пурарзиши устод «Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX» (Сталинобод, 1957 русӣ, 1959 тоҷикӣ) дар таърихнигории тоҷик мақоми бузург дорад. Ба ҳалли ин масъала аҳамияти ҷиддӣ додани олим бесабаб нест Чунки афкор, мафкураи ҷамъиятӣ-сиёсӣ таҷассуми шароити ҳаёти моддии халқ аст. Омӯзиши ин масъала ба З.Ш.Раҷабов имконият дод, ки оид ба заминаҳои инқилоби иҷтимоӣ дар Осиёи Миёна, дараҷаи фаҳмиши мардуми он, аз ҷумла, тоҷикон ба воқеаҳои сиёсӣ хулосаҳои муҳим барорад. Барои ҳамин ҳам зарфи зиёда аз 40 сол масъалаи таърихи афкори ҷамъияти сиёсии тоҷикон дар маркази диққати устод буд. Аз рисолаи номзади «Ҷадидизм дар Туркистон» (1937) то асари «Маорифпарвар Аҳмади Дониш» (1964) ва «Рисолаи сиёсии Аҳмади Дониш» (1976) даҳҳо китобҳо ва мақолаҳои устод ба равшан намудани масъалаҳои мавзӯи мазкур бахшида шудаанд.

Соли 1959 З.Ш.Раҷабов директори Институти таърихи ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон интихоб мегарданд. Воқеан номи Аҳмади Дониш маҳз бо ташаббусу таклифи устод ба институт номгузорӣ шуда буд. Институт бо роҳбарии Зариф Раҷабов як қатор тадқиқотҳои мукаммал гузаронд. Таърихи бисёрҷилдаи халқи тоҷик аз давраи қадим то навин аз ҷумлаи онҳост. Ин асари мукаммал (фундаменталӣ) бо дастгирии академик Бобоҷон Ғафуров дар се ҷилду панҷ китоб солҳои 1963-1965 дар Маскав чоп шуд.

Боиси ифтихор аст, ки саҳми З.Ш.Раҷабов на ин ки дар инкишофи илми таърихшиносии тоҷик, балки таърихи собиқ мамлакати шӯравии мо — СССР низ хеле калон аст. Яке аз муҳаррирон ва муаллифони китоби 12-ҷилдаи «История СССР с древнейших времен до наших дней» будан, далели он аст.

Олими забардаст ва омӯзгори бомаърифат Зариф Шарифович Раҷабов ҳамчун иштирокчии фаъоли сохтмони маданӣ дар Тоҷикистон саҳми арзандае гузоштааст. Аз ин ҷост, саҳифаҳои фарҳангии ҳаёт, роҳҳои тайкардаи худро устод дар китобҳои ёддоштии худ «Некоторые страницы культурной жизны Советского Таджикистана» (Душанбе. 1964), «Дорогой знаний» (Душанбе, 1975) ва «Страницы прошлого» (Душанбе, 1986) чун иштирокчии фаъоли он нишон додаанд. Дар он китобҳо кас дар бораи ҳаёти фарҳангии 50 соли охир ва махсусан шахсиятҳои маъруф ба монанди ховаршиносони рус В.В.Бартолд, М.С.Андреев А.А Семёнов. Е.Бертелс. И.С.Брагинский, Д.С.Комиссаров, олимону адибони тоҷик С.Айнӣ, С Умаров, Б.Ғафуров, С.Улуғзода, Ш.Ҳусейнзода, Р.Ҳошим, М.Турсунзода, Р.Ҷалил, Ҳ.Карим, С.Носиров, М.Осимӣ, М.Шукуров, Ғ.Ҳайдаров, Н.Неъматов, М.Бобохонов, А.Маниёзов, Х.Отахонова, Р.Набиева, санъаткорони номи Ғ.Валаматзода, А.Раҳимов ва дигарон шинос мешавад.

Аз хотироти Зариф Раҷабов, ки дар китоби «Страницы прошлого» як лаҳзаро оварданиам:

«Соли 1948 дар Сталинобод университет ташкил ёфт. Ман ҳамчун ректор бо мақсади ба он таълимгоҳ ҷалб кардани дохилшавандагон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафар кардам. Аз ҷумла, ба шаҳри Ленинобод омада, ба мактаб-интернати «20-солагии Октябр» меҳмон шуда, бо хатмкунандагони мактаб сӯҳбат намудам. Аз номи 36 нафар хатмкунандагони мактаб талабае бо номи Абдуқодир Маниёзов сухан карда гуфт, ки мо ҳама ба университети нав меравем. Ман оё он вақт пешакӣ муайян карда метавонистам, ки як рӯз ин талаба ба университет дохил мешаваду онро аъло хатм мекунад. Минбаъд ба дипломи унвони илмӣ соҳиб шуда, то ба дараҷаи директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон мерасад ва ба узви вобастаи АИ ҷумҳурӣ интихоб мешавад?

Оё ман он вақт медонистам, ки дигар хатмкардаи мактаби номбурда Мансурхон Бобохонов рӯзе донишҷӯ мешавад ва баъд таҳти роҳбарии ман рисолаи номзадӣ ва баъд докторӣ дифоъ мекунаду декани факултаи таърихи ҳамон университет мегардад? Аммо аз таърихчӣ мешавам гуфтани Бобохонов дар ҳамон вақти вохӯрӣ, маълум шуд, ки гапи халқ «нияти нағз ними давлат» гуфтаанд, мазмуну маънии калон доштааст».

Ман дар ин ҷо мехостам чанд мушоҳидаҳои бевоситаи худро ҳамчун шогирди устод ёдовар шавам. Зеро ба ман ҳамчун донишҷӯи факултаи таърихи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин солҳои 1962-1967 устод аз курси таърихи халқи тоҷик дарс додаанд. Роҳбари кори дипломӣ ва рисолаи номзадиам низ устод буданд.

Зариф Шарифович шогирдони боистеъдоди меҳнатиро ниҳоят ҳурмат мекарданд ва аз паи рушду такомулаш мешуданд. Донишҷӯёнро навозишкорона бо ибораҳои «азизонам», «домуллоҳои азиз», «шогирдонам оянда бузургони ман» муроҷиат мекарданд. Яке аз насиҳатҳои писандидатарини устод ин буд, ки «зеби инсон илму дониш аст, аммо баҳри соҳиб шудан ба он бояд меҳнат кашид». Донишҷӯёне, ки сусту ҳафсалаи хондан надоштанд, ба онҳо эътибор намедоданд ва мегуфтанд, ки аз ӯ умед кардан норавост. Бигзор вай аз паи кори худ бошад, шояд аз вай ягон ҳунарманди тавоно ва ё деҳқони раззоқ, яъне ризқдиҳанда бaрояд. Олимию омӯзгорӣ ҳунари модарзодӣ аст, танҳо истеъдод ва рағбат метавонад ӯро ба қуллаҳо барад.

Устод Зариф Раҷабов ба мақоми омӯзгор чун қувваи тавонои ҷомеа баҳои баланд медоданд. Ҳамеша мегуфтанд, ки муаллим бо рафтору кирдори худ метавонад шогирдонро мафтуни худ гардонад, ба дилу дидаи онҳо илмро ҷойгир кунад ё ин ки онҳоро тамоман аз худ дур созад. Шогирдон, ки аз устод дур шуданд, ин ногузар паст шудани дараҷаи таълиму тарбия ва коста гаштани муҳити маънавӣ мегардад. Мақоми омӯзгор дар эҷоди иқлими маънавӣ дар навбати аввал ба имконияту маҳорати ӯ вобаста аст. Ӯ бояд бо баҳои ҳаққонӣ меҳрубонӣ ва серталабӣ мавқеъи худро дар байни донишҷӯён мустаҳкам намояд. Чунки вай барои донишҷӯ ҳама кас — ҳам омӯзгор, ҳам

роҳбар, ҳам намояндаи касби оянда ва ҳам рафиқи ботаҷриба ба шумор меравад. Аз ҳамин сабаб аз ҳар як омӯзгоре ки ба даргоҳи мактаби олӣ қадам мемонад, тақозо мешавад, ки бояд ҳам омӯзгор бошад ва ҳам тарбиятгар.

Устод Зариф Шарифович Раҷабов дар симои омӯзгорону аҳли илму фан диҳандаи ғизои маънавии халқро медиданд. Баъзан ҳамин ибораро ёдрас карда меистоданд: «Хонаи зебо ҳам, агар девораш бебаҳо бошад, фурӯ меравад. Миллате, ки бунёди маънавиаш суст бошад, низ бебақост».

Ҳақ ба гуфтаҳои устоди бузургворам, ки баъди даргузашти эшон моҳи августи соли 1990, дере нагузашта гуфтаҳояшон тасдиқ шуд. Солҳои 90-уми асри гузашта, коста шудани маънавиёт ҷумҳуриро ба чӣ ҳолат овард, дидем. Ва яке аз сабабҳои асосии ҳамаи ин бедодгариҳо ин ҳамон навъе, ки устод З.Ш.Раҷабов гуфта буданд, «касе, ки ба маънавиёт эътибор надиҳад, миллат бебақост». Аз ин лиҳоз баҳри болоравии маънавиёти миллат кӯшем. Баҳри ваҳдат кӯшем, ки ҳамаи ин орзую омоли асосии шодравон устоди бузургворам Зариф Шарифович буд. Мақоми диҳандагони ғизои маънавӣ — аҳли эҷодкорон ва бахусус муаллимро бардошт. Охир, маҳз муаллим ҷомеаро ба олами донишу одамият шинос намуда, барои сарфаҳм рафтани ҷараёни мураккаби ҳаёти печ дар печ ошно месозад. Аммо як марҳилаи муайян обрӯи муаллим ончунон паст шуд, ки дар натиҷаи он ҷомеа рӯ ба таназзул ниҳод.

Муаллими мо Зариф Шарифович омӯзгорро ҳамчун тарғиботчии аз ҳама фаъол мешумориданд. Ба мо устод борҳо гуфта буданд, ки «Сталин дар давраи вазнини Ҷанги Бузурги Ватанӣ мақоми ниҳоят баланди муаллимону адибонро ҳис карда, бо фармони махсуси худ аз соли 1942 даъвати онҳоро ба ҷанг манъ кард. Зеро маҳз муаллимону адибон насли наврасро чун ватандӯст тарбият мекунанд. Яке аз омилҳои асосии ғалабаи мо ҳам дар он буд, ки муаллим аскаронро дар рӯҳи садоқату ватандӯстӣ тарбия карда буд».

Шукри бепоён, ки даргириҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми қарни бист, бо кӯшишу ташаббуси Президенти кишварамон Э.Ш.Раҳмонов рӯ ба ваҳдат овард ва худшиносии миллӣ пеш гирифта шуд. Яке аз омилҳои асосии ваҳдату худшиносӣ ин номи неки бузургони миллатро фаромӯш накардан аст. Э.Ш.Раҳмонов дар суханронии хеш дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат, ки ман ҳам дар он ҳузур доштам аз 20 марти соли 2001 гуфта буд:

«Ба ҳамагон комилан равшан аст, ки ҳеҷ кишвар ва миллат бе зиёиёни худогоҳ, ва ватанпарастояндаи худро обод карда наметавонад».

Таҷрибаи худи мо дар асри бистум собит кард, ки бо вуҷуди мушкилиҳо ва ҳатто фоҷеаҳо, зиёиёни Тоҷикистон фидокориҳо нишон дода, дар кишвар илму маориф, фарҳангу тибби пешрафтаро бунёд карданд. Дар он устодони номӣ, олимони шӯҳратманд, шоиру нависандагони машҳур, табибони ҳозиқ, аҳли санъаткорони мумтоз барои тараққиёти иқтисоду фарҳанг нақши бузург бозиданд.

Халқи мо бо номҳои ҷовидонаи С.Айнӣ, Б.Ғафуров, А.Лоҳутӣ, М.Турсунзода, С.Умаров, А.Мирзоев, А.Баҳоваддинов, М.Осимӣ, М.Нарзиқулов, И.Нарзиқулов З.Ш.Раҷабов, З.Шаҳидӣ, М.Қосимов, А.Бурҳонов, Т.Този-

лова, М.Воҳидов, Б.Файзуллоев ва дигар фарзандони миллатамон, ки ному шӯҳраташон аз Тоҷикистон берун рафта, дар тамоми ҷаҳон мавқеъ ва мақоми намоён доштанд, ифтихор мекунад».

Дар ин баромади пурмӯҳтавои хеш, Президенти кишвар мӯҳтарам Э.Ш.Раҳмонов номи устод Зариф Шарифовичро низ гирифтанд, ки боиси хурсандии мо — шогирдони устод гардид. Сирри маҳбуби тамоми халқ гардидани З.Ш.Раҷабов барин фарзандони фарзонаи миллат дар он аст, ки онҳо халқу ватани худро беҳад дӯст медоштанд, худ аз пайи шӯҳрат нагаштанд, балки меҳнати ҳалол ва бедареғ номи некашонро ба боргоҳи иззат ва эътибори умум бардошт. Ин тоифа шахсон баъди марг ҳам дар замири дили халқ зиндаанд. Бо қарори раиси вилояти Суғд Қ.Р.Қосимов аз 9 октябри соли 2003 № 251 «Дар бораи посдории хотираи академикҳо Зариф Шарифович Раҷабов ва Солеҳ Ашӯрхӯҷаевич Раҷабов» далели абадудаҳр зиндаву ҷовид будани ин мардони фидоии илм аст.

## БО РОҲИ ПАДАРОН РАФТ

5 июли соли 2001 ба рӯзи мавлуди шарифи ховаршиноси машҳури тоҷик, олиме, ки барои хонандагони тоҷик Муҳаммад Иқболро шиносонидаасту меросашро таблиғ кардааст Абдуллоҷон Ғаффоров 70-сол пур мешавад. Хеле рамзист, ки шодравон А. Ғаффоров фаъолияти меҳнатии худро баъди хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон соли 1953 дар шаҳри Хуҷанд, он вақта Институти педагогии давлатии Ленинобод ба номи С.М.Киров, имрӯза Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров оғоз кардааст. Соли 1956 ба аспирантураи Институти шарқшиносии Академияи илмҳои СССР, ки сарвараш Бобоҷон Ғафуров буданд, дохил мешавад ва ба ҳидояти эшон муҳаққиқи ҷавон ба тадқиқи адабиёти тоҷикзабони Ҳинду Покистон машғул мешавад. Баъди он ки солҳои 1958-1960 А. Ғаффоров дар Университети мусалмонони Алигархи Ҳиндустон таҳсил мекунад, бо рағбати калон ба омӯхтани адабиёти тоҷикзабони Ҳинду Покистон сар кард ва дар ин ҷода минбаъд комёбиҳои назаррас ба даст овард. Мероси гаронбаҳои Мирзо Ғолибу Муҳаммад Иқбол, Ғании Кашмирӣ ва Махфии Раштиро шиносонд.

Абдуллоҷон Ғаффоров соли 1931 дар деҳаи Қистақӯз, дар оилаи яке аз маорифчиёни машҳур, муаллими муаллимон, омӯзгори шинохта, Муаллими шоистаи РСС Тоҷикистон Абдуғаффор Ҳасанов таваллуд шудааст. Дар зиндагӣ падар дар тарбияи фарзанд мақоми калон дорад. Фирдавсии бузургвор як байти воло дорад:

*Падар бар падар паҳлавон будаам,*
*Нигаҳдори тоҷи каён будаам.*

Дар ин ҷо мазмуни «падар бар падар» маънои «авлод ба авлод», «насл ба насл», «пушт ба пушт»-ро дорад. Дар ҳақиқат аз падар ба фарзанд як мероси бузург — тоҷи он кас маърифату дониши додаашон мондааст. Ин мерос, ин

тоҷи падар китобу дастнависҳо, панду андарзҳои ниёгони мо, насиҳатҳои ҳикматомези сершуморашон мебошад. Ҳамеша таъкид менамуданд, ки китоб омили асосии маънавиёти кас буда, набояд аз китоб дур шуд. Вақте ки соли 1958 бародарам Абдуллоҷон Ғаффоровро аз фурудгоҳи Тошканд ба Ҳиндустон мегуселонидем, падарам ба он кас фотеҳаи нек, роҳи сафед талабида, махсус таъкид намуданд: «Нури чашмам, Абдуллоҷон. ту ба кишваре рафтагор ҳастӣ, ки он ҷо хазинаи адабиёти классикии тоҷик аст. Дастхатҳои нодиру китобҳои камёб дар ҳамон ҷост. Сонияи, ҳамаи китобҳои фарҳангии мо «Ғиёс-ул-луғот», «Бурҳони Қотеъ» «Шамс-ул-луғот» ва ғайра дар нашрияҳои Лакҳнаву Оллоҳобод чоп шудаанд. Бинобар ин то метавонӣ, китоб ҷамъ овар ва онро ба ватан биёр. Пешравии кори ту дар ҳамин аст. Мабодо, ки аз он ҷо молу матоъ наоварӣ ба ҷуз китоб».

Бародарам мувофиқи ҳидояти падар китоби бисёреро ҷамъ меоваранд, ки теъдоди он тақрибан 700 адад мешавад. Аммо барои овардан тавассути самолёт пули зиёде талаб мекунанд. Аммо ба толеи он кас тирамоҳи соли 1959 гурӯҳи вакилони парламентии СССР бо роҳбарии котиби КМ КПСС Н.А.Муҳиддинов меояд, ки дар ҳайати он Котиби КМ ҲК Тоҷикистон Низорамоҳ Зарифова буданд. Бародарам аз фурсати қулай истифода бурда аз ин зани меҳрубону ғамхор ва фарҳангдӯсту ватанпараст дар масъалаи ба Тоҷикистон бурдани китобҳо мадад мепурсанд. Н. Зарифова аз ин нияти А. Ғаффоров шод гардида, тамоми китобҳои пурқиматро бо таёраи ҳукуматӣ ба Тоҷикистон меоваранд. Имрӯз он китобҳо дар Хуҷанд маҳфузанд.

Шодравон падарам китобу ҳикматро баробари нон дар як радиф мегузоштанд. Агар нон ба инсон ғизои ҷисмонӣ бахшад, китобу ҳикмат ғизои рӯҳӣ ато мекунад. Маҳз ҳамин нишондоду насиҳатҳои падар буд, ки шодравон бародарам Абдуллоҷон Ғаффоров ба мартабаҳои баланди илмӣ расида буданд. Аз бойгонии бародарам, ки алҳол дар шаҳри Хуҷанд маҳфуз аст 15 панди падар ба писар, ки соли 1948 ба муносибати ба хондан ба шаҳри Сталинобод иншо шудаанд, ёфт шуд. Онро метавон ҳамчун насиҳатномаи падар ин ҷо оварем:

— Нури чашмам, Абдуллоҷон! Ба ту бо чанд панду ҳикмат, ба муносибати донишҷӯи Университети давлатии Тоҷикистон шуданат муроҷиат мекунам. то ин ки дар шаҳри мусофират раҳнамуни ояндаат гардад.

ЯКУМ, сарват ва ҷаҳонпарастӣ сарчашмаи ҳамаи балоҳо ва ахлоқи разилона аст.

*Одамиро балои ҷон дунёст,*
*Сар ба сар фитнаи ҷаҳон дунёст.*
*Ҳама ахлоқи бад аз ӯ хезад,*
*Бухлу ҳирсу ҳасад аз ӯ хезад.*

Одаме, ки сарват дорад ҳамеша дар тарсу бим буда, бо ибораи шоир «Кисапур ваҳми кисабур дорад, хатар онро, ки киса пур дорад».

ДУЮМ, кибр инсонро ба пастӣ мебарад ва аз ҳамагон дур мекунад.

СЕЮМ, сарчашмаи чандин корҳои ноҷоя ситезкорӣ ва кинадорӣ мебошад. Ғазаб хислати бади инсонӣ аст. Дар вақти ғазаболудӣ инсон аз доираи одамӣ мебарояд.

ЧОРУМ, ҳеҷ вақт бо одами аслаш нопок ҳамнишин машав. Одами бадзод ҳазор шоҳаншоҳу сарватманд шавад, боз ӯро ба пастӣ мекашад. Ҳамон навъе бузургон гуфтаанд:

*Зи нопокзода мадоред умед*
*Ки зангӣ ба шустан нагардад сафед.*

ПАНҶУМ, ҳамеша ва дар ҳама ҳолат танҳо некӣ кунед. Махсусан ҳини дар сари мансаб будан мӯҳтоҷонро дасти ёрӣ кунед, ки давр дигар насиб нахоҳад шуд. Бо гуфти Камоли Хуҷандӣ:

*Дар давлати хубӣ ба гадоёни дари хеш*
*Лутфе бикун имрӯз, ки фардо натавон кард.*

ШАШУМ, дурӯғ гуфтан сароғози ҳама офату балоҳост. Аз ин ҷост танҳо ростӣ. Дар ҳикмати қадимтарини ниёгон таълимоти Зардушт оварда мешавад:

«Роҳи дурӯғ дарозтарин роҳ, аммо сарбаста аст».

ХАФТУМ, ҳеҷ вақт ба тамаъ гирифтор машавед, ки оқибаташ хорӣ ва рехтани обрӯ аст.

ҲАШТУМ, ба куҷое, ки равед ҳамеша одоби суханро нигаҳ доред. Аз забонатон сухани нек садо диҳад, ба мардум бо суханони самимӣ муроҷиат кунед. Фирдавсии бузургвор гуфтааст:

*Сухан монад андар ҷаҳон ёдгор,*
*Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор.*

НӮҲУМ, дар куҷое бошед, ватанро фаромуш накунед. Модар-Ватан мегӯянд, пас ҷои муқаддас аз гаҳвораи модар-зодгоҳ сар мешавад.

ДАҲУМ, ҳурмати волидайн, яъне падару модарро ба дараҷаи баланд нигоҳ доред. Набояд фаромӯш кунед, ки биҳишт дар зери кафи пои модарон аст.

ЁЗДАҲУМ, ҳамеша дӯстони ҷониро ба даст ор ва баҳраш ҷонатро дареғ мадор. Боигарии ин дунёву он дунёро ба душман деҳу ба ҷои он як дӯсти ҷонӣ пайдо кун. Дар ин мазмун Ҳофиз гуфтааст:

*Дар замири мо намегунҷад ба ғайр аз дӯст кас,*
*Ҳар ду оламро ба душман деҳ, ки моро дӯст бас.*

ДУВОЗДАҲУМ, меҳмондӯст бошед. Агар ба хона меҳмон ояд, бо лутфу завқ ва шодӣ пешвоз гиред. Ба пеши онҳо беҳтарин дастурхонро омода кунед. Меҳмон атои Худост.

СЕНЗДАҲУМ, ба ҳамсоягон ҳамеша самимона муносибат кунед. Мабодо бачаҳои ҳамсоя ҷанг кунанд ба миён надароед.

ЧОРДАҲУМ, худро шинос! Ин чунин маъно дорад, ки дигаронро аз худ боло бидон. Бо ҳама — шоҳу гадо, як хел муносибат кунед. Касе худро шинохт, ҳамаро мешиносад.

ПОНЗДАҲУМ, некӣ кардан ин одоби асосии ту бошад. Ҳадиси пайғамбарамон ҳаст, ки «некӣ ин садақа кардан ба мардум аст». Як ҳикмати маълуми халқ аст: «Агар парранда парвоз накунад аз болҳояш мемонад, агар одам некӣ накунад, дилаш санг мешавад».

Ҳамин насиҳатҳои падар, нишондодҳои падар буд, ки шодравон бародарам олими шинохта Абдуллоҷон Ғаффоров ба чунин қуллаҳои баланди илм ва асосаш мартабаи баланди одамият расида буданд. Ҳанӯз ҳафт сол пеш аз вафоташон падар мо, ду писарро назди хеш хонда гуфта буданд: — Фарзандонам, мардум ба қадри китобу маърифат, суханони бузургон намерасанд. Бинед, дар мағозаҳои китобфурӯшӣ асари пурқимати дуҷилдаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар зери чангу ғубор хобидааст. Аммо шумоён мисли пештара ба китоб мӯътақид бошед. Китоб мояи хирадмандист. Ман он чизе, ки дар тӯли умри худ ҷамъ кардам, маҳз ҳамин маърифат аст. Пас аз паи китобу маърифат шавед, то ин ки мақбули аҳли ҷомеа бошед.

Имрӯз анъанаҳои падарам ва бародарам Аддуллоҷон Ғаффоровро фарзандони бофарҳанги он кас — Мӯътабарҷон, Мунирахон, Назирахон, Умедахон, Замирахон идома мёдиҳанд. Се нафари онҳо — Назирахон номзади илми ҳуқуқшиносӣ ва Умедахону Замирахон номзади илми суханшиносӣ буда рисолаҳои доктории хешро менависанд. Имрӯз асарҳои сершумори падарашон барои онон чун қутбнамои роҳи маърифатии онҳо ҳидояткунанда аст. Зеро ки бузургон гуфтаанд: «Писандидатарин чизе, ки падарон барои фарзандон бозгузоранд, ин фарҳанг аст».

## БАХШАНДАИ УМРИ БАРДАВОМ

Дар китоби «Тадбири манзил» Абӯалӣ ибни Сино овардааст, ки нахустин вазифаи волидайн баъди ба дунё омадани тифли навзод ба ӯ номи зебою нек гузоштан аст. Яъне ҳар инсон метавонад сазовори номе бошад, ки падару модараш, бо умеде ба ӯ додаанд. Ҳаргиз тасодуфӣ нест, агар кас зиёда боре набитвонад бикашад. Номгузорӣ, агар воқеан рисолате бошад, ки аҷдодист, номбариву номварӣ масъулияте аз он сангин аст. Номи неки падарро ҳифз намудан, номбардори сазовор гардидан, шӯҳрати аҷдодро ба маротиб афзудан ба устоди донишгоҳ, олими варзида, профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғ.Ғафуров муяссар шудааст. Падари бофарҳангу хирадманд ба духтари дуюми худ Бароат ном ниҳода хато накард. Бароат маънии ворастагӣ, покӣ, тозагӣ, маҳорат, кордонӣ, устодӣ, тавоноӣ, фазилатро дорад. Мо дар ҳақиқат

дар симои Бароат Ҳоҷибоева зани покизаниҳод, кордон, порсо, хирадманд ва аз ҳама муҳимтар, инсони дорои фазилати баланди одамиро мебинем.

Гуфтаанд: «Ҳар к-аз насаби баланд зояд, ӯро сухани баланд бояд». Муаллима аз хонадони баланди хӯҷандиён ҳастанд, ки имрӯз бо номи падари бузургворашон халқу миллат ифтихор дорад. Пас месазад, ки дар бораи пайванди насли хонадони машҳури диёрамон Бароат Абдураҳимовна Ҳоҷибоева бо як самимияту муҳаббат ҳарф занем. Ва ман чун муаррих мехостам, ки сараввал аз хусуси падари бузургворашон, ходими намоёни давлатию ҷамъиятӣ, марди бомаърифати замони худ Абдураҳим Ҳоҷибоев сухан ронам. Зеро мо солиёни дароз дар ҳаққи ин мардони бузурги миллат, фидоиёни роҳи нави зиндагӣ, ҳақиқатро гуфта наметавонистем ва қариб буд батамом фаромӯш кунем. Шукр замони ошкорбаёнӣ расид ва имрӯз ҳақиқат ба маснади худ бояд нишинад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ҳини суханронӣ дар маҷлиси фаъолони шаҳри Душанбе 14 феврали соли 1998 дар қатори фарзандони неку сарсупурдаи миллат номи Абдураҳим Ҳоҷибоевро низ гирифт.

Дар роҳи барқарор намудани номи неки Абдураҳим Ҳоҷибоев ҷустуҷӯву заҳмат ва талошҳои духтараш Бароат Ҳоҷибоева қобили таҳсин аст. Ва маҳз ӯ баҳри номи неки падар кӯшишҳои зиёд кард. Ҳамин байти ниёгон барояш шиор гардида буд, ки:

*Маро сар ниҳон гар шавад, зери санг,*
*Аз он беҳ, ки номам барояд ба нанг.*

Ҳақиқат ин амри таърих аст. Касе ки инкишофро намефаҳмад, ҳеҷ гоҳ ҳақиқатро намебинад, чунки ҳақиқат дар як ҷо қарор намегирад, ҳақиқат мепарад, ҳақиқат инкишоф аст, ҳақиқат низоъ аст, ҳақиқат рӯзи фардост. Оре, ҳақиқате, ки солиёни дароз ниҳон буд, имрӯз тантана дорад. Имрӯз таърих гувоҳ аст, ки Абдураҳим Ҳоҷибоев аввалин раиси Ҳукумати Тоҷикистон буд. Таърих гувоҳ аст, ки Абдураҳим Ҳоҷибоев аввалин ташаббускор ва поягузори нахустин корхонаи калонтарини саноатии ҷумҳурӣ — комбинати абрешими Хуҷанд буд. Дар ин хусус лавҳаи ёдгории дар шафати комбинат гузошташуда шаҳодат медиҳад. Таърих гувоҳ аст, ки Абдураҳим Ҳоҷибоев бо як зумра устодони каломи бадеъ ба монанди С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, Бруно Ясенский ва дигарон муносибати наздик дошт. Ин дорои маънавиёти баланд будани ӯро нишон медиҳад. Духтари калонии А.Ҳоҷибоев — Рафоат Ҳоҷибоева дар хотироти хеш оиди падар гуфтааст: «Падарам бо устод Лоҳутӣ ошноӣ доштанд. Устод бо ҳамсарашон Бону борҳо меҳмони хонаи мо мешуданд. Ашъори устод ба падарам хеле мақбул буд. Умуман, падарам бештар бо нависандагон дӯстӣ меварзиданд. Солҳои зиёд Ҳаким Каримро ба худ котиб баргузида буданд ва хеле эҳтиромаш мекарданд. Ҳамчунин бо Бруно Ясенский, Пол Вайян Кутюре ва дигарон рафоқат доштанд».

Ман барои тасдиқи гуфтаҳои болоӣ чун муаррих ду далеле оварданиам. Ҳукумати ҷумҳурӣ соли 1933 бо ташаббуси А.Ҳоҷибоев, ки раиси Шӯрои комиссарони халқи РСС Тоҷикистон буд ба С.Айнӣ нафақаи шахсӣ муайян мекунад. Дигар ғамхории раис нисбат ба устод дар он зоҳир мегардад, ки тобистони соли 1933 ба ӯ мурочиат карда мегӯяд, ки дар мавзеи хушманзараи Варзоб, деҳаи зебои Зимчуруд дам гирад ва минбаъд танҳо ба кори эҷодӣ машғул шавад. Давраи истироҳатии устод моҳи июни соли 1933 дар Зимчуруд бо дигар воқеаи фараҳбахши мадании мо пайваст аст. Он рӯзҳо 30-солагии фаъолияти адабии шоири инқилобии мо Абулқосим Лоҳутӣ таҷлил шуд, ки яке аз сарварони гузаронидани ин тантанаи фарҳангӣ А.Ҳоҷибоев ба истироҳатгоҳи Зимчуруд омада, ба устод С.Айнӣ аз нақшаи калони ҳукумат оиди таҷлили 30-солагии фаъолияти адабии Лоҳутӣ нақл мекунад. Устод С.Айнӣ бадоҳатан шеъре бо номи «Соиқа» (барқ) менависад ва аввалин хонандаи он шеър А.Ҳоҷибоев буд:

*Абр шӯриду баҳр тугён кард,*
*Раъд гурриду барқ ҷавлон кард.*
*З-ин миён барҷаҳид соиққе,*
*Ки ҷаҳонро тамом ҳайрон кард.*

24 июни соли 1933 рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» тамоми чор саҳифаи худро бо сарлавҳаи умумии «Ба рӯзи 30-солагии фаъолияти адабии болшевик, адиб ва шоири бузурги пролетарӣ Лоҳутӣ саломи оташини болшевикӣ мерасонем» ба табрикот ва таҳнияти садри ҳукумати Тоҷикистон, дӯсти шоир А.Ҳоҷибоев оғоз мекунад.

Далели дигар оиди фарҳангдӯстии А.Ҳоҷибоев дар он буд, ки эҳтироми вай нисбати нависандаи поляк Бруно Ясенский аст. Вақте ки тобистони соли 1933 нависанда ба шаҳри Сталинобод меояд А.Ҳоҷибоев ҳамоно ба ҳайати коркунони рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» супориш медиҳад, ки бо Бруно Ясенский сӯҳбат ташкил кунанд. Мусоҳибаи онҳо бо номи «Нависандаи байналхалқӣ аз хусуси Тоҷикистон» 6 июли соли 1933 чоп мешавад. А.Ҳоҷибоев аз он хурсанд буд, ки тавассути навиштаҳои Бруно Ясенский ва Пол Вайян Кутюре ҷаҳониён бо рӯзгори мардуми тоҷик ошно хоҳанд шуд.

Рӯзи 8 маи соли 1988 дар ҳавлии муаллима Б.Ҳоҷибоева нависандаи забардасти аср Сотим Улуғзода меҳмон шуданд. Дар сӯҳбате, ки банда, адибон Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Маҳкам Пӯлод, мунаққид ва адабиётшинос Абдуманнон Насриддинов ҳузур доштем, устод бо як самимият оиди хирадмандию заковатмандии А.Ҳоҷибоев ҳарф заданд. Ман тамоми суханронии онрӯзаи устодро пурра навишта гирифта будам, ки чанд лаҳзаҳои онро ин ҷо меоварам:

«Ман падари муаллима Б.Ҳоҷибоева, бобои Фарзона, яъне А.Ҳоҷибоевро хеле хуб медонам ва аз ӯ хотироти нек мондааст. Вақте ки соли 1932 асари машҳури адибаи англис Войнич «Занбӯр» ба забони тоҷикӣ дар

тарҷимаи ман баромад, Ҳоҷибоев чун раиси ҳукумати Тоҷикистон маро даъват карда, дастамро фишурда, табрик карда буд. Ин барои мани бистуяксола як лаҳзаи фаромӯшнашаванда ва таърихӣ буд. Маҳз ҳамон орзую ҳидоятҳои А.Ҳоҷибоев ба ман, минбаъд дар кори эҷодиам илҳом бахшид. Имрӯз ман дар ҳавлии фарзанди ӯ нишаста, дар симои духтару наберааш пайванди решаи авлодӣ, давомдиҳандагони кори падару бобои бофарҳанги хешро мебинам.

Ба гуфти Ҳилолии ширинсухан:

*Ҳар шох ба мева карда пайванд,*
*Ҳамчун падарон ба васли фарзанд.*

Мана, меваи А.Ҳоҷибоев додаро бубинед. Духтари дорои истеъдоди баланди омӯзгорию тарҷумонӣ доштаи вай Б.Ҳоҷибоева мебошад, ки имрӯз ҳама фахр дорад. Ё худ духтари ӯ набераи А.Ҳоҷибоев Фарзонаро гирем. Фарзонаро табиат чун шоире фармудааст: тарзи сухангӯияш, ҳусну малоҳати аҷибаш, гуфтору рафтор ва ҳатто роҳравию сухани муқаррариаш ҳам шоирона, Фарзона — як бозёфти адабиёти мост. Дониши чуқуру доманадори ӯ, бохабар будан аз таъриху адабиёти халқи худ ба ӯ имконият медиҳад, ки бештар ба мавзӯъҳои фалсафиву таърихӣ ва адабии мо рӯ оварад. Ба ин кор на ҳама дар ин синну сол қодиранд. Фарзона истеъдоди модарзодӣ дорад ва ӯро бемуболиға Маҳастию Зебунисои сонӣ метавон гуфт».

Оре, ҳақ ба ҷониби устод С.Улуғзода аст, Фарзона зодаи модари бохирад ва донишманди ӯст. Халқи тоҷик аз ин зани фариштахӯву порсо Б.Абдураҳимова абадудаҳр миннатдор аст, ки барояш шоираи хушсалиқае — Фарзонаро эҳдо кард. Истеъдод пеш аз ҳама ба ирсият вобастагӣ дорад. Бо гуфту мушоҳидаи Меҳрдоди Меҳрин аксари одамони боистеъдод ба ирсияти модарӣ таaллуқ доранд. Фарзона ҳам аз ҷумлаи чунин эҷодкорони боистеъдоди модарзодӣ аст. Ҳамин модари бофазилату бохирад Бароат Ҳоҷибоева буд, ки истеъдоди духтари қаламкашро ҳис намуда, барои рушди он саъй намуд. Ба қавли Ғании Кашмирӣ:

*Ҳама ҳарчанд равад, лек ба маънӣ нарасад,*
*Саъй коре накунад, чун набувад истеъдод.*

Дигар духтари боистеъдоди вай, олимаи шинохта, доктори илми суханшиносӣ профессор Матлуба Хоҷаева мебошад, ки алҳол бо асарҳои пурмазмуни хеш дар байни аҳли илму фарҳанг маълум аст. Ӯ муаллифи асарҳои «Дар ҷустуҷӯи ҷони сухан», «Масъалаҳои сабкшиносӣ», «Таҳқиқи услуби осори бадеӣ» ва ғайра мебошад. Китоби ба наздикӣ офаридаи ӯ «Сиришке дар лола»-ро тадқиқоти пурарзиш номидан мумкин аст.

Ман, муаллимаи азиз Бароат Абдураҳимовна Ҳоҷибоеваро чун зани хоксор, меҳрубон, некӯҳисол, модари бузург медонам ва қадр мекунам. Беҳ-

тарин зиннат барояшон покӣ аст. Мояи ифтихор меҳисобам, ки солиёни дароз бо ин зани дилрабою дилбари тоҷик дар як донишгоҳ кор мекунам ва баъзан аз сӯҳбатҳои ширинашон бархӯрдор мешавам.

Чанде пеш раиси комитети бонувони Ҳукумати вилояти Ленинобод Бихоҷал Раҳимова ба ман китобе, ки кайҳо боз ҷустуҷӯ мекардам, асари А.Ҳоҷибоев «Таджикистан» (Москва, 1929)-ро тақдим карданд, ки он дар қатори китобҳои нодири китобхонаи ман чун ганҷи бебаҳо маҳфуз аст. Ин китоб бароям чун номи А.Ҳоҷибоев ва духтари ӯ, олимаи шинохта ва омӯзгори асил Бароат Ҳоҷибоева азиз аст.

Ман дар рӯзи мавлуди 70-солагиашон Бароат Абдураҳимовна Ҳоҷибоеваро табрику таҳният гуфта аз номи шоир мегӯям:

*Гӯям дуову умри абад хоҳам аз худо,*
*То умри кеш сарф кунам дар дуои ту.*

## НИГОРАНДАИ ТАЪРИХИ ХАЛҚУ МИЛЛАТ

Ҳар як миллат бо фарзандони фарзонаи хеш ифтихор дорад. Зеро чунин шахсиятҳо метавонанд ҷомеаро ба дараҷае солим гардонанд ва дар рушду нумӯи он саҳм бигиранд. Аммо ҷойи инсонҳои хушназар, некбин, дурандешу покизакор ва ҷоннисори миллат дигар, балки боло аст.

Аҳли илму фарҳанг, ки ҷомаи вуҷуди онҳо аз матои хирад ба ҷомеа таъсири нек бубахшад ва сӯи мақсадҳои олӣ бубарад.

Яке аз чунин фидоиёни халқу ватан, фидоии асили илму маърифат доктори илми таърих, Шаҳрванди фахрии Хуҷанд, Арбоби шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд Ғафур Ҳайдаров мебошад. Ин марди нексиришту донишманд беш аз панҷоҳу панҷ сол аст, ки фаъолияти илмию омӯзгории хешро дар як ҷой, факултаи таърихи донишгоҳ сарф карда, дарривоҷу равнақи илми таърихнигории тоҷик саҳми назаррас гирифт, шогирдони зиёдеро ба камол расонд.

Чанде пеш Ҳукумати Тоҷикистон дар бораи моҳи майи соли 2002 ҷашн гирифтани 70-солагии таъсисёбии Донишкадаи омӯзгории давлатии Хуҷанд — Донишгоҳи давлатии Хуҷанд қарор қабул кард. Ва хеле рамзист, ки соли ҷашни фархундаи донишгоҳ барои Ғафур Ҳайдаров соли ҷашнвороҳост. Расидан ба синни 75, 55-солагии хатми донишкада, бо як фармон дар факултаи таърих аз моҳи августи соли 1947 то ба имрӯз кор кардан, 55-солагии чоп шудани нахустин мақола дар матбуот, 35-солагии ба ҳимоя тавсия шудани рисолаи докторӣ, 5-солагии бо фармони Президенти кишвар Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ба унвони баланди Арбоби шоистаи илм ва техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор шудани ӯ ва боз чанд воқеаи муҳими ҳаёти устод маҳз дар ҳамин сол рух менамояд.

Ғафур Ҳайдаров 15 январи соли 1927 дар шаҳри Хуҷанд, шаҳре ки бо ибораи устод Айнӣ «Арӯси дунё», бо таъбири устод Раҳим Ҷалил «Маъвои дил», бо ибораи худи ӯ «Шаҳри қадимаю тозабунёд» ба дунё омадааст. Падару

модари Ғафур Ҳайдаров аз аҳли маърифат, меҳнаткаш ва ҳунармандон буданд. Падараш Мирҳайдар Сангинов — шахсе буд, ки баҳри муҳофизати ҳуқуқу тартибот тамоми қувваи худро дареғ намедошт. Модараш Бибимарям зани бофарҳанги Хуҷанд саводи хуб доштанд. Ҳамеша Ҳафтяку Қуръони шариф, девонҳои Ҳофизу Фузулиро мехонданд. Ана дар ҳамин оилаи марду зани равшанзамиру равшанхаёл, покдилу некбин 75 сол муқаддам бо таъбири Нозими Ҳиротӣ:

*Шаби мавлуд, к-он хуршедгавҳар,*
*Дамид аз машриқи домони модар.*

кӯдаке ба олами ҳастӣ омад ва номи Ғафурро гирифт.

Волидони бохираду худогоҳ бо нидои дили хеш ба кӯдак номи нек гузоштанд. Ғафур ин сифати худо, бахшоянда, омурзанда буда, маънои воло дорад. Волидон орзу ва таманно доштанд, ки Ғафурҷон калон шаваду хонад ва номбардори аслии падару модар гардад. Вале кӯдакии Ғафур Ҳайдаров дер давом накард. Дар чорсолагӣ аз модар ҷудо шуд. Дере нагузашта маҳрумӣ аз хонаю дари авлодӣ ба сари падар ва чор фарзандаш омад. Гови дӯшоию ҷуфти гов дошт гӯён, аҳли оилаи онҳоро ба сарзамини ношиносу дур — Кавкази шимолӣ бадарға карданд. Онҳо дар деҳаи Николо-Александровскии ноҳияи Орзигири кишвари Ставропол маскан гирифтанд. Мутаассифона, баъди як соли муҳоҷират падар аз хунукию гуруснагии соли 1933 ҳалок шуд.

Баъди вафоти падар Ғафурҷони шашсоларо ба хонаи бачагони Николо-Александровски супурданд. Ба Ғафурҷони хурдсол низ қаҳтию гуруснагӣ тахдид доштанд. Ба қавли устод онҳо чандин шабу рӯз рӯи нонро намедиданд Зери осмони соф хобида, қурси моҳро медиданду онро ба нонҳои ширмоли Хуҷанд монанд мекарданд. Бо забони кӯдакӣ «ой-момо, кулча парто» мегуфтанд. Ҳамон орзуи нонеро, ки дар хонаи бачагон карда буданд, баъдтар калон шуда, дар байте аз шеъри Калими Кошонӣ хонд, ки ба ҳамон ташбеҳи бачагияш айнан будааст:

*Ҳама олам гадои нону нон ку?*
*Ба гайр аз қурси моҳ аз нон нишон ку?!*

Устод воқеаҳои давраи бачагии худро таъсирбахш нақл карда, хотиррасон намуд, ки повести Сотим Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо» гӯё тасвири ҳаёти наврасии он кас аст.

— Вақте ки китоб соли 1954 интишор ёфт, — мегӯяд Ғафур Ҳайдаров, — ман онро борҳо хонда, қаҳрамони вай Собирро ҳамчун образи худ шинохтам. Баъдтар фаҳмидам, ки ҳаёти нависанда Сотим Улуғзода ҳам, мисли давраи бачагии ман пурпечутоб гузаштааст. Улуғзодаи хурдсол ҳам монанди ман тамоман ятим мондааст. Андӯҳу қашшоқӣ ва тарбия дар хонаи бачагон шавқу иштиёқи ӯро ба донишомӯзӣ тезтар намуданд. Маро низ маҳз ятимӣ,

ҳаёти вазнину гуруснагии солҳои 1933-1934 ва дигар нокомиҳо ба хубу аъло хондан ҳидоят намуд.

Ғафур Ҳайдаров дар мактаби ҳафтсолаи назди хонаи бачагони ноҳияи Орзигири кишвари Ставропол солҳои 1933-1939, дар омӯзишгоҳи педагогии Хуҷанд солҳои 1939-1943 ва билохир дар Институти педагогии Ленинобод ба номи С.М.Киров танҳо бо баҳои аъло ва ҳатто ҳини донишҷӯӣ бо стипендияи сталинӣ таҳсил кард. Ӯ ҳамчун аълохон, ташкилотчии моҳир ва сардори комсомолон дар корҳои ҷамъиятии институт фаъолона иштирок дошт, ба шарикдарсони қафомонда ёрӣ медод ва аз мушкилиҳо натарсида, кулли фанҳои таълимиро ба дараҷаи зарурӣ аз худ мекард.

Тобистони соли хониши 1945-1946 ба институти педагогӣ вазири маорифи Тоҷикистон Ҳ.У.Содиқов омад. Ҳамон сол аз нарасидани мутахассисон сессияи тобистонаи донишҷӯёни ғоибхони институти муаллимтайёркунии Кӯлоб зери хавф монд. Бинобар ин вазири маориф ба чунин қарор омадааст, ки барои гузаронидани сессия якчанд нафар донишҷӯёни аълохон ба Кӯлоб фиристода шаванд. Дар ин қатор хатмкунандаи курси дуюм, стипендиати сталинӣ Ғафур Ҳайдаров ҳам буд. Ва ӯ дар муддати ду моҳи кор дар шӯъбаи ғоибонаи институти муаллимтайёркунии Кӯлоб ба баҳои баланди сарварони он соҳиб гардид. Дар хислатномае, ки директори институт А. Мӯъминов 5 августи соли 1945 ба Ғафур Ҳайдаров додааст, чунин сатрҳо ҳастанд: «Рафиқ Ҳайдаров Ғафур ба вазифаи худ бомасъулият рафтор карда. дарсро ба дараҷаи баланд мегузарад. Дар байни донишҷӯён ба обрӯ ва эътибори калон соҳиб шудааст. Оянда аз омӯзгорони беҳтарини ҷумҳурӣ хоҳад шуд».

Ғафур Ҳайдаров соли 1947 институтро бо баҳои аъло хатм карда, ба сифати ассистенти кафедраи таърих ба кор монд. Ва аллакай расо 55 сол мешавад, ки дар як донишгоҳ муаллимӣ мекунад. Мегӯянд, ки «Илмат ба амал чу ёр гардад, қадри ту яке ҳазор гардад». Ин байтро халқ беҳуда мақол накардааст. Моҳияти онро Ғафур Ҳайдаров ба хубӣ медонист, аз ин рӯ бо нияти соҳиби унвони илмӣ гардидан, соли 1951 ба аспирантураи Университети давлатии Осиёи Миёнагии шаҳри Тошканд дохил шуд.

Дар натиҷаи кӯшишу ғайрати зиёде моҳи ноябри соли 1953 Ғафур Ҳайдаров муваффақ шуд, ки пеш аз мӯҳлат дар. мавзӯи «Очерки таърихи маорифи халқ дар РАСС Туркистон (солҳои 1917-1924)» рисолаи номзадӣ дифоъ кунад.

Бояд гуфт, ки Ғафур Ҳайдаров дар чандин дастовардҳо аввалину нахустин аст. Аз дастпарварони донишкада якумин шуда Ғафур Ҳайдаров рисолаи номзадӣ ҳимоя кард. Ӯ нахустин профессор, якумин аз омӯзгорону олимони донишкада маҳз устод ба мукофоти олии мамлакат — ордени Ленин сарфароз шуд. Ӯ ягона касест, ки расо 35 сол ба як кафедра сарварӣ намуд. Имрӯз дар донишгоҳи мо Ғафур Ҳайдаров ягона олиму омӯзгорест, ки дар як факулта 55 сол боз кор мекунад. Вай аз олимони донишгоҳ аввалин шахсе мебошад, ки ба унвони баланди Ходими шоистаи илму техникии

Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор гаштааст. Оё ин ҳама боиси ифтихори дӯстон ва шогирдон нест?

Профессор Ғафур Ҳайдаров бо фарзанди фарзонаи миллат, арбоби барҷастаи илм, ходими намоёни давлатию ҷамъиятӣ Бобоҷон Ғафуров муносибати самимонаи шогирдона дошт. Устод Ғафур Ҳайдаров аз он мефахрад, ки 22 феврали соли 1968 дар Шӯрои илмии Институти шарқшиносии АИ СССР, ки ба он Бобоҷон Ғафуров раисӣ мекард, рисолаи доктории хешро дар мавзӯи «Аз таърихи сохтмони сотсиалистӣ дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон (1917-1937)» бомуваффақият ҳимоя кард. Рисола, ки боби тозае дар илми таърихнигории Тоҷикистон буд, бо маслиҳату машварати академик Бобоҷон Ғафуров таълиф шудааст.

Баъди ҳимоя Бобоҷон Ғафуров дасти Ғафур Ҳайдаровро фишурда гуфтанд:

— Шуморо аз самими дил табрик мегӯям ва мебӯсам. Муваффақияти шумо, ин комёбии халқам аст ва ҳар як дастоварди илмии фарзандони халқам ин бароям як воқеаи калони фарҳангӣ мебошад. Ҳазор саҳифаи кори тадқиқотӣ, ин ба гуфтан осон аст, дар ҳазор шаби бедорхобӣ ҳазор ҳуҷҷату санадҳоро омӯхтед, таҳлил намудед ва охирон имрӯз бо сари баланд дифоъ кардед. Офарин, Ғафурҷони азиз!

Ба устод Ғафур Ҳайдаров номи академик Зариф Шарифович Раҷабов низ азизу табаррук аст. Маҳз бо дастгирӣ, маслиҳат ва роҳбарии якҷояи онҳо китоби пурарзиш ва калонҳаҷми «Таърихи Ленинобод» аз тарафи гурӯҳи муаллифон таълиф карда шуд. Китоб дар арафаи ҷашни 2500-солагии шаҳри бостонии Хуҷанд ба хонандагон тӯҳфаи хубе шуд.

Профессор Ғафур Ҳайдаров фахр мекард, ки бо навиштани таърихи шаҳри азизаш — Хуҷанд таърихи халқи худро ғанӣ гардонид.

Таърихи ҳар як шаҳр, бешубҳа, қисми таркибии таърихи ҳамаи халқ мебошад. Аз мазмун ва мундариҷаи китоби «Таърихи Ленинобод» пайдост, ки муаррихон бо рохбарии Ғафур Ҳайдаров дар равиши кор аз сарчашма ва маводҳои зиёде истифода бурдаанд.

Таърихи Ватан, таърихи зодгоҳ илмест бо нерӯи бузург ва ҷовид, ки шаҳрвандро меофарад. Касе ки таърихи зодгоҳи хешро дӯст медорад, пас вай тамоми кишвару оламро дӯст медорад. Профессор Ғафур Ҳайдаров шаҳри азизаш, зодгоҳи барояш муқаддас Хуҷандро чун модар дӯст медорад ва эҳтиром мекунад. Бо ифтихор мегӯяд, ки Хуҷанд барояш як эҳсоси баланду хоса ҳадя мекунад. Зеро дӯст доштани зодгоҳе, ки моро мисли модари ҳақиқӣ хӯрондаю пӯшондааст, фарз, балки қарз аст.

Меҳру муҳаббати Хуҷанди бостонӣ устод Ғафур Ҳайдаровро водор намудааст, ки таърихи онро таҳқиқ кунад. Соли 1965 монографияи ӯ «Очерки мухтасари таърихи Ленинобод» нашр гардид. Устод дар тӯли солҳои зиёд доир ба зодгоҳаш таҳти руҷӯи «Хуҷанд шаҳри азизам» 172 асару мақола навиштааст.

Устод Раҳим Ҷалил дар «Маъвои дил»-и худ низ саҳми Ғафур Ҳайдаровро дар инкишофи илми таърихнигории тоҷик таъкид кардаанд. Рамзист, ки ӯ бо шаҳри азизаш — Хуҷанд мефахраду Хуҷанд бо устод барин олимони маъруфаш. Аз ин лиҳоз 5 сентябри соли 2001 дар арафаи ҷашни 10-солагии соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати шаҳри Хуҷанд ба устод Ғафур Ҳайдаров унвони «Шаҳрванди фахрии Хуҷанд» доданд. Он рӯзи фархунда раиси шаҳри Хуҷанд Олимҷон Раҳматович Ҷалолов лентаи рамзиро ба китфи устод партофта гуфт:

— Профессор Ғафур Ҳайдарович ҳамчун муаррихи шинохтаи тоҷик дар тадқиқу таҳқиқи асосҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии асри XX-и ҷумҳурӣ ҳиссаи калон гузоштаанд. Махсусан, саҳми устод дар омӯхтани таърихи Хуҷанд басо калон буда, асарҳояшон дар силсилаи хуҷандномаи таърихнигорони тоҷик мақоми хосе доранд. Дар асарҳои устод корнамоиҳои гузаштагон анъанаҳои ватандӯстона ва қаҳрамониҳои имрӯзаи мардуми Хуҷанд бо далелҳои қотеъ нишон дода шудаанд...

Профессор Ғафур Ҳайдаров дар таълифи барнома ва китобҳои дарсӣ барои мактабҳои миёна ва олӣ низ саҳми калон гузоштааст. Соли 1989 китоби «Таърихи Тоҷикистон» барои синфҳои 10-11 интишор ёфт, ки дар озмуни китобҳои дарсии таърих беҳтарин дониста, сазовори мукофот гардид.

Соли 2001 дар арафаи ҷашни 10 солагии истиқлолияти Тоҷикистон китоби пурмӯҳтавои «Таърихи халқи тоҷик дар қарни ҲҲ» дар ҳаҷми 502 саҳифа аз нашр баромад. Ин китоб таърихи беш аз 100-солаи давраи навини халқи тоҷикро дарбар мегирад. Китоб ҳамчун дастури муҳими таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ тавсия шуда, муаллиф онро аввалан, аз диди нав навишта, сониян ба он диққат додааст, ки китоб ҷанбаи ҳақиқии маърифатӣ ва тарбиявӣ дошта бошад. Ин як амри воқеист, ки аз болоравии талаботи маънавии замон бармеояд ва он роҳи худшиносиро пеш гирифтааст.

Устод Ғафур Ҳайдарович Ҳайдаров имрӯз низ дар айни эҷод мебошад. Монда нашуда ҳамчун профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд кор мекунад ва дар тарбияи донишҷӯён, аспирантон ва унвонҷӯён ҳиссаи арзандаи хешро мегузорад.

Хеле рамзист, ки ҷашни фархундаи устод ба 70-солагии донишгоҳи азизашон рост омад. Мо дар ин рӯзҳои фирӯз барои устод хушиҳои зиндагию давлати пириро аз худованди мутаол таманно дорем.

## ПОКСИРИШТ, ПУРУМЕДУ ПОКНАЗАР

***Ба муносибати 80-солагии ходими намоёни ҳизбию давлатӣ Усмон Қосимов***

Рӯзи 30 апрели соли 1998 мо барои гуселонидани яке аз ходимони намоёни давлатию ҳукумати Тоҷикистон, собиқ раиси Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон, марди хираду закӣ Назаршо Додхудоев ба вокзали шаҳри Ғафуров баромадем. То омадани поезд мо дар чойхона оиди бузургдошти

Б.Ғафуров сӯҳбат намудем. Ҳини сӯҳбат аз хусуси таълили ҷашни дар пешистодаи 80-солагии ходими намоёни ҳизбию давлатӣ Усмон Қосимов дар вилоят ҳарф задем. Баробари шунидани номи Усмон Қосимов ҳамоно аз ташаббускорони ин маҳфили ёдбуд изҳори хурсандӣ намуд. Афсӯси онро хӯрд, ки ҳамагӣ чанд дақиқа қабл аз қабули раиси вилояти Ленинобод Қ.Р.Қосимов омадааст, вагарна миннатдориашро нисбати ин кори хайр шахсан ба ӯ баён менамуд.

Оре, хотираи неки шахсони барӯмандро пос доштан ва хотираи неки онҳоро ба таври васеъ қайд кардан аз хислатҳои наҷибу баланди инсонӣ аст. Дар сари ҳамин андеша Назаршо Додхудоев бо як муҳаббату самимият оиди умри пурбаракати Усмон Қосимов суханони нек гуфт: «Ман Усмон Қосимовро аз давраи раиси комиҷроияи ноҳияи Ҷиликӯлу Панҷ буданаш медонам. Марди кордон, ҷасур, ташкилотчӣ ва аз ҳама муҳимаш ба дилу дидаи халқ ҷо шуда буд. Вай ба қадри мардум, деҳқону замин мерасид. Дар маҷлису ҷамъомадҳо баромад кунад, бо маҳорати баланди нотиқии худ ҳамаро ба ҳайрат меовард. Тирамоҳи соли 1954 Н.С.Хрушёв ба Тоҷикистон омад. Дар колхози ба номи Ленини ноҳияи Қурғонтеппа маҷлиси пахтакорони водии Вахш баргузор гардид. Дар он Усмон Қосимов низ ҳамчун раиси комиҷроияи Ҷиликӯл оиди усули кишти чоркунҷаи тоқа-тоқа бо як маҳорати ба худ хос, ба забони русӣ баромад кард. Ман баъди маҷлис дасти ӯро фишурда гуфтам: «Бо суханрониат, бо русидониат Хрушёвро ҳам қоил кардӣ».

Усмон Қосимов 10 маи соли 1918 дар сарзамини бостонии Истаравшани биҳиштмакон дар деҳаи Чорбоғ ба дунё омадааст. Волидонаш аз таваллуди ин писараки дӯстрӯ хурсандии беинтиҳо доштанд. Тамоми вуҷуди хешро баҳри бардам камол ёфтани писари ягонаашон сарф мекунанд. Охир, аз 13 нафар фарзанд, танҳо вай сиҳату саломат ба камол мерасад. Мо аз рӯи тарҷимаи ҳоли ӯ пай бурдем, ки вай дар тӯли умри кӯтоҳи хеш ҳамеша вазифаҳои масъулро дар ӯҳда доштааст. Солҳои 1936-1938 котиби Совети қишлоқи Чорбоғ, 1938-1946 хизмат дар Армияи Сурх ва иштирок дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 1946-1947 инструктори комитети партиявии вилоятҳои Уротеппаю Ленинобод, 1947-1949 шунавандаи мактаби олии партиявии республикавии назди КМ ПК(б) Тоҷикистон, 1949-1950 котиби дуюми комитети партиявии ноҳияи Шаҳритуз, 1950-1960 раиси комиҷроияҳои Ҷиликӯл, Куйбишев, Колхозобод, 1960-1970 котиби якуми комитетҳои партиявии ноҳияҳои Панҷу Шаҳритуз буд. Зиёда аз бист соли умри босамараи Усмон Қосимов дар ободии сарзамини Вахш мегузарад.

Китоби нависанда Юсуфҷон Акобиров «Замини падарон», ки ба фотеҳони Вахш бахшида шудааст, бо руҷӯи (эпиграфи) «Замини водии Вахшро оби Вахш не, араќи ҷабини одамон шодоб кардааст!», водии Вахшро Усмон Қосимов барин фотеҳон бо заҳмату арақи ҷабин обод ва обшор кардаанд. Яке аз собиқадорони сохти колхозӣ, аввалин ободкунандаи водии Вахш, собиқ раиси колхози ба номи Жданов (имрӯза Раҳмонов)-и ноҳияи Қумсангир, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Абдурозиқ Раҳмонов, ки аз дӯстони наздики Усмон Қосимов буд, дар рӯзҳои вафоташ чунин ёдоварӣ

кардааст: «Дар азхуд кардани заминҳои водии Вахш хизмати калони сарварони ноҳияҳои он, мисли Усмон Қосимов хеле калон аст. Вай роҳбаре буд, ки ҳамеша кор мекард, кор маънии зиндагии ӯро ифодагар буд. Хизмати Усмон Қосимов дар тараққиёти ноҳияҳои Панҷу Ҷилликӯл, Қумсангиру Шаҳритуз, Куйбишеву Колхозобод калон аст. Ӯро метавон дар қатори фотеҳони Вахш, яке аз ободкунандагони водӣ номид».

23 декабри соли 1970 бо қарори Президиуми Совети Олии СССР вилояти Ленинобод, ки соли 1962 барҳам хӯрда буд, аз нав ташкил меёбад. Баъди барқарор шудани вилоят, сарвари онвақтаи ҷумҳурӣ Ҷаббор Расулов котиби якуми райкоми Шаҳритуз Усмон Қосимовро рӯзи 25 декабри соли 1970 назди худ хонда мегӯяд: «Инак, вилояти Ленинобод ташкил ёфт. Ману Абдулаҳад Қаҳҳоров ва аъзоёни бюрои КМ ПК Тоҷикистон ба чунин хулоса омадем, ки ба вазифаи котибии якуми комитети партиявии вилоят Рафъат Ҳоҷиев ва раиси комиҷроияи вилоят бошад, номзадии туро тавсия намоем. Ту таҷрибаи калони кори советию партиявӣ дорӣ ва сониян медонам, ки ту фарзанди ягонаи падару модарат ҳастӣ. Ба зодгоҳат наздик мешавӣ, дуои волидонат ҳам ғанимат аст. Бист сол дурӣ аз онҳо бас будагист».

Ҳамин тавр, Усмон Қосимов моҳи январи соли 1971 раиси комиҷроияи вилояти Ленинобод таъин карда мешавад. Аз ибтидои ташкили вилоят ӯ барои боз ҳам беҳтар шудани интизоми меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ, ташкилотҳои бинокорӣ, хоҷагии қишлоқ ва соҳаҳои фарҳанг кӯшиш ба кор бурд.

Дар бораи усули корбарию тарзи рафтори Усмон Қосимов аксари собиқ ҳамкоронаш мисли Б.Аҳмадов, А.Исмоилов, С.Қаюмов, Қ.Раҳимов, Қ. Ҳобилов ва дигарон бо як муҳаббат сухан мегӯянд:

**Қодир Раҳимов** — собиқ раиси хоҷагии коммуналии вилоят: «Рӯзе Усмон Қосимов нотоб мешаванду дар беморхонаи табобатии ҷумҳуриявии (физиотерапевтӣ)-и Ленинобод хоб меравад. Ба аёдаташон рафтам. Каме дар берун сайругашт кардем. Дар ҳамин ҷо бинои кӯҳнашудаи шӯъбаи бачагонаро дида, гуфтанд, ки бинои нав сохтан лозим. Мудири молияи вилоятро гӯед, ба наздам ояд, пулро ёфтан лозим. Кӯдакон ояндаи мо ҳастанд. Ҳамин тавр дар муддати кӯтоҳ шӯъбаи бачагонаи беморхонаи номбурда сохта шуд. Ё худ саҳми Усмон Қосимов дар омода кардани лоиҳа ва сохтмони беморхонаи ҳафтқабатаи имрӯзаи вилоятӣ низ бузург аст».

**Абдулло Исмоилов** — собиқ мудири шӯъбаи комиҷроияи вилоят: «Ба ман муяссар шудааст, ки дар тамоми ҳафт соли раиси комиҷроияи вилоят будани Усмон Қосимов якҷоя кор кунем. Ман имрӯз бо ифтихор, забони дароз ва бо як ҳаққоният гуфта метавонам, ки Усмон Қосимов роҳбари бузурги дили соф дошта ва ангуштнамо буд. Роҳбаре, ки танҳо ғами халқро мехӯрд, баҳри халқ ҷонфидо буд, халқро тӯтиёи чашм мекард. Усмон Қосимов ҳамчун роҳбар хусусиятҳои хоси худро дошт: якум, ба кор хеле барвақт, соати шаши пагоҳ меомад ва қарибиҳои дувоздаҳи шаб мерафт. Дуюм, шахсоне, ки гуноҳе содир карда бошанд, одатан бегоҳӣ даъват мекард. Танҳо рӯ ба рӯ гап мезад ва камбудиҳояшонро гуфта, падарвор насиҳат мекард. Сеюм,

Усмон Қосимов роҳбаре буд, ки ба ободонӣ, сохтмони биноҳои мактабу беморхонаҳо диққати калон медод. Чунончи бо ташаббусу дастгирии ӯ дар Қатаған, Қистакӯз, Чорбоғ ва дигар ҷойҳо мактабҳои замонавӣ сохта шуд. Барои сохтани беморхонаи имрӯзаи вилоятӣ иҷозати собиқ раиси Совети Вазирони СССР А.Н.Косигинро гирифта буд. Чорум, як хусусияти ниҳоят олии ӯ ин буд, ки вай бад кардани касе ва ғайбатро намедонист».

Оилаи Усмон Қосимовро метавон имрӯз оилаи намунавии шаҳри Хуҷанд номид. Ёздаҳ фарзанд ҳама хеле хуб тарбия ёфтаанд. Дар ин бобат саҳми асосиро падар ва модари меҳнатиашон бозидаанд. Онҳо аз ибтидо ба он диққат додаанд, ки хоксорӣ, ҳалимӣ, меҳрубонӣ, пуртоқатӣ, камгапӣ, баистиҳолагӣ барин фазилатҳои некро ба фарзандонашон омӯзонанд, то ки онҳо дар роҳи душвори ҳаёт шикебоӣ накашанд.

Аз нақли фарзанди калонӣ Қобилҷон Усмонов — ҷонишини якуми раиси ноҳияи Ӯротеппа:

— Моро падар дар рӯҳи баланди инсондӯстӣ, дӯстию бародарӣ ва махсусан эҳтироми дигар халқҳоро пос доштан тарбия кардаанд. Мо, ки дар хона бо забони ӯзбекӣ ҳарф мезадем, таъкид мекарданд, ки забони тоҷикиро низ ба дараҷаи баланд донем. Мегуфтанд, ки мо зодаи як халқем. Падарамро тарғибгару ташвиқгари дӯстии ду халқи бародар — тоҷикону ӯзбекон гӯем, хато намекунем. Китоби «Хамсат-ул-мутаҳайирин»-и Навоиро ҳамеша мутолиа намуда, ҳикоятҳою мактубҳои онро оиди дӯстӣ ба мо, фарзандон мефаҳмониданд. Шукр, ки он гуфтаҳои падар дар кори имрӯзаи ман, ҳамчун муовини раиси шаҳри Ӯротеппа мададгору раҳнамуни корам аст. Зеро дар ин шаҳри бостонии қадимаи тоҷикон аз қадим ду халқи бародар аҳлонаю бародарона зиндагӣ мекарданд.

Усмон Қосимов аз зумраи касоне буд, ки бо хидмати софдилона сазовори ҳурмати халқ гардидааст. Меҳнаташ бо орденҳои Ленин, Револютсияи октябр, Байрақи Сурхи Меҳнат, ду ордени Нишони фахрӣ ва чандин медалу ифтихорномаҳои ҳукуматӣ қадр шудааст. Вай панҷ маротиба, яъне аз соли 1959 депутати Совети Олии Тоҷикистон, солҳои 1971-1977 аъзои Президиуми Совети Олӣ буд. Дар анҷуманҳои XIV-XVIII узви КМ ПК Тоҷикистон интихоб шуда буд. Ӯ вакили анҷуманҳои XVIII-XXIV КПСС буд. Аз ҳама мукофоти баланди Усмон Қосимов он буд, ки вай дар дилу дидаи халқ ҷо шудааст. Ӯро аз он сабаб дӯст медоштанд, ки ҳамеша дарди дили халқро мегуфт ва ҳамнафаси омма буд. Зиндагиномаи Усмон Қосимов барин шахсон ҳамеша барои наслҳои имрӯзаю оянда намуна аст ва ба гуфти шайх Саъдӣ:

*Касе к-ӯ шуд ба номи нек машҳур,*
*Пас аз маргаш бузургон зинда донанд.*

## ДОНАНДАИ АСРОРИ ОБУ ХОК

Пос доштани хотираи гузаштагон тарзи кори имрӯзиён аст. Президенти ҷумҳурӣ Э.Ш.Раҳмонов дар ин маънӣ хеле хуб гуфтааст:

— Вазифаи мо бузургдошти хотираи гузаштагон чунин маънӣ дорад, ки бо ин восита мехоҳем ҷомеаи худро воҳиди якпорча ва солиму покиза созем, онро ба сӯи рӯшноӣ, пешрафту тараққӣ ва арзишҳои волои башарӣ раҳнамун гардонем...

Хеле рамзист, ки имрӯзҳо дар арафаи таҷлили 60-солагии ташкил ёфтани вилояти Ленинобод 100-солагии мавлуди шарифи яке аз ходимони машҳури хоҷагӣ ва давлатӣ Мирсаид Умаровро қайд мекунем.

Мирсаид Умаров аз зумраи шахсоне буд, ки солҳои 30-ум номашон дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ вирди забони ҳамагон гаштааст.

Соли 1934 колхозе, ки ӯ сарварӣ мекард, дар миқёси Тоҷикистон аввалин шуда, иҷрои нақшаи пахтасупориро беш аз 150 фоиз таъмин кард.

16 ноябри соли 1934 нисбати ин ғалабаи бузург, аъзои Бюрои сиёсии КМ ВКП(б), ҷонишини раиси Шӯрои Комиссарони Халқи СССР В.В.Куйбишев ба идораи колхози «Болшевик» омада, шахсан раиси он Мирсаид Умаровро табрик кард.

Моҳи феврали соли 1935 Мирсаид Умаров вакили Анҷумани дуюми колхозчиёни умумииттифоқ мегардад ва ба қабули роҳбарони давлатии СССР И.Сталин, М.Калинин ва В.Молотов мушарраф мегардад.

Соли 1935 Мирсаид Умаровро директори МТС-и ноҳияи Хуҷанд таъин мекунанд. Он дар муддати кӯтоҳ дар тамоми ҷумҳурӣ чун МТС-и пешқадам ном баровард.

Соли 1935 дар нашриёти давлатии Тоҷикистон китоби адиби боистеъдод Ҷалол Икромӣ таҳти унвони «Як қаҳрамони асри мо» бо теъдоди 3000 нусха баромад.

1 июли соли 1935 Мирсаид Умаров раиси Шӯрои шаҳри Хуҷанд интихоб мешавад. Ба ин муносибат рӯзномаи «Рабочий Ходжент» (имрӯза «Ленинабадская правда») аз 5 июли соли 1935 ӯро муаррифӣ намуда, аз ҷумла нигоштааст: «Соли 1900 таваллуд шудааст. Аз 15-солагӣ каланд ба даст гирифта, чоряккорӣ кардааст. Соли 1932 аъзои фаъоли колхози «Болшевик»-и ноҳияи Хуҷанд, баъд раиси колхози номбурда интихоб мешавад. Соли 1934 комёбии калон ба даст оварда, хоҷагии ӯ чун нахустин колхози миллионер ном мебарорад. Соли 1935 узви Комитети Иҷроияи Марказии СССР, узви Шӯрои Миллатҳои КИМ СССР, узви Ҳукумати Тоҷикистон интихоб мешавад.

Маҳорати роҳбарӣ ва кордониашро ба назар гирифта, Мирсаид Умаровро раиси Шӯрои шаҳри Хуҷанд интихоб карданд.

Сирри ин комёбиҳо дар чист? Пеш аз ҳама истеъдоди бо мардум кор кардану забони онҳоро донистан, чашмикордону деҳқони хирадманд буданаш аст.

Аллома Бобоҷон Ғафуров бахшида ба 100-солагии зодрӯзи В.И.Ленин дар маҷаллаи умумииттифоқии «Агигатор» (1969, №21) бо номи «Васиятҳои Ленин дар ҳаёти деҳқонони Осиёи Миёна» мақола навиштааст.

«Мо вақте ки дар бораи анъанаҳои колхозӣ сухан меронем, набояд аввалин фаъолони колхозиро фаромӯш кунем. Ин хел фаъолони номдори

сохти колхозӣ — ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев, Дадобой Холматов, Мирсаид Умаров, Пӯлод Бобокалонов, Ҷӯра Бобокалонов, Қосим Қурбонов, Дадо Зокиров, Тӯхта Искандаров, Юлдош-ота — инчунин роҳбарони ҳозираи колхозӣ Оқилбой Дадобоев ва Мирзоаҳмад Халифаев мебошанд.

Дар замоне, ки бо гуфти Э.Ш.Раҳмонов бояд рӯ ба таъриху рӯ ба кору номи неки гузаштагон кунем, ёдрас намудани Мирсаид Умаров барои фидоиёни кори халқ садчанд фарзу суннат аст.

Яке аз собиқадорони матбуоти тоҷик, аз аввалин мухбирони рӯзномаи «Роҳи колхозӣ» (имрӯза «Ҳақиқати Ленинобод») Абдусамеъ Очилзода дар китоби худ «Субҳи Хуҷанд» (Душанбе: Ирфон, 1987) менависад: «Моҳи сентябри соли 1932 дар колхози «Болшевик»-и ноҳияи Хуҷанд рӯзномаи бисёртиражае бо номи «Болшевик» ташкил карда шуд. Маро муҳаррир таъин карданд. Газета аз рӯзи аввал барои болшевикӣ кунонидани тарзи ҳаёти колхоз корҳои зиёдеро ба анҷом расонид. Махсусан, дар муваффақияти колхоз саҳми раиси он Мирсаид Умаров калон буд. Колхоз соли 1934 плани супурдани пахтаро ба 152 фоиз расонд. Даромади колхоз аз як миллион сӯм зиёд шуд. Колхоз ба ҳар рӯзи меҳнати колхозчиёнаш 4 сӯму 17 тин ҳаққи иловагӣ дод. Ҳамон сол меҳнаткашони колхоз 2,2 кг зардолуи қоқ иловагӣ гирифта исбот карданд, ки хоҷагии бисёрсоҳаи онҳо ҳақиқатан хоҷагии миллионер аст».

Ин мувафақияти раиси овозадор Мирсаид Умаров ҳамаро ба ваҷд овард. Охири соли 1934 аз хоҷагиҳои ноҳияи Хуҷанд танҳо се колхоз — «Болшевик», ба номи Гусейнов ва ба номи «Коминтерн» нақшаи пахтасупориро иҷро карда буданд. Ноҳияи Хуҷанд нақшаро ҳамагӣ 64 фоиз иҷро кард. Ин роҳбарияти мамлакатро ба ташвиш овард ва ҳамон соли 1934 аъзои Бюрои сиёсии КМ ВКП(б) ҷонишини раиси Ҳукумати СССР В.В.Куйбишев махсус ба Тоҷикистон омада, вазъи онро санҷид. Чанде аз роҳбарони ҷумҳуриро мисли И.И.Брайдо, ки котиби якуми КМ ПК(б) Тоҷикистон буд, аз кор сабукдӯш кард.

В.В. Куйбишев ҳини меҳмон будан дар колхоз гуфтааст: «Таҷрибаи Мирсаид Умаров барин раисони колхозро тарғиб кунед ва худи ӯро месазад, ки ба корҳои баландтар тавсия кунед».

Баъди ишораи В.В.Куйбишев дар ҳақиқат тарғибу ташвиқи таҷрибаи колхози «Болшевик» сар мешавад.

Газетаи «Пролетари Хуҷанд» дар шумораи 27 январи соли 1935 таҳти сарлавҳаи «Салом ва аҳсантҳо ба ту «Болшевик»-и миллионер» таҷрибаи бои колхоз, факту рақамҳои комёбиҳои меҳнатии пешқадамони хоҷагиро тарғиб намуда, расму суратҳои одамони хизматнишондодаи колхозро манзури хонандагон карда буд.

Нависанда Ҷалол Икромӣ, ки бо ҳидояти онвақтаи Тоҷикистон С.К. Шадунс — котиби якуми КМ ПК(б) Тоҷикистон ва А.Раҳимбоев — раиси Шӯрои комиссарони халқи Тоҷикистон китоб менависад.

«Мирсаид Умаров раис буд — аммо чӣ тавр раис? Босавод, ҳисобдон, талабаи пешқадами дорулфунуни колхозӣ ва яке аз босаводони сиёсии ҷамоа, муаллим ва устоди пахтакорон, қаҳрамони меҳнат!

Раис! Раисе, ки тамоми колхозро монанди ду панҷаи худ медонад. Ба кадом замин чӣ қадар рӯзи меҳнат сарф мешавад, кадом рӯз чӣ кор карда шавад, чӣ қадар ҳосил медиҳад? Ҳамаи ин монанди оина ба вай равшан аст. Нашрияи КМ ВКП(б) «Районная и политотделская печать» соли 1935 дар шумораи №19 таҳти унвони «Барои ватани нави пахтаи мисрӣ» рӯзномаи «Болшевик»-и колхози «Болшевик»-ро таҳлил карда, саҳми раиси он Мирсаид Умаровро қайд кардааст. Дар ҳамин мақолаи редаксионӣ оварда мешавад, ки «Комиссари Халқии саноати сабуки СССР Любимов соли 1934 меҳмони колхози «Болшевик» шуда, газетаи колхозиро ба 3 ҳазор сӯм пул ва инчунин Мирсаид Умаров, Рустам Пӯлодов, Зокироваро бо мукофотҳои хотиравӣ тақдир кард».

Комёбиҳои колхози «Болшевик»-ро тавассути матуботи марказӣ шоири инқилобчӣ Абулқосим Лоҳутӣ фаҳмида ба унвони раиси колхоз Мирсаид Умаров бо чунин мазмун барқия фиристодааст: «Ба болшевикони Хуҷанд саломи болшевикона мерасонам. Ғалабаи хуҷандиҳоро табрик мекунам, ба деҳқонони колхози «Болшевик» ва газетаи ҷанговари вай «Болшевик» ғалабаҳои бешумор орзу менамоям, дастони гарму ҷӯшони рафиқонро сахт мефишорам. А.Лоҳутӣ, январи соли 1935».

Шоири тавонои мо М.Турсунзода он солҳо, ки дар Хуҷанд кор ва зиндагӣ мекард, ҳамчун котиби масъули рӯзномаи «Пролетари Хуҷанд» оиди комёбии колхоз чандин хабару мақола чоп карда буд. Аз ҷумла, дар мақолаи «Хуҷанд дар арафаи интихобот» муваффақияти колхози «Болшевик» ва раиси он Мирсаид Умаров ёдрас мешавад.

Баъди ин муваффақияту комёбиҳои Мирсаид Умаров ҳамагӣ чор моҳ директори МТС-и ноҳияи Хуҷанд мешавад, сипас моҳи июни соли 1935 раиси Шӯрои шаҳри Хуҷанд, баъдтар дар вазифаҳои сардори управленияи Комиссариати халқии зироати республика, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ раиси комиҷроияи ноҳияи Чкалов (Қистакӯзи имрӯза), ки ҷамоатҳои Исфисор, Қатаған, Овчи-Қалъачаро муттаҳид мекард. Он солҳо саҳми Мирсаид Умаров дар сохтмони қисми тоҷикистонии Канали Калони Фарғона ва махсусан фронтро бо ғаллаю пахта таъмин намудан хеле калон аст. Хизмати бузурги Мирсаид Умаровро дар ақибгоҳ ба назар гирифта, бо фармони Президиуми Шӯрои Олии СССР аз 30 январи соли 1945 ӯ бо ордени Ҷанги Ватанӣ дараҷаи дуюм тақдир гардид.

Фаъолияти Мирсаид Умаров дар давраи баъдиҷангӣ ҳам шоёни таҳсин аст. Дар тӯли беш аз даҳ сол, то охири умраш (соли 1956) дар вазифаи сардори раёсат (управления)-и хоҷагии қишлоқи вилоят кор кард.

Муҳаққиқи таърихи аграрии Тоҷикистон, дотсент Додоҷон Деҳқонов дар рисолаи хеш менависад: «Мирсаид Умаров ҳамчун агрономи халқӣ таҷрибаи калони деҳқониро бо навигариҳои илму техника моҳирона

пайваста, ҳосили пахтаро сол ба сол баланд мебардошт. Вай баробари ҷорӣ кардани нуриҳои минералӣ ба васеъ истифода бурдани поруи маҳаллӣ, инчунин ба яхобмонӣ, шустани заминҳои шӯр, ба масъалаи киштгардон диққати калон медод. Ин аст, ки дар аввали солҳои панҷоҳум аз вилояти Ленинобод даҳҳо раисони колхозҳо, сардорони бригадаҳо ва звеноҳо ҳосили рекордии пахта рӯёнда, бо гирифтани унвони олии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ ноил гардиданд.

Дар бойгонии Мирсаид Умаров, аз ҳисоботии вай ҳамчун сардори управленияи хоҷагии қишлоқи вилояти Ленинобод ба унвони сарвари Тоҷикистон, котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров чунин сатрҳоро хондам: «Барои меҳнати пурсадоқати соли 1947 панҷ нафар пешқадамони колхози ба номи Сталини райони Ленинобод — Пӯлод Бобокалонов (раис), Холмат Шарифов, Муллорозиқ Бобоҷонов, Домуллоҷон Аминов, Ҳасанбой Раҳматов, Гадойбой Юлдошев, Каримбой Маҳкамов ба шаҳри Маскав даъват ва ба таври тантанавӣ бо ордени Ленин ва унвони баланди Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ мукофотонида шуданд».

Имрӯз номи Мирсаид Умаровро ҳама танҳо ба некӣ ба забон мегиранд.

Мирсаид Умаров ҳамагӣ 56 сол умр дидааст. Ӯ аз худ фарзандони солеҳ мисли Муҳаббат, Мунаввара ва Мушаррафа гузошт, ки алҳол онҳо ба Ватан сидқан хизмат мекунанд.

Ҳукумати иттифоқ ва ҷумҳурӣ хизматҳои Мирсаид Умаровро ба назар гирифта, ӯро бо се ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, ордени дараҷаи II Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ифтихорномаҳо ва унвони «Устоди пахтаи Тоҷикистон» қадр кардааст. Ӯ борҳо депутати Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон, узви КИМ-и СССР ва КИМ-и Тоҷикистон интихоб шуда буд.

Месазад, ки фарзандони асили Хуҷандро мисли Мирсаид Умаров ҳамеша ёдовар бошем.

## САРВАРОНЕ, КИ ЗЕБИ ТАЪРИХИ ВИЛОЯТАНД

Пос доштани хотираи ниёгон қарзи фарзандон аст. Барои наслҳои оянда вогузоштани нишоне аз бузургмардон, аз ононе, ки баҳри тараққиёти шаҳру вилоят ва ҷумҳурӣ ҳиссаи сазовор гузоштанд, кори хайр ва қарзи ватандӯстист. Аз ин ҷост дар рӯзҳои таҷлили 60-солагии ташкил ёфтани вилояти Ленинобод донистани таърихи он, алалхусус оиди ҳаёт ва фаъолияти чанде аз симоҳои шинохтаи он, роҳбарони бохираду кордони он сад чанд савобу аҳамияти тарбиявӣ дорад.

Мо имрӯз номҳои аввалин сарварони вилояти Ленинобод, ба монанди Михаил Владимирович Киприянов, Петр Сергеевич Буланов, раиси аввалини комиҷроияи вилоят Мастура Авезоваро бо як эҳтиром ба забон мегирем. Саҳми онҳо дар сохтмони қисми тоҷикистонии Канали калони Фарғона, Канали Калони Шимолии Фарғона ва махсусан дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар сафарбарии мардум ба фронт хеле бузург аст. Мо аз бойгонии

шаҳри Хуҷанд як навиштаи П.С.Булановро дарёфт кардем, ки дар он гуфта мешавад: «Барои ҳифзи Ватан дар муддати солҳои 1941-1945 танҳо аз вилояти Ленинобод 40 ҳазору 496 кас ба фронт сафарбар карда шуд, ки аз инҳо 27 802 нафарашон дар майдонҳои набард шаҳид шуданд. Танҳо барои меҳнати фидокорона дар ақибгоҳ 21873 кас аз вилоят бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945» тақдир шуда буд».

Рамзист, ки ҷашни фархундаи 60-солагии вилояти Ленинобод дар 5-умин соли ғалаба аз болои фашизм баргузор шуда истодааст. Дар ин ғалабаи бузург барои корнамоиҳои бемисл фиристодагони вилоят — Неъмат Қаробоев, Ҳодӣ Кенҷаев, Исмоил Ҳамзалиев, Эргаш Шарифов, Фатҳулло Аҳмедов, Раҳимбой Раҳматов, Домулло Азизов, Тӯйчӣ Эрйигитов, Ӯрунбек Ёқубов бо унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ ва Пӯлод Отаев, Раҳим Раҳмонов, Аҳмадҷон Рӯзиев, Абдуназар Фармонқулов, Игамбердӣ Хоҷамбердиев, Алимурод Ғоибов бо се дараҷаи ордени Шараф сарфароз гардидаанд.

Бо якҷоягии сардори вилоят П.С.Буланов як зумра кадрҳои бохиради он давра мисли М.Авезова, И.Е.Езопов, С.Азизов, Х.Солибоев, М.Мирмуҳаммадов, Қ.Назаров, М.Мӯъминов, Ю.Бобоев, Ҳ.Ҷарқинзода, С.М.Михеев, М.В.Хмелниский, Т.К.Виноградский, Р.Раҳимҷонов, А.Қаҳҳоров ва дигарон истода, дар солҳои ҷанг ва баъдиҷангӣ мақоми калон бозиданд. Бо сабаби беморӣ соли 1949 П.С.Буланов аз қаламрави вилоят меравад ва ба ҷои ӯ П.С.Обносов котиби якуми обком интихоб мешавад. Ӯро мардуми мо бо як муҳаббат «руси тоҷикшуда» меномиданд. Дар муддати наздик ду соли кор дар вилояти Ленинобод П.С.Обносов дар ҳайёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоии он саҳм гузошт. 16 октябри соли 1950 вилояти Ленинобод нақшаи ба давлат фурӯхтани пахтаро сарбаландона иҷро намуд. Ба ин муносибат Пленуми Кумитаи ҳизби вилоят баргузор гардид. Дар он котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Б.Ғафуров иштирок карда ба сарвари вилоят П.С.Обносов миннатдорӣ баён намуданд. Ва дар як вақт таклиф карданд, ки ӯ ба вазифаи баландтари масъул — ҷонишини якуми раиси Шӯрои Вазирони Тоҷикистон тавсия шудааст. Ба ҷои П.С.Обносов бо пешниҳоди Б.Ғафуров шахси кордону пухтакор Усмон Раҳматзода сарвари вилояти Ленинобод, яъне ба вазифаи котиби якуми обкоми Ленинобод интихоб мешавад.

Аз Рифъат Ҳоҷиев, ки баъдтар сарвари вилоят интихоб шудааст пурсиданд, ки: «Дар зиндагии Шумо рӯзгори кадом фарзандони шоистаи давр идеал буданд?» Он кас посух додаанд:

— Бобоҷон Ғафуров, Усмон Раҳматзода ва Ҷаббор Расулов.

Усмон Раҳматзода дар куҷое, ки кор кард аз худ як биное ҳатман гузошт. Дар тӯли ду соли сарвари вилоят будан, солҳои 1950-1952 барои обком бинои боҳашамат, барҳаво ва зебое сохт. Имрӯз дар ин бино раёсати Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров ҷойгир аст. Турсун Ӯлҷабоев дар бадали ду соли кори сарвариаш он корҳое кард, ки имрӯз ҳама аҳсан мехонанда минбаъд ба вазифаҳои баланд роҳ кушода шуд. Бо ифтихор бояд гуфт, ки яке аз асосгузорони комбинати қолинбофии Қайроққум Турсун Ӯлҷабоев

буд. Муносибати хуби вай бо ҷонишини раиси Шӯрои Вазирони СССР, Вазири саноати сабуки СССР А.Н.Косигин имкон дод, ки чунин корхонаи калонтарин дар Тоҷикистон сохта шавад. Ҳамин гуна усули корбарӣ ва писанди мардум буданро мо дар симои роҳбарони минбаъда ба мисли Холиқ Иброҳимов, Наҷмӣ Абдуллоев, Рифъат Ҳоҷиев, Темурбой Мирхолиқов медидем.

Дар тӯли 60 соли вилоят дар ободонӣ ва тараққиёти он саҳми занони шӯҳратманди он калон аст. Вақте ки соли 1939 вилоят таъсис ёфт, ба вазифаи нахустин раиси комиҷроияи он Мастура Авезова интихоб гардид. Фаъолияти роҳбарии вай дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ боз ҳам масъултар гардид.

Анъанаҳои Мастура Авезоваро ҳамчун зан як зумра ходимони намоёни ҳисзбӣ-давлатӣ дар қаламрави вилояти Ленинобод ва берун аз он дар миқёси ҷумҳурӣ идома додаанд, мисли Майрам Бозорбоева, Ибодат Раҳимова, Анзурат Раҳимова, Махфират Каримова, Тоҷинисо Осимова, Кароmат Мирзоалиева, Биҳоҷал Раҳимова, Муҳаббат Нозимова, И.Раҳимова дар солҳои 40-ум аз сарвари аввали комсомолони вилоят минбаъд то ба мансаби котиби якуми КМ ЛКСМ Тоҷикистон ва котиби КМ ҲК Тоҷикистон расид.

Қарори Президенти Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов аз 3 декабри соли 1999 дар бораи баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомиа сари вақт аст. Зимни ин қарор алҳол дар аксари корхонаю муассисаҳо ва шаҳру ноҳияҳои вилоят занон ҳамчун роҳбарони кордон дар ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ саҳми калон гузошта истоданд. Раисони ноҳияҳои Конибодом — Б.Азизова, Нов — С.Юлдошева, Айнӣ — М.Бобоева, алҳол дар қаламрави вилояту ҷумҳурӣ маълум аст. Узви Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олӣ интихоб шудани раиси ноҳияи Конибодом Бибихон Азизова далели гуфтаҳои болоист.

Дар рушди камоли вилоят саҳми роҳбарони шаҳру ноҳияҳои он амсоли Ортиқ Қурбонов, Ҷӯянбой Зунунов, Роҳбар Қосимов, Солиҷон Боҳиров, Умаралӣ Қурбонов, Раҳимбобо Турсунов, Ҳасан Ҷарқинзода, Ҳомид Нодиров, Шароф Муҳаммадиев, Сиддиқ Зарифов, Қоҳир Нозиров, Маҳмудҷон Назаров ва дигарон калон аст. Ҳар яки онҳо бо усули корбарӣ ва хулқу атвори неки хеш дар байни мардум маълуму машҳур шудаанд. Роҳбар Қосимов ҳамагӣ 43 сол умр дидааст. Аз ин 20 соли ҳаёти ин ҷавонмарди шуҷоъ барои равнақу ривоҷи вилояти Ленинобод ва пеш аз ҳама ноҳияҳои Хуҷанду Конибодом ва Мастчоҳ гузаштааст.

4 марти соли 2000-ум дар шаҳри Хуҷанд 70-солагии мавлуди шодравон Раҳбар Қосимов баргузор гардид. Ба ин муносибат аз тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ — Душанбе, Кӯлоб, Қурғонтеппа, ноҳияҳои Конибодому Исфара, Ғафурову собиқ раиси Шӯрои Вазирони Тоҷикистон Назаршо Додхудоев буданд. Ӯ ҳини суханронӣ аз ҷумла гуфт:

— Роҳбар Қосимов соҳиби дили пок буду забони ширин ва ҳусни зебое дошт, ки хулқу атвораш низ мувофиқан зебо буд. Барои вай иҷрои ободонии

кишвар, беҳбудии халқ ва ба дарди дили мардум расидани қонун буд. Шукр, ки ӯ мисли худ фарзандони дилбару солеҳ мерос гузошт. Яке аз онҳо сарвари имрӯзаи вилояти Ленинобод Қосим Раҳбарович Қосимов аст.

Ҳақ ба ҷониби Н.Додхудоев аст, ки раиси имрӯзаи вилояти Ленинобод Қ.Қосимов роҳи падарро пеш гирифта, пайваста ба халқу Ватан хидматҳои шоиста анҷом медиҳад. Дар аҳди роҳбарии ӯ сиёсати башардӯстонаи Президенти Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов пурраю мукаммал ба ҳаёт ҷорӣ мешавад. Роҳбари оқилу дурандеши вилоят дар роҳи баланд бардоштани сатҳи рӯзгори моддию маънавии халқ ҳамвора меҳнат мекунад, ислоҳоти иқтисодиро ба ҳаёт мегузаронад, тамоми дониш, таҷриба ва ғайрату ҳиммати худро ба пешрафти ҷомеа сарф менамояд. Вилояти ордени Лениндори Ленинобод бо сарварии марди ҷавони хирадпеша, шахсе, ки анъанаҳои гузаштагонро, раҳнамуни хеш қарор кардааст, пеш меравад.

## МУНДАРИЧА

Нависандаи забардасти миллат .......... 3
Ҳарфи беҷо надиҳад ғайри хиҷолат самаре .......... 9
Пуштибони бузургмардони миллат .......... 18
Адиби инқилобӣ дар Хуҷанд .......... 22
Ду симои барҷастаи таърих .......... 25
Умри абад .......... 28
Бобоҷон Ғафуров фарзанди арзандаи миллат .......... 33
Никита Хрушёв, Бобоҷон Ғафуров ва қиссаи «Чилу панҷу чилу панҷ» .......... 38
Роҳбари ТОССАР ва гӯсфандони каммӯи ҳисорӣ .......... 41
Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар .......... 44
Зиёрати Каъба .......... 51
Девандра Каушик — дӯст ва шогирди Бобоҷон Ғафуров .......... 54
Ҷавоҳирлаъл Неҳру ва маданияти аҷам .......... 58
Бонӣ ва бонуи миллат .......... 60
Чор рӯз бо устод Сотим Улуғзода .......... 71
Қалами буррои адиб .......... 77
Аминҷон Шукӯҳӣ ва Муҳаммад Осимӣ .......... 81
Дареғо, нобиғаи назми аср ба анҷоми аср рафт .......... 85
Ба ҳар ҷо ҳамдами мо Ҳоҷӣ Содиқ .......... 88
Бозёфти назми тоҷик .......... 95
Борбади замон .......... 100
«Шашмақом» аз лаҳни Барно чун об гавҳар мечакад .......... 103
Ахтари санъати тоҷик .......... 106

Ситораи саҳна ........................................................................................ 109
Шаҳсутуни бинои ҳунар ........................................................................ 113
Ҷалолиддини Румӣ ва мактаби Ҷӯрабек Муродов ................................ 118
Ҷонфидои миллат .................................................................................... 121
Сарвари сарбаланди занони Тоҷикистон .............................................. 124
Роҳбари кордон ва ҷасур ........................................................................ 133
Ӯ сарвари чашмикордон буд .................................................................. 136
Офтоби мо, сарвари мо буд .................................................................... 140
Чун замин боровару бурдбор буд .......................................................... 142
Дӯсти бузурги падарам ........................................................................... 147
Бо номи устодам мефахрам .................................................................... 155
Бо роҳи падарон рафт .............................................................................. 160
Бахшандаи умри бардавом ..................................................................... 163
Нигорандаи таърихи халқу миллат ........................................................ 167
Поксиришт, пурумеду покназар.............................................................. 171
Донандаи асрори обу хок ........................................................................ 174
Сарвароне, ки зеби таърихи вилоятанд .................................................. 178

*Усмонҷон Ғаффоров*

# МИЛЛАТ АЗ АФРОД МЕЁБАД МАҚОМ

*(Маҷмӯаи мақолаҳо)*


| | |
|---|---|
| Муҳаррири ороиш | ***А. Муҳаммадиев*** |
| Муҳаррири саҳифабандӣ | ***М. Саидова*** |
| Мусаҳҳеҳ | ***Р. Атоева*** |
| Тарроҳ | ***Ф. Раҳимов*** |

Ба матбаа 21.09.2004 супорида шуд. Ба чопаш 24.09.2004 имзо шуд. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60x84$^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопии шартӣ 11,5. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 11,56. Адади нашр 500. Супориши №18/04.

Нашриёти **«Адиб»**-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти «*ЭҶОД*» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejod@tajik.net.